Ҳамзамон бо талоши афғонҳо ҷиҳати тасаллут бар Исфаҳон, ду давлат – Русия ва Усмонӣ ҳам фурсатро ғанимат шуморида, баъд аз ҳалли ихтилофоти байни худашон бар сари Эрон ва ақди қарордод миёни худ ба қасди ишғоли манотиқи мавриди тавофуқ аз марзҳои худ гузашта, вориди хоки Эрон шуданд.

Он замон дар дохили кишвар ду муддаии салтанат вуҷуд дошт, яке шоҳ Таҳмосб-фарзанди шоҳ Султонҳусейн, ки пас аз таслим шудани Исфаҳон дар Қазвин муддаии тоҷу тахт буд ва дигарӣ Маликмаҳмуди Сиистонӣ, ки пас аз тасарруфи Машҳад ва навоҳие аз Хуросон тоҷи шоҳӣ бар сар гузошта буд.

Дар чунин шароите Нодир ҷиҳати расидан ба қудрат ва ихроҷи бегонагон бархост. Саволе ба миён меояд, ки бо таваҷҷуҳ ба парешонии авзоъ ва аҳволи кишвар дар он давра Нодир чӣ гуна тавонист пойтахтро аз ишғол хориҷ намуда, ба султаи афғонҳо хотима дода, дасти ононро аз Эрон кӯтоҳ намояд? Бар чӣ авомиле ба ихроҷи афғонҳо аз Эрон кӯмак намуд?

Нодирқулӣ дар ҳудуди соли 1100 ҳиҷрӣ-шамсӣ (1688 мелодӣ) дар дараи Ҷаз (Газ) аз тавобеи устони Хуросон ба дунё омад. Падараш Имомқулӣ барои фарзандаш номи ҷаддаш Назарқулиро интихоб намуд. Дар замони шоҳ Таҳмосб мавсум ба

Таҳмосбқулӣ ва пас аз тоҷгузорӣ ҳамон исми нахустини худро бо қадре тағйир гирифт ва Нодир (камёб) ном ёфт.[1]

Вай аз тоифаи Афшор буд ва ин тоифа ба ду қисмат тақсим мешуд, яке Қосимлӯ ва дигари Арахлу (Қарохлу). Нодир аз тоифаи охир буд.[2] Афшор (тоифаи ушорикӣ) яке аз ақвоми турки саҳронишин буданд, ки ҷузъи сипоҳи Арғунхон маҳсуб мешуданд. Инҳо аз бими муғулон Туркистонро тарк карда, дар Озарбойҷон сокин шуданд. Дар замони шоҳ Исмоили Сафавӣ ин қабила ба ҳудуди сарчашмаи Кӯчакон аз маҳаллаи Абеварди [3] Хуросон кӯчонда шуда, дар қисмати шимоли Тӯс сокин шуданд.[4]

Роҷеъ ба Имомқулибек ҳеҷ иттилооти дурусте дар даст нест, ҷуз ин ки марди тиҳидаст буд, бархе вайро чӯпон ва бархе пӯстиндӯз[5] ва дастае ҳам ӯро рустоӣ ва шербон медонистанд[6]. Аммо Утер[7]ва Вилям Кокл[8] ӯро аз сарони барҷастаи тоифаи Афшор медонанд, ки ба таври ирсӣ бар Калот ҳукумат ёфтааст. Вале Лаккорт ин мавзӯъро рад мекунад.[9]

Дар бораи солҳои аввалияи зиндагии Нодир, чи дар манобеи аврупоӣ ва дар маохази эронӣ иттилооти зиёде надорем. Мирзо Маҳдихон шарҳи ин давраро ба сукут мегузорад ва фақат мегӯяд: «Чун сездаҳ сол дошт, падари худро аз даст дод ва ба чунон фақр ва тангдастӣ ба гирифтор омад, ки маҷбур шуд барои маишати худ ва модараш дар ҷангалҳо ба ҷамъ кардани ҳезум бипардозад».

Дар ҳудуди соли 1116 ҳ.ч. (1704 м.) ӯзбекон бо истифода аз сустии давлати Сафавия ба марзҳои Хуросон ҳамла намуда, пас аз ғорати онон ҷамъеро аз дами теғ мегузарониданд.[10] Нодир ба ҳамроҳи модараш дар яке аз ин тохтутозҳо ба асорат даромад. Дар он замон Нодир ҷавони 17-18 сола буд. Пас аз чаҳор соли асорат, билохира муваффақ шуд, ки соли 1120 ҳ. (1708 м.) аз дасти ӯзбекон бигрезад,[11] дар ҳоле ки модари ӯ чанде қабл дар асорат ҷон бохта буд.[12] Нодир ва ҳамроҳонаш баъд аз фирор тасмим ба бозгашти Абевардро доштанд. Аммо қабл аз вуруд ба Абевард ба айёрон бархӯрданд, лизо амалкарди ононро писандида, ба гурӯҳи онон пайвастанд. Муддати зиёде нагузашт, ки ба хотири ифрот дар сахову сафо ва вафо, ки сифоти ҷавонмардон шуморида мешуд, раёсати ононро ба даст овард. Дар ҳамаи ин муддат аз ёфтани бародаронаш ғофил набуд, то ин ки шунид назди ҳокими Абевард, Бобоалибек, шахсе ба номи Иброҳим хизмат мекунад, ки ба ӯ шабоҳати бисёр дорад. Пас ба қасди пайвастан ба сипоҳи Бобоалибек роҳии Абевард шуд.[13] Ба хотири шуҷоате, ки аз худ дар набарде бо туркманҳои Хева ва Бухоро[14] ва тоифаи Ямуд[15], (ки марзҳои Хуросонро мавриди тохтутоз қарор медоданд,) нишон дод мавриди таваҷҷуҳи Бобоалибек қарор гирифт ва ӯро ба номи Ишак Оғосӣ мансуб намуд. Ва духтари худро ба ҳамсарии вай даровард.[16]

Дар соли 1125 ҳ. (1713 м.) Бобоалибек дар сафар ба Ҳирот дар ҷанг бо афғонҳо ба қатл расид ва Қурбоналибек бино ба дархости мардум ҷонишини вай шуд. Вай Нодирро ба унвони муттасаддӣ ба хидмат гирифт. Бо марги Қурбоналибек, Муҳаммадаминбек аз сӯйи Маҳмуди Сиистонӣ ба ҳукумати Абевард мансуб шуд ва Нодир ҳамчунон дар мақоми Ишак Оғосӣ боқӣ монд, аммо ба хотири ҳасодати рақибонаш ва бо бадгӯии онҳо Муҳаммадамин ба вай беэътиноӣ намуд, ки ин амр сабаб шуд Нодир ранҷидахотир гардад ва қалъаи худ, Дарраи Ҷаз (Газ) бозгардад.[17]

Ин замон баробар буд бо сустии давлати Сафавӣ, ки дар тайи он қудрати давлати марказӣ заиф шуда буд ва ҳар гӯшае аз кишвар ба дасти гарданкаше идора мешуд. Чунонки Қандаҳор то Исфаҳон ба дасти афғонҳои қулҷоӣ, Ҳирот тавассути тоифаи Абдолӣ, Шервонот ба дасти Лакзия[18], Форс тавассути шахси ношиносе ба номи Сафӣ Мирзо, Кирмон тавассути Сайидаҳмад, набераи Мирзо Довуд, Балуҷистон ва Бандарҳо ба дасти Султонмуҳаммад машҳур ба Харсавор, Ҷавонакӣ тавассути шахси ба номи Аббос, Гелон ба дасти шахсе ба номи Исмоил ва Хуросон тавассути Маликмаҳмуди Сиистонӣ идора мешуд. Ҳамчунин туркманони Сойинхонӣ, Астаробод ва лурҳои бахтиёрӣ ва курдҳои Ардалон ва аъроби сокин дар Ҳувайза ҳар кадом ба шӯриш ва фитнаангезӣ дар манотиқи худ машғул буданд.[19] Иёлоти шарқии Эрон низ мавриди тохтутози чодурнишинони Осиёи Миёна қарор гирифта буд[20]ва Имом Султон ибни Сайфи дувум (Имоми Масқад) низ бо новагони нерӯманди худ ба Масқад лашкар кашида, он ҷоро тасарруф намуда буд.[21]

Бо ин авзои ошуфта дар дохили Эрон русҳо ва усмониҳо ҳам ба ҳавас афтоданд, то бахше аз Эронро замимаи хоки худ созанд. Лизо русҳо, ки аз муддатҳо қабл авзои Эронро зери назар доштанд ва сайъ доштанд бо заъфи давлати Сафавия ба хости худ ҷомаи амал бипӯшонанд бо итмоми ҷангашон бо Суидиҳо дар соли 1134 ҳ. / 1721 м. ки мунҷар ба ақди қарордоди Ниёстатед шуд, ба сӯйи Аштархон лашкар кашида, Боку ва Дарбандро тасарруф карданд. Давлати Усмонӣ, ки намехост аз рақиби худ ақиб бимонад ва тибқи қарордоди Посорувитес бахшҳои зиёде аз сарзаминҳои аврупоияшро аз даст дода буд, акнун метавонист барои ҷуброн, дар Бохтар бо ҳамла ба Эрон сарзаминҳоеро ба даст оварад. Пас тайи эъломияе ба шоҳ Таҳмосб ба сӯйи Эрон лашкаркашӣ кард.

Ин қушӯнкашиҳо ба сӯйи Эрон ду давлат – Русия ва Усмониро вориди марҳилаи бухронӣ намуд, ба тавре ки имкони бурузи ҷанг миёни ду кишвар наздик ба вуқӯъ буд, аммо бо подармиёнии сафири Фаронса (Морки Дубнок) ду кишвар ба ақди қарордод миёни худ ризоят доданд, ки навоҳии шимолӣ ва ғарби Эрон миёнашон тақсим гардад.[22]

Тибқи ин қарордод, ки дар соли 1138 ҳ. (1725 м.) баста шуд, ҳамаи мамолик, ки бар савоҳили дарёи Хазар аст, аз билоди Тарокама то маҳалли бархӯрди рӯди Кур ва рӯди Араз мутааллиқ ба давлати Русия ва аз маҳалли талоқии Наҳрайни мазбур ба хатти мустақим то Симийлии Ардабил ва аз он ҷо ба Табрез ба Ҳамадон ва Кирмоншоҳ ва ҷамъии шаҳрҳои мазкур ва тамоми мамолике, ки мобайни ин хат ва сукури Усмонӣ воқеъ мешавад, мутааллиқ ба давлати Усмонӣ мешуд. Ҳамчунин ду давлат тавофуқ карданд, дар сурате ки шоҳ Таҳмосб аҳдномаи фавқуззикрро бипазирад, аз ӯ ҳимоят кунад, то дар қаламрави подшоҳии худ назмро барқарор созад. Дар ғайри ин сурат ӯро халъ ва яке аз шоҳзодагони Сафавиро ба салтанат бирасонад.[23]

Бандҳои қарордод барои шоҳ Таҳмосб ирсол шуд, аммо шоҳ Таҳмосб бархости Русия ва Усмониро напазируфт ва Усмонӣ эъломи ҷанг дод. Давлати Усмонӣ ҳам аз марзҳои Эрон гузашта ва бештар Ироқи Аҷам ва тамоми Курдистони Эрон, Ҳамадон, Кирмоншоҳ, Луристон ва Хузистон то канори Халиҷи Форсро тасарруф намуд.[24] То соли 1142 ҳ. (1730 м.) тамоми хоки Гурҷистон, Арманистон, Озарбойҷон ва қисмате аз Доғистон ва Шервон низ ба тассарруфи онон даромад ва боқимондаи ду Иёлоти охир (Доғистон ва Шеравон)-ро Русия тасарруф кард. Ҳамчунин давлати Русия тайи қарордоде, ки дар 1136 ҳ. (1723 м.) бо шоҳ Тамосб баст ба ҷуз Дарбанд ва Боку навоҳии ҳамҷавори он ба инзимоми вилоятҳои соҳили Гелон ва Мозандарон ва Астарободро ҳам ишғол намуд.[25]

Дар чунин шароите Нодир дар ҷиҳати таҳаққуқи аҳдофи худ дар ба даст овардани қудрат ва кӯтоҳ кардани дасти бегонагон аз кишвар бархост. Ӯ ибтидо аз Хуросон оғоз кард ва тамоми талоши худро маътуфи ғалаба бар Маҳмуди Сиистонӣ намуд.

Аз байн бурдани чунин душмани қудратманде ба роҳатӣ мумкин набуд ва Нодир, ки аз нуфузи хонадони Сафавӣ байни мардум ба хубӣ огоҳ буд, расидан ба мақсуди хешро дар сояи ҳамкорӣ бо ин хонадон медид[26], зеро аз як сӯ метавонист ба шухрати маҳаллӣ даст ёбад ва аз сӯйи дигар муқаддамоти иртиқои сареи худро фароҳам созад. Лизо, тасмим гирифт бо муддаии дигари салтанат (Таҳмосб, фарзанди шоҳ Султонҳусейн) муттаҳид шавад.[27]

Андаке қабл аз сукути Исфаҳон тавассути Маҳмуди Афғон дар 27 шаъбони 1134 ҳ./ (2 июни 1722 м.) шоҳ Султонҳусейн ва вазиронаш севумин шоҳзодаи Сафавӣ (Таҳмосбмирзо)-ро ба вилоятаҳдӣ баргузида ва ба ҳамроҳи 2 000 нафар махфиёна аз Исфаҳон хориҷ намуданд, то шояд битавонанд бо фароҳам овардани нерӯ Исфаҳонро аз муҳосираи афғонҳо наҷот бахшад, аммо Таҳмосб, ки худро ба Қазвин расонида буд, ба ҷойи гирдоварии сипоҳ ба айшу нӯш пардохт. Ва чун дар 14 сафар 1335 ҳ. (ноябри 1722 м.) Исфаҳон ба дасти афғонҳо афтод ва ӯ иддаои салтанат намуд ва бо унвони шоҳ Таҳмосб тоҷгузорӣ кард. Ҳамин амр сабаб шуд, ки Маҳмуди Афғон сипоҳеро барои набарде бо вай ба Қазвин бифиристад, пас Таҳмосб, ки тоби муқовимат дар баробари афғонҳоро надошт ва аз Қазвин ба Табрез сипас ба Мозандарон гурехт. Дар он ҷо Фатҳалихони Қоҷор ба умеди дастёбӣ ба қудрат ба шоҳ Таҳмосб пайваст ва шоҳ ӯро ба лақаби «Вакилудавла» мансуб намуд.[28]

Нодир, ки аз авзои шоҳ Таҳмосб ба хубӣ огоҳ буд, вайро ба Нишопур, ки акнун дар тасарруфи ӯ буд, даъват кард ва Таҳмосб бо ҳамроҳи Фатҳалихони Қоҷор ба манзури набард бо Мадликмаҳмуди Сиистонӣ, ки муддате қабл иддаои салтанат намуда, бо ақди хутба ва зарби сикка дар Машҳад тоҷгузорӣ карда буд, роҳии Нишопур шуд.[29] Дар соли 1139 ҳ. (1726 м.) шоҳ Таҳмосб дар байни шодии мардуми Нишопур вориди ин шаҳр шуд ва мавриди истиқболи Нодир қарор гирифт. Нодир бо қӯшуни худ фавран ба вай пайваст. Ин амр аз ду ҷиҳат ба нафъи шоҳ Таҳмосб буд. Аввалан, бо қушуни Нодир артиши шоҳ тақвият мешуд, сониян Таҳмосб мехост худро аз нуфузи Фатҳалихони Қоҷор маҳфуз бидорад. Аз ин ҷиҳат мекӯшид аз шахси Нодир дар ҷиҳати эҷоди таодул дар муқобили хони муқтадири Қоҷор истифода кунад.[30] Ҳанӯз муддати зиёде нагузашта, Нодир дарёфт, ки шоҳ Таҳмосб аз салтанат фақат номе дорад ва Фатҳалихон монанди подшоҳи мустақил амал мекунад. Ӯ, ки наметавонист ҳузури чунин рақиберо дар канори худ таҳаммул кунад, бо таҳрики сипоҳиён дар бадгӯӣ аз Фатҳалихон назди шоҳ Таҳмосб ва муттаҳам сохтани вай дар табонӣ бо Маликмаҳмуди Сиистонӣ, назари шоҳро нисбат ба вай иваз намуд. Ва шоҳ, ки аз тарзи рафтори Фатҳалихон чандон розӣ набуд, дастури қасди вайро содир кард.[31] Бад – ин сурат Нодир аввалин қадам дар роҳи касби қудратро бардошт ва шоҳ Таҳмосб фармондеҳии кулли қувваҳои мусаллаҳро ба ӯ супурд.[32]

Бо интишори хабари марги Фатҳалихон, Маликмаҳмуди Сиистонӣ, ки дар қалъаи Машҳад мавзеъ гирифта буд ва қалъаи вай тавассути сипоҳи Нодир ва шоҳ Таҳмосб дар муҳосира буд, ба гумони он, ки дар сипоҳи Нодир ва шоҳ Таҳмосб иттиҳод аз байн рафтааст, аз қалъа хориҷ шуданд ва бо хиёнати яке аз сардоронаш бо номи Пирмуҳаммад қалъаи Машҳад ба дасти сипоҳи Нодир ва шоҳ Таҳмосб афтод ва Маликмаҳмуд ба асорат даромад ва муддате баъд ҳам ба иттиҳоми хиёнат ва талош барои шӯрондани тоторҳо барои ҳамла ба Машҳад ба дастури Нодир ба қатл расид.[33] Нодир пас аз фатҳи Машҳад ба поси ин хидмати бузургаш аз сӯйи шоҳ Таҳмосб лақаби Таҳмосбқулӣ пайдо кард.[34]

Таҳмосбқулӣ медонист, ки акнун навбати ихроҷи афғонҳост, аммо ибтидо мебояд кори афғонони абдолӣ дар Ҳиротро яктарафа месохт, чун мумкин буд, хангоми лашкаркашии вай ба Исфаҳон, ба сӯйи Хуросон ҳуҷум бурда, онҷоро тасарруф кунанд. Ва албатта, ин тарҳи Таҳмосбқулӣ бо мухолифати шоҳ Таҳмосб рӯ ба рӯ шуд, чунки шоҳ тасарруфи Исфаҳонро бар Ҳирот муқаддам медонист, аммо билохира Таҳмосбқулӣ вайро розӣ кард. Таҳмосбқулӣ бо сипоҳе ба сӯйи Ҳирот ҳаракат кард, вале шоҳ Таҳмосб аз қаҳр аз Таҳмосбқулӣ дилхур буд, ба ҷойи он ки тибқи қарораш пас аз ҷамъоварии нерӯ ба вай пайваст шавад, бо бадгӯии вазиронаш тасмим гирифт ба сӯйи Исфаҳон ҳаракат кунад. Расидани ин хабар ба Таҳмосбқулӣ боиси хашми вай шуд ва аз Ҳирот ба Хуросон бозгашт. Шоҳ Таҳмосб вайро ба нофармонӣ муттаҳам намуд ва курдҳо ва туркманони Такалливу Ямурлу ва Солурро бар алайҳи вай шӯронд. Таҳмосбқулӣ тавонист дар рӯёрӯӣ бо шӯришиён бар онон ғалаба ёбад. Шоҳ Таҳмосб, ки вазъиятро чунин дид, аз дари оштӣ бо Таҳмосбқулӣ даромад. Аз он пас шоҳ Таҳмосб пайваста зери назар буд.[35] Баъд аз ин воқеа, агар шоҳ Таҳмосб дар собиқ андаке қудрат дошт, аз он пас қудрати худро комилан аз даст дод.[36] Таҳмосбқулӣ тайи чанд амалиёти низомӣ тавонист қабилаҳои пуриддаи курду турки Хуросонро ром кунад ва тамоми шимоли Ховарро ба таҳти фармони худ даровард. Муваффақиятҳои вай боис шуд Ашрафи афғон, ки ҳоло ба ҷойи Маҳмуд дар Исфаҳон бар маснади ҳукумат нишаста буд, бо сипоҳи бисёр роҳии Хуросон шавад.[37] Сипоҳи шоҳ Таҳмосб ва Таҳмосбқулӣ дар соли 1142 ҳ. (2-октябри 1729 м.) дар наздикии Домғон бо сипоҳи Ашраф рӯ ба рӯ шуд, ки натиҷаи ҷанг бо шикасти афғонҳо анҷомид ва онон ба Исфаҳон ақибнишинӣ карданд. Таҳмосбқулӣ бо сипоҳи худ вайро дунбол намуд ва дар Мурчахурди Исфаҳон таъми дувумин шикастро ба афғонҳо чашонд ва афғонҳо пас аз куштор ва ғорати зиёде, ки дар Исфаҳон муртакиб шуданд ба Шероз гурехтанд ва Исфаҳон ба дасти Таҳмосбқулӣ фатҳ шуд.[38] Вай дар набард бо Ашраф муддате сабр кард, то ҳам ба авзои ошуфтаи шаҳри Исфаҳон сару сомон диҳад ва ҳам аз пирӯзиҳои низомии худ ва бозпас гирифтани пойтахт суд ҷуста, мавқеияти худро мустаҳкамтар кунад. Дар зимн лозим буд, лашкариёнаш таҷдиди қувваҳо намоянд.[39] Билохира, Таҳмосбқулӣ дар Даймоҳи 1142 ҳ. (24 декабри 1729 м.) аз Исфаҳон ба самти Шероз ҳаракат кард ва Ашраф, ки бо 20 000

марди ҷангӣ мунтазираш буд, рӯ ба рӯ шуд. Ашраф шикаст хӯрд ва ба Лор гурехт. Дар мавриди марги вай муаррихон ихтилофи назар доранд, вале ривояти мақбултар он аст, ки вай бо ду-се тан аз афроди бовафояш дар Балуҷистон (ё ҳаволии Сиистон) ба дасти яке аз писарони Абдуллохон, сардастаи қудратмандтарин тоифаи Бароҳуӣ ба қатл расидааст.[40] Ба ин сурат ба ҳукумати 7 солу 20 рӯзаи Ашраф дар Эрон хотима дода шуд (1136 ҳ. – 1143 ҳ. / 1722-1729 м.).[41]

Нодир хуб медонист, ки расидан ба қудрат ва ихроҷи бегонагон аз кишвар ба роҳати муяссар нест ва аз он ҷое ки ду муддаии салтанат дар он замон дар Эрон вуҷуд дошт ва мардуми Эрон низ аз ҳузури ишғолгарони (афғон, рус ва усмонӣ) дар Эрон нохурсанд буданд, ба фикр афтод ҷиҳати иттиҳоди мардуми Эрон дар муқобила бо ишғолгарон, ибтидо бо шоҳ Таҳмосб-фарзанди шоҳ Султонҳусейн муттаҳид гардад. Чунки аз нуфузи хонадони Сафавӣ дар байни мардум ба хубӣ огоҳ буд ва ба василаи ӯ метавонист бар шӯришҳои дохилӣ ғалаба кунад ва ба мадади мардум, ки ҷиҳати ихроҷи бегонагон ба дунболи наҷотдиҳанда барои худ буданд, бегонагон аз ҷумла афғонҳоро аз кишвар ихроҷ намуд. Дар сабаб ва иллатҳои шикасти афғонҳо дар муқобили Нодиршоҳ чанд далел, аз ҳама муҳимтар ба назар мерасад:

1. Даргирии Ашрафи афғон бо шоҳ Таҳмосб ва Фатҳалихони Қоҷор аз як сӯ ва даргирӣ бо қушуни Русия дар Гелон ва қувваҳои Усмонӣ аз сӯйи дигар боиси коҳиши тавони низомии онон дар Эрон шуд.
2. Танаффури шадиди халқи Эрон аз афғонҳо ба воситаи қатлу ғораташон дар давраи ишғол.
3. Ихтилофи байни афғонҳои Қуличоӣ дар Эрон бо Қандаҳор ба хотири қатли Маҳмуди Афғон, бародари Султонҳусейн ҳокими Қандаҳор, ки Ашрафро сабабгори ин амр медонист, ба Ашраф имкони баҳрагирӣ аз нерӯи низомии ононро намедод.
4. Кам будани теъдоди сипоҳиёни афғон дар Эрон, имкони идораи чунин кишвари васеъро барои онон бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ карда буд.
5. Ихроҷи мардуми шаҳрҳои бузург тавассути Ашраф, ки боиси гаравидани онон ба Нодиршоҳ ва шоҳ Таҳмосб шуд, тавони қудрати низомиро ба нафъи Нодир ва ба зарари афғонҳо фароҳам овард.
6. Буҳрони иқтисодии ношӣ аз адами вуҷуди амнияти иҷтимоӣ дар ин давра.

Шикасти афғонҳо дар Эрон эътимод ба нафси халқи Эрон бахшид, ки дар сояи он қадамҳои баъдиро барои ихроҷи Русҳо ва Усмониҳо дар кишвар фароҳам овард.

## АДАБИЁТ


1. Локҳорт Лоренс. Нодиршоҳ. Тарҷумаи Мушфиқи Ҳамадонӣ. -Теҳрон: Амири Кабир. 1357ҳ. /1978м. чопи аввал, саҳ., саҳ.29 ;Минорецкий В. Таърихчаи Нодиршоҳ. Тарҷумаи Рашиди Ёсимӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1356ҳ./1964м., чопи дувум, саҳ.10.
2. Марвӣ Муҳаммадкозим. Оламорои Нодирӣ. Тарҷумаи Муҳаммадамини Риёҳӣ. Теҳрон: Интишороти Нақши ҷаҳон 1164ҳ. /1985м, ҷ.1, саҳ.136
3. Ҳамон ҷо, саҳ.5
4. Минорецкий В. Таърихчаи Нодиршоҳ. Тарҷумаи Рашиди Ёсимӣ. 1356ҳ./1964м. -С.9
5. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. Тарҷумаи Давлатшоҳи Исмоили. Теҳрон: Интишороти бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб 1346ҳ. / 1967 м. саҳ.7.
6. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.30
7. Ҳотер Жан. Сафарномаи Утер. (асри Нодиршоҳ). Тарҷумаи Алии Иқбол. -Теҳрон: Ҷовидон. 1363ҳ./ 1986. -С.15.
8. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.190.
9. Ҳамон ҷо, саҳ.30
10. Қудусӣ Муҳаммадҳусейн. Нодирнома. -Теҳрон: Чопхонаи Хуросон. 1339ҳ./ 1960, саҳ.22
11. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.8.
12. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. -С.21.
13. Маймандинажод Муҳаммадҳусейн. Зиндагии пурмоҷарои Нодиршоҳи Афшор. 1362ҳ./1983м.саҳ.14
14. Қудусӣ Муҳаммадҳусейн. Нодирнома. саҳ.5 Ҳонвей Ҷунс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ. 13
15. Ашрафӣ Маҷид. Саргузашти Нодишоҳи Афшор (Талхис ва бознависии ҷаҳонгушои Нодирӣ. Нависанда Мирзомаҳдихони) Теҳрон: Меросбон. 1386ҳ /2007м. -С.28.
16. Локкорт, Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.33
17. Ашрафӣ Маҷид. Саргузашти Нодишоҳи Афшор. саҳ.30.
18. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.16
19. Ашрафӣ Маҷид. Талхис ва бознависии ҷаҳонгушои Нодирӣ. саҳ.14.
20. Арнова М. Р Ашрофиён К. З. Давлати Нодиршоҳи Афшор. Тарҷумаи Ҳамиди Муминӣ. -Теҳрон: Шабгир 1340ҳ. / 1977м., чопи дувум, саҳ.263.
21. Локкорт, Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.16

22. Ҳамон ҷо, саҳ.13-23.
23. Малкум Ҷон. Таърихи комили Эрон. Тарҷумаи Мирзоисмоили Ҳайрат. -Теҳрон: Афсун 1380ҳ. / 2001м., чопи аввал, -С.423.
24. Маймандинажод Муҳаммадҳусейн. Зиндагии пурмоҷарои Нодиршоҳ. саҳ.73
25. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.21-22
26. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.20.
27. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.17-20.
28. Ҳамон ҷо, -С..27.
29. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.22.
30. Арнова М. Р Ашрофиён К. З. Давлати Нодиршоҳи Афшор. саҳ.61.
31. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.24-27
32. Арнова М. Р Ашрофиён К. З. Давлати Нодиршоҳи Афшор. саҳ.62.
33. Маймандинажод Муҳаммадҳусейн. Зиндагии пурмоҷарои Нодиршоҳ. саҳ. 142. ; Ашрафӣ Маҷид. Талхис ва бознависии ҷаҳонгушои Нодирӣ. саҳ.40-41, 160.
34. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.29
35. Маймандинажод Муҳаммадҳусейн. Зиндагии пурмоҷарои Нодиршоҳ. саҳ.178.
36. Малкум Ҷон. Таърихи комили Эрон. саҳ.469.
37. Арнова М. Р Ашрофиён К. З. Давлати Нодиршоҳи Афшор. саҳ.62
38. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.40
39. Локкорт Лоренс. Нодиршоҳ. саҳ.60.
40. Ҳамон ҷо, саҳ.62.
41. Ҳонвей Ҷонс. Зиндагии Нодиршоҳ. саҳ.44.

**ПОЛОЖЕНИЕ ИРАНА В НАЧАЛЕ ПРИХОДА К ВЛАСТИ НАДИРШАХА**

В данной статье рассматривается политическая обстановка Ирана в начале прихода к власти Надиршаха Афшар и конкуренция России и Османского государства за Иран, который в то время находился под влиянием афганских племен. В ней приводятся причины изгнания афганцев из территории Ирана и их поражение от Надиршаха Афшара.

**Ключевые слова:** Надиршах Афшар, Шах Тахмосб, Тахмосбкули, Иран, афганцы, калот, маликмахмуд Сиистани, Куличой, Османцы.

**IRAN'S POSITION IN THE BEGINNING OF COMING TO POWER NADIRSHAH**

This article discusses the political situation in Iran at the beginning of the coming to power Nadirsha Afshar and compertitive foreign countries – Russia and Ottomans in Iran, which at that time was influenced by the afghan tribes. It sets out the reasons for the expulsion of afgans from Iran and their defeat by Nadirsha Afshar.

**Key words:** Nadirsha Afshar, Shah Tahmosb, tahmosbkuli, Iran, afgans Caloto, Malikmahbud Sistani, cakes, Ottomans.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Марям Ризоифар*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ОИД БА АСАРИ ИСКАНДАРБЕКИ МУНШӢ «ОЛАМОРОИ АББОСӢ»

***Нусратбону Азизӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳукумати Сафавия дар таърихи Эрон дорои аҳамияти зиёде аст. Қатъан китоби «Таърихи Оламорои Аббосӣ»-и асари Искандарбеки Туркамон чун хуршеде бар қуллаи ин даврон ҳамеша медурахшад. Искандарбеки Туркамон дар соли 968 ҳиҷрӣ (1560 милодӣ) ба дунё омад ва дар соли 1043 ҳиҷрӣ (1632 милодӣ) даргузашт. Ин давраи зиндагии худро ба унвони воқеанигор оғоз кард, аммо ба зудӣ онро барои кори муншигарӣ тарк кард ва ба мақоми муншигарии салтанатӣ мансуб шуд ва ба суръат ба мақоми муншии аъзам расид. Аз ин пас ба унвони Искандарбеки Муншӣ маъруф гардид. Ҳузури ӯ дар дарбори Сафавия боис шудааст, ки осори ӯ нав бошад ва ин масъала осори ӯро бисёр арзишманд мекунад.

«Таърихи Оламорои Аббосӣ» дар миёни дигар китобҳои таърихии давраи Сафавӣ аз назари шарҳи бисёре аз ҷангҳои дохилӣ ва хориҷии ин давра беназир аст. Искандарбек дар баъзе аз ҷангҳо ҳузур доштааст ва монанди гузоришгари ҷангӣ ҳамаи тарафҳои ҷангро комил тавзеҳ додааст, вале бархе аз муҳаққикони муосир, монанди Эдвард Браун ба далели шарҳи муфассали ҷангҳо ва зикри ҷузъиёт, китобро хастакунанда тавсиф кардаанд ва аз он ба унвони таърихи низомӣ ёд мекунанд. Дар ҳоле ки «Оламоро» манбаи мустанад ва қобили итминон дар ҳамаи бахшҳои сиёсӣ ва низомии асри Сафавӣ аст, ва гузоришҳои Искандарбек аз авзои иҷтимоӣ ва равобити

сиёсӣ ва иқдомоти хайрхоҳона баёнгари он аст, ки дидгоҳи Браун бар асоси воқеӣ надорад. Искандарбек зимни баёни ҳар ҳодисае, ки марбут ба дигар қавмҳо ва миллатҳо бошад таърихчаи нисбатан густардае аз он қавм ва кишвар гузориш мекунад, ки ин масъала сабаби огоҳии мо аз вазъияти соири миллатҳо дар он даврон мешавад, монанди таърихи қавми ӯзбек, авзои Ҳинд Усмонӣ ва ғайра.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои таърихнигории «Оламорои Аббосӣ» таваҷҷуҳ ба замон ва макони воқеаҳо ва зикри унвонҳои ҳодисаҳо аст ва низ авзои иҷтимоии мардумро дар лобалои ҷангҳо ва офатҳои табиӣ, монанди зилзила ва хушксолӣ метавон мушоҳида намуд. Искандарбек ҳамчунин ба пойтахтҳои Сафавиён монанди Табрез, Қазвин ва Исфаҳон таваҷҷуҳи хосе дорад ва хусусан Исфаҳон, ки аз он ба унвони «Нигористони сурӣ ва баҳористони маънавӣ» ёд мекунад ва тавсифоти зебое аз маросим ва ҷашнҳо дар он омадааст . [1]

Зикри ашъор дар муносибатҳои гуногун яке дигар аз вижагиҳои ин китоб маҳсуб мешавад, ки дар ҳавзаи таърихи адабиёт низ бисёр муҳим ва арзишманд аст. Дарвоқеъ ашъор, баёни мавзӯоти таърихӣ ба забони адабиёт аст, гарчи бисёре аз ашъор ҳикоят аз рӯз ва моҳ ва соли ҳодисаҳои таърихӣ дорад. Истифода аз истиораҳои дилнишин ва ташбеҳоти фавқулода ва ашъори зебо дар миёни ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, низомӣ ва ҷангҳо фазои китобро бисёр латифтар месозад ва хастагиро аз хонанда мезудояд ва аз хушунати низомии ин асар мекоҳад ва ин масъала собит мекунад, ки ин китоб ба ҳамон андоза дар ҳиттаи таърихӣ муҳим аст, дар ҳиттаи адабиёт низ ҷойгоҳи босазое дорад, чунон ки Браун ин китобро дар ҳавзаи таърихи адабиёт баррасӣ кардааст, ки ин масъала низ бар радди назарияи ӯ таъкид мекунад.Истифода аз оёот, ривоёт, ҳикоёт ҳам ба унвони шоҳид мисол бар зебоии ин асари шигифтангез меафзояд.

Равиши Искандарбек дар қисмати аъзами китоб (аз соли 996 то 1038) ва низ дар зери Оламоро «Солноманигорӣ» аст. Руйдодҳои таърихӣ ба тартиби сол ва ба таври муфассал баён шудааст ва номи ҳар сол ба туркӣ ва ҳиҷрӣ зикр мешавад. Ҳар сол бо тавсифоти зебои адабӣ дар бораи ҷашн ва сурури Наврузӣ муқорини солрӯзи тоҷгузории Шаҳбоз оғоз мешавад. Бо зикри мутавафиёти он сол поён мепазирад, албатта гоҳе ин назмро каме бар ҳам мезанад.

«Оламорои Аббосӣ» шомили як муқаддима, ду сафҳиа ва як хотима аст, ки дар се муҷаллад танзим шудааст.Ҷилди аввал аз муҷаллади аввал шомили муқаддима ва 12 мақола аст. Ҳаводис то поёнии салтанати Султон Муҳаммади Худобандӣ гузориш шудааст. Искандарбек дар муқаддимаи китоб пас аз ҳамд ва санои Худованд ва наъти паёмбар (с) ва эмомон, ангеза ва ҳадафи худро аз нигориши китоб баён кардааст. Чигунагии ба даст овардани шуғли муншигарӣ ва навиштани китобро тавзеҳ додааст. Албатта, Искандарбек дар феҳрест, муқаддима ва 12 мақоларо таҳти унвони саҳифаи аввал овардааст, аммо он чиро ки дар феҳрист таҳти унвони муқаддима оварда дар китоб ба унвони шурӯи мақолаи аввал аз он истифода мекунад. Пас, агар чанд саҳифаи аввали китобро муқаддима ба ҳисоб оварем, китоб бо саҳифаи аввал оғоз мешавад. Дар саҳифаи аввал ҳаводиси қарни Х-и ҳиҷрӣ (XVI-и мелодӣ) шарҳ дода шудааст. Муҳимтарин мубоҳисаи он дар бораи шарҳи ҳоли аҷдоди сафавия ва оғози фаъолияти мазҳабӣ ва сиёсии онон ва Салтанати Шоҳ-Исмоили аввал ва Шоҳ-Таҳмосби аввал аст. Ӯ дар ин қисмат аз китобҳои чун «Аҳсан-ут-таворих», «Таърихи Акбарӣ», «Таърихи Ҳабиб-ус-сияр», «Таърихи Табаристон», « Равзат-ус-сафо», «Таърихи нигористон». «Муншаоти Шайх Абулфазл валади Шайх Муборак, «Сифват-ас-сафоӣ Ибни Баззоз», «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ, «Футуҳоти Аминӣ»-и Ҳиравӣ», «Равзат-ал-албоб» ва ғайра суд бурд.[2]

Мақолаи аввал аз саҳифаи аввал, ки дар зикри насаби шоҳ Аббос ва аҷдоди ӯст ва чун Искандарбек Сафавиёнро аз насли паёмбари Ҳотам медонад, аз ҳамин рӯ, ишорае ба аҷдоди паёмбар дорад. Сипас шарҳи мухтасари аз аҷдоди шоҳ Исмоилро баён мекунад. Пас аз он чигунагии ташкили ҳукумати Сафавия тавассути шоҳ Исмоил ва вақти даврони ӯро нақл мекунад. Сипас даврони шоҳ Таҳмосбро ба сурати муфассал гузориш мекунад, ки метавон ба мавриди зер ишора намуд, ҷанги Эрон бо усмонӣ ва узбекон, равобити сиёсӣ ва низомӣ бо усмонӣ, робита бо Ҳиндустон ва омадани Ҳумоён ба дарбори шоҳ Таҳмосб ва ҳимояти ӯ аз подшоҳи Ҳинд, саркӯби шӯришчиён, монанди Аҳмадхон воли Гелон ва ғайра.[3]

Унвони мақолаҳо иборат аст аз мақолаи аввал дар бораи подшоҳони нахустини Сафавӣ ва ҳаводиси даврони шоҳ Таҳмосб ва марги шоҳ Таҳмосб ва баёни воқеаи салтанати шоҳ Исмоили дувум ва Султон Муҳаммади Худобандӣ ва чигунагии ба тахт нишастани шоҳ Аббос.

Мақолаи дувум дар бораи таваҷҷуҳи шоҳ Аббос ба масоили мазҳабӣ.

Мақолаи севум дар бораи тадбир, илм ва дониши шоҳ Аббос.

Мақолаи чаҳорум дар шоистагии салтанати шоҳ Аббос ва зикри ҳаводис ва хатароти даврони ӯ.

Мақолаи панҷум дар бораи адолати иҷтимоӣ ва талоши шоҳ  дар барқарории амният ва иқдомоти умрронии шоҳ барои осоиши мардум.

Мақолаи шашум дар боби сахтгирии шоҳ Аббос бар зердастон.

Мақолаи ҳафтум дар бораи шеваи ҳукумат ва қавонини шоҳ Аббос  дар идораи мамлакат вазъ намуд.

Мақолаи ҳаштум дар бораи дарвешманишии шоҳ Аббос дар айни ҷабарути ӯ.

Мақолаи нуҳум таваҷҷуҳ ба ҳуқуқи кормандони давлатӣ ва талош барои гирифтани ҳуқуқи мардум.

Мақолаи даҳум дар бораи комрониҳо ва комҷӯиҳои шоҳ дар айни таваҷҷуҳ ба кишварҳои ҳамсоя ва хусусиёти мамолики онҳо ва ҳузур дар маҷолиси базм ва шеър ва тараб.

Мақолаи ёздаҳум дар бораи хайрот ва тасаддуқот ва эҳдоси иморот тавассути шоҳ Аббос.

Мақолаи дувоздаҳум дар баёни ҷангҳо ва лашкаркашиҳо ва футуҳоти замони шоҳ Аббос.[4]

Лозим ба  зикр аст, ки касоне монанди Ишпулер саҳифаи аввалро шомили ҳаводиси таърихи Эрон бетафсил аз соли 978 -996-и ҳиҷрӣ, яъне соли таваллуди шоҳ Аббоси аввал то ҷулуси ӯ бар тахти салтанат, яъне то хотимаи подшоҳии Султон Муҳаммади Худобандӣ медонад,[5] ки дар ин бахш ба ҳаводиси поёнии салтанати шоҳ Таҳмосб ва ба ҳукумат расидани Исмоил Мирзо ва пас аз ӯ ба ҳукумати Султон Муҳаммади Худобандӣ мепардозад. Искандарбек дар поёни даврони шоҳ Таҳмосб ба зикри исмҳои шоҳзодагон, умаро, хавонин, содот, шуаро, вузаро, муставфиён ва ҳатто хушнависон, наққошон ва мутрибон мепардозад, ки ин иттилоот бисёр арзишманд аст, зеро дар манобеи дигар ба  мушкилӣ ёфт мешавад. Ба ҳамин далел китоби «Оламоро» аз назари таърихи ҳунар низ метавонад манбаи муҳим барои асри Сафавия бошад. Искандарбек даврони салтанати Султон Муҳаммади Худобандиро бисёр муфассал мавриди  баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, ба авзои дохилии Эрон дар он давра ишора дорад, саркӯби шӯриши Мирзохон волии Мозандарон ва низ шӯришчиёни Хуросон ва Ироқ ва ҷанги Эрон бо Усмонӣ ва ғайра. Искандарбек ҷилди дуввум аз муҷаллади аввали китоби худро  ба аҳволи сисолаи аввали салтанати шоҳ Аббоси Кабир ихтисос медиҳад, аммо гӯё дар тақсимбандии китоб дучори иштибоҳ шудааст, зеро пас аз зикри 15 сол аз ибтидои салтанати шоҳ Аббос ба якбора нимаи дувуми ҷилди дувуми китобро аз соли 15-уми салтанати  шоҳ Аббос оғоз мекунад ва ҳеҷ номе аз нимаи аввали ҷилди дувум дар китоб нест. Саҳифаи дувуми китоби «Оламоро» аз ду мақсад ташкил шудааст:

1.Шаҳри воқеаҳои сӣ соли аввали салтанати шоҳ Аббос аз 996-1025, ки қарни аввали подшоҳии шоҳ Аббос ном гирифтааст.

2.Воқеаҳои соли 1025-1038, яъне соли даргузашти шоҳ Аббос.[6]

Ин саҳифа дар ду ҷилд навишта шудааст, ки дар воқеъ ҷилди дувум ва севуми китоб аст. Ҷилди дувум ҳамон мақсади аввал аст.Ҷилди севум мақсади дувум аст, ки воқеаҳои 12 соли охири подшоҳии шоҳ Аббосро то соли 1038 дар бар мегирад. Мақсади аввал дар бораи зиндагӣ ва ҳаводиси аёми шоҳ Аббос аз замони ҷулус ва тахти салтанат то соли 1025 ҳиҷрӣ ва мақсади дувум, идомаи ин ҳаводис аст. Бархе аз ҳаводисе, ки Искандарбек дар ин ду мақсад ба он ишора мекунад иборат аст аз: чигунагии  ба қудрат расидани шоҳ Аббос ва авзои мазҳабӣ ва иҷтимоии Эрон дар он солҳо, даргирӣ бо ӯзбекон, саркӯби шӯришчиёни Гелон, Хузистон, Мозандарон, Курдистон, Астаробод, Гурҷистон, Шервониён ва шуриши Қизилбошон, робита бо Ҳиндустон, усмонӣ, Мовароуннаҳр, Туркистон ва тасарруфи Баҳрайн. Музокироти сулҳ ва қарордодҳои сулҳи Эрон бо Усмонӣ. Робитаи сиёсии хавонини минтақаи Хоразм бо Эрон. Авзои Мовароуннаҳр ва Гурҷистон. Сафарҳои шоҳ Аббос ба

Машҳад ва соири нуқот. Ҷанг бо Усмонӣ ва бозпасгирии сарзаминҳои аздастрафтаи Эрон аз Усмонӣ. Равобити сиёсӣ бо Аврупо монанди Русия. Робитаи ҳокимони вилоят бо ҳукумати марказӣ. Ҷанг бо Рум.Ҷанг бо Аврупоён (Пуртиқол) дар Ҳурмуз. Мубориза бо ашрор. Бозпасгирии Ароқ ва зиёрати қабри эмомон дар Ароқ. Вафаёти Риҷол.Шарҳи ҳоли бузургоне чун Шайхи Баҳоӣ ва мавриди бисёри дигар, ки аз сарфаслҳои таърихи «Оламорои Аббосӣ» маҳсуб мешавад.

Охирин бахше, ки Искандарбек орзу дошт баъди итмоми Оламоро бинависад бахши хотима аст, ки мехост монанди нависандагони бузурги осоре чун «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Аҷоиб-ул-махлуқот», «Фараҷ баъд аз шиддат», «Гулистон», «Нигористон», «Ахлоқи Носирӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Ахлоқи Ҷалолӣ» ва ғайра ҳикояти нодирро ҷамъоварӣ кунад ва ё ҳикоёт ва ривояти аҷибу ғариберо, ки дар аёми умр мушоҳида карда дар муҷаллади севум бинависад. Ҳамзамон аз хонандагон тақозо дорад ки, агар таноқузе дар ахбор мушоҳида кардаанд, онро ба ихтилофи нақли қавлҳо таъвил намояд.[7]

## АДАБИЁТ


[1] Роҷер М. Сиворӣ. Таҳқиқоте дар таърихи Эрони асри Сафавӣ. Тарҷумаи Аббосғулии Ғаффори Фарид ва Муҳаммад Боқири Ором. –Теҳрон: Амир Кабир, 1382. -С. 329.

2. Искандарбеки Муншӣ. Оламорои Аббосӣ. Тасҳеҳи Эраҷи Афшор. Ду ҷилд. –Теҳрон: Амир Кабир, 1387. -С.544.

3. Искандарбеки Муншӣ. Таърихи Оламорои Аббосӣ. Тасҳеҳи Ризвонӣ. Ҷ.1. –Теҳрон: Дунёи китоб, 1377. -С. 20.

4. Искандарбеки Муншӣ. Таърихи Оламорои Аббосӣ. –С110.

5. Ҳамон ҷо. –С. 50.

6. Ишпулер ва дигарон. Таърихнигорӣ дар Эрон. Тарҷумаи Яъқуби Оҷанд. –Теҳрон: Густара, 1388. -С. 319.

7. Азизуллоҳ Баёт. Шиносоии манобеъ ва маохизи таърихи
Теҳрон: Амир Кабир, 1390. -С. 281.

8. Искандарбеки Муншӣ. Оламорои Аббосӣ. Тасҳеҳи Эраҷи Афшор. -Теҳрон: Амир Кабир, 1387. -С. 1095.


## КРАТКАЯ ИНФОРМАЦИЯ О ПРОИЗВЕДЕНИИ ИСКАНДАРБЕКА МУНШИ «ОЛАМОРОИ АББОСИ»


Рукопись «Оламорои Аббоси» принадлежит к перу Искандарбека Мунши и является одним из важнейших источников по истории периода правления династии Сеффевидов в Иране. Книга состоит из трёх глав. Она начинается с генеалогии династии Сеффевидов. В нём так же рассматривается жизнь и деятельность Сеффевидских царей. Особенно в нём подробно описано время правления царя Аббоса. Поэтому данная книга считается важнейшим источником по изучению исторических событий периода правления Аббоса в государстве Сеффевидов



**Ключевые слова:** Искандарбек Мунши, «Оламорои Аббоси», Сеффевиды, источник, Иран, царь Аббос, исторические события, Мавераннахр, правление.


## BRIEF INFORMATION ABOUT THE WORK ESKANDERBEIK MONSHI «ALAM ARAYE ABBASI»


Alam Araye Abbasi book written by Eskanderbeik Monshi is an important history book of Safavid period, which has been written in three volumes and starts with the biography of Safavid ancestors and then argues about Safavid kings events especially Shah Abbas, indeed it is an important source for finding the events of Shah Abbas.



**Keywords:** by Eskanderbeik Monshi, «Alam Araye Abbasi», Safavid, source, Iran, king Abbos, historical events, Mauritanie, the Board.



**Сведения об авторе:** ***Нусратбону Азизи*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# АВЗОИ ТИҶОРАТИИ МОВАРОУННАҲР ДАР «САФАРНОМА»-И ҶУЗЕФО БАРБАРУ

*Алии Рамазонии Почӣ*
**Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ**

Сафарномаҳо муштамил бар шаш сафарномае аст, ки панҷтои онро чаҳор тан аз Сафирони Ветизӣ ва якеро бозоргони гумном аз мардуми ҳамон диёр навштаанд.

Ин идда дар фосилаи солҳои салтанати Узун Ҳасан бунёдгузори дудмони Оқо Қуюнлӯ ва шоҳ Таҳмосб дувумин шаҳриёри Сафавӣ ба Эрон омадаанд ва маъмурияти аслии сафирони он будааст, ки Эронро ба ҷанг бо усмониҳо барангехтанд ва монеи тавсеаи туркони усмонӣ дар Аврупо шаванд.

Давраи Оқоқуюнлуҳо аз адворе аст, ки то имрӯз нисбатан торик мондааст. Ҳатто мутахассисон ва мутолион низ то замони мо танҳо номе аз Узун Ҳасан шунида буданд.

Хушбахтона, дар рӯзгори мо касоне монанди Минуреки ва Волтер, Ҳинте, Вудз таҳқиқоте дар ин замина анҷом додаанд. Ин сафарномаҳо, агар дар байни сафарномаҳое, ки аврупоиён дар бораи Эрон навиштаанд, агар беназир набошад, қатъиян камназир ҳам нест. Дар ин мақола бо таваҷҷуҳ ба густурдагии матолиб фақат бахши Мовароуннаҳр ва шарқи Осиё аз манзари онҳо баррасӣ мешавад.

Ҷузефо Барбару мегӯяд: «Аз ин ҷо (Табрез) андаке ба сӯйи шимол бояд ба муддати чиҳил рӯз роҳ аз миёни кавирҳо ва шӯразорҳои беоб гузашт, аз роҳе, ки дар он чӯбу алаф камтар ба чашм мехӯрад ва барои даст ёфтан ба об дар баъзе нуқот чоҳ задаанд.

Пас аз тайи ин тариқ дар ҳамон ноҳияи Ҷиғатой ба шаҳри пурҷамъият ва бисёр бузург мерасӣ ба номи Самарқанд, ки ҷойи омаду шуди ҳамаи бозоргонон ва мусофироне аст, ки аз Чину Мочину Хитой меоянд. Самарқанд дорои иддаи фаровони санъатгар ва савдогар аст. Фармонравоёни ин шаҳр писарони Ҷаҳоншоҳ мебошанд.

Ман аз ин роҳ таҷовуз накардам, аммо дар он ҷо аз дигарон матолибе омӯхтам. Ин Чину Мочин, ки пеш аз ин ном бурдаам, ду шаҳристони бузург аст, ки мардумонаш бутпарастанд ва дар он ҷо зарфҳо, башқобҳои чинӣ месозанд.

Дар он навоҳӣ корвонҳои бозоргони бисёре омаду шуд мекарданд ва борашон, бахусус ҷавоҳирот ва порчаҳои абрешимӣ ва ғайриабрешимӣ аст. Аз он ҷо ба шаҳристони Хитой меравад ва ман дар бораи он диёр ҳарчи медонам, мегӯям ва ҳамаи ин чизҳое аст, ки аз яке аз сафирони Татористон шунидаам, ки аз он ҷо меомад.

Ҳангоме ки дар Тоно будам, як бор бар ҳасби иттифоқ бо он сафир дар бораи кишвари Хитой гуфтугӯ кардем. Вай мегуфт, ки ҳангоме ки аз кишварҳое мегузаштааст, ки зикри онҳо хоҳад омад, ҳамин ки вориди сарзамини Хитой мешавад, ҳазина ӯро аз маҳалле ба маҳалли дигар мутаҳаммил мешаванд, то ба шаҳре мерасад бо номи Хонболиғ ва дар он ҷо аз ӯ бо иззату эҳтиром пазироӣ мекунанд ва манзиле барояш муайян месозанд ва чунонки мегуфт, ҳатто махориҷи ҳамаи бозоргониро, ки аз он роҳ мегузаранд, мардуми Хитой бар уҳда мегиранд».

Сипас, ӯро ба ҳузури Ҳоқон мебаранд. Ҳамин, ки ба дарвозаи кох мерасад, водораш мекунад, ки зону бар замин занад. Кохе будааст мусаттаҳ ва ҳамвору бисёр паҳн ва дароз. Дар интиҳои қисмати боло роҳи сангфарше будааст, ки Ҳоқон пушт ба дарвоза дар он ҷо нишаста будааст ва дар тарафайни ӯ чаҳор тан аз касонаш рӯ ба дарвоза нишаста будаанд ва аз дарвоза то наздики ин чаҳор тан аз ду сӯй нигаҳбонони мусаллаҳ бо ҷамоқҳои симин саф зада, роҳе дар миён падид оварда буданд. Ҳамчунон ки занони мо дар меҳмониҳо мекунанд. Он сафирро то дарвозаи кох меоваранд, дар он ҷо ҳама чизро мутобиқ бо назму тартибе, ки гуфта шуд, меёбад ва ба ӯ фармон медиҳанд, ки паёмаи худро бидиҳад, чунин мекунад. Мутарҷимон аз ин гӯш ба он гӯш мерасонанд, то мерасад ба Хоқон. Ӯ дар ҷавоб ба сафир хушомад мегӯяд ва рухсати бозгашт ба хонаи хеш медиҳад, то биравад ва мунтазири дарёфти посухи дигар бошад ва мегӯянд ниёзе ба бозгашт ба пешгоҳи Ҳоқон надорад, балки бояд бо касоне, ки ба ин кор гумошта шудаанд ва ба хонаи ӯ фиристода хоҳанд шуд ва гуфтугӯ кунанд. Пас инони бинои омаду шуд мегузоранд ва

бо суръат ва бо равиши некӯ ва дилписанд сафирро ба меҳанаш равона мекунанд. Ходими сафир, ки дар он сафар аз ҳамроҳони ӯ будааст аз додпарварии мардуми он достонҳо мегуфт.

Мегӯянд, ки на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар шоҳроҳҳои берун аз шаҳрҳо низ, ки мардум дар онҳо сафар мекунанд, агар чизеро бар санге ё ҷойи дигар бинанд, ки соҳибаш гум кардааст ва дигарон онро биёбанд, касе ҷуръат намекунад, онро барои худ бардорад. Аз ин гузашта, агар касе дар роҳе, ки меравад аз дигаре бипурсад, ки куҷо меравӣ ва агар шахсе, ки аз ӯ чунин пурсише кардаанд, дар ҳаққи пурсанда ба гумон шавад ё ӯро муътамад напиндорад ва аз вай шикоят кунад, бояд барои суоле, ки кардааст далели қотеъкунанда биёварад, вагарна кайфар мебинад, аз ин ки аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, дар он диёр озодӣ ва адолат фаровон барқарор аст.

Дар бораи колои бозоргонӣ шунидаам, ҳамаи савдогароне, ки ба он сомон меравaнд, матои хешро дар корвонсаро арза мекунанд, то гумоштагон девони онҳоро бингаранд. Агар чизе дархӯри Хоқон ёфтанд ва ё писандиданд муодили арзиши он чизҳои дигар ба бозаргон бидиҳанд ва бақияи колоҳоро дар ихтиёри бозаргон боқӣ гузоранд, то онҳоро бифурӯшад. Мухтасар пуле, ки дар он диёр роиҷ аст, аз коғаз аст, ки ҳар сол онҳоро таҷдиди чоп мекунанд. Дар поёни ҳар сол пулҳои коғазии куҳнаро ба заробхона мебаранд ва муодили онҳо нав мегиранд.

Мепиндорам, ки ин Хитоиён кеши дигар доранд. Агарчи баъзе Чиғатоиён ва дигар касоне, ки аз он ҷо омадаанд, мегӯянд, ки эшон масеҳиянд, зеро вақте ки пурсидам, аз куҷо медонанд, ки эшон насрониaнд, посух доданд, ки дар калисоҳои худ тасвирҳое доранд, монанди он чи шумо исавиён доред.

Ҳангоме ки дар Тоно ангур ба даст намеомад зеро сарзамини Хитой сахт сард аст, аммо анвои дигари хӯрданиҳо ба қадри кофӣ ёфтаву пайдо карда мешавад.

Ин матолиб ва дигар матолиби гуногунро, ки дар ин ҷо аз зикри онҳо мегузарам, аз гузориши сафири Тотористон ва аз ошноёни ӯ дар бораи иёлоти Хитой метавон шунид.

**АДАБИЁТ**


1. Ором Аҳмад. Фарҳанги истилоҳоти ҷуғрофиёӣ. –Теҳрон: Интишороти пагоҳ, 1388.
2. Петрошевский. Таърихи Эрон, Комбриҷ. Тарҷумаи Сириуси Иззадӣ. –Теҳрон: Интишороти дунё, 1359.
3. Ҷонвудз Оқуюнлуҳо. Сикаҳои Оқуюнлуҳо. Тарҷумаи Туробӣ. –Табрез: Интишороти мавзеи Озарбойҷон, 1355.
4. Хондмир Ғиёсуддин. Ҳабибу сияр. Бо кӯшиши Муҳаммади Дабирсиёқ. –Теҳрон: Итишороти Хаём, 1353.
5. Сафарномаҳои Венузиён дар Эрон. Тарҷумаи Манучеҳри Амирӣ. –Теҳрон: Интишороти хоразмӣ, 1381.
6. Шов Стенфурд Ҷ. Таърихи императории Усмонӣ. Тарҷумаи Маҳмуди Рамазонзода. –Машҳад: Интишороти остони Қудси Разавӣ, 1370.
7. Теҳронӣ Абубакр. Диёр бакрия. Бо кӯшиши Наҷотӣ ва Сумер. –Теҳрон: Интишороти таҳурӣ, 1356.
8. Ғаффорифард Аббосғулӣ. Таърихи Аврупо аз оғоз то поёни қарни ХХ. –Теҳрон: Интишороти иттилоот, 1388.
9. Навоӣ Абдулхусайн. Эрону ҷаҳон аз муғул то Қоҷория. –Теҳрон: Интишороти Ҳумо. 1363.
10. Ҳинтс Волтер. Ташкили давлати миллӣ дар Эрон. Тарҷумаи Кайковуси Ҷаҳондорӣ. –Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1377.


**ОТРАЖЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ МАВЕРАННАХРА В «САФАРНАМЕ» ДЖОЗЕФА БАРБАРУ**


В данной статье автором на основе изучения книги «Путевые заметки» одного из византийских послов Джозефа Барбару подвергнуты изучению и рассмотрению экономическое и политическое положение Мавераннахра.



**Ключевые слова:** исторический экскурс, путевые заметки, Джозеф Барбару, Мавераннахр, экономическое и политическое положение Мавераннахра.


**REFLECTION OF THE ECONOMIC SITUATION IN MAWARANNAHR «САФАРНАМЕ» JOSEPH BARBARA**


In this article the authors on the basis of studying the book «Travel notes» one of Byzantine ambassadors Joseph Barbara subjected to study and discuss the economic and political situation of Maverannahr.



**Key words:** historical tour, travel notes, Joseph Barbara, Transoxiana, economic and political situation of Maverannahr.



**Сведения об авторе:** ***Али Рамазони Почи*** **-** соискатель Института истории, археологии и этнографии им.Ахмада Дониша АН РТ

# ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ВОДИИ ВАХШ
*(аз нигоҳи таърихнигорӣ)*

***Х.Абдуназаров, Н.Сайфуллоев, М. Абдуназарова***
**Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Таърихи маданияти ҷаҳон собит месозад, ки тамаддунҳо (маданият) асосан дар соҳилҳои дарё, баҳрҳо ба вучуд омаданд. Масалан, маданияти Мисри қадим дар соҳили дарёи Нил, маданияти Бобул (Вавилон) дар соҳили дарёҳои Даҷла ва Фрот, маданияти Ҳиндустон дар соҳилҳои Ҳинд ва Ганг, маданияти Чин дар соҳилҳои Янсзе ва Хуанхэ, маданияти Юнон ва Рим дар соҳили баҳри Миёназамин пайдо шуда, инкишоф ёфтааст. Таърих ва тамаддуне, ки мо онро китобат мекунем, ба соҳили се руди бузурги қисмати ҷанубии Тоҷикистон мутаалиқ мебошад. Ин дарёҳои Вахш, Панҷ ва поёноби Кофарниҳон, инчунин чашмаи муқаддас, ки бо номи "Чилучорчашма" дар байни мардум роиҷ аст.

Барои чӣ мо водиҳои ин се рӯдро бо як ном "Водии Вахш" номидем? Барои он, ки номи ҳамаи ин дарёҳо ба як номи олиҳаи об "Охшо" номида мешуд. Бо мурури замон аҷнабиён ба ин рӯдҳо номҳои мухталиф гузошта рафтанд. Масалан, Окс аз юнону Мақдуниҳо, Амударё аз туркҳо, Кофарниҳон аз арабҳо боқӣ мондааст.

Аслан, водии Вахш маскани ачдодии точикон ба шумор меравад. Ачаб нест, ки номи Ориёнвич аз ҳамин сарзамин оғоз шуда бошад. Қайд кардан чоиз аст, ки Айвач шояд шакли таъғйирёфтаи, Ориёнвич бошад, ки ин ном имрӯз фақат дар ин води боқӣ мондааст.

Дар таърихи башар чунин қонуният амал мекунад, ки на ҳама чиз бо пуррагӣ нест мешавад, балки дар ягон ҷой нишонаи ҳамон давраҳои куҳан боқӣ мемонад. Масалан, номи "Вахш" вожаи тағйирёфтаи "Охшо" (Олиҳаи об) буда, дар давраҳои кадим бо ин ном қариб тамоми дарёҳои ин ҳавза номида мешуд,ҳоло яктои он бо ин ном-"Вахш" мавҷуд аст. Водии Ромит ба номи водии Кофарниҳонро гирифта бошад ҳам, дар як давра он номи Ромит боқӣ монда буд. Пойтахти Хуталон "Ҳулбук" номи Қурбоншаҳидро гирифтааст, аммо як деҳача 12 км аз ин пойтахт ба номи "Ҳулбек"[2] боқи мондааст.

Аз ин рӯ, Айваҷи поёноби Вахшу Кофарниҳонро нишонаи "Ориёнвайҷ", яъне макони зисти қавмҳои ориёиҳо тахмин кардан мумкин аст.

Дар ҳақиқат, сарчашмаҳои таърихи шаҳодат медиҳанд, ки водиҳои Вахш, Кофарниҳону Панҷ, яке аз масканҳои одам аз давраҳои пайдоиши он мебошад. Таърихи тамаддуни ин сарзамин хеле қадиму бой буда, татқиқотҳои тӯлониро тақоза мекунад. Инак, бо шарофати истиқлолият имконияте пайдо шуд, ки муҳаққиқони тоҷик таърих ва тамаддуни ҳар як қисмати онро возеҳ созанд.

Вахшонзамин яке аз қисмати Хатлонзамини бостонӣ ба шумор рафта, дар рушди тамаддуни башарӣ мақоми беназир дорад.

Вожаи "Хуттал" ё "Хуталон" маънои мамлакати човандоз, аспсавор, найзазану далерро дорад. Дар ҳақиқат, он замонҳо аспҳои хатли шухрати зиёде доштанд. Аспҳои имрӯзаи зоти қарабоҳирӣ, лақаӣ, ахалтекинӣ, йомудӣ, қирғизӣ ва ғайраҳо дар асоси аспҳои қадимаи бохтарию хатли ба вуҷуд омадааст.

Мардуми Хатлонзамин бо мардуми дигари ориёии Осиёи Маркази ҳамтақдир буда, сарзамин, забон, фарҳанг ва билохира тамаддуни муштарак доштанд. Хатлониён бо мардуми дигари минтақа бар зидди душманони аҷнабӣ мардонавор мубориза бурданд ва дар таърихи садсолаҳо қавмҳои ориёнажод мавқеи хоса ва ҷойи муносиб пайдо карданд.

Мувофиқи маълумоти олимони таърихшинос дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 2 ҳазор ёдгориҳои бостоншиносию меъморӣ мавҷуд буда, аз онҳо қариб 1200 ададашон дар қайди давлат мебошанд. Беш аз нисфи ин ёдгориҳо дар ҳудуди Хатлон воқеъ аст. Ин ёдгориҳо нишонаи таърих ва тамаддуни ин сарзамин буда, омӯхта

[2] Деҳаи Ҳулбек дар наздикии деҳаи Чуқураки собиқ колхози ба номи В.И.Ленини ноҳияи Восеъ воқеъ аст. Ин маконро «Таги ҷар» низ мегӯянд. Инак бостоншиносон дар наздикии ин деҳа нишонаҳои пойтахти Хуталони бостониро дарёфт намуданд (Соли 2012 ҳафриётро аз нав огоз карданд).

таҳлил намудани ҳар яки он чун сарчашмаи беназир барои таърихнависон хизмат мекунад. Мутаассифона, то ҳанӯз на ҳамаи ин ёдгориҳо амиқ, аз нуқтаи назари илмӣ таҳлили худро ёфтааст. Аз ин рӯ, дар атрофи ин ёдгориҳо баъзан ривоятҳои бофтаро дидан мумкин аст. Яъне як ривоятро ба якчанд ёдгориҳо пайваст карда, таърихи ҳақиқии ин ёдгориҳоро ба нестӣ мебаранд. Масалан, дар бораи Золи Зар ривоят дар мавзеъҳои Фархор, Данғара ва Ҷалолиддини Румӣ (Колхозобод) ва дар дохили қалъаи Ҳисор низ мавҷуд аст. Маскани Зайналобиддин дар Тоҷикистон, дар Ироқ, дар Хуросон, дар Озарбойҷон, дар Туркия мавҷуд аст. Албатта, ин дар натиҷаи фирорӣ шудани одамон ба вуҷуд меояд, яъне номи деҳаи хешро ба ҷойи сукунаташон мемонанд. Масалан, Виёниёни Сарихосор дар водии Вахш мавзеи Виёнро пайдо карданд. Ургутиҳо «Маҳаллаи ургут» ро пайдо карданд ва хоказо. Ёдгориҳо низ бо чунин қоидаи ҳаёт ҷойи аслии хешро гум кардааст.

Дуруст аст, ки дар замони шӯравӣ барои омӯзиши ин ёдгориҳо ва равшанӣ андохтан ба ҳақиқати таърихии онҳо корҳои зиёде ба сомон расонида буд. Аммо омузиши онҳо то имрӯз ба охир расонида нашудааст.

Тоҷикистони кунунӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи нави рушду нумӯи хеш ворид гашт. Имрӯз мо бояд таърих ва тамаддуни мардуми худро бештару амиқтар омӯхта, ҳакиқати таърихиро возеҳ созему, дастовардҳои таърихии онро барои наслҳои оянда дастрас намоем, зеро донистани таърихи худ бароиояндабинии тақдири халқ муҳим аст. Аз ин рӯ, Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таҷлили ҷашнҳои таърихии шаҳрҳои бостонии мамлакат ва симоҳои барҷастаи халқ эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда истодааст. Ин чорабиниҳо ҳамчун омили муҳиме барои таҳкими хештаншиносии мардум ба шумор рафта, барои эҳёи тамаддуни халқамон ва ибрат гирифтани аз гузаштагонамон, инчунин дар рӯҳи ватанпарастӣ тарбия намудани наслҳои имрузаю фардо нақши бузург хоҳанд бозид.

Ин таърихнома бо мақсаде таълиф шудааст, ки хонанда сарнавишти ба худ хоси ин кишварро, таърихи бою рангини он, ки то рӯзҳои мо саҳифаҳои ноомӯхта зиёде доштанд, ошно гардад. Инчунин ёдгориҳои сершуморе, ки дар ин минтақаи Тоҷикистон мавҷуд буданд, дар атрофи онҳо ривоятҳои гуногун роич аст маълумотҳои амиқ пайдо хоҳанд кард.

Дар ҳақиқат, Вахшонзамини бостонӣ таърихи бою ғанӣ дошта, он ба қаъри асрҳо мерасад. Вале таърих ва тамаддуни ин кишвар то ҳол ҳаматарафа бо тамоми чабҳаҳои ҳаёташ омӯхта нашудааст. *Водии Вахш ба ҳудуди яке аз нахустдавлатҳои ориёии Бохтар дохил буда, дар аҳди қадим ҳамчун як диёри ободу сарсабз машҳур буд.*

Маълумотҳои нахустини хаттӣ оид ба ин *кишвар, дар китоби муқаддаси дини Зардушт "Авесто", дар бораи минтақаи "Ориёнвайҷ" маълумот медиҳад, шояд ин "Айваҷ"и ин мамлакат бошад. Дар "Ҳудуд- ул- олам" дар бораи шаҳрҳои бузурги водӣ - "Ҳалевард", "Леваканд" хабар медиҳад, ки ин ба вилояти Хуттал шомил будааст.* Инчунин асари чуғрофии бо забони арабӣ навишташудаи Ибни Хурдодбеҳ бо унвони "Китоб оиди роҳҳову давлатҳо», мебошад, ки он солҳои 846 - 885 навишта шудааст. Дар он муаллиф муфассал дар бораи таърихи Хатлон баён намекунад. Вале се ҳикояи китоби мазкур ба Хатлон бахшида шудааст, ки дар онҳо мо оид ба шароити чуғрофии ин кишвар, боигариҳои табиӣ, хусусан тиллокори, оид ба аспҳои зоти хатлӣ маълумотҳо мегирем. Масалан, роҳҳои кӯҳсоре, ки сайёҳону савдогарон бо ёрдами одамони маҳалли аз ағбаҳои душворгузар бо роҳҳои тангу борики кӯҳӣ бо азобу машаққатҳо мегузаштанду, ба сӯйи Чину Ҳинд мерафтанд. Сайёҳону савдогарон баъди гузаштани ағбаҳо ба водии дарёи Панҷ дохил мешаванд, бо шутурҳо дарёро убур карда ба сӯйи мамолики Машриқ мераванд, хабар медиҳад муаллиф дар асараш. Дар ин асар дар баробари аспҳои тездави хатли, оид ба ҳавзи афсонавии Нозкӯл ва аспи обии афсонавӣ низ нақл мекунад. Як хел тадқтқотчиён Нозкулро ба кӯли Қайнари ҳозира нисбат медиҳанд, ки шояд дуруст бошад.

Чунин баёни сарзамини Хуталонро дар асарҳои ал -Истахрӣ, ал- Макдисӣ, ат -Табарӣ, ал- Балазурӣ низ мебинем. Инчунин дар таърихи сулолаҳои Чин ва хотираҳои сайёҳони ҳамон давра маълумотҳои ҳеле аҷоиб низ пайдо мекунем.

Ҷойи намоёнро дар кори мазкур заҳмати бостоншиносони ватанӣ ишғол мекунанд, ки таърихи зиёда аз 5 ҳазорсолаи ин куҳандиёрро таҷассум менамоянд.

Барои возеҳ намудани таърих ва тамаддуни ин кишвар бостоншиносон: Окладников П.Н., Якубовский АК.Ю., Дяконов М.М., ЛитвинскийБ.А., Давидович Е.А, Ранов В.А., Пичикян И.Р., Хмелнитский А.М., Беленитский А.М., Амосов А.Г., Зеймал Т.И.Соловев В.С. Пьянкова С. Л.Т.,Пянков И.В.,Гулямова Э.Г.Ставитский Б.Я. Неъматов .Н., Семенов Г.Л., Якубов Ю., Салтовская Е.Д., Распопова В.И., Смоличев П.И.Исомиддинов М.Х.Седов А В.,Пчикян И.Р..,Филимонова Т.Г.Бубнова М.А., Виноградова Н.М., Кутимов Ю.Г., Ломбардо Д., Тойфер., Азизов М., Нечвалода А.И.Ахметзянов М.Р. Худжагелдиев Т.У., Маршак В.И., Бабаев А.Д., Кияткtна Т.П.Сарианиди В.И.Атаханов Т.М., МасловИ.А., Бобомуллоев С.,Муҳиддинов Х.Ю., Довуди Д., Каримова Г.Р., Абдуллоев А.Л.Пулатов У.П., Денисов Е.П., Юркевич Э.Д., РтвеладзеЭ.В., Жуков В.А., Юсупов А.Х., Шкода В.Г.Қурбанов Ш.Ф. ва дигарон корҳои хеле назаррасро ба амал овардаанд. Онҳо бевосита дар ин минтақа кофтуковҳои бостоншиносӣ бурда, кашфиётҳои беназирро ба илми таърихи кишварамон дохил намуданд. Натиҷаҳои тадқиқотҳои хешро онҳо дар шакли китоб ва мақолаҳои илмӣ таълифо намуда, рисолаҳои номзадию докторӣ низ дифо карданд, ки дар онҳо оид ба таърих ва тамаддуни Вахшонзамин маводҳои пурқимат хеле бисёранд.

Масалан, А.М.Беленитский дар асараш "Очерки таърихи чуғрофии Хатлон аз давраҳои қадим то асри X" (1950), оид ба воқеаҳои таърихии Хуталони бостонӣ маълумотҳои хеле аҷоибро гирд овардааст. "Культы и ритуалы кушанской Бактрии" (Б.А.Литвинский, А.В.Седов, 1984), "Средневековая культура Тохаристана" (Б.А.Литвинский, В.С. Соловьёв, 1985), "Таърихи мухтасари Хатлон" (М.Азизов, 1994), "Хулбук столица Хуталя" (Э.Гулямова. 1959), «Осиёи Миёна дар номаҳои бостон» (И.П.Пянков, 1991.) «Палео-антропология западных районов Центральной Азии эпохи бронзы», (Т.П. Кияткина, 1987» низ ба силсилаи чунин асарҳо дохил мешаванд. Дар ин асарҳои бостоншиносон маълумоти зиёде оид ба таърихи Осиёи Миёна ва инчунин Хуталон пайдо мекунем. Онҳо таърихи дар қаъри замин ниҳон бударо бо сарчашмаҳои хаттӣ муқоиса намуда, хулосаҳои хешро ба хонандагон пешниход мекунанд.

10.Лучин В.О. Конституционные институты // Современный конституционализм. - М., 1990. - С. 35.

**КОНСТИТУЦИОННЫЕ ГАРАНТИИ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА**

В статье анализированы некоторые права, свободы и обязанности человека и гражданина, которые отражены в Конституции страны и над другими нормативное законодательство защиты, которое создано соответствующие правовые механизмы. Подчеркивается, что закрепленные в Конституции страны права и свободы человека имеют фундаментальный характер и высшую ценность.

**Ключевые слова:** человек, конституция, права, свободы, закрепление, защита, механизмы.

**CONSTITUTIONAL GUARANTEES OF PROTECTION OF THE RIGHTS AND FREEDOMS OF THE PERSON AND CITIZEN**

In article some rights, freedoms and duties of the person and the citizen which are reflected in the Constitution of the country and over others standard the legislation of protection which the corresponding legal mechanisms are created are analyzed. It is emphasized that the countries of the right fixed in the Constitution and freedoms of the person have fundamental character and higher than a value.

**Key words:** person, constitution, rights, freedoms, fixing, protection, mechanisms.

**Сведения об авторе:** ***К.Саиданваров*** - соискатель ТНУ. Телефон: **985-55-85-97** **Kurbon1985tj@mail.ru**

# ОИДИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ НАФАҚАИ ҲАМСАР ДАР ҲУҚУҚИ ЭРОН

*Баҳманӣ Носири*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Таърифи нафақаи ҳамсар:** Ба маънои он чи бахшиш кунанд ва ё сарфи харҷи майишати аёл ва фарзандон намоянд ва ба маънои дигар, рафъи ниёзҳои молии зан ва харҷи зиндагии хонаводаро нафақа гӯянд [1].

Дар қонуни мадании Эрон моддаи 1107 нафақа ба шарҳи зер таъриф шудааст: Нафақа иборат аст, аз ҳамаи ниёзҳои мутаориф ва мутаносиб бо вазъияти зан аз қабили маскан, либос, хӯрок, асоси манзил, маблағи беморӣ ва беҳдоштӣ ва ходим дар сурати одат, ё эҳтиёҷ ба воситаи нуқсон ё мараз (ислоҳии мусаввави 19.08.-1381).

Ёдовар шуд (маълум гардид) ҳамон тавре ки мулоҳиза мегардад, дар моддаи дар боло зикршуда, таърифе аз нафақа ба амал наомадааст ва танҳо ба бандҳои нафақа ишора шудааст. Аммо яке аз устодони илми ҳуқуқ таърифи комиле аз нафақаро овардааст, ки ба ин шарҳ мебошад: Нафақа аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ иборат аст аз таъмини харҷи зарурии худ ё афроде, ки таҳти такаффули (дастгирӣ ё ёрдампулӣ) шахс буда ва шахс қонунан иҷборан ба риоят ва пардохти он бошад [2]. Маънои истилоҳии нафақа иборат аст аз чизе, ки зан барои маишат ба он ниёзманд аст, монанди таом, либос, маскан ва он чи миёни мардум мутаориф мебошад [3].

Нафақаи зан болотар бар нафақаи хешовандон аст. Ба ин маънӣ, ки агар касе тавоноии молӣ надошта бошад, ки ҳам ба зан ва ҳам ба хешовандони худ нафақа диҳад, нафақаи зан бар нафақаи хешовандон болотар мебошад. Нафақаи зан вобаста ба камбағал ва ё тавоноии шавҳар нест, ба ин маънӣ, ки зан агар чи сарватманд бошад метавонад аз шавҳар дархости нафақа намояд. Вале дар нафақаи хешовандон тавоноии як тараф ва надоштани тавоноии тарафи дигар вобаста аст. Зан метавонад нафақаи пардохтнашудаи худро бигирад ва барои гирифтани он дар додгоҳ аризаи даъвогӣ намояд, дар ҳоле ки хешовандон фақат нисбат ба оянда метавонанд дархости нафақа намоянд. Нафақаи завҷа як вазифа аст ва дар ҳуқуқи Эрон зан ҳеҷ гоҳ ба додани нафақа ба шавҳари худ нест, дар ҳоле  ки нафақаи хешовандон як вазифаи тарафайн аст. Дархости зан бобати нафақа, як дархости олӣ аст ва дар сурати муфлис ё фавти шавҳар ва надоштани кифоягии амволи ӯ барои пардохти қарздорӣ, аз ҳамаи қарздориҳо болотар хоҳад буд. Лекин барои хешовандон чунин нест, магар барои нафақаи фарзандон [4].

Шароити нафақаи завҷа: 1) вуҷуди ақди никоҳи доимӣ; 2) итоати завҷа.

Бинобар ин, тавоноии молии завҷа нақше дар нафақаи завҷа  надошта ва ҳатто агар завҷа сарватманд буда ва ниёзе ба пардохти нафақа аз ҷониба шавҳар надошта бошад, боз ҳам воҷибул нафақа аст. Ба ҳамин далел метавонад нафақаи пардохтнашударо аз шавҳар дархост намояд ва нафақаи пардохтнашуда монанди қарз аст, ки бар уҳдаи шавҳар қарор гирифта ва то пардохти он бадеҳкори завҷа хоҳад монд. Бархе эътиқод доранд, агар зан ба кор муддате аз шабонарӯзро берун аз манзил бигзаронад, набояд нафақаи комил ба вай тааллуқ гирад ва ҳатто вай бояд уҳдадори пардохти қисмате аз нафақа ва харҷи хонавода бошад. Аз ҷумла, доктор Алии Шариф бо ҷонибдорӣ аз ин диққати назар чунин баён медорад: Сарфи назар аз далеле, ки уламои илмиличтимоъ ва муҳаққиқин барои поя ва асоси иҷбори бахшиш мутазаккир шуданд. Ба ақидаи <u>нигоранда,</u> аз назари ақлӣ ва мантиқӣ  ва бо таваҷҷуҳ ба вазъияти иҷтимоии зан эҷоб мекунад, ки мард мутакафили харҷи зарурии зан бошад. Вобаста ба ин, ки зан зимни омода шудан ба вазифаи завҷият комилан худро дар ихтиёри мард қарор диҳад ва шахсан даромаде надошта бошад. Ҳатто агар зан дар шабонарӯз муддате аз вақтҳо зиндагии занушӯиро, ки боиси дар хона ба умури марбут ба хонадорӣ ва парвариши фарзандон сарф кунад, ба кори дар муассисоти миллӣ ё давлатӣ ба манзури таҳсил маош ва даромад сарф намояд, набояд мутавақии бахшиши комил аз шавҳари худ бошад, балки барои таъмини ниёзҳои худ ва фарзандон, агар вазъияти шавҳар иқтизо кунад, боиси пардохти самъе аз нафақаро ҳам ба уҳда бигирад. Перомуни назари зикршуда бояд гуфт, аз он ҷое, ки Ислом занро бе ҳеҷ қайде воҷиби нафақа донистааст ва асоси иҷбори шавҳар ба бахшиш, ақди никоҳ буда ва ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба ин, ки тибқи моводи қонунии 1105 ва 1117 Қонуни маданӣ роҳбари хонавода шавҳар буда ва ӯ метавонад зани худро аз

кор, ки масъалаи хонавода ё обрӯи худ ва завҷа бошад, манъ намояд. Ҳар гоҳ шавҳар ба кори завҷа мувофиқат намояд, ин ба маънои аз байн бурдани ҳаққи нафақа аз зан набуда ва мутобиқи моддаи 1118 Қонуни маданӣ зан метавонад мустақилона дар дороии худ ҳар тасарруферо, ки мехоҳад бинамояд [5]. Руҳуллоҳ Хумайнӣ дар таъйиди назари зикршуда дар «Таҳрирулвасила» чунин мефармояд. Дар ҳаққи зан бар нафақа, ниёзманд ва эҳтиёҷаш вобаста намебошад, пас зан барои шавҳар ҳаққи нафақа дорад, агарчи бениёзтарин мардум бошад [6]. Нуқтаи қобили баҳс ин аст, ки тибқи қонун ва шаръ таклифи мард ба додани нафақа, вобаста ба итоати зан аз шавҳар аст ва ин масъаларо моддаи 1108 қонуни маданӣ шарҳ намудааст: ба ин маънӣ, ки зани нофармон мустаҳаққи нафақа намебошад. Дар фаҳми маънои нофармонӣ бояд ба маънои итоат муроҷеҳ намуд. Нофармонӣ дар асл ба маънои иртифоҳ ва баланд шудан аст ва шаръан ба маънии хуруҷ аз тоъат, яъне берун рафтани яке аз зану шавҳар аз доираи фармон ва итоати дигаре мебошад [7]. Албатта, миёни набудани итоат ва нофармонӣ тафовут аст, набуди итоат гоҳе ба иллати монеаҳо аст на ба мухолифат завҷа, ки дар ин сурат ин набуди итоат, нофармонӣ маҳсуб намешавад. Ҳол он ки нофармонӣ иборат аст аз ин, ки завҷа дар хусуси итоат ва фармонбардорӣ бо шавҳар мухолифат намояд. Бинобар ин, итоати комил дар муқобили нофармонӣ қарор дорад, бояд ончунон бошад, ки таҷовуз дар ҳар замон ва ҳар макон ҷоиз буда ва ҳамчунон, ки соҳиби ҷавоҳир дар таърифи ин ҷумла фармудаанд, ин итоат бояд ба сурате бошад, ки набудани нофармонӣ бидуни ҳеҷ хилофе таҳаққуқ ёбад ва дар ин сурат дар муътабар будани нафақаи завҷа бар шавҳар ҳеҷ нақле хилофи дида нашудааст. Албатта, дар сурати тавоноии шавҳар ҳамчуноне, ки Худованд таҷовузро бар шавҳар ҳалол гардонид, ба ҳамин тартиб бахшиш бар завҷаро воҷиб гардонидааст [8].

Дар таърифи итоат бояд ба ду маънои оммавӣ ва хусусиро дар назар дошт. Маънои хусусии итоат иборат аст, итоат аз ниёзҳои ғароизӣ (ҷинсӣ) мард аз ҷониби зан аст. Ва маънои оммавӣ дар кулли масъалаи зиндагӣ, завҷаро таклиф ба пайравӣ аз иродаи шавҳар донистааст. Нофармонӣ бар зидди итоат аст, яъне хуруҷ аз итоати шавҳар, чӣ дар таҷовуз ва чӣ дар ғайри он [9], монанди машғул ба коре, ки мухолиф бо обрӯи хонаводагӣ бошад ва ё берун рафтан аз манзил бидуни иҷозаи шавҳар. Қобили зикр аст, ки имтиноъ аз вазоифи завҷият чӣ аз ҷониби шавҳар ва чӣ аз ҷониби завҷа нофармонӣ номида мешавад [10]. Аммо он чи дар моддаи 1108 қонуни маданӣ ба унвони сабаби заволи ҳаққи нафақа омадааст, нофармонии завҷа дар муқобили шавҳар мебошад.

Дар чунин мавридҳо уҳдадории таъмини нафақаи завҷа аз байн меравад:

1. **Нофармонӣ** ба маънои саркашӣ аст. Ҳангоме, ки зан аз вазифаи хеш дар баробари шавҳар нофармонӣ кунад, ҳаққи нафақаи ӯ аз байн меравад. Ҷаъфари Содиқ ба нақл аз Паёмбари ислом мефармоянд. Ҳар зане, ки бидуни иҷозаи шавҳар аз манзил хориҷ шавад, сазовори нафақа нест, то ин ки боз гардад [11].
2. **Завҷаи сағира:** Дар сурате, ки итоат вобаста ба додани нафақа бошад, на ин ки нофармони монеи он, мусалламан дар мавриди завҷаи сағира итоати ҷинсӣ мунтафӣ буда ва нафақа воҷиб нахоҳад буд. Дар муқобил касоне, ки нофармониро монеи воҷиби нафақа медонанд, нафақаи завҷаи сағираро воҷиб медонанд.
3. **Шавҳари сағира ва завҷаи кабира:** Иддае аз олимон, аз ҷумла Шайх Тӯсӣ муътақиданд, агар сарпараст фарди ноболиғ барои ӯ зани болиғеро ақд кунад, чун писари ноболиғ тавоноии таҷовуз бо ӯро надорад, додани нафақа аз вай соқит аст [12].
4. **Завҷаи ғайримусалмон:** Агар зан ғайримусалмон шавад, нафақаи вай соқит мешавад ва чунончи тавба кард дарҳол нафақааш воҷиб мешавад [13].

Замонати иҷрои надоштани пардохтани нафақа аз тарафи шавҳар. Қонуни маданӣ ва муҷозоти Эрон ба манзури дарёфти нафақаи завҷа замонатҳои ҳуқуқӣ ва муҷозотиро дар назар гирифтааст, ки ба шарҳи зер мебошад:

1. Қонуни маданӣ дар моводи 1129, 1112 ва 1111 ба замонати иҷроии маданӣ ишора намудааст. Ҳамчунин дар банди 2-и моддаи 8-и Қонуни "Ҳимояти хонавода" (мусаввави 15-и баҳманмоҳи 1353) ишора шудааст: «Худдории шавҳар аз додани нафақаи зан ва набудани имкони иҷбори ӯ ба пардохти нафақа ҳамчунин дар мавриде, ки шавҳар соири ҳуқуқи воҷибаи занро вафо накунад ва иҷбори ӯ ба пардохте ҳам мумкин набошад». Лозим ба зикр аст, ки дар моддаи 1111-и Қонуни

мадании Эрон омадааст: «Зан метавонад дар сурати худдории шавҳар аз додани нафақа ба маҳкама мурочиат кунад, ки дар ин сурат маҳкама мизони нафақаро муайян ба шавҳарро ба додани нафақа маҳкум хоҳад кард». Ва низ дар моддаи 1129-и Қонуни маданӣ омадааст: «Дар сурати худдории шавҳар аз додани нафақа ба набудани имкони иҷрои ҳукми маҳкама ва иҷбори ӯ ба додани нафақаи зан метавонад барои талоқ ба ҳоким мурочиат кунад ва ҳоким шавҳарро иҷбор ба талоқ менамояд, ҳамчунин аст дар сурати нотавон будани шавҳар аз додани нафақа. Илова бар ин, дар моддаи 1112-и Қонуни маданӣ омадааст, ки (агар иҷрои ҳукми зикршуда дар моддаи қабл мумкин набошад, мутобиқи моддаи 1129-и Қонуни маданӣ рафтор хоҳад шуд. Бо таваҷҷуҳ ба моводи қонунии зикршуда ва дигар замонатҳои иҷроии маданӣ набуди пардохти нафақаро ба ду қисми баробар тақсим менамоем.

-завҷа метавонад бо мурочиат ба мурочиати амниятӣ (додгоҳи хонавода) иҷбори шавҳарро ба пардохти нафақа бихоҳад;

- дар сурати набудани имкони иҷбори шавҳар ба пардохти нафақа завҷа метавонад ҷиҳати судури ҳукми талоқ ба ҳоким мурочиат намояд [14].

2. **Замонати иҷрои муҷозотӣ:** Моддаи 22-и Қонуни «Ҳимояти хонавода» барои шавҳаре, ки аз пардохти нафақа худдорӣ мекунад, муҷозоти ҳабс аз 3-моҳ то 1-сол дар назар гирифта шуда буд. Ин модда ба муҷиби моддаи 642-и Қонуни «Муҷозоти исломӣ» хориҷ шуд. Дар моддаи 642-и Қонуни «муҷозоти исломӣ» даст кашидани нафақаи завҷа ҳабс эълон шудааст. Ин модда баён мекунад, ҳар кас бо доштани тавоноии молӣ нафақаи зани худро дар сурати итоат надиҳад, ё аз пардохти нафақаи хешовандон худдорӣ намояд, додгоҳ ӯро аз 3-моҳу 1-рӯз то 5-моҳ маҳкум менамояд. Яке аз ҳуқуқдонон дар робита ба моддаи 642-и Қонуни «муҷозоти исломӣ» менависад: «Аз зоҳири модда ба хубӣ пайдо аст, ки кайфари муҷозот дар мавриди шавҳаре иҷро мешавад, ки нафақаи ояндаи зани худро надиҳад». Пас агар марде бобати нафақаи пардохтнашуда маблағе ба зани худ қарздор бошад, вале махориҷи зарурии ӯ дар оянда таъмин кунад, шомили ҳукми моддаи 642-и Қонуни маданӣ нест. Дар ин ҳолат зан фақат метавонад барои гирифтани талаби худ ба додгоҳи маданӣ мурочеат кунад [15]. Бархе аз олимон низ барои худдории шавҳар аз нафақа, муҷозот дар назар гирифтаанд, агар мард худдорӣ намояд, ҳоким ба ташхиси худ ӯро муҷозот намояд. Ба назар мерасад, ихтилофи муҷозоти ҳабс бо шиканҷа (дар қонун калимаи шиканҷа нест). Дар ду қонуни зикршуда, бардошти мухталиф аз мафҳуми муҷозот дар фиқҳи исломӣ аст, ки мутобиқи бардошти охир дар қонуни «муҷозоти исломӣ» ба ҳабс табдил шудааст[16].

Нафақа як амри ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аст ва бинобар боварҳои мухталифи иҷтимоӣ, дорои аҳамият ва арзиши мутафовит мебошад. Ҷомеаи мо ки як ҷомеаи исломӣ аст ва мардуми он мусалмон мебошанд, ба ин мавзӯъ (нафақа) аҳамият ва арзиши хосе қоил ҳастанд ва аз ҷойгоҳи хубе дар назди мардум бархурдор мебошанд. Қонуни мадании Эрон моддаи 1107 ин гунна таъриф кардааст, ки нафақа иборат аст аз ҳамаи ниёзҳои мутаориф ва мутаносиб бо вазъияти зан аз қабили маскан, либос, хӯрок, асоси манзил, ҳазинаҳои беморӣ, беҳдоштӣ ва ходим. Дар сурати одат ё эҳтиёҷ ба воситаи нуқсон ё мараз (ислоҳии мусаввави 19-и 8-и 1381). Бо инoят бо қоидаҳо ва муқаррарот, низ қонуни маданӣ, мардон пас аз никоҳ ба як силсила тааҳҳудоте, ки иҷро ва таҳмили он бар мард воҷиб аст, пойбанд мешаванд. Ҳаққи зан, мардро мукаллаф месозад, то ҳуқуқи молӣ ва ғайримолии занро риоят намояд. Нафақа, ки аз ҷумла ҳуқуқи молии зан маҳсуб мешавад, аз ҷойгоҳи хубе дар низоми ҳуқуқии Эрон бархурдор аст, то он ҷо ки болотар бар нафақаи хешовандон мебошад. Бинобар ин, шавҳар бояд онро мутобиқи қонунгузории кишвар муҳтарам шуморида ва аз анҷоми он ба ҳеҷ унвон худдорӣ накунад.

## АДАБИЁТ


**1.** Нафақа ва наҳваи тарҳи дуовии ҳуқуқӣ ва ҷазоии мутолибаи меҳрия муваррихии 21.10.1388с. http://hooghooghi.mihanblog.com

**2.** Нурӣ Ризо. Никоҳи хонавода, ҳуқуқи хонавода дар ҳуқуқи маданӣ. -Теҳрон: Пожанг.137, -С. 64.

**3.** Мусавии Буҷнурдӣ Сайидмуҳаммад. Андешаҳои ҳуқуқии як ҳуқуқи хонавода. -Теҳрон: Маҷд. 1386, -С. 295.

**4.** Сафоӣ Асадулло ва Имоми Сайидҳусейн. Ҳуқуқи хонавода. Ҷ. 1. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон. 1380.Чопи 8-ум, -С.353-354.

**5.** Мусави Ҳумайнӣ. Таҳрир-ал-Васила. Ҷ. 3. Масъалаи 19. Муассисаи Дорулилми Қум. 1375, -С. 596.

**6.** Ҷобирӣ Араблу Мӯҳсин. Фарҳанги истилоҳоти фиқҳи исломӣ. –Теҳрон: Амир Кабир. 1362, -С.173.
**7.** Ал-Муҳаққиқ ал-Ҳиллӣ. Шарое-ал Ислом. Ҷ.2. -Бейрут: Доруллзавоҳ. 1403,-С.347.
**8.** Муҳаққиқи Қумӣ. Ҷомеъ-ал-шитод. Ҷ. 4. –Теҳрон: Кайҳон, -С.461, 1413.
**9.** Ҷаъфарӣ Лангуруди Муҳаммадҷаъфар. Ҳуқуқи хонавода. –Теҳрон: Ганҷи дониш. 1368, -С.173.
**10.** Шариф Алӣ. Нафақа ва итоат дар ҳуқуқи хонавода. –Биҷо: Башорат. 1376, -С.26.
**11.** Шайхи Ҳурри Омилӣ. Васоил-ал-шие. Ҷ. 15. ал Никоҳ- Абвоб ал нафақот. Бейрут. Дорулҳаё. 1393,- С.230.
**12.** Ал Муҳаммад ибни Ҳасан Аллома Ҳиллӣ. Изоҳ ал-вафоид. Ҷилди 13-ум. –Қум: Алматбаал илмия. 1387, -С.238.
13. Шайхи Баҳоӣ. Ҷомеъи Аббосӣ. с. 37. ва Руҳуллоҳи Ҳумайнӣ. Таҳрир-ал-Василе. Ҷ. 2. –Қум. Дорулилм. **1375, -**С.31**3.**
14. Шаҳроми Султонӣ ва Амир Ризои Содот Бориконӣ. Нафақа ва моҳияти ҳуқуқии он. Чопи дувум. –Теҳрон: Хурсандӣ. 1389, -С.79-80,
**15.** Носири Котузиён. Ҳуқуқи хонавода. –Теҳрон: Баҳмани Бурно. 1378, -С.191.
**16.** Муҳаммадҳасани Наҷафӣ. Бино ҷавоҳирул калом. Ҷ. 31. -Бейрут Дорулҳаё ал Тросул. 1393, -С.207.

**О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ СОДЕРЖАНИЯ СУПРУГИ**
**В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН**

Традиционно-исламское отношение к семье основывается на священных истоках – Коране и сунне. Вторгнуться в сферу шариатского регулирования семейных отношений – значит посягнуть на устои, освящаемые многовековой традицией, скрепляемые шариатским судопроизводством, ревностно поддерживаемые сословием мусульманских духовных лиц. Одним из неотъемлемых прав, которое исламский закон дарует женщинам, является право на содержание в постоянном браке. Это означает, что муж обязан обеспечивать свою жену всем. Содержание (нафака) — это не то же самое, что приданое, выплата которого является обязанностью жениха, а не невесты. Какой бы внушительной ни была сумма приданного, какие бы состояния ни включал в себя брачный дар, это никак не отменяет права жены на то, чтобы муж её полностью содержал. В данной статье автор рассматривает некоторые вопросы содержания супруги в законодательстве Исламской Республики Иран.

**Ключевые слова:** отношение к семье, регулирование семейных отношений, содержание супруги, права супругов, брак, алименты.

**ON SOME QUESTIONS OF THE MAINTENANCE OF THE SPOUSE**
**IN THE LEGISLATION OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN**

Traditionally-Islamic attitudes towards the family are based on the sacred roots - the Quran and Sunni. Invade the sphere of Shariat regulation of family relations means to encroach on foundations, sanctifies the centuries-old tradition, held together by the Shariat legal proceedings, zealously supported estate Muslim spiritual persons. One of the inalienable rights that Islamic law grants women the right to the content of the marriage is permanent. This means that the husband must provide for his wife all. Content is not the same thing as dowry, the payment of which is the responsibility of the bridegroom, not the bride. Whatever impressive was the amount of the dowry, which would not state nor included a marriage gift, it doesn't change the rights of the wife to her husband is fully contained. In this article the author considers some issues of spouses in the legislation of the Islamic Republic of Iran.

**Key words:** attitudes towards the family, regulation of family relations, the content of the spouses, the rights of spouses, marriage, and child support.

**Сведения об авторе:** ***Бахмани Носир*** – соискатель Таджикского национального университета

# НИГОҲЕ БАР САМТҲОИ ҲУҚУҚИИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНИКӢ

***Ғуломризо Гурзин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар рӯзгорони қадим, мардум барои бартараф сохтани ниёзҳои худ аз мубодилаи коло истифода мекарданд. Шеваҳои маъмулии ин гуна муомилот ба ин тартиб буд, ки  фарди колоӣ, мозод бар ниёзи худро бо колои мавриди ниёзи худ мубодила мекард. Мушкилоти ин гуна муомилот инсонро бар он дошт, то колое биофаранд, ки дар муқобили он ҳам ниёзҳои худро бароварда созад ва бозгири яке аз ивазайни муомила шавад. Ин эҳсос билқувва пас аз чанде ба рӯз, берунӣ ёфт ва сабаби пироиши колоӣ ба номи пул гардид, ки ин амр ба навбати худ ба вуҷуд омадани таҳвиле шигирфро дар тиҷорат навид медод.

Ҳамзамоне ин таҳвил бо ривоҷи андешаи асолати фард ва озодии ҳокимияти ирода, сабаби пайдошавии қарордодҳои тиҷорат ба шакли имрӯза гардид, аммо маниши фузуни талаб ва манфиати меҳвари инсон ба қарордодҳои катибӣ ирзо нашуд ва баъд аз он дере напоид, ки армуғони дунёи мудерн яъне тиҷорати

электрикӣ баъд аз ихтирои васоиле монанди телефон, дурнигор (факс Fax) ва ғайра аз даруни дунёи пурошуби тиҷорат сар баровард. Ҳамзамон, густариши ин тиҷорати навин ва тарҳи ҷаҳонисозии иқтисод ва пайвастани ҷавомеи мухталиф ба ин тарҳ ва низ густариши рӯзафзуни шабакаи ҷаҳонӣ –интирнет, ин тиҷорати навинро ба тиҷорати фаросистемавӣ мубаддал сохт ба тавре, ки имрӯз худро ба унвони амре иҷтинобнопазир дар матни зиндагии инсони имрӯз ҷо додаст, қарор гирифтанд дар даҳкадаҳои ҷаҳонӣ моро ногузир ба муҳаё намудани зерсохтҳои лозими тиҷорати электроникӣ месозад ва адами таваҷҷуҳ ба ин қонунмандиҳои навин дар оядаи начандон дур, фоҷиаомез хоҳад буд.

Яке аз мафоҳими тиҷорати электроникӣ ҳадафи марзҳо, гумрукҳо, воситаҳо ва табдил шудан ба як даҳкадаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар тиҷорати электроникӣ марзе вуҷуд надорад ва ҳеҷ фарқе намекунад, ки афрод аҷноси худро аз як мағоза дар наздикии маҳалли сукунат ва ё аз мағозае дар қораи дигар харидорӣ кунанд. Тиҷорати электроникӣ боиси афзоиши суръат ва бозоргонӣ гардида ва ба шакли махсусе, сабаби коҳиши ҳазинаи харидор ва тавлидкунанда, сарфаҷуйии замон, ҷазби бештар ҳадафи воситаҳо ва дар ниҳоят, суд бештар мешавад.

Дар ин тиҷорат фазои табиӣ ба фазои маҷозӣ табдил гашта ва афрод бидуни фарогирифтан дар маҳдудиятҳои замону макон бо имконоти пешрафтаи имрӯз муомилоти худро ба сурати электроникӣ анҷом диҳанд. Натиҷа он ки дар оянда муваҷҷеҳ бо тиҷорате хоҳем буд, ки равиш ва стандартҳои худро хоҳад дошт ва он омезае хоҳад буд, аз воқеъияти туҷҷорӣ, аҳкоми ҳуқуқӣ ва муқтизиёти фаннӣ. Бинобар ин, мо ба ҳеҷ ваҷҳе наметавонем бо ин падидаи нав зуҳури бархурди инфиъолӣ дошта бошем, ки мӯҷиби вуруди хисороти ҷуброннопазире ба иқтисоди кишвар мешавад. Ин дағдаҳо ва табаоти ин тиҷорати навин моро бар он дошт, ки ба ковиши ҳуқуқӣ ҳолмаҳури ин мақолаи арзишманд бипардозем. Лизо дар ин мақола сайъ шудааст, ки дар ду банди кӯтоҳ ба баррасии муҳимтарин масъалаҳои матраҳ роҷеъ ба тиҷорати электроникӣ пардохта шавад.

**Банди 1. Таърифи ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ ва мабнои он –музоё ва мушкилоти тиҷорати электроникӣ дар низомҳои ҳуқуқӣ**. Гуфтори аввал: таърифи тиҷорати электроникӣ (E-Commerce): истифода аз компютерҳо як ё чанд шабака барои эҷод ва интиқоли иттилооти туҷҷорӣ, ки бештар бо харид ва фурӯши иттилоот, колоҳо ва хадамот аз тариқи интернет марбут мебошад. Рисолати тиҷорати электроникӣ пайрезӣ ва тақвияти равобити туҷҷорист. Ва инқилобест, ки дар ҳоли тағйири равишҳои тиҷорат, харид ва тағйири наҳваи тафаккури мост.

Ҳадаф аз бакоргирии тиҷорати электроникӣ, ироаи равишҳои ҷадид дар анҷоми умури бозоргонӣ аст. Ба воситаи ин равиш тоҷирон қодиранд, ки маҳсулот ва хадамоти худро ба шакли тамомвақт ва ба тамоми харидорон бар сартосари ҷаҳон, мустақил аз марзҳои ҷуғрофӣ ва миллиятҳо, арзакунанда дар ин сурат EDI ҳаҷми зиёди додаҳо ба сурати матн, график, ҳатто садо, бо суръат ва ҳазинаи кам аз як сомонаи роёнаро дар як нуқтаи замин ба нуқтаи дигар интиқол пайдо мекунад ва ба дин тартиб бистари муносибе барои мубодилаи паёмҳо, тасовиру аснод дар тиҷорати дохилӣ ва байналмилалӣ муҳаё месозад.

**Гуфтори дувум:**Таърифи ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ ҳуқуқест, ки нозир бар ҷараёни харид ва фурӯши байни тавлидкунанда ва масрафкунанда ё муомилаи байни ду масрафкунанда дар фазои электроникӣ сурат мегирад. Бинобар ин, ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ ба навъе усули марбут ба ташхиси марзи байни қонуни миллӣ ва байналмилалро аз байн бурда ва ваҳдати ҳуқуқиро, ки дар ҷаҳонӣ шудани ҳуқуқ аст, беш аз замони гузашта фароҳам мекунад.

**Гуфтори сеюм**:**Мабнои тиҷорати электроникӣ**: ҳамон тавре, ки дар муқаддима ишора шуд ҳамроҳ бо вуруди пул ба саҳнаи тиҷорат кам-кам қарордодҳо низ вориди ин саҳна гардид. Чи дар гузашта ва чи дар имрӯз расми мутадовил он аст, ки қарордодҳо ба сурати санади мактуб ба муроҷеъ зират ироа мегардад, ки ин вижагӣ аз назари қобилият баррасӣ дорад:

1. Аз назари исботи санад: ин вижагӣ нозир будан ё набудан дар олами хориҷа аст.
2. Аз назари интисоби санад: баъд аз ин ки вуҷуди санад исбот гардид, бояд мушаххас гардад, ки ин санад мутаалиқ ба кист, то аҳкоми нисбӣ будани қарордод роҷеъ ба он иҷро гардад.

Бинобар ин, он чи ки зикр шуд, чунончи қарордодеро дар олами ҳуқуқ дорои осори ҳуқуқӣ бидонем ҳам, бояд вуҷуд дошта бошад ва ҳам мунтасаб ба ашхоси маънӣ бошад. Ҳамин равия дар тиҷорати электроникӣ низ ҷорӣ ва сорӣ аст. Бо ин тафовит, ки дар тиҷорати электроникӣ санади навишта дар даст надорем, ва ҳар ҷо сухан аз асноди катибӣ меравад, паёми додае ё додапаём, ҷойгузини он мегардад ва аснод аз ҷойгоҳи қадимии худ, яъне қоғаз ба макони ҷадиди хеш яъне роёна (компютер) интиқол ёфтаанд. Имтиёзи асноди мазбур бойгонии саҳл ва содаи онҳо дар муҳити бисёр камҳаҷм аст. Метавон чанд ҷилд китобро дар як дискети нурии кӯчак ҷой дод, ба ва ҳамроҳ дошт. Илова бар ин суҳуллат ва суръати бозёбии онҳо арзиши фавқулода ба онҳо бахшида аст. Дар тайиди матлаби ёдшуда банди 9 моддаи 2, қонуни тиҷорати энектроникии Эрон чунин мегӯяд: «Паёми додашуда ба маънои иттилоотест, ки ба василаи амалиёти электроникӣ тавлид, дарёфт ва ё захира мегардад».

Дар натиҷа равшан аст, ки мабнои аслии ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ шиносоии паёмдодаҳост, чунки агар матлуби мо ҳамсони электроникӣ бо қарордоди катибӣ аст, бояд ҳуқуқи паёмдодаҳои умум аз тавлид, дарёфт ва ё захираро дар ҳар сомонаи электроникӣ ба расмият бишиносем, ки ин амр дар навбати худ ниёзманди таъбияи созкориҳои ҳуқуқӣ ва фаннӣ дар ин мақола аст.

**Гуфтори чорум: Музоё ва мушкилоти тиҷорати электроникӣ дар низомҳои ҳуқуқӣ:**

а). Музоё: Истифода аз тиҷорати электроникӣ, фавоиди бисёреро барои ҳуқуқдонон ва соири бозигарони бозор фароҳам меорад, ки муҳимтарини онҳо ба қарори зайл ҳастанд.

1. Афзоиши суръат бахусус дар амри судур, интиқоли аснод ва иттилооти туҷҷорӣ.
2. Коҳиши ҳазинаҳои туҷҷорӣ бахусус ҳазинаҳои анҷоми умури идорӣ ва ҳазинаҳои ношӣ аз рукуд мондан ва адами истифода аз пул дар бистари замон.
3. Афзоиши диққат, амният ва тазмин дар қарордодҳо ва коҳиши имкони вуқӯи тақаллуб ҷаъл, тақсир, иштибоҳ ва масоиле аз ин қабил, дар канори афзоиши диққати шеваҳои таҳотарӣ ва тасвияи ҳисоб.
4. Тасҳил дар густариши тиҷорат ва ҳаллу фасли масоили ҳуқуқи ва дар воқеъ айният бахшидан ба назарияи деҳкадаи ҷаҳонӣ, аз тариқи ривоҷи бозоргонӣ дар бистари фазои маҷозӣ.

**б). Мушкилот:** Дар канори музоёе, ки ба онҳо ишора шуд баҳрагирӣ аз фарноварии иттилоот, масоил ва мушкилотеро низ пешҳуқуқдонон қарор додаст,ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

1.Масъалаи амният ва ҳимоят аз муҳтавои шабака, додаҳо иттилооти туҷҷорӣ ва моликиятҳои фикрӣ ва дар пайи он мушкили асосии ҷароими компютерӣ.

2.Масъалаи риояти қоидаҳои марбут бо ҳуқуқи рақобат дар фазои маҷозӣ, бахусус қоидаи таблиғ ва масъалаи ҳимоят аз масрафкунандагон.

3.Масъалаи ташхиси қонуни ҳоким бар қарордод ва таъйини додгоҳи салоҳиятдор барои расидагӣ ба ихтилофот, ба дунболи инъиқоди қарордодҳои электроникӣ ва баҳрагирӣ аз шеваҳои диҷейтолӣ дар пардохт.

**Банди 2. Аркони муҳими ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ.**

**Гуфтори аввал: шартномаҳои электроникӣ**: қарнҳои мутамоист, ки башар уқуд ва худро аз тариқи асноди қоғазӣ ва ё соири равишҳои суннатӣ мунақид мекунад, яъне иштироки ду ё якчанд идора дар ба вуҷуд овардани амре, эътиборе ба номи ақд аст. Ва ҳамчунин, дар таърифи қарордод метавон гуфт, ки қарордод тавофиқест байни ашхоси ум аз ҳақиқӣ ва ҳуқуқӣ ба шарте, ки тарафайн аҳлияти инъиқоди қарордодро доро бошанд ва ба мӯҷиби қонун ҳимоят гардад. Бинобар ин, метавон натиҷа гирифт, ки ҳам дар ақд ва ҳам дар қарордод қасди иншо зарурист ва тарафайн бо эъҷобу қабул қасди худро ба рӯз медиҳанд. Ҳоло бо зуҳури фановариҳои навини иттилоот ва пешрафти воситаҳои иртиботӣ ин пурсиш матраҳ мешавад, ки оё метавон бо истифода аз аснод ва имзои электроникӣ қарордодеро мунъақид кард? Чӣ гуна метавон чунин имзоҳо ва аснодеро эҳроз ва асолати онҳоро исбот кард ва онҳоро пазируфт. Дар маҷмӯъ қарордодҳое, ки аз тариқи интернет ва воситаҳои ихтисосӣ (шабакаҳои баста) мунъақид мешаванд ба лиҳози шаклӣ ва ҳуввиятӣ аз чи арзиш ва эътиборе бархурдоранд?

Дар посух дар ин пурсишҳо бояд гуфт ҳар ақидаи мураккаб аз ду унсур эҷоб ва қабул аст. Бадин аъно тарафе, ки мехоҳад ақдро мунақид кунад, эҷобро анҷом медиҳад ва тарафи дигар онро қабул мекунад, ки ҳар кадом аз ин эҷоб ва қабули муштамал бар алфозест, ки далолат бар эҷод ва қабул мекунад. Он ҷо мусаллам он аст, ки дар таҳқиқи эҷоб ва қабул мумкин аст, қасди тарафайн хаттӣ ё шифоҳӣ, лафзӣ ё амалӣ ва ё ба тариқаи мудерн, яъне ба равиши электроникӣ иброз гардад. Эҷоб ва қабули электроникӣ боиси ба вуҷуд омадани қарордодҳои онлайн (on Line), дар арсаи ин фановарӣ гардидааст. Эҷоб ва қабули электроникӣ дар қарордодҳои Онлайн бадин сурат аст, ки фарди паёмдодаи худро ба сомонаи роёнавӣ мақсад ирсол медорад ва касе, ки дар мақсад аст аз эҷоби фард матлаъ мегардад. Муиди ин амр модаи 11 қонун намунаи юнестрол (Uncitral) роҷеъ ба ибороти электроникӣ аст, ки муқаррар медорад дар «бистару раванди инъиқоди қарордод,эҷобу қабулро метавон аз тариқи паёмдодаҳо иброз кард магар ин, ки тарафайн зилофи онро муқаррар карда бошанд».

Дар қарордодҳои Онлайн (on Line) ду ҳолат тасвир шудааст:

1. Дар ҳолати аввал фарди паёмдода худро ба мақсади хос ирсол медорад, барои намуна супориши колоеро ба фурӯшгоҳи хос медиҳад, дар он ҷо танҳо фурӯшгоҳ мавриди назар аст, ки бояд қабулро эълом кунад. Ва тааҳуди худро манӣ бар ирсоли коло ифо намояд дар ин ҷо эҷоб сареҳан мутаваҷеҳи ҳамон фурӯшгоҳи хос аст.

2. Дар ҳолати дуввум фард эҷоби худро мунҳасир ба шахс ё маҳалли хосе намекунад, балки шояд милионҳо нафарро мухотаби худ қарор медиҳад. Намунаи ин амр, парвандаи ҷанҷолӣ машҳур ба парвандаи Карлил аз Англия буд, ки хонда даъвии доруи зидди онфулуонзои сохта ва шарт карда буд, ки ҳар кас пас аз хӯрдани дору ба онфулуонзо дучор шавад ба ӯ 500 фунт хоҳанд дод. Фарде пас аз истеъмоти дору ба онфулуонзо мублато ва ба таъби он даъвое дар додгоҳ матраҳ ва хостори ғиромати 500 фунт шуд ва дар ниҳоят пас аз кашмакашиҳои фаровон қозие ба наъфхоҳон ройе содир кард. Бо ин истидлол, ки ин эҷоб, эҷоби ба ҳама ҷаҳониён буд ва мутааҳҳид бояд аз уҳдаи пардохти ғиромат барояд. Бинобар ин, бо иноят ба маротиби пешгуфта дар ҳоли ҳозир бештар низомҳои ҳуқуқӣ аз ҷумла Эрон дар бисёре аз қарордодҳо пазируфтаанд, ки ин аснод ва имзоҳо метавонанд, ҷойгузини асноди қоғазӣ ва имзоҳои воқеӣ шаванд. Ва инъиқоди қарордод аз тариқи эҷобу қабули электроникӣ ва пардохти муҷозо сурат гирад ва тарафайн метавонанд иблоғияҳо, иттилоот ва гузоришҳое роҷеъ ба қарордод аз тариқи фазои муҷозо радду бадал созанд ва тамоми ин аъмол аз арзиши ҳуқуқӣ истифода аз асноди қоғазӣ бархурдор хоҳанд шуд.

Дар поён ин мубоҳиса зикри ду нукта зарурӣ аст:

1. Аъмоли ҳаққи хайёр дар шартномаҳои электроникӣ аз ҳавзаҳоест, ки дар баҳси фишудаи мо низ намеғунҷад, аммо мухтасаран бояд ишора кард, ки аксар ҳуқуқдонон ақида ба адами таъсир ва нокоромадии баъзе аз хиёрот, аз ҷумла хиёри маҷлис дар тиҷорати электроникӣ мебошанд, зеро он чи, ки боиси аъмоли ин хаёл мегардад, низ мунтақӣ хоҳад буд.

2. Баҳси маҳсулияти маданӣ дар тиҷорати электроникӣ, ки кор басе ҷиддӣ дар ин замина металабад, чароки агар дар ирсоли додаҳо иштибоҳе сурат гирад ва ё роёна дучори мушкили нармафзорӣ гардад, мутмаинан ба тарафи муқобили хисорот (моддӣ ва маънавӣ) ворид меояд, ки дар ин фарз бо иноят ба масъулияти мубтанӣ бар тафсир, фарди мақсур бояд, аз уҳдаи хисороти воридаи умум аз моддӣ ва маънавӣ барояд. Бадеҳист, ки пешбинии замонати иҷро дар мафоди қарордод дар мавридҳои умумӣ аз аз тахти қарордод ва ё хисороти ворида боиси адами исботи тақсир аз сӯйи зиёндида аст.

**Гуфтори дуюм: Имзои электроникӣ.** Имзо ба маънои поён расонидан ё нофаз донистани амре дар олами хориҷ аст, имзо дар маънои мусталеҳ иборат аст аз навиштани ном ё номи хонаводагӣ ё аломати хосе, ки ҳуввияти соҳиби аломат аст ва дар зайли асноду аврок (оддӣ ва расмӣ) мунтазаман вуқӯи муомила -ончи дар мавриди имзо гуфта шуд мушаххас мегардад, ки ҳеҷ санаде дар илми ҳуқуқ эътибор надорад, магар ин ки дорои аломате бошад. Он чи дар мавриди аҳде, ки имзо дар зайли навиштаҳо дунбол мекунад метавон, ба аҳдофе монанди расмият ёфтани аснод тойиди аснод ва қатъият ёфтани аснод ишора кард, ки бисёре ҳуқуқдонон бар ин

аҳдоф саҳеҳ гузоштаанд. Имзои фориғ аз аҳдофи зикршуда мубайян қасди иншои фард дар инъиқоди қарордод аст. Ба тавре, ки агар санаде имзо нагардад дар ҳақиқат фард қасди вуҷуд овардани онро надошта ва қарордод мунтафӣ мегардад. Он чи то ба ҳол гуфтем, роҷеъ ба вижагиҳои муқаррароти ҳоким бар асноди катибӣ буд. Лизо мо ки адъои ҳамсонии санади электроникӣ бо санади катибиро дорем қаҳран бояд имзои электроникиро ҳам монанди имзои катибӣ ҷузъи шароити саҳти ҳуқуқии санади электроникӣ ба ҳисоб оварем. Бар ин асос қонуни тиҷорати электроники Эрон, имзои электроникиро ба расмият шинохтааст.

Албатта, ин нуктаро ҳам бояд дар назар дошт, ки имзо ҳатман нодир ба шакл ё аломати хосе нест, балки ҳар аломат ё рамзе, ки мубаяни қасди иншои фард дар қарордод бошад дар тиҷорати электроникӣ пазируфта аст ва осори ҳуқуқӣ бар он тартиб аст. Ҳамин нигариш моро ба самт ва сӯйи пазириши имзои диҷейтол, дар тиҷорати электроникӣ раҳнамоӣ медиҳад. Имзои диҷейтол бар хилофи имзои электроникӣ сода, сирфан як намуд, шакл ва ё символ нест. Балки як риштаи додаҳои риёзӣ ҳамроҳи шахси муайян аст, ки маъмулан ин имзо ба шакли рамзӣ аст, ки муҳтавои пайём ва ҳуввияти имзокунандаро тасдиқ мекунад –дар муҳити ҳуқуқӣ фановарии иттилот низ эҳтимоли тардид инкор, иддаои ҷаъл нест.

Ба асноди электроникӣ вуҷуд дорад, пас бояд дар фазои муҷозо ҳам ниҳодҳо ва мурочиаро эҷод кард, ки имкони анҷоми муомилот ва эҷоди эътимод ва итминони афрод нисбат ба тиҷорати электроникиро тазмин кунад. Ин ниҳод дафтари хадамоти судури гувоҳии электроникӣ ном дорад, ки ба лиҳози ҳуқуқӣ бо судури гувоҳиномаи диҷейтолӣ ҳуввият ё асолати ашхосро дар тиҷорати электроникӣ таъйид ва тазмин мекунад.

Яке аз дигар ҷанбаҳои пураҳамияти ҳуқуқи электроникӣ пардохти электроникист. Дар баҳси пардохтҳои электрникӣ, мо бо механизмҳои мавҷуди пардохт ва заминаҳои дар ҳоли таҳаввул мувачеҳ ҳастем. Бархе аз муҳимтарин механизмҳои мавҷуди пардохт, ки дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳо аз ҷумла Эрон пазируфта шудаанд ибратанд аз:

1. Пули электроникӣ ва низ асноди туҷҷории электроникӣ монанди чек, суфта ва бароти электроникӣ, ки бо истифода аз рамзгузорӣ ва баҳрагирӣ аз кадидҳои умумӣ ва ихтисосӣ имкони пардохтро фароҳам меоваранд. Албатта, ҳанӯз қобилияти судури бархе аз асноди туҷҷорӣ назири барнома ва биманома дар бисёре аз кишварҳо аз тариқи электрникӣ вуҷуд надорад.
2. Кортҳои ҳушманд ва кортҳои эътиборӣ, ки барои интиқоли боқимондаи ҳисобҳо пардохтҳои эътиборӣ ва интиқоли эътибор ба кор меравaнд.
3. Интиқоли байналмилалии эътибор, ки бахусус барои таҳотир ва тасвияи ҳисоб миёни бонкҳо ва муассисаҳои молии ғайрибонкӣ ба кор меравaнд.
4. Эътиборҳои асноди электроникӣ, ки ба тадрид дар ҳоли зуҳур ва барӯз ҳастанд, агарчи машҳур аст, ки пардохтҳои электроникӣ барои пардохтҳои резу кӯчак, маврили истифода қарор мегиранд.

Аммо ба тадриҷ сай ъ мешавад, заминаҳои истифода аз ин имкон дар пардохтҳои калон ва муомилоти бозоргони байналмилалӣ фароҳам шавад.

Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки яке аз масоили дигари бисёр муҳим бахси пардохтҳои электроникӣ, абзорҳое ҳастанд, ки бо истифода аз онҳо пардохти электроникӣ сурат мегирад. Дар ҳоли ҳозир илова бар равишҳои пардохт, дарунхат ва берунхати интернетӣ, равиши пардохт аз тариқи телефон низ дар ҳоли тарвиҷ ва густариш аст, масъалае, ки тангноҳҳои муҳимеро дар боби ниҳоди салоҳиятдор барои қонунгузорӣ дар ин арса фароҳам кардааст.

Матлаби дигар дар иртибот бо пардохти вуҷуҳи электроникӣ он аст, ки аз ду ҷанбаи ҳуқуқи хусусӣ ва умумӣ қобили баррасӣ аст. Равишҳои мавриди истифода дар бонк бояд интиқоли вуҷуҳро дар сатҳе аз амният ва эътимод анҷом диҳад, ки ҳадди ақал муодили вазъияте бошад, ки пул ба сурати асканос мубодила мегардад. Бинобар ин, аввалан аз лиҳози қонунӣ бояд ҳадди ақал ҳамон муҷозоти ҷаъали асканос барои мавҷудиҳои ҷаълии электроникӣ пешбинӣ шавад ва бо ихтилосҳо ва сӯйистифодаҳои молӣ бо равиши мазбур ба лиҳози суҳуллат ва суръате, ки дорад, шаддидтар бархурдор гардад.

Бонки марказӣ як системаи назорати дақиқи электроникӣ барқарор намояд ва амалиёти бонкиро ба навҳи муассири таҳти контроли худ бигирад. Ихтилос дар

ситемаи пули кишварҳо хисороти қобили таваҷҷуҳеро ба иқтисоди онҳо ворид хоҳад намуд. Ва тиҷорати байналмилалиро низ бо ишколи ҷиддӣ мувоҷҷеҳ хоҳад кард.

Тиҷорати электроникро метавон анҷоми ҳар гуна умури туҷҷорӣ ба сурати онлайн ва аз тариқи интернет баён кард. Ба таври хулоса тиҷорати электроникӣ ба ҳар гуна муомилае гуфта мешавад, ки дар он хариду фурӯши коло ва ё хадамот аз тариқи интернет сурат пазирад ва ба воридот ва ё содироти коло ё хадамот мунтаҳӣ мешавад. Тиҷорати электроникӣ маъмулан корбурди васеътаре дорад, яъне натанҳо шомили хариду фурӯш аз тариқи интернет аст, балки соири ҷанбаҳои фаъолияти туҷҷорӣ монанди харидорӣ, суратбардорӣ аз коло, мудирияти тавлид ва таҳия ва тавзеҳу ҷобаҷогузории колоҳо ва ҳамчунин, хадамот пас аз фурӯшро бо лиҳози намудани тамоми ҷонибҳои ҳуқуқӣ дар бар мегирад. Албатта, бисёре аз мутаххасисон дар риштаҳои мухталиф ақида доранд, дар солҳои ахир инқилобе мушобеҳи инқилоби саноатӣ ба вуқӯъ пайваста ва ҷаҳонро вориди «Асри иттилоот» сохтааст. Ва бисёре аз ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқи, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти башарро дастхуши таҳаввули амиқ намудааст. То ҷойе ки гуфта мешавад, ақиб афтодан аз сайри таҳаввул натиҷае ҷуз манзуъ шудан дар арсаи иқтисоди ҷаҳонӣ нахоҳад дошт.

Дар натиҷа зарур аст, ки ҳуқуқдонон худро ба ҷиҳати мухталифи ин падида ошно кунанд ва илова бар он, ки мушовирони хубе дар қарордодҳои туҷҷорӣ бошанд, дониши ҳуқуқии кишварашонро аз ин масоил баҳраманд намуда ва марокизи омӯзишӣ ва дастгоҳи қазоиро муҷаҳаз ба ин огоҳиҳо намоянд ва илова бар ин, дар мавридҳои зарурӣ низ пешнависи қонунҳо ва муқаррароти навинеро ҳамоҳанг бо ҷаҳон ва мутаносиб бо мабонии ҳуқуқии кишвар тадвин ва пешниҳод кунанд.

Бо иноят ба матлаби пешгуфта маълум мешавад, ки он чи падидаи тиҷорати электроникӣ дар илми ҳуқуқ матраҳ мекунад масоилест, ки аз ҷаҳони ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи умумӣ қобили мутолиа ҳаст. Аз лиҳози ҳуқуқи умумӣ ҷарроим ва муҷозотҳо дар амалиёти туҷорӣ хусусан нақлу интиқолҳои пулӣ ва ихтилос дар ситемаҳои роёнаи бонкӣ ифшои иттилоот ва низ сабти ширкатҳо ва сабти савоиқ ва мусуботи онҳо аз тариқи электроникӣ, судури аснодбандӣ, гумрукӣ, парвонасудур ва вуруд ва ғайра ҳамагӣ қобили мутолеа ҳаст, ки дар тамоми ин замина масъала аз се ҳолати хориҷ нест.

1. Қонуне барои ҳалли масъала, бидуни ниёз ба тафсир ва таъвил вуҷуд дорад.
2. Қонуни мавҷуд бо тавсире, ки дур аз воқеият нест, қобилияти ҳалли масъали ҷадидро доро аст.
3. Бархе мавридҳои ниёзманд ба тасвиби қонуни ҷадид ё ислоҳи қонуни мавҷуд аст.

**АДАБИЁТ**

1. Аскини Рабео. Мубоҳиса аз ҳуқуқи тиҷорати байналмилал. -Теҳрон, 1371.
2. Ризо Алӣ. Ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ. -Теҳрон, 1387.
3. Шукуҳӣ Маҷид. Ҳуқуқи рақобати бозаргонӣ дар иттиҳодияҳои Аврупо. -Теҳрон, 1381.
4. Нури Муҳаммадалӣ ва Навҷавони Ризо. Ҳуқуқи тиҷорати электроникӣ. -Теҳрон, 1382.
5. Todd,paul,e-commerce low, creat britan, cavnedish, 2005, first Loi type de la cnudci sur le commerce electronique, et guide por sonincoporation, nations unies, new York, 1999.
6. www.brownbain.com/ecommerce-asp
7. www.cisco.com- www.olinesale.com-

## ВЗГЛЯД НА ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ЭЛЕКТРОННОЙ ТОРГОВЛИ

Появление глобальных сетей связи, и в первую очередь - Интернет, привело к настоящей революции в области организации и ведения коммерческой деятельности. Бурное развитие Интернета в цивилизованном мире опережает процесс создания и совершенствования нормативных правовых актов, необходимых для регулирования возникающих проблем. Правовой основой регулирования отношений в области электронной коммерции являются Конституция и другие нормативно-правовые документы, регулирующие данную деятельность. Правовое регулирование в сфере электронной коммерции основывается на принципах обеспечения равенства участников гражданско-правовых отношений, свободы договора, беспрепятственного осуществления предпринимательской деятельности, свободного перемещения товаров, услуг и финансовых средств, а также гарантий судебной защиты прав субъектов электронной коммерции.

**Ключевые слова:** электронная торговля, Интернет, сфера электронной торговли, права и обязанности субъектов, законы и правила, безопасность передачи коммерческой информации.

**OPINION ON THE LEGAL FOUNDATIONS OF E-COMMERCE**

The emergence of global communication networks, primarily the Internet, led to a revolution in the field of organization and running a business. The rapid development of the Internet in the civilized world leads to the creation and improvement of normative legal acts necessary for the regulation of emerging problems. Legal basis of regulation of relations in the field of e-Commerce are the Constitution and other normative-legal documents regulating this activity. Legal regulation in the area of e-Commerce is based on the principles of equality of participants of civil legal relations, freedom of contract, the smooth conduct of business activities, the free movement of goods, services and financial resources, as well as a guarantee of judicial protection of human subjects of e-Commerce.

**Key words:** e-Commerce, Internet, the scope of e-Commerce, rights and obligations of entities, laws and regulations, safety of commercial communication.

**Сведения об авторе:** ***Гуломризо Гурзин*** – соискатель Таджикского национального университета

# ИЗДИВОҶ ВА БАРХУРДИ ҚОНУНИ МИЛЛИИ ЧАНД КИШВАР БО ТАЪКИД БАР ҲУҚУҚИ ЭРОН

***Ғуломризо Мусо Қазвинӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар садади аҳволи шахсият, яъне вазъият ва аҳамияти афрод дар ҳуқуқи байналмилалии кишварҳо, ду роҳи ҳалли муқовимат аз ҳам вуҷуд дорад. Дар ҳуқуқи бархе кившарҳо ҳамон тавр ки, пештар низ ишора шуд, аҳволи вазъияти шахсии тобеи қонуни миллӣ, яъне қонуни давлатӣ матбуи онҳост мисли маводи 6 ва 7 қонуни Эрон ва Моддаи 2 Қонуни мадании Фаронса, ки вазъияти шахсиро ба таври куллӣ тобеи қонуни миллӣ медонанд. Аммо дар баъзе кишварҳои дигар монанди Амрико ва ё Канада, ки аз низоми ҳуқуқии комил (англисӣ, амрикоӣ) пирӯзӣ мекунанд, вазъияти шахиро тобеи қонуни кишвари макони истиқоматгоҳ дониста ва аз он шаҳрвандӣ мекунанд.

Албатта ин муқаддима маҷоли онро надорад, ки ба далелҳои тарҷеҳи қонуни миллӣ ва ё истиқоматгоҳ дар ин кишварҳо бипардозад, аммо зикррони ин нукта холӣ аз фоида нахоҳад буд, ки агар дар кившаре қоидаи амали қонуни истиқоматгоҳ қабул шавад, дигар дар он кишвар таорузи қонуни миллии кишварҳо дар хусуси вазъияти шахсӣ матраҳ нахоҳад шуд. Зеро дар ҳар ҳол дар ин кишварҳо фарз бар ин аст, ки ҳар кас дар ин қабил кишварҳо зиндагӣ мекунад, талоқ, издивоҷ, ирс ва ё васият кардани онҳо ва мавридҳои монанд, чунончи даъвое дар ин гуна мавридҳо дар додгоҳҳои он кишвар матраҳ гардад, он додгоҳҳо бар асоси қонуни истиқоматгоҳ ба он расидагӣ хоҳанд кард. Ба ҳамин сабаб додгоҳҳои кишварҳо ба монанди Англия, Амрико, Канада, Австралия дар масоили марбут ба вазъияти шахсӣ бо бархӯрди қонунҳо рӯ ба рӯ нахоҳанд буд.

Аз он ҷо ки Эрон ҷузъи кившарҳое аст, ки вазъияти шахсии афродро тобеи қонуни давлати матбуи онҳо медонад, нахуст иллати бархӯрондани таорузи байни чанд қонуни миллии мавриди баррасӣ қарор гирифта ва пас ба мутолеаи роҳи ҳалҳои ирояшуда ҷиҳати ҳалли ин таорузҳо хоҳем пардохт.

*Баҳси аввал: Иллати бархӯрд байни чанд қонуни миллӣ.* Бархӯрди байни чанд қонуни миллӣ метавонад, бинобар далелҳо гуногун бошад. Гоҳе маълули тобеият музоаф аст ва он вақте аст, ки афроди тобеият беш аз як кишварро доранд. Замоне ҳам ин таоруз дар натиҷаи он аст, ки яке аз аъзои хонавода худро тарк карда ва ин сабаб мешавад, ки дар хонавода ваҳдати тобеият ҳоким набошад. Дар мавқеъҳое низ ин таоруз замоне рӯх медиҳад, ки тифле дар хориҷ аз қаламрави давлати матбуи волидайн дар кишваре таваллуд мешавад, ки атфоли мутаваллид дар он сарзаминро шаҳрванди худ медонад ва билохира мавриди дигаре аз издивоҷ замаллут аст, яъне зану шавҳар дар натиҷаи издивоҷ, ҳар як табоати худро ҳифз карда ва ин мавзӯъ сабаби он мегардад,ки дар хонавода ваҳдати табоат ҳоким набошад.

*Банди аввал: Тобеияти музоаф.* Ин навъ тобеият гоҳе дар замони таваллуд бархӯрдор меояд ва гоҳе баъд аз таваллуд. Тобеияти музоафи таваллудӣ ё аслӣ дар асари таорузи системаи хун бо тобеияти сарзаминӣ ё системаи хок ва ё таорузи ду тобеияти нисбӣ ё ду системаи хун бурхӯрдор меояд.

Тобеияти музоаф пас аз таваллуд замоне рӯх медиҳад, ки фард бо ҳифзи тобеияти аслӣ, тобеияти кишвари дигарро таҳсил карда ва ё дар натиҷаи тафсири тобеияти шавҳар ё падар ва ё дар натиҷаи издивоҷҳои мухталиф пайдо мешавад.

а) *Тобеияти музоафи таваллудӣ:* 1. *Таорузи системаи таваллудии эронӣ, ки умуман системаи нисбат ё хун аст бо системаи хок ё тобеияти сарзамини хориҷӣ.* Масалан, агар дар Канада аз падару модари эронии муқими он ҷо фарзанде мутаваллид шавад, аз як тараф тибқи услуби марбут ба тобеияти таваллудӣ дар ҳуқуқи Эрон, шаҳрванди Эрон маҳсуб шуда (банди 2 моддаи 976 қонуни мадании Эрон), аммо тибқи қонуни Канада низ шаҳрванди он кишвар маҳсуб ва дар натиҷа дорои тобеияти музоафӣ мегардад. Зеро кившари Канада бар асоси таваллуд дар хоки он кишвар тобеияти худро ба тифл хоҳад дод.

2.*Таорузи (бархӯрд) тобеияти сарзамини Эронӣ бо тобеияти аслии хориҷӣ:* Медонем, ки тибқи қонуни Италия ҳар тифле, ки аз зану шавҳари итолиёвӣ ба дунё ояд, шаҳрванди Италия маҳсуб мешавад. Аз тарафи дигар ҳар гоҳ тифле дар Эрон аз падару модари хориҷӣ, ки яке аз онҳо дар Эрон мутаваллид шуда ба вуҷуд ояд (Банди 4 Моддаи 976 Қонуни мадании Эрон) шаҳрванди давлати Эрон маҳсуб мешавад. Фарз кунед аз падару модари италиёвӣ, ки яке аз он ду қаблан дар Эрон мутаваллид шуда, фарзанде дар Эрон мутаваллид шавад, чунин фарзандро аввалан тибқи Қонуни мадании Эрон шаҳрванди Эрон ва тибқи Қонуни мадании Италия шаҳрванди он давлат ва дар натиҷа дорои тобеияти музоаф мешуморанд.

3. *Таорузи (бархӯрди) ду тобеияти нисбӣ:* Дар бархе аз кившарҳо монанди Эрон тобеияти нисбӣ ё системаи хун, фақат аз тариқи падар пазируфта шудааст (банди 2 моддаи 976 Қонуни мадании Эрон) дар ҳоле ки баъзе кишварҳо дар насби системаи хун ҳам хуни модар ва ҳам хуни падарро лиҳоз кардааст. Кишвари Фаронса аз ҷумлаи ин кившарҳо мебошад. Ҳоло дар сурати ихтилофи тобеияти падару модар, тифли мутаваллид аз онҳо мумкин ҳам тобеияти давлати падар ва ҳам тобеияти давлати матбуи модарро дошта бошад.

б) *Тобеияти музоаф баъд аз таваллуд.* Ин навъ тобеият, ки дар истилоҳи тобеият касб карданӣ мегӯянд мумкин аст, бо далелҳои мухталиф эҷод шавад. Гоҳе шахсе бо ҳифзи тобеияти аслии худ ин имконро меёбад, ки битавонад бо ихтиёр ва иродаи худ ва мавқеияти давлати дигар, тобеияти кишвари мазкурро ба даст оварад. Гоҳе низ издивоҷи байни зану марде, ки матбуи як давлат нестанд, боиси эҷоди ду тобеият дар зану шавҳар ва умдатан зан мешавад. Масалан, агар як зани британиёӣ бо як марди эронӣ издивоҷ кунад, аввалан ба сабаби қонуни Англия ин зан тобеияти британиёии худро ҳифз мекунад ва сониян, аз тарафи дигар бар асоси банди 6 моддаи 976 Қонуни мадании Эрон, эронӣ маҳсуб шуда ва дар натиҷа дорои тобеияти музоаф ё ду тобеиятӣ мешавад.

Вазъияти дигар, ки мумкин аст мунҷар ба тобеияти музоаф шавад, дар натиҷаи тағйири тобеияти шавҳар ва ё падар аст. Мутобиқи Моддаи 976 Қонуни мадании Эрон, агар марде тобеияти Эронро таҳсил кард, зану фарзандони сағири ӯ ҳам ба тобеияти Эрон сармеоянд. Ҳоло чунончи зану фарзандони сағири ин мард тибқи қонуни матбуъ макони онҳо ба тобеияти худ ҳам боқӣ бимонад, дорои тобеияти дугона ё музоаф мешаванд.

*Банди дуюм: Тағйири тобеияти яке аз аъзои хонавода.* Ин мавзӯъ вақте ба вуҷуд меояд, ки яке аз аъзои хонавода монанди зан ва ё шавҳар тағйироти тобеият дода ва гоҳо падар ё фарзанд тобеияти худро тағйир диҳад. Дар сурати нахуст мо шоҳиди тароузи қонуни миллии зану шавҳар ва дар шаклбандии мо бо таорузи (бархурди) қонунҳои миллӣ дар савобити байни падару модар ва фарзандони онҳо рӯ ба рӯ хоҳем шуд.

Дар бораи тағйироти тобеияти зан ва ё шавҳар ин нукта қобили зикр аст, ки бар асоси банди 3 Моддаи 988 Қонуни маданӣ агар марде аз тобеияти Эрон хориҷ шуд, ҳамсари ин мард аз тобеияти Эрон хориҷ намешавад, магар он ки давлат чунин ҷазоеро дода бошад. Бино бар ин метавон фарз кард, ки марди қаблан шаҳрванди Эрон буда аз тобеияти Эрон хориҷ шавад дар натиҷа ҳоли ҳамсари ӯ ба тобеияти Эрон боқӣ бимонад.

Аммо дар мавриди тағйири тобеияти зани шавҳардор агарчи дар қонуни асосӣ ин имкон барои маҳри шаҳр ва мизони эронӣ лиҳоз шуда, ки битавонад тағйири тобеият диҳанд (албатта бо риояти шароити қонунӣ). Лекин дар хусуси тарки

тобеияти зани шавҳардор ба сурати мустақил ва ҷудоӣ аз шавҳари худ ва ин ки асосан чунин имконе вуҷуд дорад, маҳали тардид аст. Зеро дар моддаи 988 Қонуни мадании Эрон ва табсираҳои он, ки роҷеъ ба шароити хурӯҷ аз тобеияти Эрон баҳс мекунад ва дар мавриди тарки тобеияти шавҳар ё падар ва таъсири он бар зан ва фарзандон шаҳрвандиро муқаррар карда ва ҳатто роҷеъ ба тарки тобеияти зани эронии бешавҳар ва осори он бар фарзандони вай сӯҳбати муҳим карда ва аҳкомеро муқаррар доштааст, дар мавриди тарки тобеияти зани эронии шавҳардор масъала ва ё ба иборати дигар дар иртибот дар тағйири тобеияти падар ва ё фарзанд ду фарзи муҳимро бояд дар назар гирифт. Фарзи аввал дар мавриди тағйири тобеияти падар аст. Агар марде ба тобеияти Эрон дарояд ва фарзанди сағир дошта бошад, ин фарзанд низ ба тобеияти Эрон дармеояд (моддаи 986 Қонуни мадании Эрон), аммо тағйири тобеияти эронии падар усулан сабабе намешавад фарзанди ӯ аз тобеияти Эрон хориҷ шавад. Магар он ки падар чунин тақозоеро карда бошад ва ин тақозо низ мавриди қабули ҳайати фарзандони Эрон қарор гирад. Дар тағйири ин зарурат падару фарзанд дорои тобеиятҳои мутафовит мешаванд.

Фарзи дуюм, вақте аст, ки падар ба тобеияти Эрон дармеояд ва фарзандони сағири ӯ ба шаҳрвандии падар, шаҳрванди давлати Эрон маҳсуб мешаванд. Аммо ба ҳукми муқаррар дар Моддаи 986 Қонуни мадании Эрон фарзандони сағир баъд аз расидан ба сини 18 солагӣ, зарфи муддати як сол метавонанд бо ироаи тақозое ба Вазорати корҳои хориҷа ва бо риояти дигар шароити мундариҷ дар Моддаи 986 қонуни ишорашуда, тобеияти давлати собиқи падари худро қабул кунанд. Дар чунин фарзе дутобеиятӣ дар робитаҳои байни падару фарзанд ё фарзандони ӯ бархӯрдор меояд. Ба иборати дигар, падар шаҳрванди Эрон ва фарзанд шаҳрванди хориҷӣ мебошад.

*Банди сеюм: Амали тобеияти сарзаминӣ (тобеият бар асоси системаи хок).* Ба дунё омадни тифл хориҷ аз қаламрави сарзамини давлати матбуи падару модар, илова бар он ки мумкин аст боиси ба вуҷуд омадани тобеияти музоаф шавад. Сабаби таоруз ё бархурди чанд қонуни миллӣ, қонуни давлати матбуи тифл ва қонунҳои давлати матбуи волидайн мегардад. Дар кишварҳое, ки робитаҳои байни падару модар ва фарзандон тобеи қонуни миллӣ аст ва омили тобеиятӣ ба унвони таъйинкунандаи қонуни ҳоким бар вазъияти шахсӣ, мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст, ҳар гоҳ фарзанд дар кишваре монанди кишвари аслии волидайн мутаваллид шуда ва кишвари маҳали таваллуд, қонуни хок ё тобеияти сарзаминиро амал кунад, фарзанд тобеияти кишвари маҳали таваллудро ба даст меоварад. Аз ин ҷиҳат тобеияти волидайн, ки амале аст, ҳар кадом тобеияти ҷудогонае дошта бошанд бо тобеияти фарзанд тафовут хоҳад кард.

Ҳамон тавр ки мушоҳида мешавад, вижагиҳои муҳити амниятии Эрон бештар аз навъи чолиш ва таҳдид маҳсуб мегарданд. Илова бар ин, баъд аз ҳаводиси террористии 11 сентябр ва афзоиши ҳузур ва нуфузи Иёлоти Муттаҳида дар муҳити амниятии Эрон, махсусан Осиёи Марказӣ, шабеҳи қора ва Ховари Миёна фишорҳои амниятӣ-сиёсӣ ба Эрон дучандон гаштааст. Амрико ба иллати таъқиби манофеи хеш ва низ идроки хосе, ки нисбат ба рафтори Эрон дар саҳнаи байналмилалӣ дошта ва дорад, Эронро ба унвони як қудрати минтақавӣ талаққӣ менамояд, ки урфи байналмилалиро доиман нақз намуда, манофеи Амрико ва муттаҳидони онро таҳдид менамояд (Дарвешии Сеталонӣ, 1384). Бар ҳамин асос ба назар мерасад, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон ба далели равобити муташанниҷи худ бо Амрико норизоие аз низоми байналмилал ва ҳамчунин таҳаввули геополитикӣ ва геостратегӣ нукоти(далели) перомуниаш аз ҷумлаи кишварҳое бошад, ки дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ бо таҳдидоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шавад (Қосимӣ,1379) ва ин мусаллам аст, ки Амрико аз тамоми нуқоти заъф ва таҳдидоти дохилӣ ва хориҷӣ ва фурсатҳое, ки дорад, барои рӯёрӯӣ бо Эрон баҳра ҷуста, дар ҳамаи муаллифаҳои амнияти миллӣ таҳдидотеро мутаваҷҷеҳи Эрон мекунад. Дар воқеъ, муҳити амниятии Эрон ва ҳавзаҳои геополитикии перомуни ин кишвар ба шиддат таҳти таъсири қудратҳои фароминтақавӣ қарор дорад. Муқобила бо «се нерӯи шайтонӣ», яъне терроризм, ҷудоиталабӣ ва ифротигарӣ яке аз аҳдофи аслии созмони SCO ё Созмони ҳамкории Шанхай мебошад (Ихвон Козимӣ, 1385).

Аз он ҷое, ки Эрон дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ бо ин се чолиши амниятӣ мувоҷеҳ аст, пайвастан ба ин созмон, ки яке аз аҳдофи аслии он муқобила бо ин се нерӯ аст, ки муҷиби беҳбуди муҳити амниятии Эрон хоҳад шуд.

Илова бар ин, вуҷуди аҳдоф ва манофеи муштарак миёни Эрон ва кишварҳои қудратманди узви созмон дар минтақаи Осиёи Марказӣ фурсати дигареро дар ихтиёри Эрон қарор медиҳад, то бо узвият дар ин созмон, амнияти миллӣ ва минтақавии худро иртиқоъ бахшад. Муҳимтарини ин аҳдоф иборатанд аз:

1.Талош барои эҷоди ҷаҳони чандқутбӣ ва муқобила бо гегемонияи Амрико аз тариқи ҳамкориҳои минтақавӣ.

2.Талош барои коҳиши муассири нуфузи Ғарб, бавижа Амрико ва НАТО дар Осиёи Марказӣ, ки таҳдиди стратегӣ барои манофеи миллии аъзои созмон (Чин, Русия ва Эрон) ба ҳисоб меояд (Толибӣ, 1387).

3.Тақвияти яке аз осебпазиртарин муҳитҳои перомунӣ ва амниятии се кишвар - Чин, Русия ва Эрон дар Осиёи Марказӣ ва талош барои сулҳ ва суботи минтақавӣ.

4.Эҷоди муҳити амн ҷиҳати тамаркузи бештари фаъолиятҳои иқтисодӣ.

5.Талош барои эҷоди як блоки сиёсии ҷадид ва тақвияти ваҷҳа(шуҳрат) ва престижи байналмилалии худ.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, узвияти Эрон дар Созмони ҳамкории Шанхай, ки дорои манобеи таҳдиди мутааддиди минтақаӣ ва фароминтақавӣ дар муҳити перомуни худ мебошад, муҷиби иртиқои вазъияти муҳити амниятии он хоҳад шуд. Албатта, Эрон дар пайвастан ба ин созмон бояд вобастагиҳои иқтисодӣ-сиёсӣ ва вобастагии геополитикии худро ба ҳавзаҳои дигари мадди назар қарор диҳад. Илова бар ин, агарчи ду кишвар - Чин ва Русия бо Амрико дар порае аз масоил ихтилоф доранд, аммо дорои манофеъ ва аҳдофи муштараке низ мебошанд. Бинобар ин, Эрон бояд аз нигариши ҷанги сарде ба ин созмон худдорӣ варзад.

Ҳафтаномаи амрикоии «Ню рипаблик» дар гузорише бо унвони «Созмони ҳамкории Шанхай бузургтарин душмани Амрикост», бо канори ҳам қарор додани як силсила таҳаввулот ва дастабандиҳои навини арсаи ҷаҳонӣ натиҷагирӣ кард, ки ҷанги оянда бар сари манобеъ хоҳад буд. Ин ҳафтанома сипас Созмони ҳамкории Шанхайро аз рақибони аслии Амрико ва ба навъе бузургтарин хатар барои Вашингтон дониста, дар идома таъкид кардааст, ки Созмони ҳамкории Шанхай хатарноктарин созмоне аст, ки Амрико то кунун таваҷҷуҳе ба он накардааст. Ва ё ҳамон тавр ки Девид Вол аз муассисаи шарқии Донишгоҳи Кембриҷ ба рӯзномаи «Вашингтон пост» гуфтааст, «агар ин созмон Эронро ҳам ба худ бифизояд, дар воқеъ табдил ба қудрате мешавад, ки бомб ҳам дорад».

Эрон, Қазоқистон ва Русия дар айни узвият дар созмон ҳамсояи дарёи Хазар низ ҳастанд ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки мавзӯи режими Хазар ҳанӯз ҳал нашуда, бархе эҳтимол медиҳанд, ки рӯйкардҳои муртабит бо Хазар дар мабоҳиси созмон низ тадохул кунад.

Бунёнгузорони созмон аз ибтидо меҳварҳои сегонаеро таҳти унвони **терроризм, ифротгарой** ва **ҷудоиталабӣ** ба унвони се меҳвари шайтонӣ ҳадафи муборизаи худ қарор доданд, ки бетардид бахши умдае аз рӯйкарди мутаваҷҷеҳи гурӯҳҳои ифротиии исломӣ ва дар диди калони ҳаракатҳои исломӣ аст. Дар ин миён ин эҳтимол дорад, ки адами тамоюз байни гурӯҳҳои исломгарои ғайрифротӣ бо гурӯҳҳои ифротӣ ва шабеҳи низомӣ метавонад муҷиби бархӯрдҳои ғайриусулӣ бо конунҳои исломӣ шавад. Гарчи мумкин аст ба ақидаи иддае ҳузури Эрон дар созмон тавҷеҳгари бархӯрдҳои созмон бо гурӯҳҳои исломӣ қаламдод мешавад, лекин рӯйкарди мунсифонатар он аст, ки гуфта шавад (ҳузури Ҷумҳурии Исломии Эрон метавонад боиси контроли ҳар гуна иқдом ва бархӯрди ғайриусулӣ аз сӯйи созмон алайҳи гурӯҳҳои исломии ғайримуҳориб, ғайрифротӣ ва пок шавад, бавижа исломи сиёсӣ, ки боиси назорати русҳо ва чиниҳо шуда, аз ҷинси исломи Эрон нест, балки исломи толибонӣ аст).

Исломгироён ё бунёдгароёни исломӣ аз диди Чин ва Русия ба унвони яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб мешаванд. Чиниҳо нисбат ба интиқоли исломи сиёсӣ ба Синҷон ва русҳо низ дар хусуси кишварҳои худмухтори мусулмони худ ҳассосият доранд. Тоҷикистон низ ҳамчун соири кишварҳои Осиёи Марказӣ мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, терроризм ва ифротгарой ва албатта, тавсеаи

ҳамкориҳои иқтисодиро аз авлавиятҳои худ барои пайвастан ба созмон муаррифӣ намудааст.

Ин кишвар бо таваҷҷуҳ ба равобити суннатии худ бо Русия ва ҳамсоягӣ бо қудрати бузурги иқтисодии Чин ва ҳамсояи дигари худ Ӯзбекистон, ки бахши умдаи энергии барқ ва гази он кишварро таъмин мекунад, ҳамкорӣ ва мушорикати фаъоли Эрон дар чорчӯби созмонро роҳбурди муассир ба манзури эҷоди таодул дар миёни қудратҳои бузурги минтақавӣ ва меҳварӣ дар ҷиҳати назорати фишорҳои Ӯзбекистон медонад. Тоҷикистон талоши вижае барои ҳузури Эрон ва Афғонистон дар созмон аз худ нишон дода, саъй дорад сатҳи дӯстони худро дар созмон афзоиш диҳад (Раҳмон, 2004).

Баъд аз шурӯъ ба кори давлати нуҳуми Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1384 шаклгирӣ ва тақвияти гароиши роҳбурди «нигоҳ ба Шарқ», таваҷҷуҳ ба густариши ҳамкорӣ бо ин созмон афзоиш ёфт, то ин ки мунҷар ба ҳузури оқои Аҳмади Наҷот ба унвони нахустин раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шашумин нишасти сарони Созмони ҳамкории Шанхай (хурдоди 1385 дар шаҳри Шанхайи Чин) гардид (Раҳмони Муваҳҳид, 1385). Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон дар нишасти ёдшуда тайи суханоне рӯйкардҳои аслии кишварамонро барои илҳоқ ба ин созмон дар қолаби се меҳвар чунин матраҳ намуд (суханронии оқои Аҳмади Наҷот, 25 хурдод, 1385):

- воқеиятҳои минтақа ва шароити хоси ҳоким бар он;
- ниёз баислоҳи равандҳо ва шароити хоси минтақа ба нафъи миллатҳои минтақа;
- ҳамсӯйи аҳдофи Эрон бо аҳдофи аъзои созмон дар сатҳи равобити дуҷониба ва низ сатҳи калон дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақа ва зарурати таваҷҷуҳ ба ҳамкориҳои минтақавӣ.

Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон бо баёни ин ки Ҷумҳурии Исломии Эрон муътақид аст, ки иштирокоти таърихӣ ва фарҳангии мардуми кишварҳои минтақа омили муҳиме барои аҳдофи созмон дар ҷиҳати иртиқои сатҳи зиндагӣ ва тавсеаи минтақа ба шумор меравад, изҳор дошт: «Муштарак будани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷорӣ ба ҳамкориҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва амниятӣ илова бар таҳкими сулҳ ва оромиш дар минтақа метавонад нақши муассире дар тақвияти сулҳ ва суботи ҷаҳонӣ дошта ва созмонро ба ниҳоди қавӣ ва таъсиргузор дар заминаҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ ва тиҷорӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон табдил намуда, монеъ аз таҳдиди низоми султаи ҷаҳонӣ ва мудохилоти ғайриқонунӣ ва зӯрмадоронаи он шавад, ки Эрон бар мабнои усули сиёсати хориҷии худ хоҳони сулҳ ва амнияти ҷаҳонии мубтанӣ бар тавҳид, адолат ва ҳифзи кароматиинсонӣ мебошад.

Тоҷикистон бо ибрози хурсандӣ аз узвияти Эрон дар созмон дар канори узвияти Ҳинд ва Покистон қадаме рӯ ба ҷилав ва омили тақвияти ҳамкориҳои худ бо се кишвар - Русия, Эрон ва Чин дар заминаи иҷрои пружаҳои муҳимме доранд (суханони Оқилов, нахустин вазири Тоҷикистон).

Тоҷикистон ҳамчунин узвияти Эрон ва Ҳиндро дар созмон фурсати бисёр муносибе барои густариш ва тақвияти беш аз пеши ҳамкориҳои иқтисодии худ бо Эрон арзёбӣ мекунад.

Аз он ҷое ки созмон нақше барои аъзои нозир дар тасмимгириҳо ва таҳҳуддоти созмон дар назар намегирад ва Эрон низ ба унвони як узви нозир дар ин созмон ҳузур меёбад. Пас метавон интизор дошт, ки дар сояи ҳамкориҳои бештари Эрон ва Тоҷикистон Ҷумҳурии Исломии Эрон битавонад назарот ва пешниҳодҳои роҳбурдии худро аз тариқи Тоҷикистон дар созмон матраҳ ва иҷро намояд ва ба ин тартиб равобити ду кишвар беш аз пеш мустаҳкамтар ва наздиктар гардад ва тамоми аъзои созмон ба усуле, ки ба номи «Рӯҳи Шанхай» ном гирифта, бирасанд ва дар ҷиҳати тақвияти он бикӯшанд. Ин усул, ки яке аз усулҳои нонавишта дар маншури созмон аст ва ба номи **Рӯҳи Шанхай** шуҳрат гирифта, аз эътимоди мутақобил, суди мутақобил, баробарӣ, мушовира, эҳтиром ба танаввӯи тамаддунҳо, талош барои тавсеаи муштарак иборатанд. Рӯҳи Шанхай бояд ба пеш бурда шавад, то ба як ҳанҷори рафторӣ дар равобити байни кишварҳои узви созмон табдил гардад (Баёнияи таъсиси Созмон-15 июни 2001).

Ҳамчунин Эрон ва Тоҷикистон дорои иштирокоти таърихӣ ва забонӣ буда, ин иштирокот метавонад дар нақши ин ду кишвар дар Созмони Шанхай таъсири фаровоне дошта бошад. Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба равобити сатҳи болоӣ, ки бо Эрон дорад, метавонад дар табдили вазъияти Эрон аз узви нозир ба узви доимӣ

накши зиёде дошта бошад ва бо иноят ба вобастагиҳои ин кишвар бо Русия ройзаниҳои он муассир воқеъ хоҳад шуд. Аз тарафи дигар, узвияти Эрон дар ин созмон ба далели шароити геополитикии хос дар Осиё ва Ховари Миёна дастраси амн ва осон ба обҳои гарм ва иртибот бо кишварҳои Халиҷи Форс, Аврупо ва Шимоли Африқо метавонад ба нақшофаринии фароминтақавии ин созмон кумак кунад.

**АДАБИЁТ**


1.Ахавон Козимӣ Масъуд. Созмони Шанхай: аҳамияти геополитикии стратегӣ. Фаслномаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. Шумораи 55, Теҳрон, 1385.

2.Аъзамӣ Ҳодӣ. Дабирӣ Алӣ Акбар. Маҷмӯаи мақолоти дувумин ҳамоиши бознигари равобити Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ. Донишгоҳи Фирдавсӣ.-Машҳад, 1389 , с. 139-160.

3.Аминӣ Алӣ. Таъсири геополитика дар рахвати(заиф шудани) ҳамгироии Эку ва боландагии осони он. Фаслномаи геополитика. Соли дувум. Шумораи аввал. -Теҳрон, 1385.

4.Анварӣ Ҳамидризо. Раҳмонӣ Муваҳҳиди Муртазо. Созмони ҳамкории Шанхай. Чашмандоз ба сӯйи ҷаҳони чандқутбӣ. Теҳрон, 1388.

6.Раҳмон Эмомалӣ. Суханрони Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорумин нишасти сарони кишварҳои созмон.-Тошканд, 2004.

7.Раҳмон Холид. Созмони Ҳамкории Шанхай: чашмандозҳо, фурсатҳо. Фаслномаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. Шумораи 55. Теҳрон, 1385.

8.Суханронии оқои Аҳмади Нажод, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шашумин нишасти сарони Созмони ҳамкории Шанхай. Шанхай-Чин,25 хурдод, 1385.

9.Толибифар Аббос. Ҷаъфарӣ Поскоӣ Сиёвуш. Созмони ҳамкории Шанхай ва мавзӯи узвияти Ҷумҳурии Исломии Эрон. Интишороти Созмони ҷуғрофиёии нерӯҳои мусаллаҳ. -Теҳрон, 1378.

10.Қосимӣ Фарҳод. Таъсироти минтақавии сохтори гегемоникии системаи байналмилалӣ бар амнияти миллии Эрон. Фаслномаи амнияти миллӣ. Шумораи 3. Теҳрон, 1379.

11.Комрон Ҳасан. Каримипури Ядола. Ҷаҳонӣ шудан, минтақагироӣ ва давлат-миллатҳо. Фаслномаи пажӯҳишҳои ҷуғрофиёӣ. Шумораи 42. -Теҳрон, 1381.

12.Клуд Энисал. Созмонҳои байналмилалӣ. Мутарҷим: Манучеҳри Шуҷоӣ. Интишороти Китоби нав.-Теҳрон, 1382.

13.Яздонпаноҳ Дарав. Қаюмарс Иззатӣ. Иззатуллоҳ. Таҳлил бар геополитикаи паймони иқтисодии амнияти Шанхай бо таъкид бар чашмандози узвияти Эрон дар ин созмон. Фаслномаи геополитика. Соли севум. Шумораи севум. Теҳрон, 1386.


**РОЛЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРИНЯТИИ ИРАНА В ЧЛЕНЫ - НАБЛЮДАТЕЛИ И ПОСТОЯННОЕ ЧЛЕНСТВО ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА**


Авторы статьи сделали попытку анализировать момент формирования ШОС и отношения Таджикистана и Ирана в данном процессе. Также указано, что одной из основных функций этой организации является борьба против фундаментализма, терроризма, экстремизма и наркобизнеса, в котором Таджикистан и другие постоянные члены данной организации могут сыграть важнейшую роль.



**Ключевые слова:** ШОС, Иран, Таджикистан, экстремизм, терроризм, наркобизнес.


**THE ROLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN BRINGING IRAN TO PERMANENT MEMBERSHIP IN SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION**


The authors had attempted to analyze the formation of the SCO and relations between Tajikistan and Iran in the process. It also states that main mission of the organization is fighting against fundamentalism, terrorism, extremism and drug trafficking, the areas that Tajikistan and other permanent members of the organization can play a vital role.



**Key word:** SCO, Iran, Tajikistan, Extremism, terrorism, drug trafficking.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фарибо Хабиби*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни
***С.А. Пардаев*** – кандидат философских наук, доцент, ТГПУ им. Садриддина Айни


# МАБОНИ ВА ПОЯҲОИ АСОСИИ ФАЛСАФАИ ЭКЗИСТЕНСИАЛИЗМ


***Муҳаммадвалии Фараҷзода***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Фалсафаҳои асил будани вуҷуд чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ, чандон пурсобиқа нестанд. Асил будани вуҷудро дар Машриқзамин бори аввал Садриддини Шерозӣ ҳудуди чаҳор қарн пеш, матраҳ кард ва бар он далел овард. Аслӣ будани вуҷуд дар Ғарб бисёр ҷадид аст ва мушаххастарин намуна ва зуҳури онро дар Экзистенсиализм охири қарни XIX ва аввали қарни XX метавон дид. Экзистенсиализм, агарчи номи аслӣ будани вуҷудро бар дӯши хеш ҳамл мекунад, аммо вуҷудро дар «инсон»

мунҳасир карда, беш аз он таваҷҷуҳе намекунад. Илова бар ин, экзистенсиалистҳо инсонро ба эътибори ин ки соҳиби амал ва эҳсос аст, мутолиа мекунанд, на ба ин эътибор, ки фоили шиносой ва соҳибнерӯи ташхис ва дарк аст ва инҳо ҳама боиси тафовути асосии асил будани вуҷуди Мағрибзамин бо ҳикмати садрой мешавад. Мақолаи ҳозир таърихчаи пайдоиш, рушд ва ҳамчунин сардори андешаи файласуфони экзистенсиализмро шарҳ медиҳад ва аз ин ҷиҳат барои ошной бо ин мактаби фикрӣ судманд аст.

Экзистенсиализм ё фалсафаи асил будани вуҷуд, инқилобе аст алайҳи фалсафаҳои классик, ба ҳар шакле ки бошад ва ба ҳастии инсон беш аз ҳар масъалаи дигар таваҷҷуҳ дорад. Ин фалсафа муътақид аст, ки фалсафаҳои қадим ва ҳатто бештари фалсафаҳои Навин, масоиле аз қабили маърифат ва чигунагии пайдоиши он, вуҷуди ашёи мустақил аз шахс, бо вуҷуд бахшидани идроки шахс, ашё ва низ худи вуҷудиро дар ҳоли интизой мавриди баҳс қарор додаанд ва аз мавзӯи умдаи баҳси худ, ки инсони воқеӣ мушаххас аст, ғафлат кардаанд.

Экзистенсиализм дар ҳақиқат номи як гироиш ё ҷиҳатгирии фалсафӣ аст, ки дарвоқеъ дар Олмон чанд сол пас аз ҷанги ҷаҳонии аввал зуҳур ёфт ва пас аз он ба Фаронса ва Италия рафт. Ба таври фаврӣ, пас аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ на танҳо дар ҷойгоҳҳои фарҳангӣ ва донишгоҳӣ низ муассир шуд, балки дар кофаҳои адабӣ ва рӯзномаҳои нимамардумӣ низ дар бораи он бисёр сухан мегуфтанд. Чун мазҳаби асолати вуҷуд, як гироиш ё ҷиҳатгирии фалсафӣ аст, то як мактаби фалсафӣ, усули куллӣ ва омми андаке вуҷуд дорад, ки дар он ҳамаи тарафдорони ин гироиш мувофиқ бошанд. Аммо, умуман метавон гуфт, ки ин гироиш эътирозе бар зидди ақидаҳои расмии ҷаҳонӣ ва сиёсатҳои амалии мавҷуд дар он буда, ки дар онҳо афроди инсонӣ ба унвони бозичаҳои танҳо ва бепаноҳи нерӯи таърихӣ ба ҳисоб меравад. Ё ҳомили амали одии ҷараёнҳои табиӣ ба шумор меравад. Ҳамаи асолати вуҷуди он ба наҳве мекӯшанд, ки озодӣ ва аҳамияти шахсияти инсониро тасвиб кунанд. Ҳамин тавр, ҳамаи онҳо ба мақоми аввали ирода дар сиришти инсонӣ, дар муқобили ақл, таъкид мекунанд ва бар асари ҳамин ақида аст, ки бештари онҳо ақидаҳои худро аз роҳи навиштани достонҳо, намоишномаҳо ва баёни онҳо ба шеваи мантиқӣ – истидлолӣ мардумписанд интишор додаанд.

Экзистенсиализм бо интишори ду китоби маъруф яке бо номи «Вуҷуд ва замон» навиштаи Ҳойдгерд дар соли 1927 ва дигар «Вуҷуд ва адам ё ҳастию нестӣ» навиштаи Сортер дар соли 1943 бештар шуҳрат ёфт ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Ҳамин китобҳо сабаб шуданд, ки фалсафа аз мутолиаи мавҷуди андеша, ба мутолиаи инсон мушаххас дар вуҷуди ҳиссии ӯ мутаваҷҷеҳ шавад. Яъне, инсон дар зиндагии рӯзонаи худ аз як тараф ва дар робитаҳояш бо дигарон, аз тарафи дигар, мавриди мутолиа қарор гирад. Аз дидгоҳи файласуфон ҳастӣ, жарфҳои фалсафа дар пайванди он аст. Бо жарфҳои зиндагонӣ нуктаи бунёдӣ, ки меҳвар ва маркази ҳамаи фалсафаҳои бузург аст ва ҳамин нуктаи аслӣ ва вижагии бунёдии ҳамаи фалсафаҳои ҳастӣ аст. Ин пайванд беш аз ҳама, дар ду чеҳраи истисноии қарни XIX Сурен Кипер Кегер ва Фридрих Нитсше файласуфи олмонӣ намоён шуд. Аз ин рӯ, бо он ки фалсафаи ҳастӣ аз фалсафаҳои қарни XX шуморида мешавад, бунёди он дар қарни XIX аст.

Аз дидгоҳи андешамандони мактаби вуҷудӣ, инсон дорои сиришт ва табиати махсус нест. Ҳарчи дар дунё офарида шудааст, бо як сиришт ва моҳияти хос офарида шудааст. Аммо инсон дорои ҳеҷ гуна табиати хос нест, магар он табиате, ки худаш ба худаш бидиҳад. Инсон бар хилофи соири ашё як моҳияти мушаххаси пешбинишуда ва як қолаби муайяни табиӣ надорад. Инсон чисти худро тарҳрезӣ мекунад ва худро месозад.

Мазҳаби асолати вуҷуд ба ҷойи тамаркуз ва таваҷҷуҳ ба мантиқ ва илм, асосан ба вуҷуди инсонӣ алоқаманд шудааст. Бавижа бо шадидтарин ва сахтарин таҷрибаи ӯ, яъне марг, парешонӣ, дилвопасӣ, ноумедӣ ва гуноҳ. Умуман инсон мекӯшад, ки аз хештан бигурезад, вале дар ин таҷриба аст, ки аз эҳсоси беэътиборӣ (яъне кӯтоҳии худ аз ин ки худаш бошад), бедор мешавад. Ин беэътиборӣ ҳолате аст, ки дар он худро ба тасаллути тӯда (онҳо) таслим мекунад. Экзистенсиализм дар талаби вуҷуд муътабар аст, то дар талаби маърифати шинохти яқинӣ.

Ҷон Пулсортер, ки мубтакири фалсафаи зи-вуҷуд, ё зи-ҳаёт аст, дар китоби «Усули фалсафаи Экзистонализм»-и хеш мегӯяд, ки асоси зиндагӣ ва асли ҷаҳони ҳастӣ рӯйи ман ва шумо гузошта шудааст. Зеро, агар мо набошем, дунё вуҷуд

нахоҳад дошт ва агар ҳам ҳастӣ вуҷуд дошта бошад, барои мо вуҷуд дорад. Инсон асоси дунё аст ва бидуни инсон, дунё вуҷуд надорад. Ин инсон аст, ки дунёро бо чашму гӯш ва эҳсоси ботинии худ мебинад, дар дидани дунё ва дарки ҳодисаҳо озод аст.

Экзистенсиализм ба озодии инсон таваҷҷуҳи вижае дорад ва ӯро дар интихоб озод медонад ва аз ҳамин озодӣ дар интихоб, масъулият пайдо мешавад. Ӯ холиқи корҳо ва созандаи масири хеш аст. Ба ибораи дигар, инсон таъйинкунанда ва созандаи зиндагии хеш аст. Экзистенсиализм мегӯяд: мушкили инсони имрӯза ин аст, ки фаромӯш кардааст, ки кист ва аз арзиш ва аҳамияти худ ғофил аст.

Тазаккури ин нукта зарурӣ ба назар мерасад ки, агар касе бихоҳад дар бораи «фалсафа будан» сухан бигӯяд, худро бо мушкилоте рӯ ба рӯ мебинад. Аввалин мушкил, ношӣ аз зиёдӣ ва мухталиф будани фикрҳои сиёсӣ аст, ки ин мавзӯъ ба онҳо итлоқ мешавад. Оғози фалсафа ҳаст будан, ё буданро дар таомулот асосан дини Киер Кегер метавон донист. Имрӯз, агар аз фалсафаи «ҳаст» будан сухан биравад, ғолибан фалсафаи Ҷон Пул Сортер дар мадди назар меояд, ки файласуфе аст ғайридиннӣ ва ҳатто гоҳе зидди дин.

Экзистенсиалистҳо, дорои майл ва назарҳои комилан мутафовит ҳастанд. Бад-ин маъно, ки баъзе аз эшон ба вуҷуди Худованд муътақиданд ва бархе Худоро инкор мекунанд. Нависанда, ҳунарманд, католик, протестант ва яҳудӣ низ байни онҳо фаровон дида мешавад. Аз назари файласуфони вуҷудӣ, жарфҳои фалсафа дар пайванди он бо зиндагонии инсон аст. Ин нуктаи аслӣ ва вижагии бунёдии ҳамаи фалсафаҳои ҳастӣ аст.

Вале ҳамаи онҳо ба иллати доштани тамоюлоти муштарак дар ҷаҳони мусоир зери унвони Экзистенсиализм қарор мегиранд.

Экзистенсиализм ба ҳар навъ табъйини ақлӣ ҳамла мекунад ва муътақид аст, ҳеҷ иҷбори ирсӣ дар зоти инсон нест. Чунончи Сортер гуфтааст, мо озодем, ки интихоб кунем ва сарнавишти худро воқеият ва айният бахшем, ҳоло ки Худо мурдааст, пас лоақал инсоне вуҷуд дорад, ки вуҷуди ӯ пеш аз моҳияти ӯст. Ақл ва истидлол тариқаи номатлуб ва ноқис барои расидан ба зиндагии шинохта аст. Ба ин тартиб, Экзистенсиализм алайҳи суннатҳои фалсафии қарни 18, ки ба ақл чун мафҳуми «илоҳӣ» менигарист, ба мубориза бархостааст.

Намояндагони аслӣ ва меҳварии мактаби Экзистенсиализм, иборатанд аз:

1. Киер Кегер (1813-1855); 2. Карл Ёспрес (1882-1969); 3. Мартин Ҳойтгерд (1889-1979); 4. Ҷон Пул Сортер (1905-1980); 5. Гавриел Марсел (1889-1973); 6. Николай Бардев (1875-1948); 7. Алберт Кому (1913-1960).

Албатта, гурӯҳе монанди Мартин Бубер, Фридрих Нитсше, Билз Поско ва Августин Қидисро низ асолати вуҷудӣ номидаанд, аммо ин кори бефоидае аст, ки исрор кунем. Ин гурӯҳ ҳатман асолати вуҷуди буданд ё на. Танҳо кофӣ аст хотирнишон шавад, ки ҳар нависанда бо дигарон дар чӣ мавридҳое муштарак аст ва дар чӣ мавридҳое аз эшон ҷудо шудааст.

**Вижагиҳои мактаби** Экзистенсиализм**:**

1. *Озодӣ:* мо озод ҳастем ва наметавонем, ки озод набошем ва ин озодӣ дар баробари тамоми ҳаводиси ҷаҳон аст. Озодии фикр, озодии эҳсос ва озодии дарки ҳақиқатҳоро касе наметавонад аз мо бигирад. Мо маҳкум ҳастем, ки озод бошем ва таърихи дунё шомили маҷмӯае аз дарку фаҳмҳо ва салиқаҳои мост ва агар ин таърихро бардоред, дигар чизе боқӣ намемонад. Ба ақидаи Экзистенсиалистҳо, ҷабргароии мухталиф ҳам аз ирсӣ ва биологӣ ё муҳитӣ тамоми моҷароро намегӯянд. Бад-ин маъно, ки ҳеҷ хайр ё шар ҷудо аз озодии интихоб вуҷуд надорад. Интихобҳо, тасмимҳо ва кӯшишҳои инсон бо ҳар гуна дунёи ғайришахсии табиат ва шояд фардӣ мухолифанд. Инсон озод аст тасмим бигирад, интихоб кунад ва ин ду хосияти ҷудонопазир аз инсон барои ӯ масъулият эҷод мекунанд. Пас инсон масъул аст, чун озод аст ва озод аст, чун масъулият дорад. Озодӣ бо он ки Ёспирс таъкид мекунад, мафҳуми исботпазир нест, бо ин ҳол аз вижагиҳои будани инсонӣ ва ҳамоно ҳастии ӯ шуморида мешавад. Инсон бошандае аст дар миёни имконҳои гуногун ва ногузир аз баргузидан, баргузидане, ки чӣ басо хатар кардан ва дил ба дарё задан аст. Чаро ки ӯ сохтаи ҳамин гузинишҳо аст. Инсон ҳамвора дар вазъияти муайян ва дар шароите аст, ки худ онҳоро интихоб накардааст ва падид наовардааст, вале бо ин ҳама

метавонад онҳоро бипазирад, бар уҳда гирад, аз они худ кунад ва дар роҳи сохтани хеш ба кор гирад ва бад-ин сон аз ҳамаи онҳо болотар равад.

Бинобар ин, фард дар миёни ҷамъ ва миёни ашёи дигар шахсияти худро аз даст намедиҳад, илова бар ин, фард аз ҳастии худ огоҳ аст ва нисбат ба таъйини моҳияти хеш тасмим мегирад.

Дар ин замина, инсон аз озодии мутлақ бархурдор аст. Ҳамроҳ бо ин озодӣ, масъулият низ вуҷуд дорад. Ҳамон тавр ки фард дар муҳити худ мунҳал намешавад ва озодии хешро ҳифз мекунад, наметавонад авзоъ ва аҳволи табиӣ, муҳити иҷтимоӣ ё варосатро масъул ва аъмоли хеш қарор диҳад. Озодии интихоб ва масъулият умурӣ, айнӣ ва воқеӣ ҳастанд.

2. Фардият: Дар мактаби Экзистенсиализм, инсон фардияти худро ҳиз мекунад. Аз ҷиҳати инсоният ӯ вақте маҳфуз мемонад, ки фардияти худро аз даст надиҳад. Инсон бо ин ки дар ҷаҳон зист мекунад ва ҷузъе аз ҷаҳон маҳсуб мегардад, ғайри ин сурат мутаҳаммил дар ҷаҳон намешавад. Инсонро наметавон ба сурати ҷузъе, ки дар таҳқиқи он зимни кул сурат мегирад, фарз кард, ҳамин тавр фарди дар ҷомеа мунҳал намешавад. Фард узве аз ҷомеа аст, аммо истиқлол ва фардияти худро дар ҷамъ аз даст нахоҳад дод.

Киер Кегер бо интиқод аз системаҳои фалсафӣ монанди Гегел баён медорад, ки ҳар система ва ҳар андешаи куллӣ, ба ҳукми куллӣ будани худ, воқеияти мушаххас ва бавижа воқеияти фардро нодида менигорад. Дар чунин нигаришҳои куллӣ, фард ва арзиши ӯ нодида гирифта шуда, дар шабакаҳое аз мафҳуми куллӣ гум мешавад ва ранг мебозад. Ҳар инсоне инсони вижа аст, вижагиҳои ӯ ҳамон чигунагии навъи гурӯҳ ва ҷомеа нест. Аз ин рӯ, сухан гуфтан дар бораи фард, фақат бо назар доштан ба сифатҳои куллии гурӯҳ, ҷомеа ва ҳатто навъи, нодида гирифтани вижагиҳои ӯст. Чунин коре, агарчи дар бораи дигар ҷонварон дуруст аст, дар бораи инсон дуруст нест. Зеро фард бартар аз навъ аст ва шинохти навъ барои шинохтани фард кофӣ нест, пас бидуни инсон будан вижагӣ аст.

3. Изтироб: Экзистенсиалистҳо бо ин ки ба инсон беш аз ҳар чизе аҳамият қоил ҳастанд, заъф, ноамнӣ, тарс, гуноҳ, танҳоӣ ва марги инсон дорад, ғофил нестанд. Ба ақидаи эшон инсон вақте дучори изтироб мешавад, ки эҳсоси бемаъноӣ мекунад. Огоҳии инсон аз вуҷуд ва адами вуҷуди хештан, ӯро музтариб месозад. Дар ин замина аст, ки ба қавли гуфтаи Сортер бемаъно будани вучуд равшан мегардад. Мо барои чӣ ба вуҷуд омадем? Далели будани мо чист? Дар ин ҷо мавзӯъ бо манбаи изтироб равшан нест. Ҳамон тавр ки вуҷуд қобили таъриф нест, мафҳуми адам низ равшан нест. Бинобар ин, фарде ки аз ҳастӣ ва нестии худ огоҳ аст, дар ҳамин ҳол намедонад аз чӣ метарсад ва аз чӣ чиз ӯро музтариб месозад. Аз он ҷо ки фард дар сохтани моҳияти худ озод аст ва интихоб ба худи ӯ иртибот дорад, бинобар ин, масъулият ба дӯши худи ӯст. Он чӣ ки мекунад, мухтор аст ва ҳамин ихтиёр ва озодӣ ӯро нисбат ба натиҷаи кори худ музтариб месозад. Инсон мавҷудест дар миёни имконоти гуногун ва ногузир аз гузиниш аст. Ин дар ҳоле аст ки, аз як сӯ ба ҳеҷ рӯ наметавонад аз дурустии мутлақ интихоби хешро мутмаин бошад ва, аз сӯйи дигар, ба аҳамияти дуруст будан ё набудани гузиниши худ огоҳӣ дошта бошад. Аз як сӯ ӯст, ки бунёди ҳар гузиниш ва тасмиме аст ва, аз сӯйи дигар, худи ӯ сохта ва пардохтаи ҳамин гузинишҳо аст. Аз ин ҷост, ки донистагӣ ба озодӣ ҳамвора бо нигаронӣ ва ҳарос ҳамроҳ аст. Ин ҳарду, яъне озодӣ ва ҳарос, аз нуктаҳои бунёдии фалсафаҳои ҳастӣ аст.

4. Ҷунбиши эътироз: Ин мактаб, ҷунбише аст алайҳи баъзе аз ашколи фалсафаи классик ва ҷомеаи нав. Махсусан афкор ва ақидаҳои файласуфоне аз қабили Афлотун ва Ҳегелр, ки ба мафҳуми зеҳнии инсон беш аз вуҷуди воқеии афрод таваҷҷуҳ доштанд, Экзистенсиализм ҳамчунин, эътирозест алайҳи табиати ғайриинсонӣ. Асри санъат ё технология, алайҳи илмгароӣ ва суботгароӣ ва алайҳи неҳзатҳои ҳизби тӯда дар замони мо ба мактаби асолати вуҷуд ба ҷойи тамаркуз ва таваҷҷуҳ ба мантиқ ва илм, асосан ба вуҷуди инсонӣ алоқаманд аст. Бавижа бо шадидтарин ва сахтарин таҷрибаҳои инсонӣ мисли марг, дилҳура, ноумедӣ, гуноҳ, дар ҳамаи ин мавридҳо одамиён мекӯшанд, ки аз хештани хеш бигурезанд.

Ақидаи ин мактаб ҷомеаи санъати мошинро ба фард тарҷеҳ медиҳад ва инсон бо ин хатар мувоҷеҳ аст, ки ба сурати як абзор ё як шайъ (ягон предмет) дарояд. Суботгароӣ ва илмгароӣ танҳо ба табиати хориҷии инсон таваҷҷуҳ доранд ва ӯро

тибқи аъмол ва фароянდҳои физикӣ таъбир ва тафсир мекунанд. Файласуфони Экзистенсиализм ба ҳақиқатҳои мусаллам мепардозанд. Дар осори инсон, асаре аз ҷиноят ва хун вуҷуд надорад. Садоқатро урён ҷилва медиҳанд ва ҳақиқатро дар фалсафаи инсонӣ дар қолаби ростиҳо ва дурустиҳо нишон медиҳанд.

Киер Кегер дар яке аз навиштаҳои хеш мегӯяд: «Пайдо кардани ҳар ҳақиқате арзиши ҷустуҷӯи онро дорад, ҳақиқат дар назари ман пайдо кардани матлабе аст, ки зиндагӣ ва мурдагии ман ба хотири он бошад. Барои ман чӣ фоидае дорад, ки ҳақиқатеро ҷустуҷӯ ё пайдо кунам, ки дар зиндагии ман аҳамияте надошта бошад. Он чи ман бад-он ниёзмандам ин аст, ки ба ҷойи зиндаги олимвор, як зиндагии инсонвор дошта бошам»[1].

Нитсше низ бо эътироз ва нақди инсони ҷадид ва инҳитоти фарҳангӣ ва ахлоқии ӯ оғоз мекунад. Ӯ дар андешаҳояш ба ташхиси як бемории, ки ҳанӯз аз чашми ҳамзамононаш пинҳон аст, мерасад. Ин чигунагӣ, ҳамоно беарзиш шудани бартарин арзишҳо, яъне нигилизм (nihilism) аст.

Экзистенсиализм маншаи масъулиятҳои одамиро, озодии ӯро дар интихоб медонад. Нитсше ин андешаро дар китоби «Дониши шод» дар достони марди девонае баён мекунад, ки дар рӯзи равшан фонус ба даст ба миёни бозор давид ва дар миёни ошуфтагии мардуми беэътиқоде, ки дар тамоши ӯ истода буданд ва механдиданд, фарёд баровард: «ки ман дар ҷустуҷӯи Худо ҳастам» ва пас аз шунидани гуфтаҳои рушхандомези онон ки «Оё Худо гум шудааст? Оё ба ҷойи дигаре сафар карда ва ё аз тарс пинҳон шудааст?» Ба онон гуфт: «Мо будем, ки ӯро куштем. Мо бо табаҳкорон табоҳкортарин мо будем, занҷиреро, ки заминро бо хуршед мепайваст, гусастем ва акнун замин ба сӯйи номаълум меравад, акнун, оё сармо ва торикӣ ва нестиро ҳис намекунед?» Марди девона он гоҳ дар миёни ҳайрати тамошогарон, ки ба ӯ хира шуда буданд, фонусро бар замин кӯбид ва гуфт: «Ман зуд омадам, замони ман ҳанӯз наомада ва ин хабари ҳаросангез ҳанӯз ба гӯши мардумон нарасидааст»[2].

Бад-ин сон Нитсше басе пеш аз дигарон ба вазъияти мавҷуд эътироз мекунад. Барои ӯ нигилизм, агар чун як марҳалаи гузаро нигариста шавад, танҳо бемории нест, балки худ заминае аст барои такомул.

5. Ташхис аз вазъ ва ҳолати номатлуби инсон. Ин мактаб мекӯшад вуҷуди инсон ва таорӯзҳои ӯ, маншаи таорӯзҳоро бишносад ва чигунагии ғалаба бар онҳоро пешбинӣ кунад. Ин мактаб ба равия, вазъи инсон ва пайгардҳои ӯ аз ҷаҳон таъкид мекунад ва ба худшиносии вай аҳамияти хосе қоил аст. Ин фалсафа, ки дар қарни XX-ум бар афкор мусаллат шуд, инсонро танҳо мавзӯи мавриди таваҷҷӯҳи худ медонад ва пешравони он, бахсус Киер Кегар, Нитсше, Достоевский ва Сортер ба мутолиаи вазъиятҳо ва аҳволи инсон пардохтанд.

6. Эҳсоси бегонагӣ. Вақте фард далеле бар ҳастии худ намебинад, дар ин дунё эҳсоси бегонагӣ мекунад. Ӯ худро аз дигар ашё ва афрод ҷудо ҳис мекунад. Хулоса фард ба сурати васлаи ноҷурест, ки маҳалли муносиб барои худ намеёбад.

7. Эътиқод ба бартарин мақоми ҳастӣ ё вуҷуд. Экзистенсиализм ба яктоӣ ва бартарии ҳастӣ ё вуҷуди инсон муътақид аст ва онро таҷрибаи билофосилаи худ огоҳӣ медонад. Яъне инсон қабл аз ҳар чиз ба вуҷуд ё ҳастии худ мутаваҷҷеҳ мешавад. Ангезаи асосӣ ва ҳастии ҳар фард иборат аст аз будан ва шинохта шудан.

Аз ин роҳ аст, ки зиндагонӣ маъно ва аҳамият пайдо мекунад ва барои ҳар шахс марҷаи маънодор ҳамон шуур ё шинохти билофосилаи худи ӯст. Ба унвони мисол, вақте Сортер аз ҳастӣ суҳбат мекунад, назараш ҳамон вуҷуди инсон аст ва ҳастиро фақат дар вуҷуди инсон қобили баҳс медонад. Ӯ ин хел нишон медиҳад, ки инсон бо инсони дигар гуфтугӯ мекунад. Ба назараш он инсоне аст, ки аз отифа, виҷдон ва идорк ҳастӣ ёфтааст [3].

Нахустин сифат боризи ҳастӣ будан, агар битавон онро сифати бориз гуфт, ин аст, ки таърифпазир нест ва наметавон онро ба наҳви айнӣ ва маҳсул шинохт. Он амре нест, ки мумкин бошад, мутааллиқ ва айн қарор бигирад ва битавон онро табъйин кард. Ҳамон тавре ки Ёспирс гуфтааст, ҷуз аз ҳаст будан гузашта [4]. Яъне ҳастӣ будан, ки айни ҳастӣ аст, наметавонем сухан гуфт. Ҳаст будан, агар мавриди мулоҳиза ва мушоҳида қарор бигирад, маҳв мешавад ва аз байн меравад. Нахустин ҳарф, ки шояд битавонем зад ин аст ки бошандае худро мешиносад ва ин бад-ин

маъно аст, ки нахустин бошанда Суқрот ва нахустин дастури бошанда «худро бишинос» хонда мешавад [5].

Аммо ин худи «ман», ки бояд онро бишиносам, монанди мани Декарт ба мулоҳизоти ақлӣ, ё ба мулоҳизоти айнӣ, монанди рӯҳе, ки Ҳегер аз он баҳс кардааст, ё ба мафҳумҳои равии вай намеоварад, ба он чи барои ҳама шинохтанӣ аст, ҳам рӯй намеоварад. Бошанда он касе аст, ки Киер Кегар ӯро ягона ё мутафаккир дар бораи зеҳни худ ба умури зеҳни ӯ пайваста бо худ дар робита аст ва бениҳоят барои худ нигарон аст.

8. Тақаддуми вуҷуд бар моҳият. Ба назари ин даста аз файласуфон, он чи дар бораи инсон гуфта шавад, фаъолияти инсон, фикр кардани вай, эҷоди низоми фалсафӣ ва аъмоли одии вай ҳама мубтанӣ бар як асл аст ва он мавҷудест, ки аз ӯ вуҷуди хештан огоҳ аст. Ин ҳақиқатро ҳар фард аз тариқи даруннигарӣ метавонад дарк кунад.

9. Тановузи асосӣ. Аз он ҷо ки инсон ду ҷанбаи асосӣ ва дар айни ҳол мутановиз дар худ эҳсос мекунад, ин ду ҷанба вуҷуд ва адами вуҷуди инсонро ташкил медиҳад. Ҳамон тавр ҳастии инсон амри воқеӣ аст, маҳв кардани вай низ воқеияти ғайриқобили инкор аст. Огоҳии инсон аз ин ду ҷанба ва таваҷҷуҳ ба ин тановузи асосӣ манбаи изтироб дар инсон аст. Аз як тараф, фард вуҷуди махсус ва мутамоизи худро дарк мекунад. Фард таваҷҷуҳ дорад, ки ӯ танҳо касе аст, ки дар ин арсаи вуҷуд ба ин ном, бо ин хусусиёт ва гузаштаи махсус ва мавқеияти хос ҳеҷ кас наметавонад ҷойи ӯро дар ҷаҳон бигирад ва ин хусусиётро дар худ мунъакис созад. Чун инсон аз вуҷуди худ огоҳ аст, ин тановуз барои ӯ матраҳ мешавад. Миёни мавҷудот танҳо инсон аст, ки мафҳуми вуҷудро дарк мекунад ва аз ҳастии хештан огоҳ аст. Ҳамон тавре ки ҳастӣ барои инсон амри бадеӣ аст, нестӣ низ ҳамроҳ бо тасвири ҳастӣ дар зеҳни инсон вуҷуд дорад. Дар айни ин ки вуҷуди худ ё чизи дигарро ҳис мекунем, адами худ ё адами он чиз низ комилан дар назари мо равшан аст. Рӯҳи ин замина инсон на танҳо аз вуҷуди хештан огоҳ аст, адами худро низ ҳис мекунад.

### АДАБИЁТ


1. Ҷон Пер Сортер. Усули фалсафаи Экзистенсиализм. Бо тафсири Рене Лофрож. Тарҷумаи Пизишкпур. Интишороти Шаҳриёр. -С.8.
2. Алиасғари Ҳалабӣ. Вазъҳое дар андешаи сиёсии қарни XX. Интишороти Асотир. Чопи аввал. 1375, -С.133.
3. Руже Варну ва Ҷон Вол. Нигоҳе ба падидоршиносӣ ва фалсафаҳои ҳастӣ будан. Тарҷумаи Яҳёи Маҳдавӣ. Интишороти Хоразмӣ. Чопи аввал, 1372, -С. 258.
4. Алии Шариатмадорӣ. Фалсафа. Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. Чопи 5, 1373.
5. Муртазои Мутаҳарӣ. Тафаккури фалсафаи Ғарб. Муассисаи фарҳангии андешаи муосир. Чопи 2, 1377.
6. Ҳамиди Ҳамидӣ. Муқаддимае бар фалсафаи муосир. Интишороти Зувора. Чопи 2.
7. Фалсафа ё пажӯҳиши ҳақиқат, чанд тан аз асотири фалсафаи Ғарб. Тарҷумаи Саидҷаллолидини Муштабоӣ. Интишороти ҳикмат. Чопи 7, 1370.


### ПРИНЦИПЫ И ОСНОВЫ ФИЛОСОФИИ ЭКЗИСТЕНЦИАЛИЗМА


В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению принципы и основы философии экзистенциализма. Экзистенциализм или философия существования – направление современной философии, главным предметом изучения которого стал человек, его проблемы, трудности существования в окружающем мире. Впервые об экзистенциализме заговорили в конце 20-х годов XX века. Многие считали это направление философии бесперспективным, но вскоре оно выросло в крупное идейное движение. Философия экзистенциализма отвечает запросам выбитого из колеи человека, смятенного перед лицом прогресса науки и великих исторических сдвигов современного мира.



**Ключевые слова:** философия экзистенциализма, принципы и основы, историческое развитие, человеческое существование, социальный пессимизм устойчивые общественные нормы.


### PRINCIPLES OF THE PHILOSOPHY OF EXISTENTIALISM


In this article the author subjected to study and discusses the principles of the philosophy of existentialism. Existentialism or philosophy of existence - the direction of modern philosophy, the main object of study which became the person, his problems, difficulties of existence in the outside world. For the first time about existentialism talking in the late 20-ies of the XX century. The philosophy of existentialism meets the needs of a knocked-out of the rut of a person, смятенного the face of the progress of science and the great historic changes of the modern world.



**Key words:** philosophy of existentialism, principles and foundations, historical development, human existence, social pessimism sustainable social norms.



**Сведения об авторе:** ***Мухаммадвали Фараджзода*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРГУЗОРИ МАВОДИ МУХАДДИР ДАР ҶАВОНОН

*Аҳмадалӣ Боқирӣ*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Нашъамандӣ як вобастагӣ ё таалluқи ғайритабиӣ ба бархе аз маводи мухаддир, ё доруҳо мебошад. Маъмулан навҷавонон дар ин омили номатлуб дар маърази хатар ҳастанд. Баъзе аз навҷавонон дар муҳити дӯстона мумкин аст сигор бикашанд ва ин муҷиби одат ба сигор кашидан дар онҳо мешавад ва пас аз он дар сурате ки мавқеиятҳои дигаре дар ҷамъи дӯстон вуҷуд дошта бошад, аз маводи дигаре ҳам истифода мекунанд. Волидайн тасаввур мекунанд, ки маводи мухаддир фарзандонашонро таҳдид намекунад ва фақат барои дигарон пеш меояд, дар сурате ки маводи мухаддир як масъалаи иҷтимоӣ аст ва волидайн бояд ба муҳити дӯстони фарзандони худ таваҷҷуҳ дошта бошанд. Маводи мухаддир дар ҷавонон иллатҳои мухатлифе дорад ва ба омилҳои муҳиме, монанди хонавода, табақаи иҷтимоии навҷавонон, мадраса ва муҳити зиндагӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

**Омилҳои муассири маводи мухаддир:**

**1. Хонавода** Аввалин ҷоме, ки фарзанд дар он қарор мегирад, хонавода аст. Хонаводаҳое аз ҳам гусехта ва нобасомон, хонаводаҳое, ки яке аз волидайн маводи мухаддир истеъмол мекунанд, мумкин аст таъсири бисёре бар фарзанд дошта бошад.

**2. Муҳити зиндагӣ** Маҳалли зиндагӣ, ки афроди маводи мухаддир истеъмол мекардагӣ зиёд ҳастанд ва маводи мухаддир ба осонӣ дар дастрасӣ ҷавонон қарор мегирад, метавонад сабаби гароиши ҷавонон ба маводи мухаддир шавад. Мадраса ва рафту омад бо дӯстон ва ҳамсолони гирифтори маводи мухаддир низ метавонад яке аз омилҳои муҳим бошад. Баъзе аз навҷавонон ҳассос ҳастанд ва мумкин аст хеле зуд дучори ноумедӣ шаванд ва барои фирор аз ин ноумедӣ даст ба ин амал бизананд.

**3. Омилҳои генетикӣ ва ирсӣ.** Агар яке аз волидайн гирифтори маводи мухаддир бошад, мумкин аст бар рӯи системаи генетикии фарзанд асар бигузоранд ва ӯ дар навҷавонӣ гароиши хосе ба маводи мухаддир пайдо кунанд, ки албатта, ин омил комилан шинохташуда нест.

**4. Табақаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.** Яъне шахс аз чӣ сатҳи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бархурдор аст ва дар чӣ қисмате аз шаҳр ва ё русто зиндагӣ мекунад? Маъмулан дар минтақаҳое, ки дучори факри фарҳангӣ ҳастанд, ба далели надоштани имконоти тафреҳӣ ва саргармии муносиб вақтҳои ҷавонон беҳуда талаф мешавад ва мумкин аст маводи мухаддирро ба унвони як саргармӣ интихоб бикунанд.

**5. Омилҳои равонӣ.** Афроде, ки дучори ихтилолоти равонӣ ҳастанд, камтаваҷҷуҳ мешаванд ва рафтори монанди дурӯғгӯӣ, фирор аз хона, рафторҳои хушунатомез дошта бошанд. Маъмулан афроди дарунгаро тамоюл ба истифода аз маводи мухаддир доранд. Яке аз омилҳои гароиш ба маводи мухаддир бизеҳкорӣ аст. Навҷавононе, ки натавонистанд бо ҷомеа хуб робита барқарор кунанд аз он фосила мегиранд ва бо масрафи маводи мухаддир барои худ шахсияти козиб месозанд ва барои намоиши бузург шудан ва вуруд ба дунёи бузургсолон аз сигор ё шароб истифода мекунанд ва камбудҳои рафторӣ ва шахсиятии худро бо маводи мухаддир пур мекунанд.

**Нишонаҳои фарди гирифтори маводи мухаддир** Ҳамнишинӣ бо афроди машкук:

- Кам шудани иштиҳо;
- тағйир дар соатҳои хоб;
- тағйир дар ҳолати хулқу хӯй;
- тағйир дар ранги чеҳра;
- коҳиши вазн;
- бетаваҷҷуҳи нисбат ба беҳдошт;
- хоболуд шудан;
- зиёд сухан гуфтан;
- тамоюл ба гӯшагирӣ.

Роҳҳои пешгирӣ аз маводи мухаддир:

**1. Хонавода.** Хонавода бо барқарории иртиботи хуб бо фарзанди худ ва таъмини ниёзҳои рӯҳӣ, равонӣ ва отифӣ метавонад аз гароиши фарзанд ба маводи

мухаддир пешгирӣ кунад. Хонавода бо назорат ва дӯстони фарзандони худ, метавонад аз афтодани онҳо ба доми маводи мухаддир пешгирӣ кунад.

**2. Мадраса.** Муаллимони мадраса метавонанд рафторҳо ва мавридҳои машкукро дар донишомӯзон назорат кунанд ва ба мавқеъи зарурӣ пешгирӣ намоянд.

**3. Омилҳои иҷтимоӣ.** Ҷомеа ва давлат бояд имконотеро фароҳам кунанд, ки маводи мухаддир ба роҳатӣ дар дастраси ҷавонон қарор нагирад ва оқибатҳои нохушоянди онро барои мардум тавзеҳ диҳанд. Маъмулан маводи мухаддир дар писарон бештар аст ва ин ба мавқеияти иҷтимоии онҳо марбут мешавад. Зеро писарон дар ҷомеа рафту омади бештаре доранд ва роҳаттар метавонанд ба маводи мухаддир даст пайдо кунанд.

**Мушкилоти пешгирӣ аз маводи мухаддир.** Афроди гирифтор ба маводи мухаддир баъзе вақтҳо пинҳонкорӣ мекунанд. Мегӯянд дар ҷамъи дӯстон будем ва иддаои дарс хондан мекунанд, вале мумкин аст корҳои дигаре анҷом бидиҳанд. Баъзе вақтҳо ҷавонон инкор мекунанд ва рафторҳои ҳақ ба ҷониби худашон мегиранд. Дар ин вақтҳо бояд мусоҳибаҳои тахассусӣ ва барррасиҳои илмӣ анҷом гирад, то фарди мубтало ба маводи мухаддир ташхис дода шавад. Имрӯз масъалаи гирифтор шудан ба маводи мухаддир як бухрони иҷтимоӣ ва падидаи шум ва хонумонсӯз табдил шудааст ва ба яқин метавон гуфт, имрӯз истифодаи рӯзафзун аз маводи мухаддир яке аз мушкилоти бузург ва печидаи ҷомеаҳои инсонӣ шудааст. Дар ин маврид гузориши солиёнаи кумитаи байналмилалии назорати маводи мухаддир баёнгари афзоиши рӯзафзуни қочоқ ва масрафи нобаҷои маводи мухаддир ва маводи равонгардон аст. Дар ин замина дафтари пешгирӣ аз сӯи масрафи мавод (SOAP) дар соли 1990 тайи мутолиоти густарда баровард намуд, ки 49% қатлҳо, 82% таҷовузҳо, 62% даъвоҳо ва даргириҳо, 69% даргирии мунҷар ба қатл, 50% маргу мирҳои ношӣ аз ҳодисаҳои ронандагӣ, 27% худкушиҳо, 38% кӯдакозорӣ ва ғайра бо масрафи машруботи спиртӣ ва маводи мухаддир дар иртибот будааст. Дар кишвари мо масрафи маводи мухаддир илова бар ҷурмҳои роиҷ дар соири кишварҳо мунҷар ба мавридҳои дигаре монанди дуздӣ, талоқ, инҳирофоти ҷинсӣ ва ахлоқӣ ва ғайра ҳам мешавад. Ба тавре ки беш аз нисф аз зиндониёни кишвари мо, ба наҳве бо падидаи маводи мухаддир дар иртибот будаанд. Ҳамеша посух ба ин суол, ки чаро афрод ба маводи мухаддир тамоюл пайдо мекунанд, бисёр душвор аст. Чаро ки танҳо як омили мунҳасир ба фард наметавонад шахсро ба сӯи маводи мухаддир савқ диҳад ва дарвоқеъ, таркибе аз омилҳои гуногун заминаро барои гароиш ба маводи мухаддир фароҳам меоварад.

**Нуктаҳо 1.** Болотарин рақами синнии афроди гирифтор ба маводи мухаддир дар Эронро афроди 20-27 сола ташкил медиҳанд.

2. Афроде, ки ба анвои маводи мухаддир гирифтор шудаанд, аглаб аввалин таҷрибаашонро ба сурати тафриҳӣ ва дар даврони навҷавони касб карда буданд.

3. Ташхиси рафторҳои ошкори давраи навҷавонӣ аз рафторҳои ношӣ аз масрафи маводи мухаддир душвор аст.

4. Навҷавононе, ки аз будан дар хонаводаашон эҳсоси ризоият доштаанд ва робитаҳои самимӣ байни аъзои хонавода вуҷуд доштааст, камтар ба думболи сигор ва машруботи спиртӣ ва анвои маводи мухаддир будаанд.

Яке аз мушкилоти умдае, ки насли ҷавони ҷомеа ба он рӯ ба рӯ аст, хатари гароиш ба масрафи маводи мухаддир аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки гароиш ба маводи мухаддир дар байни навҷавонон ва ҷавонон дар ҳоли афзоиш аст. Ағлаби ҷавонон бо гузар аз даврони балоғат дучори тағйироти ҷисмӣ ва равонии гуногуне мешаванд, ки таъсироти зиёде бар рафторҳо ва аксуламалҳои ҳаяҷонии онҳо нисбат ба атрофиён мегузорад. Монанди эҳсоси норизоиятӣ, асабоният, беҳавсалагӣ, мухолифат, муборизаҷӯӣ, адами ҳамкорӣ, беэътиноӣ ва айбҷӯӣ, аз ҷумла бадхулқиҳое аст, ки зиндагии навҷавононро душвортар аз гузашта мекунад. Дар мавридҳое ин вижагиҳои рафторӣ ва ахлоқӣ ба гунае аст, ки ононро шадидан мустаиди олуда шудан ба анвои каҷравиҳо ва осебҳои иҷтимоӣ мекунад. Ин навҷавонон арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқии волидайнашонро камтар мепазиранд ва бештар дар думболи ёфтани истиқлол ва исботи хештан ҳастанд.

**Пешниҳодот ва роҳкорҳо.** Барои пешгирӣ аз одатҳо ва рафторҳои манфӣ ва ғайрисолимии ҷавонон ва навҷавонон ҳеҷ гоҳ набояд сабр кард, то онон бо чунин мушкилоте даргир шаванд ва он гоҳ ба думболи ёфтани роҳи ҳал ва шеваи муқобил бо он бароянд. Аз тарафи дигар, бо нодида гирифтан ва инкори воқеиятҳои мавҷуд,

на танҳо наметавон мушкилеро ҳал кард, балки фурсати ёфтани роҳи ҳал ҳам аз даст меравад. Роҳи пешгирии муассир аз гирифтор шудани моводи мухаддир дар ҷавонон, ҳамоно ҳушёрии ҳамешагии волидайн ва аъзои муассири хонавода аст. Хонавода меъёрҳои хуб будан ва бад буданро ба фарзандонашон ёд бидиҳанд. Арзишҳои писандидаи ахлоқӣ ва рафторҳои муносиби иҷтимоӣ ва масъулияти иҷтимоиро ба фарзандонашон омӯзиш диҳанд. Дар баробари иҷрои муқаррарот ва қонунҳои ҳоким бар хона, мадраса ва иҷтимоъ масъул ва ҳушёр бошанд. Саъй кунанд, намунаи рафтории хубе барои фарзандони ҷавони худ бошанд. Волидайне, ки худ сигор мекашанд ва ё дар масрафи доруҳои маскункунандаи дард ва хобовар ифрот мекунанд, роҳро барои инҳироф ва тасмимгириҳои номуносиби ҷавонони худ ҳамвор месозанд.

Иззати нафс, хештандорӣ ва эътимод ба нафси ҷавононро бояд тақвият кард. Фурсатҳо ва мавқеиятҳое барои навҷавон ва ҷавон фароҳам оварем, то ӯ битавонад пирӯзмандона ба ҳадафҳояш бирасад. Ӯро ба далели тавоноиҳо ва истеъдодҳояш ташвиқ ва ҳимоят кунем. Ин кор ба ӯ кумак мекунад, то эҳсоси хубе нисбат ба худаш пайдо кунад ва дар интихоби роҳ ва масири дурусти зиндагӣ худро аз инҳитот ва олуда шудан наҷот бидиҳад. Иртиботи муассир ва самимонае бо навҷавон ва ҷавон барқарор кунед. Гӯш додан ба суҳбатҳои ӯ, таваҷҷуҳ кардан ба эҳсосот ва отифаҳои ӯ ба ӯ кумак мекунад, то дар муқобила бо буҳронҳои зиндагӣ муваффақ бошад. Нисбат ба эҳсоси афсурдагӣ, беҳавсалагӣ ва гӯшагирии фарзандони навҷавони худ, ҳассос ва ҳушёр бошед. Зеро паёмади он мумкин аст, гароиш ба осебҳои иҷтимоӣ мисли кашидани сигор, моводи мухаддир, фаҳшо, бизеҳкорӣ ва ғайра шавад.

Саъй кунем муҳити зиндагӣ ва ҷомеаро низ солим нигаҳ дорем ва назму инзиботу заминаҳои кор кардани муносибро барои ҷавонон фароҳам кунем.

**Натиҷагирӣ.** Яке аз инҳирофоти муҳими иҷтимоӣ, гароиш ба моводи мухаддир дар байни навҷавонон ва ҷавонон мебошад, ки бояд аз сӯи хонаводаҳо ва масъулини ҷомеа мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирад. Гароиш ба моводи мухаддир дар байни навҷавонон ва ҷавонон сабабҳои мухталифе дорад. Бояд бо шинохти сареъ ба думболи назорат ва пешгирӣ аз он бошем, ки дармони он кори сахт ва пурҳазина аст. Ба таври хулоса, волидайн метавонанд дар бораи моводи мухаддир ба навҷавонашон биомӯзанд ва паёмадҳои номуносиби онро ба фарзандонашон омӯзиш диҳанд. Ба таври кулли, ду роҳи аслии муқобила бо инҳирофоти иҷтимоӣ вуҷуд дорад:

**1. Муқовим кардан ва ваксина кардани фард.** Дар муқобили ин инҳирофот бо додани огоҳии дуруст ва тақвияти эътимод ба нафс ва иззати нафс дар онон мебошад. Чун наметавон ҳамаи муҳит ва ҷомеаро солим кард ва ё аз вуруди ҷавон ба ҷомеа пешгирӣ кард. Пас бояд ӯро қавӣ кард, то бо вуруд дар ҷомеа худро дар муқобили инҳирофот ҳифз намояд.

**2. Солимсозии муҳит ва ҷомеа** Ин як масъулияти ҷамъӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ҳам ба уҳдаи фард, аъзои ҷомеа ва ҳам масъулин ва ниҳодҳо ва созмонҳои давлатӣ мебошад. Монанди мадраса, донишгоҳ, расонаҳо, нерӯҳои амниятӣ ва ғайра мебошад. Онҳо бояд талош кунанд, то моводи мухаддир ба осонӣ дар ихтиёри ҷавонон қарор нагирад ва бо қочоқчиён ва фурӯшандагони моводи мухаддир ба шиддат муқобила кунанд. То битавонем бо доштани ҷавонони солим ва қавӣ ояндаи ҷомеа ва кишвари худро беҳтар бисозем.


### АДАБИЁТ

1. Аҷлолӣ Парвиз. Нигоҳе ба ҷурмҳо дар Эрон. Маҷмӯаи мақолоти осебҳои иҷтимоии Эрон. Анҷумани ҷомеашиносии Эрон. с.256, 2004.
2. Кайниё Маҳдӣ. Мабноҳои ҷурмшиносӣ. Интишороти донишгоҳи Теҳрон. Теҳрон, с. 178, 1995.
3. Расонаҳо ва хонавода. Таъсири василаҳои иртиботи ҷамъӣ бар пайвандҳои отифии хонавода. Сайти Рушд. 2004.
4. Фарҷод Муҳаммадҳусайн. Осебшиносии иҷтимоӣ ва ҷомеашиносии инҳирофот. –Теҳрон: Интишороти Нав. с.314, 1992.
5. Кафошиён Муҳаммадалӣ. Худомӯзии тарки моводи мухаддир. с.212, 1999.
6. Дониш Тоҷзамон. Мӯътод кист, моводи мухаддир чист. –Теҳрон: Интишороти Фурӯзиш, с.14, 2008.
7. Шарафӣ Муҳаммадризо. Дунёи ҷавон. –Теҳрон: Интишороти Рушд., с.311, 2005.
8. http://www.balashahr.com/matlab.asp?id
9. http://rangaraggroup.com/articles

**ВОЗДЕЙСТВУЮЩИЕ ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА УПОТРЕБЛЕНИЕ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ СРЕДИ ПОДРОСТКОВ**

В данной статье автором рассмотрены воздействующие факторы, влияющие на употребление наркотических средств среди подростков. Главные факторы возникновения у несовершеннолетних потребности в наркотических веществах - возрастные особенности, отклонения в функционировании высшей нервной деятельности. Наркомания несовершеннолетних – это, прежде всего, проявления нарушений поведения, которые в свою очередь, обусловлены социальной средой. В подростковом возрасте человек должен много достичь, определится. Это серьезное испытание, и для большинства представляет трудность. Подросток самоутверждается, ищет собственные пути, нуждается в поддержке и снимает естественное напряжение посредством каких-либо действий.

**Ключевые слова:** подростковый возраст, употребление наркотиков, подростковый возраст, употребление наркотических средств, наркомания несовершеннолетних, социальная среда.

**FACTORS AFFECTING THE USE OF DRUGS AMONG TEENAGERS**

In this article the author considers the factors influencing the use of drugs among teenagers. The main factors of adolescent needs in drugs - age peculiarities, deviations in functioning of the higher nervous activity. Drug abuse of minors is, first of all, of violations of conduct, which in turn, due to the social environment. In adolescence man has achieved to be determined. It is a serious test, and for most difficulty. Teen asserting itself, looking for their own way, needs support and relieves natural tension through any action.

**Key words:** adolescent age, drug use, Teens, drug abuse, juvenile drug addiction and the social environment.

**Сведения об авторе:** ***Ахмадали Бокири*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# ҲУЗУРИ НАТО ДАР АФҒОНИСТОН
## *(далоил, пайомадҳо ва задухӯрдҳо)*

***Алии Шуҷоифард***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Ҳодисаи 11 сентябр ва ҳамлаи интиҳории мансуб ба ал-Қоида ба бурҷҳои тиҷорати ҷаҳонӣ ва Пентагон дар Вашингтон, боиси эҷоди як таҳаввулоти низомӣ ва сиёсӣ дар Афғонистон шуд. Аз нуқтаи назари низомӣ, бар асоси қатъномаҳои Шӯрои амният (1368, 1373), нерӯҳои мубориза бо терроризм, бо роҳбарии Амрико ба Афғонистон ҳамла кард, то ҳукумиати Толибон ва муттаҳидони хориҷии онҳо ал-Қоидаро соқит кунад.

Аз нуқтаи назари сиёсӣ низ иҷлосия бо ҳузури гурӯҳҳои дохилии Афғонистон ва бозигарони хориҷӣ, муассир дар таҳаввулоти Афғонистон ташкил шуд, то ҳавзаҳои сиёсат, амният ва иқтисодро барои давраи пас аз Толибон тарсим кунад. Дар ин иҷлосия се марҳила барои давлатсозӣ дар Афғонистон дар назар гирифта шуд, ки иборат буд, аз ташкили як давлати муваққати шашмоҳа, як давлати интиқолии ҳаждаҳмоҳа ва як давлати доимӣ. Ба мувозоти вуқуи ин ду таҳаввул, иттифоқи дигаре ҳодис шуд, ки ба истиноди қатъномаи 1378 Шӯрои амният муваррихи 20 декабри соли 2001 нерӯҳои байналмилалӣ кӯмак ба амнияти маъмурияти амнияти Афғонистон эҷод шуд, ки маъмурияти он барқарории амният дар Кобул ва ҳумии он, монанди фурӯдгоҳи Багром буд.

ISAF – (Нерӯи амнияти байналмилалӣ) як ҳамкории сеҷониба байни ҳукумати интиқолии Афғонистон, Созмони Миллали Муттаҳид ва нерӯҳои эътилофи мубориза бо терроризм, пайваста аз 29 кишвар мебошад. Фармондеҳии ISAF аз январ то июни соли 2002 ба муддати 6 моҳ ба Англия, аз июни 2002 то январи 2003 ба Туркия, аз аввали феврал то августи 2003 бо фармондеҳии муштараки Олмон ва Голландия буд. Аммо мушкилоти давраи мудирият ва фармондеҳии ISAF муҷиб шуд, ки Олмон бо тарҳи қатъномае дар Шӯрои амният хостори интиколи вазоифи ISAF ба НАТО шавад.

Бо тасвиби қатъномаи 1510 дар Шӯрои амният, дар 11 августи 2003 маросими интиқоли масъулияти ISAF ба НАТО дар Кобул бо ҳузури Ҳомид Карзай, Раиси давлати интиқолии Афғонистон ва Петер Аштрок, вазири дифои Олмон сурат гирифт. Ба ин тартиб, Афғонистон аввалин кишваре шуд, ки НАТО хориҷ аз заи суннатии худ (Амрикои Шимолӣ ва Аврупо) бо он ворид шавад. Вале бо гузашти чанд сол аз ҳузури НАТО дар Афғонистон ин созмон натавонистааст бар бесуботӣ ва мушкилоти амниятии Афғонистон фойиқ ояд. Ин пажӯҳиш дар садад (кӯшиш) аст, ки

далоили ҳузури НАТО дар Афғонистон ва чолишҳое, ки НАТО дар Афғонистон бо он мувоҷеҳ аст, мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Бар мабнои назария коркарди гироии созмонҳо метавонанд дар ҳама замонҳо ба ҳаёти худ идома диҳанд, ба шарте ки коркардҳои худро бозмон татбиқ диҳанд «Коркарди гироиҳо» бар ин боваранд, ки Созмони Пайванди Атлантикаи Шимолӣ низ метавонад зимни падид овардани институтҳо ва механизмҳои ҷадиде мутобиқ бо ниёзи шароити замонӣ ба  бақои худ кӯмаки фаровоне кунад. Бар мабнои назарияи коркарди гироӣ, вуҷуди авомили сегонаи зайл ба тадовуми НАТО, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ кӯмаки фаровоне намудааст:

1. Иттихози (қабул) стратегии ҷадиди НАТО;
2. Алоиқи (манфиат) созмонӣ;
3. Ниёз ба густариши ҳамкорӣ байни кишварҳои узв (Қойидӣ, 1380, -С.30).

Яке дигар аз назарияҳое, ки метавонад илали ҳузури НАТО-ро дар Афғонистон тавзеҳ диҳад, назарияи ниҳодгароёни нюлиберал аст. Бар асоси дидгоҳҳои ин гурӯҳ, ниҳодҳо ҳам дар тасҳили равобити байни кишварҳо ва ҳам дар рафтори кишварҳо таъсир мегузоранд. Ин ниҳодҳо бо эҷоди ҳинҷорҳо ва муоҳидот хусусияти анархистии системаи байналмилалро таъдил мекунанд ва бо мудирияту ҳалли ихтилофоти маҳал ва минтақавӣ дар ташкили иттиҳод ва таҳаввули ҳамкории амниятӣ, чорчӯбаи қобили итминоне барои таомил байни кишварҳо фароҳам месозад. Чунин ниҳодҳо танҳо дорои як кору вижа нестанд, балки дар бисёр маврид, пас аз ташкили кор, вижаи ҷадиде пайдо мекунанд,  ки пас аз мансух шудани кор, вижаи ибтидоӣ ба онҳо кӯмак мекунад, ки фоида ва зарурати худро ҳифз кунанд (Аминиён, 1384).

Дар аввалҳои даҳаи 90-ум иддае муътақид буданд, ки бо поёни ҷанги сард, таҳдид алайҳи амнияти Аврупо аз байн нарафта, балки ин қора дар муқобили навъи ҷадиде аз таҳдидҳо қарор гирифтааст. Муҳаққиқони  мувофиқ бо ин назария, маҷмӯаи таҳдидҳое, монанди бесуботӣ дар шарқи Аврупо бавижа, даргириҳои қавмӣ дар Балкан, эҳтимоли сар задании нооромиҳо дар сатҳи ҷаҳон ва таҳдиди кишварҳои аврупоӣ, таҳдидҳои ғайринизомӣ, монанди олудагии муҳити зист, ҳуқуқи башар, таслиҳоти кушторҷамъӣ ва кимиёӣ, радикализми исломӣ, терроризм, маводи мухаддир, зуҳури сармоядории инҳисори пайдоиши қудратҳои гегемон, монанди Чин ва тарс аз эҳёи муҷаддади қудрат, Россияро ба унвони таҳдид алайҳи амнияти Аврупо матраҳ карданд.

Бар асоси ин таъриф, таҳдид барои давлатҳои узви НАТО ҳамчунин вуҷуд дорад ва ҳатто, ин таҳдидод тунӯи кайфӣ ва камӣ низ ёфтаанд. Аз тарафи дигар, тағйири кайфияти ин таҳдидот, лузуми табъияи сохторҳои лозим барои муқобила бо онҳо ва анҷоми ислоҳотиро дар НАТО зарурӣ месозад. Ин тағйирот дар заминаҳое, назири густариши маҳдудаи ҷуғрофии НАТО, ислоҳи сохтори нерӯҳои НАТО, тавсеаи муштарак миёни НАТО ва давлатҳое, ки талаққии муштарак аз таҳдидоти ёдшударо доранд ва ҳамчунин, муҳимтар аз ҳама  афзоиши маъмуриятҳо ва ихтиёроти ин созмон дар заминаи амнияти дастаҷамъӣ ва мудирияти буҳронро дар бар мегирад.

Фароянди тағйир дар роҳбурдҳо ва стратегияи иттиҳодияи НАТО аз конференсияи Лондон дар соли 1990 ба унвони вокунишӣ нисбат ба тағйироти назми байналмилал ва шаклгирии низоми навини ҷаҳонӣ оғоз шуд. Бинобар ин, тайи ин иҷлосия тағйири тадриҷии НАТО дар роҳбурди худ аз паймоне, ки ҷиҳати муқобила бо таҳоҷуми мустақими Шӯравӣ эҷод шуда буд, ба паймоне, ки ҳадафи он бар асоси изҳороти расмии мақомҳои НАТО ҷиҳати ҳифзи амнияту субот ва посдорӣ аз сулҳ дар даврони тағйироти пуршитоб дар назми байналмилалӣ аст, ба вуҷуд омад (Аъзам, 1382, с.3). Бо таваҷҷуҳ ба он чи гуфта шуд, асосномаи НАТО ва иҷлосияҳои соли 1990 дар Лондон ва соли 1991 дар Рим, ки густариши ҳавзаи ҷуғрофии НАТО аҳдоф, вазоиф  ва сохтори ҷадиди НАТО-ро мавриди баррасӣ қарор додаанд, мабнои муносибе барои таҳлили ҳузури НАТО дар Афғонистон аст.

Мутобиқи асосномаи НАТО, ин созмон як сохтори амниятии минтақавӣ маҳсуб мегардад, ки кору вижаи он таъмини дифои сарзамини Аврупои Ғарбӣ дар қиболи таҳоҷуми Шӯравӣ (сипас, паймони Варшава) буд (Аминиён, 1384, с.45). Бо таваҷҷуҳ ба фурӯпошии Шӯравӣ ва итҳилоли паймони Варшава, фалсафаи вуҷуди НАТО ба

сурати ҷиддӣ мавриди савол воқеъ шуд, вале сарони НАТО бо ироаи таърифи навин аз таҳдиди муштарак, имкони таҷдиди ҳаёти ин ниҳодро фароҳам карданд.

Тарҳи густариши ҳавзаи фаъолияти НАТО дар хориҷ аз марзҳои шонздаҳ узви аслӣ дар Аврупои Ғарбӣ, дар иҷлосияи моҳи июни соли 1990, дар Лондон мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар нишасти соли 1991 дар Рим ба тасвиби мубтанӣ расид. Дар иҷлосияи соли 1990 дар Лондон, ки дарвоқеъ, муқаддимаи густариши НАТО буд, баёнияи мубтанӣ бар нақши НАТО дар тарсими Аврупои навин ва лузуми иртиботи НАТО бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ содир шуд. Ҳамчунин НАТО барои аз байн бурдани эътиқод, ки фалсафаи вуҷуди НАТО ба хатар афтодааст, ба таърифи маъмуриятҳо, аҳдоф ва коркардҳои ҷадиде даст зад ва мавзӯоти назири ихтилофи қавмӣ, нажодӣ, ҷароими созмонёфтаи байналмилалӣ, таксири салоҳҳои куштор҆ҷамъӣ, терроризм ва ғайраро ба унвони манобеи ҷадиди таҳдид алайҳи аъзо мавриди шиносоӣ қарор дод ва муносибат бо вазоифи ҷадид дар иҷлосияи соли 1990 дар Лондон, иттиҳодияи НАТО аз созмонҳои низомӣ-сиёсӣ ба иттиҳодияи сиёсӣ-низомӣ табдил шуд. Барои иҷрои тарҳи тавсеаи ҳавзаи амниятӣ ва ҷуғрофӣ аз тариқи эҷоди ниҳодҳои ҷадиди фароминтақавӣ, чун Шӯрои ҳамкории Атлантикаи Шимолӣ дар соли 1990 ва иҷрои тарҳи мушорикат барои сулҳ дар соли 1994 иқдом кард (Каримиён, 1382).

Манзур аз далоил, коркардҳои далоилест, ки НАТО бо таваҷҷуҳ ба шарҳи вазоифи ҷадидаш мубодират ба анҷоми он кардааст. Муҳимтарин далоил иборатанд аз:

1. *Маводи мухаддир.* Қочоқи байналмилалии маводи мухаддир ба унвони яке аз судовартарин муомилоти ҷаҳонӣ пас аз қочоқи силоҳ ҷойгоҳи вижа дорад. Қочоқи маводи мухаддир дар сатҳи байналмилалӣ аз манофеи калони моддӣ, осору манофеи сиёсӣ низ барои давлатҳо доштааст. Тиҷорати ғайриқонунӣ ва қочоқи маводи мухаддир наметавонад аз масоили сиёсӣ дур бошад, ба тавре ки созмонҳо ва гурӯҳҳои байналмилалии қочоқи маводи мухаддир дар сиёсат ва бар сиёсатмадорон нуфузи фаровоне доштаанд, ки намунаи боризи (покӣ) пайванди кишварҳо бо мавзӯи маводи мухаддирро метавонем дар Афғонистон бубинем. Афғонистон ба далоили зер ба конуни тавлид ва қочоқи маводи мухаддир табдил шудааст:

- суд овардани қочоқи маводи мухаддир;
- мусоид будани замини зироатӣ барои кишти хашхош (кӯкнор);
- таъмини манобеи моли нерӯҳои ҷиҳодӣ аз маҳали тавлиди маводи мухаддир;
- зуҳур ва ҳокимияти толибон бо манобеи тавлид ва қочоқи маводи мухаддир;
- даст доштани масъулони давлатии Афғонистон дар тавлид ва қочоқи маводи мухаддир.

*Ҷангҳои дохилӣ.* Ҳамеша ва дар ҳама замонҳо яке аз муҳимтарин ва аслитарин мушкилот ва дағдағаҳои ҷавомеъ, бесуботӣ ва даргириҳои дохилии онҳо буда, ки боиси ноамнӣ, ҳараҷу мараҷ ва дахолати бегонагон дар масоили дохилии кишварҳо мешавад. Дар эҷоди ин бесуботӣ ва ҷангҳои дохилӣ авомили мутааддиде аз ҷумла, авомили сиёсӣ, иқтисодӣ, мазҳабӣ ва қавмию қабилавӣ дохил ҳастанд. Агар бихоҳем ба авомили бесуботӣ дар Афғонистон ишора кунем, авомили қавмию мазҳабӣ ва идеологӣ нақши таъйинкунандатар доранд.

Дар Афғонистон авомили назири қавммадорӣ ва қавммеҳварии ҷангсолорони қабоил, аширасолорӣ (ҳамқавмӣ) ба ҷойи шоистасолорӣ ва таъкид бар нажоду маҳаб, забон ва миллат боис гардидаанд,ки бесубботӣ дар ин кишвар барои тӯлонимуддат ҳоким шавад, ки аввалин ва аслитарин натиҷаи он густариши доманаи ҷангҳо ва ихтилофоти дохилӣ буд. Тадовум ва татвили ин ҷангҳо, ки бо шарҳи вазоифи ҷадиди НАТО ҳамхонӣ дошт, заминаро барои вуруди НАТО ба ин кишвар фароҳам сохт.

Ба таври хулоса, Афғонистон аз соли 1979 то 2001 даргири ҷангҳои дохилӣ будааст. Дар соли 1979 артиши сурхи Шӯравӣ Афғонистонро ишғол кард ва ҳамзамон бо он наҳзати муқовимати Афғонистон барои муқобила бо ҳузури Шӯравӣ шакл гирифт. Дар соли 1993 муҷоҳидин дар Афғонистон ба пирӯзӣ расиданд. Ба пирӯзии муҷоҳидин ҷанг байни ду гурӯҳи дохилӣ ё ба ибораи дигар, байни ду қароят - исломи муътадил бо роҳбарии Раббонӣ ва исломи радикал бо роҳбарии Ҳикматёр даргирифт. Пас аз шаклгирии Толибон, муҳити дохилии Афғонистон ба ду ҷабҳа: Толибон ва Иттилофи (иттиҳод) Шимолӣ тақсим шуд, ки натиҷаи он нузули қудрати

ҳукумати исломии Афғонистон, тахти раҳбарии Раббонӣ буд, ки боиси зуҳур, нақшофарини ал-Қоида дар арсаи Афғонистон шуд. Бо таваҷҷуҳ ба таърифи ҷадиди НАТО аз коркардҳояш, муқобила бо ҷангҳои дохилӣ, метавонист дар дастури кори ин созмон қарор гирад (Амиршоҳ К., 1383, с.103).

*НАТО дар Афғонистон.* Афғонистон аввалин кишварест, ки НАТО хориҷ аз қаламрави суннатии худ Аврупо ва Амрикои Шимолӣ ба он ворид шуд. Вуруд ба Афғонистон, агарчи ба оромӣ ва бо истиқлоли нисбӣ ҳамроҳ буд, аммо тадовуми ҳузури он дар Афғонистон бо чолишҳои (задухӯрд) мутааддиде мувоҷеҳ аст. Дар ин фасл 3 мавзӯъ мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирад: 1. Раванди ҳузури НАТО дар Афғонистон; 2. Далоили вуруди НАТО ба Афғонистон; 3. Чолишҳои (задухӯрд) НАТО дар Афғонистон.

1. *Раванди ҳузури НАТО дар Афғонистон аз ISAF то НАТО.* Ба дунболи ҳодисаи 11 сентябр ва дар пайи адми таваҷҷуҳи Толибон ба ултиматуми ИМА дар хусуси таҳвили сарони ал-Қоида ба ин кишвар нерӯҳои низомии Амрико бо ҳамроҳии нерӯҳои низомии 11 кишвари дигар, умдатан, кишварҳои узви НАТО, бо истинод ба қатъномаҳои соли 1373 ва 1368 (х) мубориза бо терроризм, Шӯрои амнияти Созмони Милал таҳоҷуми густурдаеро ба Афғонистон оғоз карданд, ки натиҷа, он суқути ҳукумати Толибон дар Кобул буд. Пас аз суқути Толибон дар тирамоҳи соли 1380 (2001), дар иҷлосияи Бонн, ки бо ҳузури нерӯҳои сиёсӣ ва низомии Толибон ҷиҳати таъйини таклиф, давлати ҷонишини Толибон ташкил ёфта буд, раванди се марҳиларо барои истиқрори давлати ҷадиди Афғонистон пешбинӣ намуд. Ин раванд аз як сохтори муваққати шашмоҳа бо унвони идораи муваққатии Афғонистон оғоз мешуд ва пас аз гузор аз марҳилаи давлати интиқолӣ ба марҳилаи ниҳоӣ, ки дар он сохторҳои навини давлатии Афғонистон ташкил мешуд, хатм мегардид (Мусаввӣ, 1385, с.82).

Мувофиқатнома дорои ду замима буд, ки яке ба мавзӯи таъмини амнияти Афғонистон дар даврони муваққат ва интиқолӣ ва дигаре, ба мавзӯи нақши Созмони Милали Муттаҳид дар давраи муваққат ихтисос дошт. Бар асоси замимаи он мувофиқатнома муқаррар мегардид, то замони ташкили нерӯҳои низомии артиши миллӣ ва амнияти Афғонистон нерӯҳои аз тарафи СММ масъулияти ҳифзи амнияти давлати муваққат ва интиқолиро бар уҳда гиранд. Нерӯҳое, ки ба ин шакл ташкил шуд, унвони нерӯҳои байналмилалии кӯмак ба амнияти Афғонистон, ISAF-ро ба худ гирифт.

Масъулияти ин нерӯҳо барои давраи шашмоҳа буд ва пас аз анҷоми ҳар давра муҷаддадан маъмурияти онҳо тавассути Шӯрои амнияти СММ тамдид мешуд. Бар ин асос, дар шашмоҳаи аввал ва бар асоси қатъномаи соли 1386, Англия раҳбари ин нерӯҳоро ба уҳда гирифт. Дар шашмоҳаи дувум ва бар асоси қатъномаи соли 1413, Туркия фармондеҳии ин нерӯҳоро ба уҳда гирифт. Дар шашмоҳаи савум ва бар асоси қатъномаи соли 1414, Олмон ва Голландия ба сурати муштарак фармондеҳии ин нерӯҳоро ба уҳда гирифтанд (Хуррамӣ, 1386, с.3).

Дар хилоли фаъолияти ISAF дар Афғонистон 3 мушкили умда дар амалкарди ISAF бурӯз кард: Аввал, ин ки фармондеҳии ISAF ба сурати шашмоҳа буд ва тағйир дар фармондеҳии нерӯҳо мушкилоти стратегӣ ва тактикиро радди амалкарди ISAF ба вуҷуд меовард. Дувум, кишварҳои узв тамоили чандоне ба раҳбарии ISAF нишон намедоданд ва баъзе аз кишварҳои узв, ки тамоили фармондеҳиро донистанд, кӯчак буданд ва зоҳиран қудратҳои бузург тамоиле ба нақшофаринии ин кишварҳо доштанд. Савум, ин ки ISAF қасди онро дошт, ки амният дар Афғонистон барқарор шавад, ки ин ниёзманди тавсеаи амудии афзоиши нерӯ ва таҷҳизоту тавсеаи уфуқии ҳузур дар қаламравҳои бештар буд. Масоили фавқ боис шуд, ки Олмон бо тарҳи қатъномаҳои дар Шӯрои амният хостори интиқоли вазоиф ба НАТО шавад. Бо тасвиби ин тарҳ, дар Шӯрои амният аз 20-ми мурдоди соли 1382 (11 августи 2002) маросими интиқолии масъулияти ISAF ба НАТО дар Кобул бо ҳузури Ҳомид Карзай, Раиси давлати интиқолии Афғонистон ва Питер Аштрок, Вазири дифои Олмон сурат гирифт ва ин оғози вуруди НАТО ба Афғонистон буд (Раҳмонӣ, 1383, с.124).

Аз сӯйи дигар, ҳар гуна ҳамкорӣ бо нерӯҳои хориҷиро манут ба боқӣ мондан дар сохти қудрат мекунанд. Ин ду фурсат ба ин афрод имкон медиҳад, то навъи ҳаракатҳои фардгароёна ва бо гурӯҳ меҳвар дар давлат анҷом диҳанд, мисли бозии

хонаводагии муштарак дар қочоқи аслиҳа, фасоди миллӣ ва ғайра. Ин ҳаракатҳои фардгароёна дар ниҳоят, ба тазъифи сохти давлат мунвад ва монеъ аз он мегардад, ки таомили созанда ва судманд байни давлат ва НАТО барқарор гардад. Ба ибораи дигар, бахше аз муваффақиятҳои НАТО дар Афғонистон метавонад маҳсули давлати босубот ва ҳамкор бо НАТО бошад, аммо шиканандагии давлати Афғонистон ин фурсатро аз НАТО салб (маҳрум) кардааст (Шафеӣ, 1385, с.12-13).

*Чолишҳои стратегӣ ва тактикии НАТО.* Бахши дигаре, ки аз чолишҳое, ки НАТО дар Афғонистон бо он мувоҷеҳ аст, аз худи НАТО сарчашма мегирад:

*1.Ихтилоф дар байни аъзои НАТО.* Мудирияти нерӯҳои ИСОФ дар Афғонистонро метавон бузургтарин чолиш дар заминаи мудирияти бӯҳрон дар муқобили НАТО донист. Шиддат ва наҳваи даргирии НАТО дар буҳрони Афғонистон боиси бурузи ихтилофот дар байни аъзои ин иттиҳод дар робита бо чигунагии мудирияти нерӯҳо дар Афғонистон шудааст. Баъзе аз кишварҳои узв барои фаъолияти худ дар чорчӯбаи амалиётии НАТО маҳдудият қоил шуданд. Аз ҷумла, бархе аз кишварҳо бо анҷоми амалиёти ҷангӣ мухолифат намуда, унвон кардаанд, ки танҳо ҳозиранд дар амалиёти эҷоди субот ва бозсозии Афғонистон ширкат намоянд. Дарвоқеъ, танҳо нерӯҳои Амрико, Англия, Канада ва то ҳадде, Голландия дар амалиёти ҷангӣ дар навоҳии мухталифи Афғонистон ширкат доранд ва нерӯҳои дигари кишварҳо аз ҷумла, Олмон ва Италия танҳо дар амалиёти пуштибонӣ ва омӯзиши нерӯҳои амниятӣ ва низомии Афғонистон мушорикат доранд.

*2. Маҳдудиятҳои ҷугрофӣ ва фаннӣ.* Бисёре аз кишварҳое, ки ҳам акнун дар Афғонистон нерӯ доранд, намехоҳанд нерӯҳояшон дар шарқ ва ҷануби Афғонистон бошанд ва ҳамчунин бисёре аз сарбозони НАТО иҷозат надоранд аз моводи кимиёӣ, монанди гази ашковар барои муқобила бо шӯришгарон истифода кунанд. Ин дар ҳолате аст, ки нерӯҳои НАТО дар ҷануби ин кишвар бояд барои дифоъ аз худ ба набард бо нерӯҳои шӯришӣ бипардозанд. Дар ин росто, бархе аз кишварҳое, ки зери чаҳорчӯбаи НАТО дар Афғнистон нерӯ доранд, монанди Олмон, Италия, Испания, дархости НАТО ва иҷрои интиқоли нерӯҳояшон аз манотиқи ором ба манотиқи буҳрониро рад кардаанд. Ҳамчунин бархе аз кишварҳои узви НАТО аз анҷоми амалиёт дар иртиқоот ба далели набудани таҷҳизоти муносиб худдорӣ мекунанд. Аз ҷумла, бархе болгирдҳо танҳо то иртиқои маҳдуде аз тавоноии амалиётӣ бархурдоранд. Аз сӯйи дигар, бархе кишварҳо, монанди Голландия ба унвони яке аз аъзои аслии НАТО, барои идомаи фаъолиятҳои худ дар Афғонистон бо баҳсҳои парлумонии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Аз ҷумла, парлумони Голландия дар бораи эъзоми нерӯ ба устони Урузгони Афғонистон, ки яке аз манотиқи пурошӯб дар ҷануби ин кишвар аст, бо чолиш рӯ ба рӯ буд (Дорамӣ, 1386, с. 244).

*3. Мубориза бо маводи мухаддир.* Аъзои НАТО ҳанӯз натавонистаанд бар сӯрохӣ, ки миёни аъзо бар сари мубориза бо маводи мухаддир вуҷуд дорад, ғолиб оянд. Дар ҳоле ки кишваре мисли Англия, хоҳони муборизаи ҷиддӣ бо маводи мухаддир аст, Амрико онро авлавияти поин қаламдод карда, мубориза бо терроризмро асл қарор додааст. Ин ихтилоф ба ин шакл барои НАТО табдил ба чолиш шудааст, ки маводи мухаддир дар ниҳояти иқтисоди ҷангии Толибонро таъмин мекунад ва адами муборизаи ҷиддӣ бо маводи мухаддир, яъне фароҳам кардани фурсат барои Толибон ҷиҳати тадовуми амалиёти худ алайҳи НАТО мебошад (Хуррамӣ, 1386, с.5).

*4. Таъхир дар раванди шаклгирии артиш ва полиси миллӣ.* Ҳамон гуна ки гуфта шуд, дар асл қарор будааст, ки мувозоти амалиёти зидди террористӣ дар Афғонистон нерӯҳои низомии амниятии ин кишвар низ аз омӯзишҳои лозим бархурдор гардад, то дар канори нерӯҳои хориҷӣ, бахше аз амалиёт алайҳи Толибонро бар уҳда гиранд, аммо ин иттифоқ ба кинае ҳодис мешавад. Ҳамин тавр, НАТО, амалан, аз доштани як бозуи маҳаллии муассир маҳрум шудааст.

*5. Адами ҷомеънигарӣ ба маъқулаи амният.* Яке аз мушкилоти НАТО дар Афғонистон фуқдони нигоҳи ҷомеъ ба масоили Афғонистон аст. Мушкили НАТО дар Афғонистон ин аст, ки фақат ба фароянди давлатсозӣ дар шакли таваҷҷуҳ ба маъқулаи сиёсату амният таваҷҷуҳ дорад. Кишварҳои узви созмон ба маъқулаи фарҳангу иқтисод, ки дар миллатсозӣ муассиранд, зиёде маътуф накардаанд. Бинобар ин, иннигоҳ боис шудааст, то бозсозии иқтисодӣ ба унвони як рукни

муҳимми амният ба кундӣ пеш равад. Дар ҳавзаи фарҳанг низ барномаҳои фарҳангӣ, ки аз радиову телевизион пахш мешавад, дар таориз бо фарҳанги суннатӣ ва бумӣ қарор гирад. Ин ду маъқула (категория) боиси баҳрабардории Толибон аз фазои мавҷуд ва касби пойгоҳи иҷтимоӣ барои худ шудааст (Шафеӣ, 1385, с.8).

*6. Қудратнамоии муҷаддади Толибон.* Дар ҳоле ки Амрико дар соли 2002 муддаӣ шуда буд, нерӯҳои Толибон кушта ё дар зиндон Гуантанама ба сар мебаранд. Дар аввоили соли 2006, вазири дифои Англия шумори Толибонро ҳазор нафар ва теъдоди ал-Қоидаро ночиз эълом кард ва муддаӣ шуд, ки таҳдиди онҳо дар ҷанубро хатари стратегӣ барои Афғонистон намешуморад, аммо нишонаҳое аз таҳрикоти бештари маорифини афғонӣ дар соли 2006 ин иддаоро рад кард. Толибони ифротӣ, ки дар садади соқит намудани демократияи Афғонистон ва касби қудрат буданд, интиқоли қудрат аз Амрико ба НАТО-ро фурсате барои озмуни ирода итлоф диданд. Барои ҳамин Толибон нерӯҳои ҷангдидаи зиёдеро наздики Қандаҳор гирд овардаанд, то бо нерӯҳои НАТО рӯ ба рӯ шаванд. Яке аз далоили муқовимати Толибон, ҳимояти раҳбарони маҳаллӣ аз ин гурӯҳ ва ҳузури нерӯҳои Толибон дар миёни мардуми одӣ буд. Бадеҳист, ки ҳамла ба Толибон замоне ки ба қатли ғайри низомиён бианҷомид, боиси вокуниши (акси амал) манфии мардуми Афғонистон мешуд ва ин муаммои печидаест, ки НАТО бо он мувоҷеҳ аст (Бекдилӣ, 1386, с.4).

## АДАБИЁТ


1. Карпенко Е.А . Военная стратегия стран ССАГПЗ и проблемы безопасности зоны Персидского залива// Социально-гуманитарное и политологическое образование, 2003. – С.54.
2. Крупнов Ю. США переформатируют свою «бензоколонку» - Большой Ближний Восток. 24.02.2011 г. http://www.bibliofond.ru/view.aspx?id=6357.
3. О долговременной стратегии США в Каспийском регионе и практических шагах по ее реализации. Аналитический доклад.// Евразийский вестник.-2003.- № 22.


## ПРИСУТСТВИЕ ВОЙСК НАТО В АФГАНИСТАНЕ


В данной статье автором рассматриваются основные причины и предпосылки присутствия войск НАТО в Афганистане. Операция НАТО в Афганистане является самой значительной из всех, доныне осуществлявшихся Североатлантическим союзом. Длительность операции НАТО в Афганистан скоро можно будет сравнить с советским пребыванием в этой стране. Но военные действия, Советского союза, которые проводились 20 лет назад, фундаментально отличаются от сегодняшних. Более актуальным вопросом является попытка понять политические последствия этого конфликта для НАТО, безопасности западного мира и будущего Центральной Азии. Для всего этого необходимо, чтобы Североатлантический альянс не уходил из Афганистана. Один из важнейших элементов задачи - создание профессиональных Сил национальной безопасности Афганистана, что должно дать афганцам возможность в возрастающей степени обеспечивать собственными силами безопасность страны.



**Ключевые слова:** проведение операций по обеспечению безопасности, содействие развитию и восстановлению Афганистана, гуманитарная деятельность, присутствие натовских Международных сил содействия безопасности (ISAF) в Афганистане.


## THE PRESENCE OF NATO TROOPS IN AFGHANISTAN


In this article the author examines the main reasons of the presence of NATO troops in Afghanistan. NATO's operation in Afghanistan is the most dramatic of all, hitherto undertaken by the Alliance. The duration of the NATO operation in Afghanistan will soon be compared with the Soviet stay in this country. But the military action of the Soviet Union, which was held 20 years ago, are fundamentally different from those of today. A more pressing issue is the attempt to understand the political consequences of this conflict for NATO, the security of the Western world and the future of Central Asia. For all this it is necessary that the North Atlantic Alliance had not withdrawn from Afghanistan. One of the most important elements of the problem - the creation of a professional Afghan national security Forces, which should give Afghans the opportunity to increasingly provide their own security forces of the country.



**Key words:** security operations, assistance to the development and reconstruction of Afghanistan, humanitarian activities, the presence of NATO-led International security assistance force (ISAF) in Afghanistan.



**Сведения об авторе:** ***Али Шуджоифард*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# ФАРҲАНГ – ТАМАДДУН

*Алиризо Шайхӣ*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Яке аз мавзӯоте, ки ба тозагӣ бо мафҳумҳо ва маъноҳои ҷадидгирой ва қаддасати хоссеро дар азҳон падид овардааст ва паёмовари иртиботи самимӣ ва холисонаи маданиятҳо бо якдигар мебошанд, гуфтугӯи тамаддунҳост ва яке аз вожаҳое, ки бар сари мисдоқ ва таърифи он мушоҷараҳои амиқе аз қарни XYIII милодӣ то кунун рух дода, вожаи «тамаддун» ва ба дунболи он вожаи «фарҳанг» аст [2]. Ҳамаи пажӯҳишгарон дар ҳавзаи фарҳанг ба душвории ин вожа ишора кардаанд. Ағлаби онон мисли Валлерстейн муътақиданд, ки мафҳуми фарҳанг густурдатарин мафҳум аз миёни мафоҳиме аст, ки дар ҳавзаи илмҳои иҷтимоӣ- таърихӣ ба кор меравад [3].

**Маънои луғавии таърифҳои фарҳанг – тамаддун.** Аз назари луғавӣ фарҳанг иборат аст аз: илм, фазл, адаб, ва ақл [4]. Аммо вожаи тамаддун истилоҳи нисбатан ҷадиде аст, ки дар соли 1835 мелодӣ нахустин бор дар вожаномаи расмии Фаронса истифода шудааст. Тамаддун аз (мадина) ба маънии шаҳр ва шаҳрнишинӣ гирифта шудааст, фарҳанг бо тафовути андак муодили култура (фарҳанг) аст. Дар забони франсавӣ аст, ки аз вожаи лотинии култура (фарҳанг) ба маънои баровардан, парвариш додан ва коштан гирифта шудааст. Фарҳанг маъниҳои зиёд ва мутааддиде дорад, ки дар тӯли таърих дорои бори арзиши мусбат будааст ва ҳамагон саъй кардаанд худро ба навъе воҷиди он дониста, бо дидгоҳҳои мухталиф нисбат ба он изҳори назар намоянд ва бо ироаи тасвирӣ, нақш ва чорчӯби онро мушаххас кунанд. . .[5] Тейлор мардумшиноси машҳури англис дар таърифи фарҳанг мегӯяд, «Маҷмӯаи печидаи маориф, муътақидот, ҳунар, ахлоқ, қонун, суннат, одоб ва одате аст, ки як фард аз муҳити иҷтимоии худ ба ирс мебарад» [6]. Канирзман мегӯяд: «Фарҳанг арсаи мамлу аз вақоеъ ва ҳаводиси доиман нав ба нав дигаргуншаванда аст, ки аз ҳеҷ қоидаи аз пеш таъйиншудае тобеият намекунад» [7]. Ускор Нигет муътақид аст, ки фарҳанг монанди ҳама мафоҳими бузурги таърихӣ таърифнопазир аст. Усволд Ушумер мегӯяд: «Фарҳанг зоҳиран дар арсаи мушаххасе аз ҳаёти инсонӣ ва дар мақулаи муайяне қобили тамҷид ва таъриф нест, лизо ба пешниҳоди Мулмон наздик мешавад, ки фарҳанг ҳар ҷое ки инсон бошад, ҳаст. Ба таъбири дигар инсон, яъне фарҳангӣ» [8]. фарҳанг ба мафҳуми омми худ равиши андешидан ва зиндагӣ кардан аст ва ҳосили маҷмӯаи донистаниҳо, таҷрибаҳо ва эътиқодоти як қавм дар тӯли таърихи ҳаёти худ аст ва ба ҳамин далел аст, ки муҷиботи фарҳангиро дар қиболи умури он медонанд. Фарҳанг ба мафҳуми хос (фарҳанги ғайримоддӣ) ба сармояи маънавии як қавм гуфта мешавад ва ҳама осори адабӣ, ҳунарӣ, фикрӣ ва динниро дар бар мегирад. Ҳар он чи ки дар даруни фарҳанги як қавм аст, дар бурун ба сурати осори созандагӣ ва офариниш ва халқӣ ҷилваҳо ва мазоҳири моддӣ зоҳир мегардад. Фарҳанг нишонаи кор ва нишонаи интихоб аст. Интихоб, яъне ба он чи ҳаст, қонеъ набудан ва беҳтарро ҷустуҷӯ кардан, аз ин рӯ, фарҳанг дорои ҷанбаи кайфӣ аст, на камӣ [9]. Фарҳанг маҷмӯи роҳ ва расмҳои амал ва андешаи як гурӯҳи иҷтимоӣ дар гузашта ва ҳол аст ва иборат аст, аз маҷмӯи қарордодҳо ва ё боварҳо, одоб ва русуми расида аз насли пешин [10].

Тамаддунро метавон ба шакли кулли он, иборат аз назми иҷтимоӣ донист, ки дар натиҷаи вуҷуди он халлоқияти фарҳангӣ имконпазир мешавад, ҷараён пайдо мекунад. Дар тамаддун 4 рукн ва унсури асосӣ метавон ташхис дод, ки иборатанд аз: пешбинӣ ва эҳтиёҷ дар умури иқтисодӣ, созмони сиёсӣ, суннатҳои ахлоқӣ ва кӯшиш дар роҳи маърифат ва басти ҳунар. Зуҳури тамаддун ҳангоме имконпазир аст, ки ҳараҷу мараҷ ва ноамнӣ поён пазируфта бошад, фақат ҳангоми аз байн рафтани тарс аст, ки кунҷковӣ ва эҳтиёт ба ибдоъ ва ихтироъ ба кор меафтад ва инсон худро таслими ғаризае мекунад, ки ӯро ба шакли табиӣ ба роҳи касби илм ва маърифат ва таҳияи васоили беҳбуди зиндагӣ савқ диҳад [11].

Ҷон Бернал дар таърифи тамаддун мегӯяд: «Тамаддун ба маънии хӯ гирифтан ба ахлоқ ва одоби шаҳриён мебошад, аммо шаҳр мадюни тамаддун бувад, на иллати он [12]. Ролинтон муътақид аст: «Тамаддун ба ҳама аъмоли рафтор ва орое гуфта мешавад, ки афроди башар дар ҳар иҷтимоъ аз бузургтарони худ меомӯзанд ва ба

насли ҷавон интиқол медиҳанд»[13]. Ҳантингтон мегӯяд: тамаддунҳо азимтарин сатҳи ҳуввияти фарҳангӣ ва густурдатарин гурӯҳбандии фарҳанги мардумро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷиҳат бахши умдае аз таърихи башарро тамаддунҳо дар бар мегиранд. Онҳо мавҷудияти қобили дарк аз худ доранд, пӯё ҳастанд, зуҳур ва суқут мекунанд, тақсим мегарданд ва саранҷом дар водии замон дафн мешаванд[14].

Косиминский тамаддунро ин гуна таъриф мекунад: «Тамаддун низомест иҷтимоӣ, ки бо тавлиди дастовардҳои фарҳангӣ, ҷиҳати баҳрагирӣ аз андешаҳо, одоб ва русум ба ибдоъ ва халлоқият даст мезанад. Низомест сиёсӣ, ки дар сарлавҳаи он ахлоқ ва қонун қарор дорад ва низомест иқтисодӣ, ки бо тадовуми ҷараёни тавлид ва мубодила пойдор мемонад. Тамаддун дар ниҳодҳои мутабоин (гуногун) падидор мегардад. Аз ин рӯ, ниҳодҳо ва ташкилоти иҷтимоӣ, созандаи тамаддун нестанд, балки арзишҳо ва фарҳангҳои куҳансол мероси худро дар тӯли қарнҳо ва асрҳо ва аз варои дарёҳо ба ворисони ҷадид таҳвил медиҳанд ва дар натиҷа саҳме аз тамаддунро ба мероси фарҳанги башарӣ меафзоянд»[15]. Ҷавомеи инсонӣ дар маҷмӯъ боризтарин ваҷҳи ҳуввияти худро ваҷҳи тамаддунӣ бархоҳад шумурд ва на ваҷҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ. Доктор Исломии Нудушан аз тамаддуни тасвирӣ, илмӣ ва айнӣ ироа медиҳад ва онро бо тамоми ҷанбаҳои иҷтимоияш, дарбаргирандаи ҳавоиҷи моддии инсонҳо таъриф мекунад ва дар канори тамаддун, падидаи фарҳангро амре зеҳнӣ, маънавӣ ва фардӣ медонад, ки шохисҳои мухталифе аз ҷумла: адабиёт, ҳунар, фалсафа, ҳикмат ва эътиқодоти мазҳабӣ ва ғайримазҳабиро пӯшиш медиҳад. Ба ақидаи ин нависанда (агарчи тамаддун ва фарҳанг бо ҳам муртабитанд, вале мулозима надоранд, ҳамон гуна ки мутамаддини бе фарҳанг вуҷуд дорад, фарҳанги бе тамаддун низ вуҷуд дорад[16].

Ба назар мерасад, ки таорифи фавқ бо пиндорҳои роиҷе, ки аз тамаддун вуҷуд дорад мунтабиқ бошанд. Дар сурате ки тамаддун фақат ҳавзаҳои айнӣ ва илмии дастовардҳои инсониро шомил мешавад, он гоҳ на фақат гуфтумони бархӯрди тамаддунҳо бисёре аз мисдоқҳои худро аз даст хоҳад дод, балки асосан баҳс дар ҳавзаи тамаддунҳо низ дар қолиби сахту танг ва фишурда фурӯ хоҳад рафт. Аз сӯйи дигар, вақте ки нависанда, тамаддунро падидаи илмӣ муаррифӣ мекунад, ҳатман барои илм низ гунае аз зарофат, диққат ва басират қоил мешавад. Чӣ гуна метавонад тамаддунро фақат дар ҳавзаи амалкардҳои айнӣ қарор диҳад ва аз фарояндҳои зеҳнӣ, ки дар чорчӯби дастовардҳое ҳамчун: масоҷид, музейҳо, пӯлҳо, муҷассамаҳо, китобҳо наққошиҳо, катибаҳо ва ғ. айният ёфта аст ба содагӣ бигзорад ва онҳоро берун аз ҳавзаи тамаддун бубинад.

Аз назари Ҳантингтон, тамаддун як мавҷудияти фарҳангӣ, болотарин гурӯҳбандии фарҳангӣ ва густурдатарин сатҳи ҳуввияти фарҳангӣ аст, ки инсон аз он бархурдор аст. Тамаддун ҳам бо таваҷҷуҳ ба аносири айнии муштарак – забон, таърих, мазҳаб, суннатҳо ва ниҳодҳо таъриф мешавад ва ҳам бо таваҷҷуҳ ба вобастагиҳо ва қаробати зеҳнӣ ва дарунии инсонҳо. Тамаддунҳо пӯё ҳастанд, зуҳур ва уфул мекунанд, иншиоб меёбанд ва дар ҳам идғом мешаванд, мавҷудияти даркшуданӣ ҳастанд ва ташхиси марз байни онҳо сахт, аммо воқеӣ аст. Бахши аъзами таърихи башарро таърихи тамаддунҳо ташкил медиҳад. Дар нахустин нигоҳ ба таърифи Самуил Ҳантингтон аз тамаддун чунин ба назар мерасад, ки ӯ марзҳои тамаддун ва фарҳангро яке медонад ва усулан муътақид ба тамоиз миёни тамаддун ва фарҳанг нест. Дақиқан ба далели ҳамин дар ҳамомехтагии марз аст, ки Ҳантингтон гоҳ ба ҷойи бархӯрди тамаддунҳо аз бархӯрди фарҳангҳо сухан мегӯяд ва гоҳе ҳатто мазҳабро ба танҳоӣ ҷонишини тамаддун мекунад.

Усулан нуқтаи аслии бархӯрд дар ин ҷаҳон на ранги идеологӣ дорад ва на бӯйи иқтисодӣ. Шикофҳое амиқ миёни афроди башар ва ба истилоҳ нуқтаи ҷӯши бархӯрдҳо, дорои моҳияти фарҳангӣ хоҳад буду бас. Тамаддунҳо аз тариқи таърих, забон, фарҳанг, суннат ва аз ҳама муҳимтар мазҳаб аз якдигар мутамоиз мешаванд.

Доктор Сайидҳусайни Наср муътақид аст: «Манзур аз тамаддун, бузургтарин воҳиде аст даруни куллияти абнои башар, ки инсон ба он гароиш дорад. Ғайр аз ҷамъи кулли башарият ва навъи инсон, бузургтарин воҳиде, ки инсон ба он тааллуқ дорад, воҳиди тамаддун аст»[17].

Тамаддунҳо, аз асос барсохтаи зеҳни муаррихонанд ва вуҷуди хориҷе надоранд профессорҳои таърих буданд, ки мафҳуми тамаддунро офариданд ва Худованд тамаддун наофаридааст. Ин нукта ҳар ҷо ки мавриди тааммул қарор бигирад ҷо

дорад. Муаррихон барои таҳлили таърихӣ ҳоҷат доранд, ки воҳиди мутолиаи таърихӣ ихтиёр кунанд, ин воҳиди мутолиаи таърихӣ тафовут мекунад. Бо марксизм, ки ошно ҳастем, дар он ҷо ин воҳид табақа аст. Фақат дар даврони охир аст, ки дар олами фалсафаи таърих, мафҳуми тамаддун мутаваллид шудааст[18].

Дар таърифи дигаре аз тамаддун Тофлерҳо (Олвин ва Ҳоиди) мегӯянд: «Тамаддун усулан ба шевае ишора дорад, ки бо низоми вижа барои тавлиди сарват ҳамроҳ аст ва ҳеҷ вожаи дигаре ин ҳама мавзӯоти гуногун монанди технологӣ, зиндагӣ, хонавода, мазҳаб, фарҳанг, сиёсат, тиҷорат, силсила маротиб, раҳбарӣ, арзишҳо, ахлоқи ҷинсӣ ва маърифатшиносиро ба шоистагӣ дар бар намегирад ва тағйир дар маҷмӯаи ин падидаҳо муҷиби ба вуҷуд омадани тамаддуни ҷадид хоҳад шуд. дар ҳоле ки бисёре аз тамаддунҳо ва тамаддунҳои фаръӣ дар тӯли таърих сар бароварда, ба заволи он анҷомид, танҳо ду абартамаддун вуҷуд дошта, ки дигар тамаддунҳо дар дили он ҷой гирифтаанд, яке абартамаддуни даҳҳазорсолаи кишоварзӣ, ки нахустин мавҷи дигаргуниро оғоз кардаву дар замони худ, гунаҳои конфусиюсӣ, ҳинду, исломӣ ё ғарбии худро дошт. Дигар абартамаддуни санъатӣ, ки мавҷи дувуме аз дигаргунӣ дар саросари Аврупои Ғарбӣ ва Америкои шимолӣ ба роҳ андохт ва ҳанӯз дар соири бахшҳои ҷаҳон доман мегустуронад[19].

Се тамаддуни мавриди назари Тофлерҳо иборат аст аз: 1) тамаддуни кишоварзӣ; 2) тамаддуни санъатӣ; 3) тамаддуни доноӣ.

Дар як таърифи сода метавон гуфт, ки тамаддун маҷмӯае аз дастовардҳои моддӣ ва маънавии башар аст, ки инсонҳо дар масири сомон додан ба зиндагии хеш эҷод мекунанд. Бар ин бовар, ҳар тамаддуне бо як тафаккури асосӣ шакл мегирад ва бо заволи он тафаккур рӯ ба нобудӣ ва инҳитот мегузорад.

Ҳар тамаддун дар ҷараёни шукуфоии худ дар тайй замон батадриҷ ниҳодҳо ва зерсохтҳои аслии фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмии мутаносиб бо худро эҷод мекунад. Дар ҷараёни суқути ҳар тамаддун бахши қобили таваҷҷуҳе аз ҳамин ниҳодҳои фикрӣ, ки эҷод шуда буданд бо тамаддуни ҷадид беиртибот мегарданд ва дар ниҳоят ба сурати хурофот ҷилва мекунанд. Ҳар тамаддун бар асоси басират ва андешаи аслии он дорои зарфияти хос ва аз пеш таъйиншуда аст. Дастовардҳои мутанаввее аз ниҳодҳои моддӣ эҷод шуда, дар як тамаддуни заволёфта ба сурати осори таърихӣ ва мӯзейӣ дармеоянд [20].

Аз тамоми ҷиҳатҳо, тамаддун, дастранҷи ҳамкории ҷамъӣ будааст ва тақрибан ҳама миллатҳо дар пайдоиш ва рушди он саҳим ҳастанд. Бинобар ин, инсони мутамаддин дар рафтори худ бо ҳар инсони дигар ҳар андоза, ки паст бошад, нишон медиҳад, ки соҳиби ин мероси муштарак буда, намояндаи яке аз қавмҳои халлоқ мебошад. Пайдоиш, равнақ, инҳитот ва заволи як тамаддун ба хасоили зотӣ вобастагӣ дорад. Агар миллате аз зот ё табор ва гоҳ нажоди худ дур биафтад,тамаддунаш табоҳ мешавад, лекин нақши нажод дар таърих бештар нақши ибтидоӣ аст, то халлоқ. Нажод созандаи тамаддун нест, тамаддун аст, ки созандаи як миллат мебошад. Ба ибораи дигар, шароит ва ҳаводиси ҷуғрофиёӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ фарҳанг меофаранд ва худи фарҳанг гурӯҳи инсони хосе падид меоварад [21]. Аз он ҷо ки тамаддун меросӣ нест, балки омӯхтанӣ ва бадастоварданӣ аст, шоиста аст, ки таълим ва тарбият ё ба таври куллӣ фарҳанг интиқоли тамаддунро ба уҳда дошта бошад [22].

Доктор Эҳсон Нароқӣ мегӯяд: «Тамаддун падидаи иҷтимоӣ аст ва бинобар ин, мафҳуми тамаддун монанди ҳар мафҳуми дигаре аз мафоҳими марбут ба падидаҳои иҷтимоӣ, аз маъқулаҳои тобеи таърих ва фаъолияти насли башар дар тӯли замон аст. Тамаддун ва таҳаввулоти он аз таърихи таҳаввулоти башарӣ ҷорист. Башар дар тӯли зиндагонии иҷтимоии худ ба пешрафтҳои муҳиме дар кашфи тавони табиат ва пай бурдан ба истеъдодҳои хеш дар заминаи баҳрабардорӣ аз ин тавон ва бино ниҳодани сурати такомулёбандае аз қаволиб, бунёдҳо, ниҳодҳо, ва созмонҳои марбут ба зиндагонии иҷтимоии худ ноил омадааст, ки вижагиҳои ҳар як аз онҳо баёнгари вижагии тамаддуни башарӣ дар як давраи таърихии муайянест. Шаке нест, ки ҳамроҳ бо қолабҳои тамаддун маҷмӯае аз арзишҳои маънавӣ низ дар зиндагонии башар ҳамеша вуҷуд дошта, ҳамвора вуҷуд хоҳад дошт, ки дар забони илмӣ ва илмҳои иҷтимоӣ, фарҳанг хонда мешавад. Воқеият ин аст, ки фарҳангҳо зодаи тамаддунҳо ҳастанд, ҳарчанд ки арзишҳои фарҳангӣ бархоста аз дастовардҳои тамаддуни башар низ метавонад ба навбати худ дар таҳкими мабонии густариши як

тамаддун ё дар эҷоди тамаддуни ҷадид муассир бошанд ва ба сурати омиле кӯмаккунанда ё боздорандае вориди амал шаванд [23].

**Нисбияти фарҳангӣ.** Назарияи нисбияти фарҳангӣ муътақид аст, ки фарҳангҳои мухталиф зимни рафъи ниёзҳои моддӣ ва маънавӣ ва эҷоди робитаи муназзам ва ҳинҷорманд байни инсонҳои мавҷуд дар ҷомеа бо якдигар ихтилофи гуногун доранд. Ба далели ҳамин ихтилоф ҳар фарҳангеро бояд бо шохисҳо ва меъёрҳои идеологии ҳамон фарҳанг арзёбӣ ва мавриди нақд ва баррасӣ қарор дод. Далели ин амр ба хубӣ возеҳ аст. Ба ибораи дигар, таърих ва муҳити ҷуғрофиёи зиндагии инсонҳо ва салиқаҳо, илм ва огоҳии онон аз зиндагӣ мутафовит аст, лизо дарки як мафҳум ва як амали иҷтимоӣ бо таваҷҷуҳ ба фарҳангҳои гуногун мутафовит аст. Мафҳуми дигаре, ки аз нисбияти фарҳангӣ иброз мегардад он аст, ки дарки комили маънӣ ва арзиши як унсури фарҳангӣ бояд, дар заминаи фарҳанге, ки аз он гирифта шудааст, арзёбӣ шавад. Вожаи шаҳодат дар фарҳанги исломӣ, маънӣ ва мафҳуми мушаххас ва муайян дошта, мавриди таъйид ва дорои арзиш аст, аммо худсӯзӣ ва худкушӣ дар қолаби эътирози иҷтимоӣ – сиёсӣ дар фарҳангҳои дигар метавонад мавриди арзёбӣ қарор бигирад[24].

Фарҳангҳо ва тамаддунҳо мумкин аст, бар ҳасби шароит ва муқтазиёт ё нисбат ба ҳам дар ҳолати тааммул ё тақобул бошанд. Ба таври куллӣ маҷмӯаи сохтаҳо ва андӯхтаҳои маънавӣ ва моддии ҷомеаи башарӣ фарҳанг ва тамаддуни инсонӣ ба шумор меояд. Одоби русум, боварҳо, дин, ирфон, ҳунар, асотир, ҳуқуқ, равобити иҷтимоӣ, арзишҳои инсонӣ ва усули ахлоқӣ ва рафторҳо маҷмӯан фарҳангро ба вуҷуд меоварад ва техника, ихтироот ва иктишофот, ки ҷанбаи айнӣ доранд, созандаи тамаддун ҳастанд. Метавон гуфт, фарҳанг бахши нармафзор ва тамаддун бахши сахтафзори як миллат аст. Ҳар фарҳанг ва тамаддун идомаи фарҳанг ва тамаддуни пешини худ аст. Аз нигоҳи дигар метавон фарҳангро зербино ва тамаддунро рӯбино таъриф кард, ки дар ин баён таъсир ва таассур амри ҷудонопазири ин ду мафҳум аст. Имрӯз фарҳанг ба шакли падидаи зербиное барои иллати бисёре аз авомили иҷтимоӣ аз қабили пошидгии сохторҳои суннатӣ, буҳрони ҳуввият, масъалаи арзишӣ ва ғ. талаққӣ шудааст.

Ҳамон тавре ки гуфта шуд, фарҳанг як амри зеҳнӣ ва тамаддун як амри айнӣ аст ва ба ибораи дигар, фарҳанг маънавӣ ва тамаддун моддӣ аст. Фарҳанг маҷмӯаи донишҳо ва ҳунарҳо аст, ки одамӣ фаро мегирад ва ба василаи он худ ва дигарон ва перомуни хешро беҳтар ва бештар мешиносад. Фарҳанг маҷмӯаи тамоми он чизҳое аст, ки ё дар китобҳо фароҳам омадааст ва ё ҳанӯз дар зеҳнҳо ва андешаҳо орамида аст, аммо тамаддун моводи маҳсусе ба шакли ихтироот ва сохтмонҳо ва ё умури иҷтимоӣ аст, назири низом, ҳукумат ва бунёдҳои умумӣ монанди ҳизбҳо. Фарҳанг шомили буъди рӯҳӣ ва маънавии тамаддун аст ва тамаддун пайкара ва зоҳири як ҷомеа ва миллат. Ҷомеашиносон фарҳанги ҳар ҷомеаро асоси тамаддуни он ҷомеа медонанд ва фарҳангшиносон ҷомеаро гурӯҳи муташаккил донистаанд, ки соҳиби фарҳанги муштарак мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Рӯҳуламинӣ Маҳмуд. Заминаи фарҳангшиносӣ. -Теҳрон: Аттор, 1390. - Чопи даҳум. – с. 48.
2. Ҳабибиён Аҳмад. Чистии гуфтугӯйи тамаддунҳо. Мақолаи моҳияти тамаддун ва фарҳанг.- Теҳрон, 1381.
3. Ғафурӣ Алӣ. Мақолаи таърифи фарҳанг ва тамаддун ва аҷзои муташаккили он. Фаслномаи сиёсӣ- иҷтимоии гуфтумон. -№ 6-. 1- Теҳрон: Шариат, 1381. –с. 122.
4. Паҳлавон Чингиз. Фарҳангшиносӣ: гуфторҳое дар заминаи фарҳанг ва тамаддун. - Теҳрон: Нуқра, 1382..- Чопи дувум. – с. 428
5. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1360.- Чопи чаҳорум.- Ҷ 2. –с. 2538.
6. Мансурӣ Ҷавод. Фарҳанги истиқлол ва тавсеа. Теҳрон: Интишороти вазорати умури хориҷа, 1374. - с. 5.
7. E. B. Tylor (primitive culture, londres, 1871) & primitive sciety, 1871.
8. Konersmann, Ralf (1998) Kulturphilosophie, in: pieper, annemarie(hg) . Philosophische disiplinen. ein handbuch. leipzing, s. 165-184.
9. Муслиҳ Алиасғар. Мақолаи мафҳум ва аҳамияти фалсафаи фарҳанг. Фаслномаи фалсафа.- Теҳрон, 1386.-№ 2. -с.7-8.
10. Исломӣ Нудушан. Муҳаммад Алӣ. Фарҳанг ва шабеҳи фарҳанг. -Теҳрон: Нашри Тус, 1354.-с. 24.
11. Ошурӣ. Дориюш. Таърифҳо ва мафҳуми фарҳанг. -Теҳрон: Огаҳ, 1389. – с. 49.
12. Вил Дюрант Таърихи тамаддун. Тарҷумаи Аҳмади Ором. -Теҳрон: Созмони интишорот ва омӯзиши инқилоби исломӣ, 1367. Чоп дувум. Ҷ. 1.- с. 3-7.
13. Бернел Ҷон. Илм дар таърих- Теҳрон: Амири Кабир, 1354. -с 86.

14. Ролинтон Сайри тамаддун.-Теҳрон: Тобон, 1337. –с. 3.
15. Ҳантингтон Самуил. Рӯёрӯии тамаддунҳо. Тарҷумаи Муҷтабо Амирӣ // Моҳномаи сиёсӣ – иқтисодӣ, 1386.- № 69-70. – с. 4.
16. Косиминский. Таърихи қуруни васатӣ. Тарҷумаи Содиқ Ансорӣ. - Теҳрон: Андеша, 1353.- с. 4.
17. Исломӣ Нудушан. Муҳаммад Алӣ. Фарҳанг ва шабеҳи фарҳанг.- Теҳрон: Тус, 1354.- с 36.
18. Наср Сайидҳусайн. Бархӯрди тамаддунҳо ва зиндагии ояндаи башар (Мақола) – нигоҳ кунед ба назарияи бархӯрди тамаддунҳо.
19. Суруш Абдулкарим. Ислом ва Ғарб аз бадфаҳмӣ ба тафоҳум (мақола ва суханронии семинори исломи сиёсӣ ва Ғарб).
20. Тофлер Олвин. Ҳоидӣ Тофлер. Ба сӯйи тамаддуни ҷадид. Тарҷумаи Муҳаммадризо Ҷаъфарӣ. - Теҳрон: Илм, 1385. Чопи шашум. - с 42-45
21. Азимӣ Ҳусайн. Тавсеа ва иртиботи он бо тамаддун (Мақола ва суханронии иҷлосияи баррасии роҳҳои илмии ҳокимият ва ҷаддон корӣ ва инзиботи иҷтимоӣ).
22. Зигфрид Андре. Рӯҳи миллатҳо. Тарҷумаи Аҳмад Ором. -Теҳрон: Ширкати саҳомии интишори нашри иттиҳод, 1354.- с 208.
23. Бернел Ҷон. Илм дар таърих. Тарҷумаи Ҳусайн Асадпур, Пиронфар. -Теҳрон: Амири Кабир.- 1354. Чопи аввал. Ҷ. 1. – с. 110.
24. Нароқӣ Эҳсон (Мақола). Собиқа ва аҳамияти фикр. Дар гуфтугӯи тамаддунҳо. -Порис, 2000.

**ЦИВИЛИЗАЦИЯ И КУЛЬТУРА**

В различных источниках слова «цивилизация» и «культура» имеют одно значение и никакой разницы между ними мы не видим. Однако следует подчеркнуть, что цель и значение использования этих слов неправильно, и авторы стоят на противоположных позициях понимания вышеуказанных слов. Таким образом, получается фальсификация в понимании автором текста. Понимание и само содержание этих двух слов тесно взаимосвязаны, по этому, многие учёные согласны с понятием сущности слов. Умственные способности человека так обустроены, что могут по-разному интерпретировать эти слова. Такую способность называют аналитической способностью. Тексты раскрываются в анализе. Цель анализа и его понимание имеют то же самое значение. Содержание – это плод понимания. Эдвард Тейлор считает оба эти слова Синонимами: цивилизация или культура в её широком понимании, как его используют этнографы, состоит из набора различных наук: веры, ремёсел, поведения, обычаев и обрядов, права и других действий, которые приобрело человечество в своём обществе.

**Ключевые слова:** цивилизация, культура, понимание, дискуссия.

**THE CIVILIZATION THE CULTURE**

In various sources the words “civilization” and culture have one mean, and there is no difference between them. It should be stressed that if the aim of using of such words will be wrong as well as meaning, the authors stands the opposide position of understanding of this words, and there is the falsification the meaning of text the meaning of text. Understanding and containing of both words above are closely linked, so many scicufists agree with essence of words mind skills of human construct in such way that can sariously interoperate both words such ability calls analytic abilities Texts uncovers in analysis. The aim of analysis and its understanding are single – valued. Contents – is fruit of understanding Edvard Tilur considered both words as synonyms? Civilization and culture in its wide understanding, as it use by ethnographers consist of some complect of sciences: believe, crafts, be haviour, customs, laws and other activities, which acquire mankind in it’s society.

**Key words:** Civilization, culture, understanding, discussing.

**Сведения об авторе:** ***Алиризо Шайхи*** - соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# АҲАМИЯТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ ИМА

***Маҳдии Нурӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ манотиқи амниятӣ, сиёсӣ ва иқтисодии ҷадидро ба вуҷуд овард. Халои эҷодшуда, дар ҳавзаи Осиёи Марказӣ боис шуд, то Иёлоти Амрико батадриҷ вориди ҳаёти хилвати Россия шавад. Тайи давра, замоне пас аз фурӯпошӣ то соли 2001, ҷиҳатгирии сиёсати хориҷии Амрико батадриҷ дучори тағйир ва таҳаввул шуд. Ҳодисаи 11 сентябр ва мубориза бо терроризм ҳузури низомии Амрикоро дар минтақа ба дунбол дошт.

Ба ҳамин далел, дар ин мақола талош мешавад, сиёсатҳои Амрико, ки ба дунболи таки қутбӣ шудани ҷаҳон аст, нишон дода шавад. Ба ҳамин манзур, Амрико дар садади пешгирӣ аз қудрат ёфтани муҷаддади Россия ба унвони як рақиб ва низ маҳори ғули иқтисодии Чин ва назорати Ҳинду Покистон ба унвони кишварҳои дорои силоҳи атомӣ ва ҳаммарз бо минтақаи Афғонистон, ки ҳамакнун нерӯҳои

амрикоӣ дар он машғули ҷанг ҳастанд, мебошад. Ҳамин тавр, ҷиҳати иҷро кардани сиёсатҳои худ дар садади нуфузи ҳарчи бештар дар Осиёи Марказӣ аст.

Фурӯпошии Иттиҳоди шӯравӣ ва истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо як дигаргунии асосӣ дар сутӯҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ маҳсуб мегардид, балки як бори дигар, аҳамияти Осиёи Марказиро ба унвони як минтақаи стратегӣ эҳё намуд ва сабаб шуд, то як бори дигар ин минтақа аз назари геополитикӣ барҷаста гардад. Дар воқеъ, Осиёи Марказӣ на танҳо ба унвони як минтақаи мустақил шинохта шуд, балки ҳар як аз кишварҳои ҳозир дар он низ бо вижагиҳои мунҳасир ба фард, худ мавриди шиносоӣ қарор гирифтанд. Пас аз истиқлоли ин кишварҳо манофеи иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомии қудратҳои бузург дар он ҷо доман афрохт. Ин кишвар барои исботи султаи худ бар дунё, ҳамвора дар садади нуфуз дар манотиқи ҳассос ва стратегияи ҷаҳон аст.

Осиёи Марказӣ монанди марзи ҷадиде барои сиёсати хориҷии Амрикост. Аз замони истиқлоли ин кишварҳо манофеи Амррико дар он ҷо доиман афзоиш ёфтааст. То соли 1994 манофеи Амрико ба мақсади иқтисодӣ ва сиёсӣ маҳдуд мешавад ва манофеи низомӣ дар он замон ба чашм намехӯрад, ҳарчанд ин тасаввур акнун комилан тағйир кардааст. Пас аз ҳамалоти террористии 11 сентябр ва ҳузури густурдаи нерӯҳои амрикоӣ дар Афғонистон ва Осиёи Марказӣ, акнун ин кишварҳо тамоми васоили қудратии худро барои тасбияти худ ба унвони як бозигари аслӣ дар Осиёи Марказӣ ба кор мегирад.

***Мафҳуми геополитикӣ ва авомили муассир бар он.*** Содатарин таърифе, ки ҷуғрофишиносон аз ҷуғрофияи сиёсӣ ва геополитикӣ кардаанд, ин аст, ки ҷуғрофиёи сиёсӣ асари тасмимгирии инсонҳоро бар чеҳра ва ишколи ҷуғрофиёӣ, марбут ба муҳити инсонӣ, ҳамчун ҳукумат, марз, муҳоҷират, иртиботот, тавзеъ, нақлу интиқолро мутолиа мекунад. Аммо собиқаи вуруди мубоҳиси геополитикӣ ба мутолиоти донишгоҳӣ, тақрибан, ба як қарн мерасад, дар ҳамон замоне ки императорҳо ва давлатҳо барои гирифтани саҳме аз қудрати байналмилал бо якдигар ба рақобат мепардохтанд.

Қонунмандиҳое тавассути аввалин соҳибназарони геополитикӣ дар бораи фарояндҳои сиёсӣ ва низомӣ ироа шуд ва бунёдгузорони он дар ҷавомеи донишгоҳӣ Фредрик Ратзел (1844-1904), ҷуғрофидони олмонӣ буд. Китоби ҷуғрофиёи сиёсии ӯ дар интиҳои қарни XIX (1897) мунташир шуд ва риштаи ҷуғрофиёи сиёсӣ дар солҳои поёни қарни XIX мутаваллид гардид. Ин риштаи ҷадид дар пайи он буд, ки инсонҳо, кишварҳо ва ҷаҳонро ба унвони мавҷудоти зинда мавриди мутолиа қарор диҳад. Кишвари мавҷуд зинда талаққӣ мешавад, ки фазоеро ишғол карда, рушд кардааст. Ӯ, ки дар улуми биологӣ ҳам омӯзиш дида буд, таҳти таъсири «асли анвоъ»-и Чарлз Дарвин қарор гирифт ва «Назарияи органикӣ»-ро ироа дод. Дар ин назария давлат монанди як мавҷудоти зинда талаққӣ шуд, ки бо соири давлатҳо дар ҳоли мусобиқа аст. Бинобар ин, давлат монанди соири мавҷудоти зинда барои зинда мондан ва рушд ниёз ба фазои ҳаётӣ дорад.

Ротзал ақида дошт, ки рушд ва бартарии тамаддунҳои аврупоӣ бар дигар кишварҳо ҳосили шароити иқлимӣ мусоид буда, ки онҳо фурсати рушд ва густариш додааст. Аммо истилоҳи геополитикӣ тавассути яке аз пайравони шведӣ Ротзал ба номи Рудолф Кёлн (1864-1922), ки як ҷуғрофидон буд, ибдоъ шуд. Ӯ дар мубоҳиси Ротзал аз «назарияи мавҷуди зинда будани кишвар» тарафдорӣ кард. Ӯ давлатро ба унвони як андоми ҷуғрофӣ дар фазо тавсиф кард ва дар ин маврид дар китобаш ба номи «Давлат ба мусобеҳи шаклӣ аз зиндагӣ» (1916) қавонинеро зикр кард, ки ба онҳо геополитика ном ниҳод. Геополитика аз дидгоҳи ӯ иборат буд, аз бахше аз ҷуғрофиёи сиёсӣ, ки ба равобити хориҷӣ, стратегӣ ва сиёсати кишварҳо марбут мешуд ва дар пайи истифода аз дониши ҷуғрофӣ барои аҳдофи сиёсӣ буд.

Бар асоси таърифи доиратул-маорифи Британия, геополитика иборат аз таҳлили нуфузи авомили ҷуғрофиёӣ бар равобити қудрат дар сиёсати байналмилал аст. Дар доиратулмаорифи Амрико низ дар таърифи вожаи геополитика омадааст: Геополитика чашмандозҳои ҷуғрофӣ, як амри сиёсиро мутолиа мекунад. Тафовутҳо бар сари мизони тамаркуз ва таъкид аст. Ҷуғрофидонон бар таъсири инсони сиёсӣ бар рӯйи замин таъкид доранд, вале пажӯҳишгарон ҳавзаи геополитика бар таъсироти айнӣ ва зеҳнӣ авомили ҷуғрофиёӣ, аам аз авомили ҷуғрофии табиӣ ва ё ҷуғрофиёи инсонӣ бар зиндагии сиёсӣ таъкид доранд.

Геополитика дар бардошти куллӣ ба унвони як мавзӯи илмии мураккаб аз ҷуғрофия, таърих, улуми сиёсӣ, қудрат ва равобити байналмилалӣ мебошад ва ба нуфузи таъйинкунандаи муҳит бар сиёсати як кишвар ишора дорад. Аз он ҷо ки байни авомили ҷуғрофӣ ва сиёсати давлатҳо иртибот вуҷуд дорад, давлатҳо бо таваҷҷуҳ ба авзоъ, ба ҷуғрофиёи кишвари худ иқдом ба сиёсатгузорӣ мекунанд. Ба ҳамин далел, мутолиоти геополитикӣ аҳамияти вижа дорад. Геополитика, илова бар авомили ҷуғрофӣ ва сиёсати як кишвар, ба тафсири вақоеъ низ мепардозад ва метавонад таҳаввулоти ояндаро таҳлил кунад.

Дар замони ҳозир ҷуғрофидонон авомили муассир бар геополитикаро ба ду даста - авомили собит ва авомили мутағаййир тақсимбандӣ мекунанд. Авомили собит шомили мавқеияти ҷуғрофӣ, фазо, вусъати хок ва шакли кишвар аст. Авомили мутағаййир низ шомили ҷамъият, манобеи табиӣ ва ниҳодҳои сиёсиву иҷтимоӣ аст. Ду даҳаи поёнии қарни XX-ро ба эътиқоди бисёре аз таҳлилгарон, бояд давраи таҳаввулоти азими геополитика донист. Маншаи ин таҳаввулот бидуни тардиди фурӯпошии Шӯравӣ ва пас аз он поёни ҷанги сард аст. Аммо пайомадҳои фурӯпошӣ аз худи фурӯпошӣ аҳамияти бештаре пайдо кард. Пас аз поёни низоми дуқутбӣ, ҳанӯз бар сари ин мавзӯъ ихтилофи назари ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки оё назми ҷадиди геополитикӣ он гуна, ки куҳан муътақид аст, назме чанд қудратӣ ва чандқутбист ва ё он гуна ки Фавкуёма муътақид аст, бо салтаи либерал-демократии аср, рақобатҳои идеологӣ ва ба дунболи он рақобатҳои геостратегӣ ба поён расидааст.

Геополитикаи Осиёи Марказӣ. Минтақаи ҳассосу стратегии Осиёи Марказӣ ба далоили мухталиф дар арсаи муодилоти ҷаҳонӣ ҳоизи аҳамият аст. Ин воқеият қабл аз фурӯпошии Шӯравӣ ҳам низ вуҷуд дошта, вале, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 ва ҳамчунин пас аз ҳаводиси 11 сентябри соли 2001 дар Амрико, минтақаи Осиёи Марказӣ дар таҳаввулоту муодилоти ҷаҳонӣ дорои ҷойгоҳи баланде шуд. Аҳамияти Осиёи Марказӣ беш аз ҳар чиз ба мавқеияти геополитикӣ ва манобеи табиии он марбут аст. Осиёи Марказӣ ба унвони бахши ҷанубии Ҳортланд, дар назарияи Макендар, дорои геополитикаи хос ва мунҳасир ба фардест, зеро:

1. Дар самти шимоли он кишвари паҳновари Россия қарор гирифтааст, ки ба дунболи эҳёи қудрати сиёсӣ ва иқтисодии худ аст.
2. Дар самти ғарбии он Аврупо қарор дорад, ки Осиёи Марказӣ пули иртиботии Шарқу Ғарб аст.
3. Дар ҷануби Осиёи Марказӣ кишвари Афғонистон воқеъ шудааст. Кишваре, ки чандин сол аст фоқиди як давлати қудратманди дохилӣ буда, ба ҷойгоҳи амниятӣ барои террористҳо табдил шудааст.
4. Дар ҷануби шарқии минтақа ду қудратминтақа, Ҳинду Покистон қарор доранд, ки дорои қудрати атомӣ ҳастанд.
5. Дар шарқи он кишвари қудратманди Чин қарор дорад, ки барои табдил шудан ба як қудрати иқтисодӣ талош мекунад ва мекӯшад дар минтақаи Осиёи Марказӣ нуфуз кунад.
6. Осиёи Марказӣ танҳо ҷоест, ки маҳали бархӯрди манофеи чаҳор қудрати ҳастаӣ: Россия, Чин, Ҳинд ва Покистон аст.

Ин далоил сабаб шудааст, ки Осиёи Марказӣ ба минтақаи муҳим дар сиёсати байналмилал табдил шавад, ба наҳве ки бисёре аз кишварҳо дар талош ҳастанд, то нуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии худро дар ин минтақа афзоиш диҳанд. Осиёи Марказӣ як манотиқест, ки ба назар мерасад сармоягузории иқтисодӣ дар он суди калонеро барои сармоягузорон ба ҳамроҳ дошта бошад.

Тибқи гуфта, Бонки Рушди Осиё, ҳар як миллиард доллар, ки дар арсаи энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ сармоягузорӣ шавад, солона ҳудуди якуним миллиард доллар суд дар пай хоҳад дошт. Ин ниҳоди молӣ муътақид аст, ки дар сурати истифода муассир аз захоири энергетикӣ ва оби рӯдхонаҳои Амударё ва Сирдарё, кишварҳои минтақа метавонанд, солона то якуним миллиард доллар суди молӣ ба даст оварад.

Аҳамияти геополитикӣ ва геостратегии Осиёи Марказӣ метавонад пӯёиҳои хосе ба муносиботи ин кишварҳо бо соири кишварҳо бубахшад. Кишварҳои ин минтақа ҳамакнун нақши бисёр муҳиме дар саҳнаҳои байналмилалӣ ифо мекунанд ва бо

таваҷҷуҳ ба ҳаводиси 11 сентябри соли 2001 ба назар мерасад, ки ин нақш рӯз ба рӯз пуррангтар мешавад.

Аҳамияти геополитикии Осиёи Марказӣ барои Амрико. ИМА ба унвони кишвари нерӯманд ва таъсиргузор аз замони истиқлоли худ аз Англия то кунун ҳамвора дорои сиёсати хориҷии фаъол ва пӯёӣ дар ҷиҳати бароварда сохтани манофеи худ будааст. Воқеаҳои 11 сентябр, ба гуфтаи Браженский, Амрикоро тағйир дод ва авлавиятҳои сиёсати хориҷии ин кишварро таъин намуд. Яке аз муҳимтарин пайомадҳои ҳодисаи 11 сентябр, афзоиши ҷойгоҳи геополитикии Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Амрико буд.

Тамоюлоти ИМА ба ин минтақа пас аз ин рӯйдод дучори тағйироти асосӣ шуд ва ин кишвар талош намуд, ки аз мазоёи геополитикӣ, геоэкономикӣ ва геостратегии Осиёи Марказӣ дар таҳаввулоти сиёсӣ-амниятӣ пас аз 11 сентябр истифода намояд. Дар як ҷамъбандӣ бархе аз авомиле, ки аз назари давлати Амрико ба ин минтақа аҳамият мебахшад, иборатанд аз:

1. Бо тавaҷҷуҳ ба афзоиши ниёз ба энергетика дар оянда, вуҷуди манобеи нафту газ бар аҳамияти ин минтақа афзудааст ва муҷиби рақобати бархе аз қудратҳои иқтисодӣ барои тасаллути бештар бар манобеи энергетикӣ шудааст.
2. Кишварҳои тавлидкунандаи энергия дар ин минтақа ба дарёи озод роҳ надоранд ва ин амр монеи расидан ба энергетика, ба соири нуқоти дунёст, ки ин худ вазъияти минтақаро печидатар мекунад.
3. Рақобатҳои қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ барои ҳузуру нуфуз дар минтақа монанди кишварҳои Россия, Чин, Эрон, Туркия, Исроил, Ҳинд, Покистон, Арабистони Саудӣ ва бархе аз кишварҳои Иттиҳодияҳои Аврупо.
4. Аҳамияти геополитикии минтақа бавижа пас аз 11 сентябр ва ҳамлаи низомии Амрико ба Афғонистон сабаб шуд, ки то ин минтақа аз назари низомӣ ва амниятӣ ҷойгоҳи виже дар сиёсати хориҷии Амрико пайдо кунад.
5. Бо тавaҷҷуҳ ба аҳамияти геостратегии Осиёи Марказӣ яке аз аҳдофи нуфуз ва ҳузури Амрико дар минтақа назорати сиёсатҳои Россия, Чин, Эрон аст

Агар манофеи Амрикоро дар Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, ин манофеъ дар се меҳвар: амният, энергетика ва демократӣ мутамарказ шудаанд. Амрико талош мекунад барои расидан ба аҳдофи баландмуддати худ дар минтақа, массирҳои интиқоли энергетикиро тағйир дода, ҳамзамон бар зарурати таҳкими арзишҳои демократӣ ва иқтисоди озод дар кишварҳои Осиёи марказӣ таъкид мекунад.

Вижагиҳои хоси Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, тавсеаи рӯзафзуни Чину Ҳинд ва соири кишварҳои дар ҳоли тавсеа, вуҷуди манобеи энергӣ, ааmи дастрасии кишварҳои минтақа ба обҳои озод ва ҳамсоягии Россия, кишваре, ки чандин сол рақиби аслии ИМА ба ҳисоб омада, бо ин кишварҳо аз далоили лозим барои ҳузур ва нуфузи Амрико дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравaнд. Ба назар мерасад, ки Амрико бо баҳрабардорӣ аз фазои байналмилалии мавҷуд талош дорад, то заминаи ниҳодина шудани ҳузури низомии худро дар ин минтақа фароҳам созад. Ин ҳузур ба Амрико ин имконро медиҳад, то аҳдофи худро бо пуштибонии бештаре дунбол кунад.

**АДАБИЁТ**

1. Дикамо Ҷ., Вилям В. Равобити байналмилал аз варои маншури ҷуғрофӣ.
2. Воизӣ М. Геополитика. – Теҳрон, 1379.
3. Соливан П. Геополитика. – Лондон, 1986.
4. Басирӣ М., Мижгонёздӣ З. Фаслномаи мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, 1384, №48, с. 91-130.
5. BBC.12 December, 2007.
6. fa.wikipedia.org

**ГЕОПОЛИТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ДЛЯ США**

Геополитический регион Центральной Азии представляет собой обширную территорию, расположенную в центральной части Евразии. Центральная Азия известна как территория, соединяющая между собой Европу, Ближний Восток, Южную и Восточную Азию благодаря Великому шелковому пути, Наличие в ней солидных запасов нефти и газа, расположение транзитных и коммуникационных путей, стратегическое значение Каспийского моря послужили главным фактором в усилении конкуренции сил, претендующих на ключевую роль в Центральной Азии. Этим объясняется важное геополитическое значение данного региона в современном мире. В данной статье автором рассматривается геополитическое значение Центральной Азии для США.

**Ключевые слова:** геополитика, Центральная Азия, США, иностранная политика, стратегические цели, терроризм, энергетика, военный интерес, энергетика.

**THE GEOPOLITICAL IMPORTANCE OF CENTRAL ASIA FOR THE UNITED STATES**
Geopolitical region of Central Asia is a vast territory which is located in the Central part of Eurasia. Central Asia is known as a territory which connects the Europe, middle East, South and East Asia through the Great silk road, the Presence of reputable oil and gas reserves, the location of transit and communication ways, the strategic importance of the Caspian sea were the main factor in enhancing competition forces, claiming a key role in Central Asia. This explains the great geopolitical importance of this region in the modern world. In this article the author examines the geopolitical importance of Central Asia for the United States.
**Key words:** geopolitics, Central Asia, the United States, foreign policy, strategic goals, terrorism, energy, military interest, energy

**Сведения об авторе:** ***Махди Нури*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

## МАСЪАЛАИ ИҶТИМОИИ ТАЛОҚ ДАР ЭРОН ВА РАВАНДИ ТАҒЙИРОТИ ОН

***Саид Аббоси Обиди Мурсавӣ***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Аз оғози қарни 20-ум бархе воқеаҳо ва ҷараёнҳои иҷтимоии умда ба таври ҳамаҷониба сохти хонаводаро дар Эрон дучори тағйироти бунёдӣ кардааст. Бархе аз ин омилҳо иборатанд аз: тағйир дар равиши зиндагии шаҳрнишинӣ ва тавсеаи шаҳргароӣ, фароянди тавсеаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, нуфузи улум ва технология дар зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа. Густариши расонаҳои ҷамъӣ, барқарории равобити бештар бо ҷомеаи саноатӣ, тағйироти асосӣ дар сохти нерӯи инсонӣ, механизатсияи кишоварзӣ, муҳоҷирати нерӯи кор ба шаҳрҳо, пайдоиши табақоти дорои тиҷорӣ ва саноатӣ, тавсеаи низоми идорӣ, афзоиши синни издивоҷ, афзоиши саводнокии занон ва ширкати онҳо дар бозори истеъмолию истеҳсолӣ, инқилобҳою ҷангҳо ба фароянди дигаргунии арзишҳо ва тағйирот дар бофти сунатии хонаводагӣ ба вуҷуд овард. Коҳиши низоми падарсолорӣ ва хонаводаи анъанавӣ ва модерн шудани хонавода, афзоиши интизорот ва таваққуот аз зиндагии заношӯйӣ, гузар аз ҷомеаи суннатӣ ба ҷомеаи модерн ва технологӣ, рушди фардият ва таваррум, вобастагӣ ба моводи мухаддир, фақр ва бекорӣ низ омилҳое мебошанд, ки таъсирашро пеш аз ҳама ба оила расонид.Маҷмӯи ин омилҳо дар хонаводаи эрониҳо мушкилоти мухталифи тазодҳо ва буҳронҳоро эҷод кардаанд, ки буҳрони талоқ ва рушди шитобони он нишони воқеии ин тазодҳо ва буҳронҳо мебошад.

Талоқ яке аз масоилест, ки аз таҳаввулоти сохтории ҷомеаи Эрон таъсир пазируфтааст. Ин таҳаввулот ва тағйироти сохторӣ шароитеро барои тағйири коркардҳои хонавода фароҳам кардааст ва сармояҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии хонавода дастхуши фарсоиш, буҳрон ва таҳаввул гардидааст. Бо пайдоиши ин тағйироти бунёдию таърихӣ хонаводаи эронӣ бо ин вазъият ба куҷо меравад? Ва акнун ин суоли асосист, ки ба дунболи шиносоии он мебошем, яъне талоқ дар Эрон дар солҳои охир ба болотарин ҳадди худ расидааст. Рушди шитобони талоқ, суботи хонаводагӣ ва ҳамбастагии зан, шавҳар ва фарзандон, назм ва таодули иҷтимоӣ дар ниҳоди хонавода ба ҳам рехтааст ва осори номатлубе бар ҷомеаи эронӣ бар ҷой гузоштааст.

Рушди талоқ дар хонаводаи эронӣ сабабгори каҷрафториҳои зиёди номатлуб дар ҷомеаи Эрон гардидааст. Рушди талоқ дараҷоти бемории иҷтимоиро ҳамчун нишондиҳандае барои носозгориҳои иҷтимоӣ дар Эрон нишон медиҳад. Ин нишондиҳандаест, ки равобити фард ва ҷомеаро таъдид ва таъзиф намудааст ва рушди саломати иҷтимоиро бо хатар рӯ ба рӯ кардааст. Дар ҳеҷ замоне монанди солҳои охир ҷомеаи эронӣ дучори хатари инҳилоли қонуни хонавода ва осори зиёнбори ношӣ аз он набудааст. Ба гунае ки ҳамакнун рӯҳи пӯёии иҷтимоиро аз ҷавонони эронӣ гирифта, алоқа ва иштиёқи ҷавононро ба ташкили хонавода суст намуда, эътимоди иҷтимоиро ба оила ҳамчун муқаддассоти иҷтимоӣ аз байн бурдааст ва сабаби коҳиши мувозинат ва якпорчагии иҷтимоӣ гардидааст.

Ҳарчанд талоқ бемории умумии қарни ҳозир аст, рушди шитобони он дар хонаводаи эронӣ ин падидаро дар зумраи ғамаангезтарин масоили иҷтимоии

мавҷуда қарор додааст. Зеро ҳеҷ ҷомеае бидуни доштани хонаводаи солим наметавонад, даъвои саломатии ҷомеаи хеш кунад ва ҳеҷ кадом аз падидаҳои иҷтимоӣ бетаъсир аз хонавода падид наомадааст. Пас, талоқ падидаи чандбӯъдӣ ва маълули шабакае аз омилҳое мебошад, ки маҷмӯае аз иллатҳо ва омилҳои ба ҳам пайваста, монанди омили иҷтимоӣ, омили иқтисодӣ, омили фарҳангӣ ва омили сиёсӣ сабаби талоқ мегардад. Ҳамин тавр, чи хеле ки муҳаққиқи бахши талоқ Сорохони Боғир қайд мекунад:

1. Талоқ як падидаи равониест, зеро бар таодули равонии на танҳо ду инсон, балки фарзандон, бастагон, дӯстон ва наздикони онҳо асар мениҳад.

2. Талоқ падидаи иқтисодист, ки ба гусасти хонавода ба унвони як воҳиди иқтисодӣ меанҷомад ва нобудии таодули равонии инсонҳо сабаби бурузи асароти саҳмгин дар ҳаёти иқтисодии онон фароҳам мекунад.

3. Талоқ падидаи ҷамъиятист ва асаргузор бар тамомии абъоди ҷамъият дар як ҷомеа аст, зеро дар камияти нуфуси ҷамъият асар мегузорад, чун танҳо воҳиди машрӯъ ва асосӣ тавлиди насл, яъне хонаводаро аз ҳам мепошад ва бар кайфияти ҷамъият асар мегузорад. Сабаб мешавад, ки фарзандони маҳрум аз неъматҳои хонавода таҳвири ҷомеа гарданд, ки ба эҳтимоли зиёд шароити лозим дар роҳи ба даст овардани мақоми шаҳрвандии як ҷомеаро дастрас намегарданд.

4. Талоқ як падидаи фарҳангист, ки ба фарҳанги шахсият ва дар ҳар ҷомеа ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият таъсири манфӣ мерасонад.

5. Талоқ як падидаи иртиботист. Ҷомеае, ки иртибототи солим, дуруст ва табиӣ надошта бошад, пайвандҳои издивоҷ ба зуди барқарор ва ба зудӣ қатъ мегарданд. Пас, талоқ на танҳо аз дидгоҳи фард ба унвони инсон ва фарзандонаш муҳим аст, балки аз дидгоҳи ҷомеа, фарҳанг, иқтисод ва ҷамъият қобили таваҷҷуҳ мебошад. (8. с.2-5).

Мавҳуми талоқ дар луғати «Фарҳанги форсӣ» ба маънои раҳо ва озод кардан аст ва ба мафҳуми поёни қонунии издивоҷ ва ҷудо шудани зан ва шавҳар аз якдигар аст (3, с.22-23). Муҳаққиқ Халили Ҳамза шарҳи зерини талоқро овардааст: «Талоқ ба маънои кушодани гиреҳ ва раҳо кардан аст ва иборат аст аз ин ки як амали ҳуқуқии яктарафа ба муҷиби он мард бо иҷоза ё ҳукми додгоҳ занеро, ки ба таври доим дар қайди завҷияти ӯст раҳо месозад» (6С. 29). Ҷаъфарӣ бошад бештар ҷиҳати ҳуқуқии мавҳуми талоқро авлавият дода менависад: «Аз назари ҳуқуқӣ талоқ иборат аст аз ҷудошавии робитаи заношӯӣ дар ақди никоҳи доим хоҳ ба қасд ва ризояти завҷ бошад ва хоҳ ба василаи намояндаи қонунии завҷ тавассути додгоҳ» (9 С. 430).

Велиом Гуд ҷомеашинос ақида дорад, ки «Талоқ иборат аст аз шикастани воҳиди хонавода ва таҷзияи нақшҳои иҷтимоӣ, ба иллати ин ки як ё чанд нафар аз аъзои хонавода ба таври иродӣ ё ғайрииродӣ таколифи ношӣ аз нақшҳои худро он тавр, ки лозим аст анҷом надиҳанд» (1. С.248.).

Аз назари Войзман (1975) «Талоқ фарояндест, ки бо таҷрибаи буҳрони отифии ҳар ду завҷ шурӯъ мешавад ва бо сайъ дар ҳалли таоризоти заношӯӣ, аз тариқи ҷудоӣ бо вуруд ба мавқеияти ҷадид бо нақшҳо ва сабки зиндагии мутафовит хотима меёбад» (2.С.128.).

Дар асоси омори созмони сабти аҳволи Эрон мизони талоқ дар Эрон майли болоравӣ дорад. Дар соли 2003 омори издивоҷ (680997 воқеа) нисбат ба соли 1996 (479263 воқеа), яъне + 42% рушди мусбат доштааст. Дар соли 1996омори талоқ (37817 воқеа) нисбат ба соли 2003 (72359 воқеа) афзоиш пайдо кардааст. Яъне дар ҳамин муддат талоқ + 91 % рушди мусбат бархурдор будааст. Яъне фоизи тағйироти талоқ беш аз ду баробари издивоҷ рушди мусбат доштааст. Ба ибораи дигар, нархи талоқ аз 7,9 дар соли 1996 ба 10/ 63 дар соли 2003 афзоиш ёфтааст ва ин дарҳолест, ки дар соли 1996 ба эзоҳи ҳар 12/6 издивоҷ як талоқ сабт шудааст. Ба ин раванд ба ҳар 9/4 издивоҷ як талоқ дар соли 2003

Дар сол 2005 аз 100 издивоҷ тақрибан 10,7 воқеа ба талоқ мунҷар шудааст. Ва ин рақам дар соли 2009 ба 14 воқеаи талоқ дар ҳар 100 воқеаи издивоҷ афзоиш ёфтааст. Ва мутаассифона, дар сол 2010 ба 15 воқеа талоқ дар ҳар 100 воқеаи издивоҷ афзоиш ёфтааст. Ва ин омор нишондиҳандаи афзоиши нархи талоқ дар Эрон дар солҳои охир мебошад. 1996 то 2010 яке азнишондиҳандаҳои асосии таҳлил ва тавсифи талоқ ва издивоҷ мизони талоқ аст, ки бар асоси онон теъдоди талоқро ба кулли ҷамъият тақсим мекунанд. Мизони талоқ барои муқоиса нисбат ба теъдоди

талоқ шохиси дақиқтарест, чун мумкин аст теъдоди талоқ афзоиш ёбад. Вале бо таваҷҷуҳ ба махраҷи каср, ки кулли ҷамъият аст, мизони талоқ коҳиш ёбад. Бинобар ин, шоҳиси муҳимми дигаре барои муҳосибаи талоқ дар ин ҷо истифода кардаем ва иборат аст аз нисбати талоқ ба издивоҷ: ин шохис нишон медиҳад, ки талоқ нисбат ба издивоҷ чӣ тағйироте кардааст. Бар асоси ин шохис теъдоди талоқро муҳосиба ва тақисим бар издивоҷ мекунем ва сипас онро ба адади 100 зарб мекунем.

Бар ин асос ҷадвали зер баёнгари ин воқеияти иҷтимоӣ дар Эрон аст:

Ҷадвали 1: теъдоди издивоҷ ва талоқи сабтшуда ва мизони талоқ дар Эрон (Созмони сабти аҳволи ҶИЭ, солномаи омории солҳои 2000 то 2010

| Сол | Издивоҷ | Талоқ | Нисбати талоқ ба издивоҷ ба % |
|---|---|---|---|
| 2000 | 646498 | 53767 | 8/32 |
| 2001 | 641940 | 60500 | 9/42 |
| 2002 | 650960 | 67256 | 10/33 |
| 2003 | 680997 | 72359 | 10/63 |
| 2004 | 723976 | 73882 | 10/21 |
| 2005 | 787818 | 84241 | 10/69 |
| 2006 | 778291 | 94039 | 12/09 |
| 2007 | 841107 | 99852 | 11/87 |
| 2008 | 881592 | 110510 | 12/53 |
| 2009 | 890208 | 125747 | 14/12 |
| 2010 | 891627 | 137200 | 15/39 |

**Пешниҳодот ва тавсияҳо баҳри коҳиши талоқ:**

1. Барномарезӣ ва мушовара қабл аз издивоҷ, дар даврони издивоҷ ва баъд аз издивоҷ ва диққат дар шеваи интихоби ҳамсар бар асоси куниши ақлонӣ
2. Диққат дар издивоҷ ва таваҷҷуҳ ба тафовутҳои фарҳангии хонавода.
3. Боло бурдан ва тақвияти сармояи иҷтимоии хонаводаҳо.
4. Кӯмакҳои давлат ва созмонҳо ва ниҳодҳо ба хонаводаҳое, ки дучори мушкили иқтисодианд.
5. Парҳези зану шавҳар аз муоширатҳои нописанд ва ғайриахлоқӣ.
6. Ислоҳи қонунҳо ва сохторҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барои пешгирӣ аз талоқ.
7. Ташкили клосҳои омӯзишии мудирияти ҳалли буҳрон барои хонаводаҳо ва ҷавонон қабл аз издивоҷ ва завҷаҳое, ки дучори ихтилоф шудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Гуд Вилям. Хонавода ва ҷомеа. Тарҷумаи Видо Носеҳӣ. Интишороти Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб. Теҳрон, 1973.
2. Guttmann Joseph (1993) Divorce in psychical perspective Theory and Research Lawrence Erlbaum Associates publishers
3. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форси Муин. Амири Кабир. Теҳрон1992.
4. Pot hen Sosamma (1996) Divorce: ITS causes and consequences in Hindu society; new Delhi: visas publishing house PVT LTD,
2009 .
5. Халилӣ Ҳамза. Талоқ (хуқуқӣ-иҷтитмоӣ). Интишороти иттикори дониш. Қум, 2011.
6. Созмони сабти аҳволи ҶИЭ. Солномаи омории сабти аҳволи Эрон, соли 2000 то 2010. Интишороти дафтари омор ва иттилооти ҷамъиятӣ ва муҳоҷирати Теҳрон.
7. Сорохонӣ Боғир. Талоқ пажӯҳише дар шинохтӣ воқеъият ва авомили он. Интишороти донишгоҳи Теҳрон. Теҳрон, 1997.
8. Ҷаъфарии Лангаруди Муҳаммадҷаъфар. Терминоложии ҳуқуқ. Интишороти китобхонаи ганҷи дониш, Теҳрон, 1991.


## СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ РАЗВОДА И ПРОЦЕСС ЕГО ИЗМЕНЕНИЯ В ИРАНЕ


В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению проблемы развода и его социальные последствия для общества в целом. Право на развод с давних времен было предметом обсуждения в любом обществе. Признание права на развод, то есть свободы людей не только заключать браки, но и расторгать их, является одним из доказательств демократизации общества. В законодательстве и в отношении общественного мнения к разводу, к разведенным и их детям очень ярко проявляется и общественно-политический строй данной страны, и культурные, национальные традиции, и социально-психологические особенности народа.



**Ключевые слова:** семейная жизнь, семейные функции, психологические установки супругов, сохранение брака, Ислам, право на брак, обязательства, право на развод, социальные проблемы.

**SOCIAL PROBLEMS OF DIVORCE AND THE PROCESS OF ITS CHANGE IN IRAN**

In this article the author subjected to review and study the problem of divorce and its social consequences for society as a whole. The right to divorce, since ancient times, was the subject of discussion in any society. Recognition of the right to divorce, that is, the freedom of people not only marriages, but also terminate them, is one of the proofs of democratization of the society. In law and in respect of public opinion to divorce, divorced and their children very pronounced and socio-political structure of this country, culture, national traditions, and social-psychological features of people.

**Key words:** family life, family functions, attitudes spouses, to preserve marriage, Islam, the right to marry, the obligations, the right to divorce, and social issues.

**Сведения об авторе:** ***С.А. Обиди Мурсави*** - соискатель Института философии, политологии и права АН РТ

# АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ АЗ НИГОҲИ ОЁТ ВА РИВОЁТ

***Валии Аҳмади Бунакдор***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Адолати иҷтимоӣ ба унвони як гароиши ботинӣ ва амри фитрӣ дар ниҳон ва ниҳоди инсон, аз масоиле аст, ки ҳамвора таваҷҷуҳи башарро ба худ ҷалб кардааст.

Баррасии ин асли асили инсонӣ дар оёти «Қуръон» ва каломи бузургони дин дар таҳаққуқи воқеии ин масъала роҳкушост. Худованд дар «Қуръони Карим» ба ин муҳим дастур медиҳад ва онро бар инсон воҷиб медонад. «Иналлоҳа яъмару биладл вал инсон» (нахр: 90) ё «Эй Довуд, мо туро дар замин ҷонишини худ қарор додем, пас ҳукм кун байни мардум ба ҳақ ва адл» (с: 26) дар муқобил, ба ҷомеаи исломӣ ёдовар мешавад, ки бадиҳо ва душманиҳо набояд шуморо аз адолат берун созад ба гунае ки ҳатто бо душманонатон ба адолат рафтор кунед: «душманӣ бо ҷамъият шуморо ба гуноҳи тарки адолат накашонад, адолат пеша кунед, ки ба парҳезгорӣ наздик аст» («Моида» 8) Ин гуна аст ки Худои Субҳон, яке аз ҳадафҳои умдаи паямбаронро бар по доштани адл ва сидқ муаррифӣ мекунад («Ҳадид» 25). Бар ин асос дар ин таҳқиқ бо баррасии оёт ва равоёт ибтидо ба мафҳумшиносии адолат мепардозем, он гоҳ маънои адолати иҷтимоиро баён медорем.

Инро низ бояд изофа кунам, ки баррасии мисдоқҳои таквинӣ ва ташреҳи адолат, мисдоқҳои адолати иҷтимоӣ ва аркони барқарории он ва низ осор ва натоиҷи адолати иҷтимоӣ аз масоилест, ки ин пажӯҳиш дар садади баррасии он бо рӯйкарди мубтанӣ бар оёт, бавижа ривоёт аст. Аз ин рӯ, ба адолати иқтисодӣ ба унвони як амри муҳим дар барқарории адолати иҷтимоӣ таваҷҷуҳ гардид ва аркони монанди ҳукумати ҳоким, коргузорон ва хавос, ки заминаи барқарории саҳеҳи адолати иҷтимоиро фароҳам меоваранд баррасӣ шудааст. Ба иборaи, дар сояи адолат, ҳадафи хилқат, ки ҳамон ибодат бар камоли одамиён ба сарманзили мақсуд аст, таҳаққуқ меёбад.

Аммо вожашиносон, «адл»-ро ба миёни равӣ, баробарӣ, ҳамсонӣ, ҳаммонандӣ, мусовот ва зидди ситам маъно карда, гуфтаанд, ки адл ва эдл дар маъни наздик ба ҳам ҳастанд, вале «адл» дар чизе аст, ки тасовии он бо басират дарк шавад ва «эдл» дар чизест, ки тасовии он бо ҳис фаҳмида шавад. «**А-Д-Л**» ду решаи мутазод ба ҳам дорад: 1. Адл ба маънои бародарӣ; 2. Адл, ки бар инҳироф ва каҷӣ далолат мекунад.

Бар асоси он чи гуфта шуд, метавон натиҷа гирифт, ки асли воҳид дар моддаи адл, ҳадди васат миёни ифрот ва тафрид аст. Адл дар истилоҳи улуми гуногун таорифи мутафовут дорад: адолат дар шаръ ба маънои ростӣ дар роҳи ҳақ ва бартарӣ додани ақл бар ҳаво ва ҳавас аст ва дар истилоҳи фақеҳон, иборат аст аз: парҳез аз гуноҳони бузург ва исрор накардан бар гуноҳони кӯчак. Онон риояти тақво ва дурӣ аз ҳамаи инҳоро ба малакаи адолат таъбир мекунад (Мусавии Ҳумайнӣ 1419: ҷ. 1, 10).

Адолат аз дидгоҳи андешмандон, ҳукамо ва фалсафа низ таорифи мухталифе дорад, ки ихтилоф бар асоси шароити гуногун будааст. Дар қуруни вусто, мутафаккирон ва файласуфон таваҷҷуҳи хосе ба табиат доштанд, ба гунае ки аз назари адолат иборат аст аз: асли ормонӣ ё табиӣ, ё қарордоде, ки маънои ҳақро таъйин ва иқрор ба онро дар амал эҷод мекунад (Сонеии Дарабедӣ, 1370, 460). Аз ин рӯ, аз назари Арасту, адолат ба маънои омми он, шомили тамоми ақсои фазоил ва ба маънои хос, он фазилате аст, ки ба муҷиби он ба ҳар кас он чи ҳаққи ӯст, дода шавад.

Сюсрон, ҳуқуқдони румӣ дар идома меафзояд: «ба шарафи ин ки ба манофеи умумӣ зиён надошта бошад». Ҳуқуқдонон ва ҳукамои ғарбӣ таърифи Арастуро ҳамроҳ бо ҷумлаи Сюсрон муҳимтарин таърифи адолат шумурдаанд (Котузиён, 1347: ҷ.1, 205).

Ба эътиқоди Афлотун адолат риштаест, ки афроди ҷомеаро ба ҳам пайванд медиҳад ё ваҳдати афрод аст ба манзури ҳамоҳангӣ (Позоргод, Бито ҷ.1, 109). Дар давраи ренисанс, таъмини манофеи дигаронро ба маънои адолат наздик карда, гуфтаанд, ки адолати иҷтимоӣ дол бар эҳтиром бар ҳуқуқи дигарон ва додани ҳақи ҳар соҳибҳақест (Сонеии Даҳибедӣ, 1370: с.46). Донишмандони исломӣ низ дар бораи таърифи адолат ихтилофи назар доранд. Марҳум Аллома Таботабоӣ муътақид аст, ки адолат барпо доштани мусовот аст ва барқарории мувозина байни умур ба тавре ки ҳар чизе саҳми мавриди истеҳқоқи хешро дошта бошад (Таботабоӣ 1364: ҷ.2, 252).

Агарчи адл як мафҳуми арзишист, аммо дар заминаи ҳастӣ ҷорӣ аст ва ҳузур дорад. Адл дар ҳамаи ҷаҳон ҷараён дорад, лекин дар масоили арзишӣ, мафҳуми эътиборист ва дар умури таквинӣ, мафҳуми ҳақиқӣ. Пас, метавон изҳор кард, ки адл як истилоҳ бо бори «иштироки лафзӣ» нест. Наметавон гуфт, ки адл дар кори Худо ба маънои хос аст ва адли инсонӣ ба маънои дигар, ҳамон гуна ки набояд пиндошт, ки адли сиёсӣ ва адли иҷтимоӣ дорои ду маънои мутамоизанд.

Бо баррасии мисдоқҳо, адлро метавон ин гуна баён кард:

1. Адл дар хилвати инсон ва нерӯҳои инсонӣ. Бузургон бо ташреҳи адл дар авсофи нафсонӣ ва нерӯҳои инсонӣ, ба ин натиҷа расиданд, ки нерӯҳои инсониро метавон дар се бахш дастабандӣ кард. Ин се бахш якум, андеша; дуюм нерӯи ҷазб ва кашиш, сеюм нерӯи дафъ ва рониш аст. Ки шоҳиди он низ ин гуфтаи парвардигор аст, ки мефармояд: «Худованд туро офарид, рост гардонид ва ба адл сомон дод» («Инфитор 7»).

2. Адл дар сохтори офариниш. Ин мисдоқи адл дар офариниш, ки дар низоми таквин ниҳодина шудааст, ба ин сурат таҳаққуқ ёфт, ки Худованд ҳар чиро барои аркони ҳастӣ лозим буд ба он ато кард ва онро ба гунае офарид, ки дар расидан ба ҳадафаш, абзори лозимро дар ихтиёр дошта бошад: «Парвардигор, он аст ки ҳар чизро офарид, он гоҳ онро ҳидоят кард» («Таҳо», 50). Худо бар ӯ тасаллут дорад: «Парвардигори ман бар сироти мустақим аст» ( «Ҳад» 56).

Дар андешаи исломӣ, адолат ба унвони яке аз усули мавриди баҳс дар бораи Худованд матраҳ аст. Дар фиқҳ низ ба унвони як асли ахлоқи монанди адолати қозӣ, шоҳид, тамоми ҷамоат ё шоҳиди талоқ ба он тавачҷуҳ шудааст. Мабноитарини таъриф аз адолат, ба тартиби авлавият, дар ду таъриф хулоса мешавад: 1. адолат ба маънои «қарор додани ҳар чизе дар ҷойи муносиби хеш»; 2. Адолат ба маънои ато ба мизони истеҳқоқ ва ҳақро ба ҳақдор расондан.

Бархе андешмандон, таърифи аввали адлро монанди бисёре аз мафоҳими арзишии дигар, баргирифта аз ҷаҳони офариниш ва умури таквимӣ медонанд, ки дар низоми офариниш, ҳар падидае дар ҷойи худ қарор гирифтааст ва мутаносиб бо вазъи худ, вазифаи худро анҷом медиҳад. Ин созгорӣ, ҳамоҳангӣ ба таносуби комил, баёнгари адли офариниш аст ва инсон низ ин ҳолатро аз умури таквини интизоъ мекунад. Аз ин рӯ, дар иҷтимоъ низ, агар ҳар кас ба вазифаи хоси худ ба сурати муносиб амал кунад, он вазъ одилона аст. Ин адл, ки шариат ва дин ба он сафориш мекунад, бисёр сахт ва душвор аст. Аз ин рӯ, таъбири «Қуръон», «қавом» ба маънои маҳкам ва пойдор аст, на «қоим», ба маънои тасаллути ҳатмӣ ва комил, ки ин нишонаи душворӣ ва сангинии адл аст. Бинобар ин, инсон бояд ба таҷриба адлро барпо дорад, то аз паси озумунҳои сахт, аз «қоимият», ба «қавомият» бирасад (Ҷаводии Омулӣ, 1377: 208).

Ин даъват ба дастур ва қавом будан, ба яқин фаротар аз як амри фардӣ ва шахсӣ аст, дар ақсоми идорати фардӣ ва он чи дар фиқҳ матраҳ аст, адолат як амри ахлоқист, ончунон ки бахшиш як амри фардист ва дар ҷойи худ сазовор ва шоиста. Аз ин рӯ, эҳсон дар канори адл матраҳ шуда, на [бахшиш] ва амри муҷазо ва мутафовит аз адл аст. Ва «Қуръон» низ ба ин нукта ишора дорад, ки «қиёми қиср, яъне иқоме ва ба по доштани адл ва ин ғайр аз одил будан аз ҷанбаи шахсист» (Мутаххарӣ 1377: 8).

«Қуръон» дар сухан гуфтан низ ҳатто, агар ба зиёни шахс бошад, боз ҳам ба адл супориш мекунад: «Дар сухан гуфтан адлро ба кор бибандед, ҳарчанд ба зиёни хешони шумо бошад» (Инъом 152). Ин амри Парвардигор баёнгари ин аст, ки дар

таомул ва иртибототи инсонӣ бояд робитаи одилона ҳоким бошад, зеро дар ин робита бояд ҳаққи ҳар кас ба ҳар чиз он гуна ки шоистаи он аст, адо шавад.

Бар ин асос, бояд бигӯям ки ҳамоно будан ва иштирок дар мақоми инсонӣ, ҳаққеро эҷод мекунад, ки ҳоким, балки ҳар инсон нисбат ба он масъул аст ва бояд онро муроот кунад. Ва низ адолат дар бахшҳои мухталифи ахлоқӣ, динӣ, сиёсӣ, идорӣ, иқтисодӣ, низомӣ, ҳуқуқӣ, омӯзишӣ, тарбиятӣ ва фарҳангӣ қобили таҳлил ва баррасист, зеро ҷомеа замоне сомон меёбад, ки бо ислоҳи камбудҳо костиҳо ва мафосиди мавҷуд дар ин бахшҳо, заминаи барпоии адолат фароҳам шавад. Дар ғайри ин, ҷомеа дучори ошуфтагӣ, ихтилоф мешавад. Адолати иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба сарнавишти миллатҳо ва давлатҳо пайванд хӯрда, он қадар боаҳамият аст, ки ҳатто ҳукуматҳо ва замондорон ҷурм ва ситам низ сайъ ба он доштаанд, ки ҳадафи худро адолат эълон кунанд. Адолати сиёсӣ дар барқарории тавозун дар тавзеи қудрат ба касоне, ки шоистагии идораи умури ҷомеаро доранд, маъно пайдо мекунад. Аз бархи калимоти ҳазрати Алӣ (а) бармеояд, ки ҷомеа замоне ислоҳ мешавад, ки равобити сиёсии ҷомеа муътадил шавад, яъне дастгоҳи ҳоким ва мардум ҳеҷ кадом аз маҳдудии ихтиёрот ва вазоифи худ таҷовуз накунанд ва мисдоқи адолатро метавон ислоҳи низоми сиёсӣ ва наҷоти он аз каҷию костӣ донист.

Тафовути асосии низоми илоҳӣ бо дигар низомҳо, дар барпоии адолати сиёсист, ки ҳамаи тарафайн дар он масъулият доранд, яъне мардум ва ҳоким бояд нисбат масъулият ба ҳуқуқашон дар ҷомеа таваҷҷуҳ дошта бошанд.

Аммо адолати иқтисодиро метавон аз муҳимтарин масодиқи адолати иҷтимоӣ донист, ки бояд сарвати ҷомеа ба шакли одилона миёни ҳамагон тавзеҳ шавад ва эҷоди шароит ва заминаи муносиб ба манзури баҳрамандӣ аз мавоҳиби илоҳӣ барои ҳамаи ҷомеа, аз лавозими низоми одилона аст. Албатта, набояд пиндошт, ки адолат тавзеҳи яксони сармояҳо бидуни дар назар гирифтани тавонмандӣ ва тавони афрод аст, ки дарвоқеъ ин амр боиси осебе мешавад, ки бо ояи «Қуръон»: «Низ ҳосили барои инсон магар он чиро ки талош мекунад», носозгор аст. Бо ин дидгоҳ дар ислом, амвол се дастанд: як дастаро бояд дар миёни ҳама тақсим кард; дастаи дуюмро бояд ба тафовут миёни ҳамаи афрод тақсим кард ва дастаи севум амвол ба сурати вижае миёни бархе тақсим мешавад. Пас, мусовот дар бораи ҳамаи афрод дар ҷое ҷараён дорад, ки ҳамаи афрод ҳамдӯшу ҳамсон дар анҷоми коре даxолат дошта бошанд; монанди ҷанг, вале агар афроде талоши бештаре дошта бошанд, бояд баҳраи бештаре бибаранд. Ки мисдоқи ин амр рафтори ҳазрати Алӣ дар тақсими амволи байтулмол ва дар сатҳи болотар додани анволи бештар бо таваҷҷуҳ ба талош ва тавонмандии онҳо дар сутӯҳи болотар мебошад.

Ба назари ман ин нукта аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки мабодо бипиндорем адолат ҳамтароз бо мусовоте аст. Аз ин рӯ, ин ки бархе шиори пуртарафкори мусовотро сар медиҳанд, танҳо замоне ба ҳақ ва адолат баробар аст, ки марбут ба дастаи аввал бошад, зеро адолати воқеии замон, ҳам тафовут ва ҳам вижагиҳо дар ҷойи худ мадди назар қарор гиранд. Ва дар сурате ки адолати иқтисодӣ ба маънои таҳаққуқ наёбад фосилаи таҳқиқотӣ ва фиқҳ, ки мафосили фаровонеро ҳамроҳ хоҳад дошт, натиҷаи он хоҳад буд.

Бо таваҷҷуҳ ба матолибе ки баён шуд, низоми иқтисодии мутаодил дар ҷомеа муҷиботи қавоми миллат дар абъоди мухталиф, аз ҷумла масоили фарҳангӣ, сиёсӣ, дифоӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоиро фароҳам меоварад ва дар маҷмӯъ сабаби зинда шудани ҳамаи аҳком дар ҷомеаи инсонӣ мешавад. Бо ин тавсиф ба назари ман эҷоди адолати иқтисодӣ дар ҷомеа бисёр зарурӣ аст, зеро ин амр сабаб мешавад, ки аз як сӯ заминаи эҷоди фақр ба вуҷуд наояд ва аз суйи дигар, сарватмандон бо касби имтиёзҳое, ки ҳаққи онҳо нест, заминаи эҷоди фасод ва фосилаи табақотиро фароҳам насозанд.

Аммо аз манзари ислом ҳукумат ва мудирият, матлубияти зотӣ надорад, зеро инсонҳоро аз пазириши ҳукумат, он гоҳ ки шароити онро надошта бошад, ба назар доштаанд. Пас ҳукумат дар ислом ба унвони сонавӣ матраҳ аст ва унвони сонавӣ низ ба далели бароварда кардани ҳуқуқи мардум ва пешгири аз зулму таҷовузи афрод вазъ шудааст.

Ҳукм ва ҳокимият мизони зуҳур ва таҳаққуқи адл дар ҷомеаи инсонист ва иллат ва манъаш чизе ҷуз гирифтани ҳаққи мазлум аз золим нест (Қумӣ, 1413. ҳ.қ. ҷ. 2, с. 15, ҷ.24). Аз ин рӯ, муҳимтарин ҳадафи ба исати анбиё ва мақсуд аз шариат ва қонуни илоҳӣ таҳаққуқи адолати иҷтимоист пас ба яқин, замони анбиё ба ин ҳадаф

мерасанд, ки истикбор ва истизоф решакан шавад ва низоми иқтисоди мутаодил эҷод шавад.

Ба назари ман барпокунандаи адолати иҷтимоӣ ҳоким аст, ки дар ислом ва мантиқи набавӣ ва алавӣ ҳамаи коргузорони муҷрия, муқаннана ва қазоӣ таҳти фармони ӯ бошанд. Аз нигоҳи дин ҳукумат ба унвони амонате дар дасти ҳокимон аст, на василаи обу нон. Дар ҷомеаи исломӣ ҳоким бояд барои барқарории адолати иҷтимоӣ масоилеро риоят кунад, ки бархе аз онҳо иборатанд аз:

А) дифо аз мазлумон ва мустамандон ва мубориза ба ситамгарон, ки имоми Алӣ дар ин маврид гуфтааст: «Эй ҳокимон, бо касоне, ки дар пардохти ҳуқуқи мардум тааллул меварзанд ва соҳиби сарвату қудрат ҳастанд ва аз моли мардум бо ҳокимон ришва медиҳанд, ҳуқуқи мардумро аз онон бозситон» (Ҳакимӣ, 1377: ҷ 2, с. 758).

Б) Бар пойии тавозун ва адолати иқтисодӣ дар низоми иқтисодии мутаодил ва мутавозил, бахшҳои иқтисодӣ ва ҷараёни амвол ба таозул ва таодул мерасад. Бешак ин таодул ва тавозун дар партави вуҷуди роҳбар ва ҳокими одил таҳаққуқ меёбад. Ба назари ман, агар тавозуни иқтисодӣ сурат пазирад ба дунболи он, тавозуни фарҳангӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ сурат мегирад. Ва дар натиҷа бар асоси он чи баён шуд, вазифаи ҳукумат ва ҳоким, таъмини амният, бозгардонидани ҳуқуқи афрод ва ба сомон шудани умур аст, ки ин вазифа танҳо дар сояи барқарории адолати иҷтимоӣ муясар аст. Ва лозим аст инро изофа кунам, ки ҳукумат ва ҳоким дар баробари ҳар кас ва ҳар чиз, ки таҳти қаламрави ӯст, масъул аст ва ин масъулият шомили инсон, ҳайвон, ҷамод, набот ва ҳатто ҳавост. Бинобар ин, мурооти ин умур заминасози адолат аст ва ҳосили он чиз ҷуз барқарории адолат наметавонад бошад, ки ин адолати иҷтимоӣ бояд бавасилаи коргузорони амин сурат пазирад. Ва ислом низ дастуре дода, ки коргузори масъул ва мудири ҳар идора афзун ба рафъи мушкилоти арбоби руҷӯъ, дар ҳудуди имон ва аркони ислом зиндагиро мушаххас кунад ва нахустин вазифаи ӯ, гиромидошти фуқаро ва ниёзмандон аст. Расули акрам (с) мефармояд: «Ҳар ки фақири мусулмонро икром кунад, дар ҳоли Худоро мулоқот мекунад, ки Худо аз ӯ розист» (Қумӣ, 1413 ҳ.қ: ҷ 16, 141).

Аммо яке аз масоили ки ҷомеаро ба сӯйи адолати иҷтимоӣ мекашонад, ислоҳи мардум, бавижа хавос аст, ки иборатанд аз: мулук, уламо, туҷҷор ва ибор. Паёмбар дар ривояте мефармояд: «Ду гурӯҳ аз уммати ман ҳастанд, ки ҳар гоҳ ислоҳ шаванд, уммат ислоҳ мешавад ва ҳар гоҳ фосид шаванд, уммат фосид мешаванд, ки фармуданд он ду гурӯҳ фуқаҳо ва умаро ҳастанд» (Ҳаронӣ, 1404 ҳ.қ: 50).

Дар ин ҷо бояд ишора кунам, ки ҳам ислоҳи хавос ва ҳам баҳра ҷустан аз онон дар амри ҳукумат, метавонад заминаи барқарории адолати иҷтимоиро фароҳам кунад.

Ва дар ниҳоят бояд ба ин нукта ишора кунам, ки адолат ба унвони як асли фитрӣ, дар низоми таквил ва ташреҳ ниҳода шудааст ва тибқи баёни паёмбари ислом (с) ва бузургони дин, қарор додани ҳар чиз дар ҷойи худ аст. Ҷони одамӣ реша дорад дар зиндагии иҷтимоӣ, ки Худованд ба он дастур додааст, ба гунае ки ҳадаф аз фиристодани анбиё увлиё ва китобҳо ва шариатҳо, ҳама барои дастёбӣ ба ин амр будааст. Бинобар ин, дар сурате, ки зовиё ва масодиқи ҳақиқии ин масъала равшан шавад, ҷомеа ба сӯйи камол ва саодат раҳнамун мешавад ва адолат ба унвони восита ва далел, роҳи саодати башариро ҳамвор месозад. Таҳаққуқи ин масъалаи муҳим дар иҷтимоъ, бо тавзеҳи муносиби қудрати сиёсӣ ва сарват ва эътои ҳаққи ҳар кас дар шаъну тавони ӯ имконпазир аст. Ва абзорҳои ҳамчун ҳукумат, ҳоким, коргузорон ва хавос (уламо, ибод, туҷҷор, мулук) метавонанд бо амал ба фармонҳои дин ва вазифашиносӣ, заминаи эҷоди адолати иҷтимоиро фароҳам оваранд. Дар ин навиштор кӯшидам, то масоили бозгуншударо дар оинаи оёт ва равоёт баррасӣ, таҳлил ва табйин кунам.

**АДАБИЁТ**


1. Қуръони Карим
2. Наҳҷ-ул-балоға, Тарҷумаи Саидҷаъфари Шаҳидӣ, Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1378.
3. Ҷаводии Омулӣ Абдуллоҳ. Фалсафаи ҳуқуқи башар. –Қум: Усаро, 1377.
4. Котузиён Носир., Куллиёти ҳуқуқ. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1347.
5. Мутаххарӣ Муртазо. Бист гуфтор -Теҳрон: Садроҳ, 1375
6. Мусавии Ҳумайнӣ Руҳуллоҳ. ҳ.қ., Таҳрир-ул-васила. –Қум: Ҷомеаи мударрисӣ, 1419

**СОЦИАЛЬНАЯ СПРАВЕДЛИВОСТЬ В СВЯЩЕННЫХ ТЕКСТАХ И ХАДИСАХ**

Справедливость является важнейшей категорией социально-философской мысли, религиозного, морального, правового и политического сознания. Во все времена мыслители обращались к проблеме справедливости. Философы, постоянно размышляя о «теории справедливости», формулируя для неё свои принципы. После пророческой миссии Пророка Мухаммеда и ниспослания ему священного Корана был окончательно сформулирован и продекларирован всему человечеству уникальный и эксклюзивный образец справедливости, который невозможно превзойти или предложить взамен что-либо более совершенное. Статья рассматривает тему социальной справедливости на основе изучения священных текстов и хадисов из Корана.

**Ключевые слова:** ислам, справедливость, социальная справедливость, принципы божественной религии, урегулирование противоречий, священные тексты и хадисы, источники справедливости.

**SOCIAL JUSTICE IN THE SACRED TEXTS AND HADITH**

Justice is the most important category of social-philosophical thought, religious, moral, legal and political consciousness. At all times thinkers addressed to the issue of justice. Philosophers, constantly thinking about the «theory of justice», in formulating their principles. After the prophet hood of Prophet Muhammad and the revelation to him of the Holy Quran were finalized and продекларирован all mankind, unique and exclusive sample of justice, which cannot be beaten or offer in return something more perfect. The article explores the topic of social justice based on the study of the sacred texts from the Koran and the hadith.

Keywords: Islam, justice, social justice, principles of divine religion, settlement of disputes, the sacred texts and the hadith, sources of justice.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Вали Ахмад Бунакдор*** – соискатель Таджикского национального университета

# ОСОРИ АЛЛОМА САЛОҲУДДИНИ САЛЧУҚӢ

***Обида Салчуқӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар сарнавишти ҳар як миллат, дар аёми пурэҳсосу сарнавиштсози он шахсиятҳое ба миён меоянд, ки бо рафтору гуфтор, бо заҳмату кор ва фаъолиятҳои беназирӣ мафкуравию амалӣ ба суолҳое, ки ҷомеа ба миён мегузорад ҷавобҳои амиқ медиҳанд ва оммаро саршор аз роҳбаладиҳою панду ҳикматҳо мегардонанд ва ба роҳи дурусти ҳаёт роҳнамун месозанд. Яке аз ин нобиғаҳо, фарзанди фарзонаи афғон, ки дар қатори шахсиятҳои бузурги қарни XX пазируфта шудааст, Аллома Салоҳуддин Салчуқӣ мебошад.

Аллома Салоҳуддини Салчуқӣ донишманди нухба, ганҷинаи донишу фарҳанг, сақофати Орёнозамин ва дойратулмаорифи улуми фалсафӣ ва ирфонӣ аст, ки тавонистааст ба ёрии истеъдоди худододи худ фарҳанги ғаноманди исломӣ ва донишу маърифати ориёӣ ва миллиашро ба фалсафа ва тамаддуни Ғарб муаррифӣ намояд ва аз он маҷуне бисозад, ки марҳамбахши ҳамаи дардҳо ва ранҷҳои рӯҳиву маънавии инсон бошад. Аллома Салчуқӣ ҳамчун ғаввоси моҳире дар баҳри бекарони улуму фунуни қадиму муосир ғутаҳо зада, аз жарфҳои он гавҳарҳои тобандаеро аз илму маърифати башарӣ ба даст оварда, ба ҷаҳониён ва бахусус ба донишдӯстони сарзаминаш, сарзамине, ки ошиқона дӯсташ медошт ва ба қудрати фикрӣ ва маънавии мардуми он мутаяқин буд, арза намудааст. Ӯ дар дарозои умри пурфайзу бобаракати хеш дар ҳама арсаҳои андеша ва дониши башарӣ дастовардҳои бемонанде дошта, ки дар даврони муосир камтар касеро ба чунин хусусияте метавон суроғ намуд. Дар улуми шаръи, табиӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ ва бахусус дар улуми фалсафӣ ва ирфонӣ таҷоруби комиле доштааст. Вай аз ҷумлаи шахсиятҳоест, ки номашро рӯзгор ҳамеша ба ёд хоҳад дошт. Ӯ умри азизашро дар пажӯҳиш ва ҷустуҷӯи ҳақоиқу дақоиқи улуму фунун ва кундуков дар чанду чуни олами ҳастӣ ва моҳияти инсон ва бунёдҳои ахлоқиву иҷтимоӣ, худошиносӣ, дину ирфон ва ҳикмат гуҳаронид[1](Ниг.: 1.С. 4).

Хоҷа Башир Аҳмади Ансорӣ яке аз муҳаққиқини афғонӣ дар бораи Аллома Салчуқӣ мегӯяд: "Аллома Салчуқӣ яке аз шахсиятҳои кишвари мо ва ба гуфтаи теъдоди донишмандони муосир бузургтарин донишманди қарни бистуми мелодии

Афғонистон мебошад ва аз ҷумлаи нависандагони таъсиргузор бар раванди фарҳангии Афғонистон буд, ки осори мондагоре дар арсаҳои фалсафа, адабиёт, ҳунар, дину сиёсат аз хеш ба ҷо гузошт. Аллома Салчуқиро метавон ҳамтирози Аллома Иқболи Лоҳурӣ донист. Дар як муқоисаи кӯтоҳ ӯро бузургтар аз Шариатӣ ва Абдулкарими Суруш ва дигар нависандагони машҳури ҳамсояҳои ғарбии мо меёбем. Аммо ин, ки чаро Аллома Салчуқӣ дар кишварҳои ҳамсоя ва ҳамзабони мо ношинохта монда саволест, ки боист рӯйи он таҳқиқ сурат бигирад. Бо вуҷуде, ки устод Салчуқӣ яке ду асар бештар ба арабӣ ананавиштаст, боз ҳам таъсири вай бар равшанфикрони арабӣ ва соири арабизабонон ҳатто бештар аз мардумони кишвараш будааст. Ал-Саид Наҷиб ал Гелонӣ достоннависи машҳури Мисрӣ китобе таҳти унвони “Офоқ-ул-адаб ул исломӣ” менависад, ки истилоҳи адабиёти исломиро бори нахуст аз забони Аллома Салчуқӣ шунидааст. Аббос ал Маносира нависандаи дигари Мисрӣ уро дувумин бунёдгузори адабиёти муосири исломӣ дар ҷаҳони ислом медонад” (2.С.3).

Устод Халилуллоҳи Халилӣ шоири тавонои Афғонистон дар бораи Аллома Салҷуқӣ мегӯяд: “Аз мулоҳизаи афкор ва осори Аллома Салҷуқӣ бояд эътироф кард, ки вай дар ҷумлаи удабои нақод ва равшанхиёли Ҳирот аввал касест, ки алами музаффариятро дар ин мантақа ба душ ниҳода ва сарсилсилаи марҳилаи зиндагонии адабиёти аслии ин муҳит муаррифӣ мегардад. Адиб, олим, муаррих, дипломат, сайёс, наттоқ ва алҳосил рӯҳи донои Ҳирот Салоҳуддини Салчуқист” ( 3. ҷилди савум, с.147).

Гулаҳмад Ориёно Назарӣ - муҳаққиқи Афғонистон менависад:“Устоди марҳум ба фалсафа тамоюли хосе нишон додаст ва курсуи ин чароғро дар ҳалқаҳои илмӣ ва фарҳанги мо боззтобонда нерӯ бахшидааст. Вай бо хадамоти арзанда ва бузурге, ки анҷом дода ва осори амиқ ва мутааддиде таҳрир кардааст, ки чун ганҷи шойгон аз вай ба мерос мондааст ва ҳар кадоме аз ин осор манбау махзанест барои донишпажӯҳон.“ (4.с.12).

Аллома Сачуқӣ зиёда аз 200 мақолот таҳия намудааст, ки қисмати зиёди онҳо дар Афғонистон ва берун аз он чоп шудаанд. Аллома Салчуқӣ ҳамзамон муаллифи китобҳои зиёди дарсист, ки онҳо ба илмҳои ахлоқ, забоншиносӣ, сарфу наҳв, зебоишиносӣ, фалсафа ва фарҳангшиносӣ бахшида шудааст. Салчуқӣ муаллифи 13 асари муътамади илмӣ мебошад, ки мо онҳоро дар зер мавриди шиносоӣ қарор хоҳем дод.

**“Афкори шоир”-** китобест дар шарҳу таҳлили ашъори шуарои нухба монанди Хоҷа Ҳофиз, Хоқонӣ, Бедил, “Маснавии маънавӣ”-и Мавлонои Балхӣ, “Гулшани роз”-и Содот ва Маҳмуди Шабистарӣ дар 187 сафҳа дар Кобул соли 1948 ба табъ расидааст. Устод Салҷуқӣ, ки ошиқи фарҳангу сақофати бостон ва забону адабиёти дарӣ, дилбохтаву посдори фарҳангу ирфони исломист, менависад ки ”Инкишофи сақофату ҳунар аз инкишофу рушди адабиёт ва шеър ношӣ мешавад. Вақте адабиёту шеър қаввом гирифт дигар ҳунарҳоро ба дунболи худ мекашонад ва замоне ки шеър рӯ ба аз байн рафтан гузошт, ҳунарҳои дигар ва ҳатто маданият низ рӯ ба мурдан меравад”(5.с.123).

**“Муқаддимаи илми ахлоқ.”** Дар ин китоби таҳқиқӣ, ки дар бораи фалсафаи ахлоқ ва таърихчаи он матолиби бисёр навишта шудаву, ҳам назариёти фалсафаи Шарқу Ғарб аз Юнони қадим то ба давраи муосир ба баҳс гирифта шудааст. Замоне ки Аллома Салҷуқӣ мехост китоби “Некумокуси”-и Арастуро тарҷума кунад худро ногузир ёфт, то дар робита ба илми ахлоқ ва фалсафаи ахлоқ шарҳи муфассале бинигорад, ки сабаби эҷоди китоби таҳлиливу таҳқиқӣ дар 764 сафҳа, ки шомили ҳама бахшҳои илми ахлоқ ва фалсафаи ахлоқ гардид, ки соли 1952 дар Кобул ба чоп расидааст.

Аллома Салчуқӣ дар ин асар аз манобеи бисёр муътабари англисӣ, арабӣ ва лотинӣ истифода кардааст. Дар муқаддима мегӯяд:“Вуҷуд ва боз ҳаёт ва билохира шуур бе мақсад нест. Мақосиди мо монанди манозили мо бепоён аст. Вале ин бепоёнӣ дар охир ба як поёне расиданист. Мо бисёри мақосиди худро тавассути ҳис медонем. Дарёфти мақосиди ниҳоӣ корест, ки ба василаи ҳис онро дарк карда наметавонад ва ин корест, ки фалсафаи ахлоқ ва ахлоқи идеалӣ мекӯшад, ки баробари тавони худ ва ба қадри имкон онро кашф кунад.” (6. С.1-2).

“**Азвоъ ало миёдин ал-фалсафа ал-илм ва ал-луғат ва ал-фанн ва ал-адаб.”** Ин китоб маҷмӯи мақолоти устод аст, ки ба забони арабӣ дар ҳаҷми 247 сафҳа, 24 боб тавассути донишманд Маҳмуд Абуроаъ ҷамъоварӣ шуда, дар соли 1962 дар Қоҳира ба чоп расидааст, ки мақолоти он ҳама таҳқиқӣ аст. Дар ин асар Аллома Салчуқӣ руи мавзӯоти мухталиф, монанди забону адабиёт ва луғати араб баҳс намуда, аз назариёти Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, фалсафа ва илм дар Орёнозамин ва Хуросон ё Афғонистони имрӯз аз даврони қабл аз милод, масеҳ то ин авохир. Ин асари бисёр нобест ва дар навъи худ камназир. Мо дар ин ҷо иқтибосеро аз як мақолаи вай таҳти унвони “Фикри аҷамӣ дар сақофату луғати арабӣ” меоварем:“Бародарони ман ! Ман калимае зеботар ва боарзандатар аз бародар наёфтам то шуморо хитоб кунам. Ман ниҳоят ифтихор мекунам, ки ба ҳайси узви ин маҷмаи устувор баргузида шудам. Забони арабӣ ба шумо ай мардуми араб, маҳсуб нест! Ин забонест, ки бештар аз садҳо миллионҳо мусулмон ба он ибодат мекунанд ва ба он бо Худои худ розу ниёз доранд. Ин забони “Қуръон” аст, ки бар мусалмонон нозил шудааст. Ман вақте дар ин ҷо сухан мегӯям ба номи Афғонистон сухан мегӯям, чун ман ягона намояндаи он давлат дар ин маҷмаи илмӣ ҳастам. Оре, Афғонистоне, ки дар оғози таърих ба номи Ориёно ва ба номи Хуросон шинохта мешуд. Аз Афғонистон теъдоди зиёде аз фуқаҳо амсоли Имом Абӯҳанифа, Имом Аҳмади Ҳанбал, Имомҳо - Бухорӣ ва Тирмизӣ ва аз фалосафа Форобӣ ва Шайхурраис Абӯалӣ Сино ва аз уламои забоншиносӣ амсоли Аллома Тафтозонӣ, Саккокӣ ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва аз уламои ахлоқ амсоли Имом Муҳаммад Ғаззолӣ, Ҷалолиддин Муҳаққиқи Давонӣ, Ҳусайни Кошифӣ ва аз аҳли калом Фахри Розӣ ва Аллома Қушчӣ ва Умари Насафӣ ва аз муфассирин амсоли Замахшарӣ ва Саҷовандӣ ва аз аҳли зӯҳду тақво Иброҳим Адҳами Балхӣ ва Шақиқи Балхӣ ва аз мутассавифин Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва Шайх Абулҳасани Хароқонӣ ва аз муаррихину мунаҷҷимин ва кимёдонону муҳаққиқин монанди Ҷобир ибни Ҳайён, Байҳақӣ, Берунӣ ва Муққафаъ ва аз муҷоҳиддин монанди Амри Лайси Сафорӣ ва ғайра ва дигарон, ки ҳар кадом саҳми арзандае дар нашру пахши ислом ва улуми исломӣ гирифтаанд”(7.с.91).

**“Нигоҳе ба зебоӣ.”**Ин китоб донишномаи мукаммалест аз фалсафаи зебоӣ, эстетикӣ ва ҳунарҳои зебоӣ. Ин рисола асарест дар навъи худ беназир, ки дорои 173 сафҳа буда, соли 1963 дар Кобул чоп шудааст. Муаллиф баъд аз ин, ки илми зебошиносиро таъриф мекунад саволоте перомуни мавзӯъ матраҳ месозад:

1. Оё зебоӣ як шайъ, марбут ба зоти шайъ мебошад ё марбут ба инсон аст?
2. Оё ҳунар дорои ҳадафи муайян барои худ мебошад ?
3. Оё ҳунар тақлиди табиат аст ё ҷабираи табиат?

Аллома Салчуқӣ бо такя бо ороу фалсафа ва мутафаккирин ба посухи ин саволҳо пардохта, назариёти интиқодии хешро низ баён медорад. Вай ҷойгоҳи илмулҷамолро дар байни улуме, монанди илм-ул-ахлоқ ва мантиқ қарор додааст.

Аллома Салчуқӣ дар таърифи зебоӣ нахуст назариёти фалсафаи Юнонро шарҳ дода, назари худро дар робита баён медорад ва мегӯяд, ки: ” Файласуфони Юнон саъй карданд, то зебоиро дар маҷмӯъ таҳти як назми куллӣ дароваранд, вале аз он

ҷо, ки зебоӣ дорои ҷиҳоти мутаъаддид ва ғайримуайян аст, наметавон онро зери як қоидаи муайян қарор дод. Ба таври мисол, мо аз мушоҳидаи қурси маҳтоб дар шаб лаззат мебарем, аз дидани чеҳраи ҷаззобе хурсанд мешавем, аз дидани як шохаи гул шод мегардем. Оё кадом ваҷҳи муштараке байни зебоии ин падидаҳо вуҷуд дорад, ки битвон онро таҳти як қоидаи куллӣ даровард? Дар ин ҷо агар ваҷҳи муштараке ҳам аст, ҳамон мисоли камол аст" (9.С.17-18).

Салчуқӣ мегӯяд ки, агар ин камол дар мардон ҳамон зӯру қуввати бозу ва дар занон ҳамон зарофату латофат аст, ки сабаби зебоии онҳо шудааст, пас ҳадафи ниҳоии зебоӣ ҳамон ҳисси лаззатҷӯӣ хоҳад шуд ва ин ғайри қобили қабул аст, зеро ҳадафи охирини зебоӣ болотар аз инҳост, ки танҳо марди соҳибдил ва сӯфиву орифи равшанзамир инро дарк мекунад. Бинобар ин, зебоӣ нишонаи камол аст ва камол ҳадафи ниҳоии вуҷуд ва ҳаёт (9.С.36).

**"Нақди Бедил."** Яке аз осори умдаи Аллома Салҷуқӣ, ки бӯъди фалсафӣ ва ҳам ҷанбаи тасаввуфу ирфонӣ дорад "Нақди Бедил"аст. Бахшҳои ин китоб, таҳти ановини ғазалиёт, ирфониёт, рубоиёт, қасоид, таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммас, мутаффариқот, нуқот ва руқаот танзим шудааст, ки дар матбааи "Маориф" дар соли 1964 иқболи чоп ёфтааст. Ин асар яке аз беҳтарин осор дар робита ба шарҳу таҳлил ва тавзеҳи ашъори баланди Бедил аст. Аллома Салчуқӣ аз ҳар каси дигар беҳтар тавонистааст ашъори Бедилро шарҳ кунад ва далоили бисёр равшане ҳам барои ин кор вуҷуд дорад. Ин ба он сабаб аст, ки:

- Аллома Салчуқӣ худ ба ҳикмат ва фалсафа ворид аст ва забони Бедилро беҳтар мефаҳмид ва аз ин рӯ хубтару беҳтар тавонист онро шарҳу тафсир намояд;
- Аллома Салчуқӣ ба забону адаби дарӣ ва арабӣ табаҳури комил дошт, ба ваҷҳи бисёр олӣ тавонист ба рамузоту печидаҳои шеъри Бедил гиреҳкушоӣ намояд;
- Аллома Салчуқӣ худ ба куча ва паскӯчаҳои ирфону тасаввуф қадам задааст ва ин буд, ки ӯ тавонист ҳарфи дил ва сухани орифонаи Бедилро дарк кунад;
- Аллома Салчуқӣ на танҳо ҳамзабонӣ бо Ҳазрати Бедил дорад, балки метавон гуфт, ки ҳамзамонӣ низ дорад. Яъне ба замони зиндагии Бедил ошност ва муҳимтар аз ҳама он муддате, ки дар кишвари Бедил зиндагӣ карда ва аз хусусиёти муҳити ҷуғрофиву сиёсии ӯ низ бохабар будааст. Бинобар ин, Бедилро хуб шинохт ва сухани ӯро дарк намуд.

Аллома Салчуқӣ дар "Нақди Бедил" мегуяд: "Имрӯз вақти роҳати ман аст ва ман ки ба ин синну сиҳат ва ин қалбе, ки яке аз шараёнҳои он ним масдуд аст, рӯзе тақрибан ҳашт соат кор мекунам, барои ин ки колтури кишвар ва абнои ватани худро, ки дӯст медорам ба хатар мебинам. Агар сатҳи сақофии мо аз ин бештар поин меравад ҳама чизро бо худ мебарад. Кӯшиши ман дар ин солҳо ин аст, ки савияи сақофат баланд биравад, зеро мебинем ононе, ки барои мо ояндаи дурахшоне намехоҳанд, орзуманданд, ки савияи фикру шуур ва сатҳи завқи миллӣ меъёри низому ойин ба сӯйи пастӣ гарояд. Барои ҳамин бояд кӯшид, ки фанн ( ҳунар ) аз хоки мазалат бархезад, то хоки идборро аз чеҳраи истеъдодҳои мо бияфшонад" (10.с.102).

Масъалаи бисёр муҳиме, ки Аллома Салчуқӣ дар ин ҷо тавсия мекунад, ин аст ки набояд адабиёту шеърро ба сатҳи омма таназзул дод . Ӯ таҳти унвони завқи омма бо истинод аз забони Бедил менависад :

" Бо афсуни қабули халқ то кай ҳарзагӯ бошам,
Агар ҳарфам ба хок афтад, дуоҳо мустаҷоб афтад.

Шояд Бедил медонист, асре меояд, ки баъзеҳо ба номи адолати иҷтимоӣ мехоҳанд бикушанд, ки сақофатро аз авҷи он поин биёваранд, то мутобиқи завқи омма шавад ва тавре ки боқии муассисотро миллӣ месозанд, шеъру адабро низ

миллӣ месозанд. Ин ҷо ду чиз аст: Раъйи омма ва завқи омма, ки набояд ин дуро як донист. Раъйи омма хеле муътабар аст ва бояд ҳамагон онро эҳтиром кунанд ва низ бояд ҳама умури иҷтимоӣ ва идорӣ бар ҳасби раъйи омма бошад. Раъйи омма аст, ки сарнавишти миллату ҳукуматро таъйин мекунад. Имрӯз дар Шарқ миллӣ сохтани ширкатҳо ва саноеъ бошидат оғоз шудааст. Аммо теъдоди мардуми кӯтоҳназар бар ин боваранд, ки шеъру адаб ва фарҳанг ҳам монанди молу ширкат аст, ки бояд он ҳам оммӣ шавад, яъне бояд ба савияи мардум оддӣ эҷод гардад. Бояд гуфт, ки завқи омма ғайр аз раъйи омма аст. Ҳамон гуна раъйи омма қобили қабул ва эҳтиром аст ва завқи омма қобили қабул нест. Бояд донист ки аҳли ҳунар, истеъдод, ки завқи олӣ доранд, ҷомеаро ба тарафи таъолӣ савқ медиҳанд. Вале мардуми омма завқе ба сатҳи поин доранд, ки агар ба он гӯш дода шавад, ҷомеаи инсониро ба ақиб мекашонанд"(10.с. 102).

"**Оинаи таҷаллӣ"** - ашъорест дар ҳудуди 166 байт, ки дар баробари пурсишҳои фалсафӣ , ки ба шеваи гулшани роз, ки нависандаву пажӯҳишгари Афғонистон бо номи Ғулом Ризо Моили Ҳаравӣ матраҳ карда, аз Аллома Салҷуқӣ хостааст, то ба он посух бидиҳад, ки чаҳордаҳ савол аст дар бораи забон ё сухан, тамаддун, ҳисси шашум, робитаи ҷисму рӯҳ, мафҳуми азалу абад, хайру шарр, зарроту мавҷ, макону замон, буъди чаҳорум, ақлу ғаризаи ҳаракат ва баниҳоят модда ва фазо, ману ҷуз ман мебошад, ки Аллома Салҷуқӣ бо шеър ба посух пардохтаст, ки ин рисола соли 1965 дар Кобул ба чоп расидааст . Саволот бад-ин гуна матраҳ шудааст:

Ало ай гавҳари тобандаи илм , Туӣ дар зиндагони зиндаи илм .
Ту ай фархунда устоди хирадманд Дилат лабрези илму донишу панд .
Чароғи дудаи салҷуқиёнӣ , Ба илму фазл яктои ҷаҳонӣ,
Бигӯ инсон забонро аз кӣ омӯхт? Ки аз сӯзи сухан яксар ҷаҳон сухт?
Тамаддун аз куҷо оғоз гардид?, Ба шаҳр бозандагӣ чун соз гардид?

**Посухи Аллома Саҷуқӣ**

Ту ай моил ба ҳақ марди хуҷаста, Зи зотиёти доноӣ саришта.
Забони хомаат сеҳр оҷарин аст, Нигоҳи ҷустӯҷуят заррабин аст.
Саволоте, к-аз ин соил намудӣ, Дусад мушкил ба мушки барфузудӣ.
Ки акси ӯ таҷаллии сифот аст, Сифоташ партави анвори зот аст.
Яке чун з-он сифоти ӯ калом аст, Забон аз он таҷаллӣ шодком аст .
Агар файзи сухан бар ком болид, Бувад з-он радиюи вайз ҷовид" (11.с.3-4).

Дар ин асос бояд фаъолияти хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тағйир дода шавад. Хизматрасонии таълими пулакиро ба роҳ монда, шаклу воситаҳои дигари дарёфти маблағҳои иловагиро пайдо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Маблағгузории нокифояи буҷавӣ ба он овардааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ базаи таълимӣ-озмоишгоҳӣ коста гардида, шуъбаҳо ва факултаҳо бо дастурҳои таълимию методӣ таъмин намешаванд ва тадқиқотҳои илмӣ пурра ба анҷом намерасанд. Маоши кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ паст мебошад, ки ин сабабгори ба соҳаи илм ва маориф ҷалб нашудани ҷавонони болаёқат гардидааст.

Синни миёнаи устодони унвондор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 53 гузаштааст. Аз соли 90-ум то соли 1998 теъдоди ками устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ унвонҳои профессор ва дотсенти кафедра гирифтаанд. Дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ низ кам шудааст. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ мувофиқи талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионии Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия ба мушкилот дучор мешаванд. Дар баробари ин, миқдори қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ на ҳама вақт ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ гардонида мешавад.

Барои ҳалли ин масъалаҳои мубрам давра ба давра аз ҳисоби буҷети давлатӣ зиёд намудани маоши кормандони педагогӣ, устодону кормандони ёрирасони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ ногузир мебошад. Ҳамчунин, аз ҳисоби маблағҳои шартномавӣ ҳавасманд кардани муаллимон ва дигар кормандони ёрирасон бояд ба танзим даровварда шавад. Дар оянда барои инкишофи илм ва тайёр намудани кадрҳо дар асоси «Барномаи стратегияи рушди илм барои солҳои 2006-2015» фаъолият намуда, барои ташкили шӯроҳои диссертатсионӣ шароит фароҳам овардан зарур мебошад. Ба танзим даровардани миқдори қабул дар асоси талаботи бозори меҳнат сурат гирифта, аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ба танзим даровварда мешавад.

Ҷаҳони муосир дар асри XXI тақозо менамояд, ки мутахассисон дар рӯҳияи эҳтироми принсипҳои гуманистӣ ва демократӣ тарбия ёбанд ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ волоияти қонунро дар ҳама ҷабҳаҳои демократикунонии ҷамъият риоя намоянд. Самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ низ дар доираи ҳамин принсипҳо ба танзим даровварда мешавад. Барои ноил гаштан ба ин мақсад бояд самтҳои асосии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дарояндаи наздик возеҳу равшан муайян карда шаванд, ки асоситаринашон аз ҷунин ҳадафҳои стратегӣ иборат мебошанд:

-таҳлил намудани таҷрибаи ҷаҳонии гирифтани таҳсилот ва дар ин асос таҳияи моделҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-таҳлили муқоисавии санадҳои меъёрию ҳуқуқии тайёр намудани мутахассисон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва дар ин замина таҳия намудани талаботи замонавӣ вобаста аз ихтисос ва равияҳо;

-таҳияи меъёрҳое, ки мутахассисонро дар бозори озоди меҳнати ҷаҳонӣ тобовар гардонанд;

-таҳияи барномаи мутобиқгардонидашудаи миллии гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ;

-таҳияи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие, ки барои гирифтани таҳсилоти миёна ва олӣ мусоидат менамояд (грантҳои давлатӣ, ташкил кардани хазинаи махсуси тайёр намудани мутахассисон вобаста аз эҳтиёҷот ба онҳо дар ноҳияҳо, маҳалҳо ва шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон);

-таҳияи маводҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бораи ба тарзи озмуни озод қабул кардани кормандон, васеъ намудани эҳтимолияти ба кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ин раванд;

-ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои мавҷудаи соҳаи маориф ва таълимоти олӣ.

Вобаста ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ба Стандарти давлатии таҳсилот, нақшаҳои таълимӣ, мазмуну мундариҷаи таҳсилот тағйироту иловаҳо ворид мешаванд. Ҳангоми иҷро намудани ин ҳадафҳои стратегӣ, пеш аз ҳама мазмуну мундариҷаи фанҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ, техникӣ ва фанҳои дақиқ дигаргун мегарданд, тарзи омӯзиши онҳо ва талаботи аз худ намудани ин фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар ҳамбастагӣ бо мактабҳои миёнаи умумӣ мутобиқ гардонида мешаванд. Барои рушди бемайлони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ талаботи ҳадди ақали тараққиёти онҳо дар самтҳои гуногуни фаъолияташон таҳия гардида, дар амал ҷорӣ карда мешаванд. Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти таълимии муассисаи таълимии миёнаи касбиро ба низом медарорад.

Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ дар доираи барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо назардошти равияи (самти) таҳсилоти касбии гирифташаванда амалӣ мегардад.

Муассисаи таълимии миёнаи касбӣ, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатмкунанда дипломи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ бо нишон додани номи муассисаи таълимӣ, дараҷаи таҳсилот ва тахассус, ки ба хатмкунанда дар соҳаи муайяни фаъолият дода шудааст, ҳамчунин замимае, ки дар он номгӯи фанҳои омӯхташуда бо нишон додани ҳаҷм ва баҳои азхудкунӣ дарҷ шудаанд, дода мешавад.

Баҳои фанҳои факултативӣ дар замима бо хоҳиши хатмкунанда нишон дода мешавад.Дониш, маҳорат ва малакаи таълимгирандагон дар ҳуҷҷати оид ба таҳсилот бо баҳоҳои зерин муайян карда мешавад: «аъло» (5), «хуб» (4), «миёна» (3), «аз санҷиш гузашт», (гузашт) (2;18).

Гузаштан ба технологияи нави кредитӣ дар оянда яке аз самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад ва талаботи махсусро оид ба заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ ва илмӣ тақозо менамояд. Махсусан компютеркунонии пурраи ҷараёни таълиму тарбия, тартиб додани сармаҷмӯи маълумотҳо дар маркази бақайдгирӣ, ба ҳар як донишҷӯ додани маҷмӯи маводҳои таълимӣ-методӣ (силлабусҳо) ва курси мухтасари лексияҳо ва амсоли онҳо зарур мешавад, ки иҷрои онҳо ногузир мебошад.

Заминаҳои моддию техникӣ, таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз нигоҳи тайёр намудани мутахассисон вобаста ба самтҳои тараққиёти иқтисодии кишвар мукаммал карда мешавад. Дар ин самт зарурияти истифодаи муфиди имкониятҳои вазоратҳо, корхонаҳо ва дигар сохторҳои мутасаддӣ масъалаи мубрами рӯз мегардад. Корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои ба мутахассисон эҳтиёҷманд минбаъд ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ имконияти васеи истифодаи техникаю технологияи муосирро фароҳам меоваранд. Бо

ин роҳ самтҳои афзалиятноки таълимӣ ва илмӣ таҷдиди назар шуда, заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ таҳким мегарданд.

Корбарии усулҳои нави таълим дар асоси истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ яке аз вазифаҳои асосии рушди таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ҳалли масъалаҳои ба ин алоқаманд дар сатҳи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи умумӣ оид ба Барномаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба роҳ монда мешавад. Барои амалӣ намудани барномаи мазкур бояд меъёрҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳангоми гирифтани литсензияи ҳуқуқи фаъолияти таълим ба инобат гирифта шаванд. Барномаи ташкил кардани китобхонаҳои электронӣ ва истифодаи манбаъҳои электронӣ дар шабакаи Интернет ва сармаҷмӯи фанҳои таълимӣ вобаста ба равия ва ихтисосҳо ба назар гирифта мешавад.

Истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ оид ба таҳия ва чопи китобҳои электронӣ имкон дода, донишҷӯёнро ба сарчашмаҳои навини иттилоотӣ шинос мегардонад. Татбиқи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди амалӣ гардидани таҳсилоти фосилавӣ низ нақши муҳим мебозад. Вобаста ба ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардида ба ҳуҷҷатҳои меъёрию - ҳуқуқии Департаменти аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо даровaрда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1.Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2003.-86с.
2.Консепсияи мактаби миллии тоҷик. - Душанбе, 1995.
3.Маҷмӯаи стандарти давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе,2011.-241с.
4.Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф.-Душанбе, 2008.-332с.
3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»,. - Душанбе, 2004.-91с.
4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ». -Душанбе,2004.
5.Раҳмонов. А. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2008.-227с.


**ЗАДАЧИ СРЕДНЕ-СПЕЦИАЛЬНЫХ И ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ В БЛИЖАЙШЕМ БУДУЩЕМ**


В данной статье рассмотрены задачи средне-специальных, и высших учебных заведений в ближайшем будущем, которые готовят высококвалифицированных специалистов, необходимых для развития различных отраслей производства и здорового общества.



**Ключевые слова**: специалисты, учебные заведения, развития, отрасль, производство.


**THE TASKS OF SECONDARY-SPECIAL AND HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE NEAR FUTURE**


This article deals with the problems of middle-special and higher educational institutions in the near future, preparing highly qualified staff, necessary for the development of various branches of production and healthy society.



**Key words:** specialist, fair-special educational institutions, development, branch, production.



**Сведения об авторе:** ***Ошимова М.М.*** - старший научный сотрудник Академии образования Таджикистана


# МЕТОД ПРОЕКТОВ КАК СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ КРЕАТИВНОГО МЫШЛЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА


***М.М.Кодирова***

**Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзаде**


В связи с социально-экономическими преобразованиями в стране в последние десятилетия, одной из важнейших проблем общества является развитие творческих способностей человека. Это обусловлено потребностью в специалистах, способных творчески подходить к любым изменениям, нетрадиционно и качественно решая все существующие проблемы в быстро меняющемся динамичном мире. В настоящее время развитие творческого потенциала личности является важным источником и показателем процветания общества.Творчество способствует саморазвитию, поиску новых подходов к работе, формирует готовность к созиданию

В связи с этим стратегией современного образования является предоставление возможности всем обучающимся проявить свои таланты и творческий потенциал. Главной целью образования является формирование разносторонне развитой личности, способной реализовать свои таланты и творческий потенциал в динамичных социально-экономических условиях, как в собственных жизненных интересах, так и в интересах общества.

Современное состояние общества ставит перед педагогами следующую задачу – перестроить общий характер обучения, который предполагает развитие у обучающихся самостоятельного креативного мышления, индивидуализацию и дифференциацию обучения. Креативное мышление является одним из путей к успешной профессиональной деятельности будущих специалистов, характеризуемым умением вырабатывать максимальное количество гипотез и версий, вариантов решения поставленных задач, рассматривать возникающие проблемы под новым углом зрения, умением «широко» и оригинально мыслить в стандартных и нестандартных ситуациях, а также способностью продуктивно работать в творческом коллективе исамостоятельно.

Особый вклад в процесс развития креативного мышления и творческих способностей учащихся может внести иностранный язык, как общеобразовательный учебный предмет, так как он обладает огромным воспитательным, образовательным и развивающим потенциалом творческих способностей учащихся. Но иностранный язык может реализовать его лишь в том случае, если будет осуществлена практическая цель обучения, то есть, если обучающийся в процессе иноязычной коммуникативно-познавательной деятельности (слушая, говоря, читая, пользуясь письмом) будет расширять свой общеобразовательный кругозор, развивать свое мышление, память, чувства и эмоции; если в процессе иноязычного общения будут формироваться социально-ценностные качества личности: мировоззрение, нравственные ценности и убеждения, черты характера. Необходимо внедрение в учебный процесс новейших образовательных методов, позволяющих не только обеспечить учащимся высокий уровень владения иностранным языком, но и способствующими развитию креативного мышления.

Одним из наиболее распространенных методов, обеспечивающим развитие креативности студентов и изучение иностранного языка в тесной связи в процессе обучения является метод проектов.Метод проектов (от греч. – путь исследования) – это система обучения, при которой учащиеся приобретают знания в процессе планирования и выполнения постепенно усложняющихся практических заданий – проектов(см.: 3,114).Метод проектов наиболее полно отвечает современным требованиям развития образования. Развиваятворческие начала, он даёт возможность включить обучающихся в реальное общение на иностранном языке. В процессе введения проектной деятельности в образовательных учреждениях у студентов формируются умения организовывать и создавать какой- либо проект, и они непросто получают знания от педагога, а учатся добывать эти знания самостоятельно. Студенты приобретают опыт решения реальных проблем, что очень важно для их самостоятельности. Также проектное обучение развивает навыки критического и творческого мышления, повышает мотивацию к обучению, способствует развитию интеллектуальных возможностей, самостоятельности, ответственности, умений планировать, принимать решения, оценивать результаты.

Метод проектов не является новым в мировой педагогике. Он возник в США ещё в начале прошлого столетия. Метод проектов был разработан американским философом и педагогом Джоном Дьюи, а также его учеником В.Х. Килпатриком. Первоначально его называли методом проблем, и он связывался с идеями гуманистического направления в философии и образовании. Дж. Дьюи предлагал строить обучение на активной основе, через целесообразную деятельность ученика, с учетом его личных интересов и целей (см.: 4,258).

Основными концептуальными положениями его теории являются такие как, только то, что дает практический результат, является истинным и ценным, ребенок в онтогенезе повторяет путь человечества в познании окружающего мира (от частного к общему, индуктивным методом); ребенок может усваивать информацию только благодаря возникшей потребности в знаниях, являясь активным субъектом своего обучения.

Так, Д. Дьюи выделял такие условия успешности обучения:
-проблематизация учебного материала;
- познавательная активность ребенка;
- связь обучения с жизненным опытом ребенка;
- организация обучения как деятельности (игровой, трудовой) (см.: 3,114).

Идеи Д. Дьюи, оказав огромное влияние на систему образования XX века, получили дальнейшее развитие в работах его ученика и последователя– американского педагога В. Кильпатрика, ставшего основоположником метода проектов, разработанного на этой основе.У.Х.Килпатрик писал: "Метод проектов – метод планирования целесообразной деятельности в связи с разрешением какого-нибудь учебно-школьного задания в реальной жизненной обстановке". (4,259) Он же отмечает, что для того чтобы ученик воспринимал знания как действительно нужные, необходимы постановка и решение значимой для него проблемы, взятой из жизни. Для её решения должны быть применены определенные знания и умения, как имеющиеся, так и приобретенные в процессе достижения поставленной цели, и получить в итоге реальный результат. Таким образом, было предложено преобразование абстрактного, оторванного от жизни, направленного на простое заучивание теоретических знаний современного ему образования в систему школьного обучения «путём делания», которое обогащает личный опыт ребёнка и состоит в освоении им способа самостоятельного познания окружающего мира.

Метод проектов ориентирован на самостоятельную деятельность учащихся, которая может быть индивидуальной, парной или групповой, выполняющейся в течение определенного отрезка времени.

Работа по методу проектов предполагает наличие и осознание какой-то проблемы и процесс ее раскрытия, решения. Она включает в себя четкое планирование действий, наличие замысла или гипотезы решения этой проблемы, четкое распределение (если имеется в виду групповая работа) ролей, т.е. заданий для каждого участника при условии тесного взаимодействия.

Основными целями проектного метода являются формирование творческого мышления учащихся, понимание и применение учащимися знаний, умений и навыков, приобретенных при изучении различных предметов, повышение мотивацииучащихся при решении задач.

Задачи проектной деятельности:

- Обучение планированию (учащийся должен уметь чётко определить цель, описать основные шаги по достижению поставленной цели, концентрироваться на достижении цели, на протяжении всей работы);
- Формирование навыков сбора и обработки информации, материалов (учащийся должен уметь выбрать подходящую информацию и правильно ее использовать);
- Умение анализировать (креативность и критическое мышление);
- Умение составлять письменный отчет (учащийся должен уметь составлять план работы, презентовать четко информацию, оформлять сноски, иметь понятие о библиографии);
- Формировать позитивное отношение к работе (учащийся должен проявлять инициативу, энтузиазм, стремиться выполнить работу в срок в соответствии с установленным планом и графиком работы) (2,236).

Использование проектной деятельности имеет свои основные требования, такие как наличие социально -значимой в исследовательском, практическом и творческом плане проблемы или задачи; планирование проекта — определение вида продукта и формы презентации; самостоятельная (индивидуальная, парная, групповая) деятельность учащихся; поискинформации — исследовательская работа учащихся как обязательное условие проекта с использованием таких исследовательских методов как определение проблемы, вытекающих из нее задач исследования, выдвижение гипотезы их решения, обсуждение методов исследования, оформление конечных результатов, анализ полученных данных, подведение итогов, корректировка, выводы (использование в ходе совместного исследования метода «мозговой атаки», «круглого стола», статистических методов, творческих отчетов, просмотров); продуктявляется конкретным результатом проекта; презентация продукта и защита самого проекта (см.: 1,205).

По продолжительности проекты могут быть мини-проектами, проводящимися в течениеодного урока или даже его части; краткосрочными - на 4-6 уроков; недельными, требующими 30-40 часов, являющимися оптимальной формой организации проектной работы, так как они обеспечивают глубокое погружение в проект. Долгосрочные проекты, могут выполняться во внеурочное время, будучи как индивидуальными, так и в условиях группы (см.: 1,206).

Презентации проектов выполняются в следующих формах*:* научный доклад, деловая игра, демонстрация видеофильма, экскурсия, телепередача, научная конференция, инсценировка, театрализация, игры с залом, защита на ученом совете, диалог исторических или литературных персонажей, спортивная игра, спектакль, путешествие, реклама, пресс-конференция и т.п.

При применении метода проектов изменяется роль учителя. Педагог выступает, прежде всего, организатором познавательной деятельности учащихся и его главной задачей является научить детей учиться самостоятельно. Он выступает в ролиэнтузиаста, специалиста, консультанта, руководителя, «человека задающего вопросы», координатора, эксперта.

Обучающийся вместо пассивного слушателя становится личностью, способной использовать все доступные ему средства информации, проявить свою индивидуальность, свое видение, свои эмоции, свой вкус. В процессе выполнения проекта обучающийся активен, проявляя своё творчество. Работая над проектом, каждый обучающийся проявляет свою собственную фантазию, активность и самостоятельность.

Коренное отличие проектной деятельности от учебной (в основном репродуктивной) деятельности на уроке, в том, что проектная деятельность имеет в основном продуктивный характер, так как выполнение проекта требует инициативного, самостоятельного, творческого решения школьником выбранной проблемы.

Важнейшей отличительной характеристикой выполнения учебных проектов является формирование и развитие креативности. Это связано с постановкой проблемы и поисками путей ее решения, инициирующими активную мыслительную деятельность. Согласно И. Д. Чечелю, современный учебный проект является дидактическим средством активизации познавательной деятельности, развития креативности и,одновременно, формирования определенных личностных качеств школьников. Поиски решения проблемы нередко приводят к оригинальным, нестандартным путям и способам деятельности и результатам, стимулирующим новые познавательные потребности и интересы. Тем самым, работа над проектом всегда инициирует развитие творческих способностей обучающихся. Так,

Е. С. Полат считает, что метод проектов связан с использованием широкого спектра проблемных, поисковых, исследовательских методов, ориентированных на практический результат, значимый для ученика, с одной стороны, а с другой - разработку проблемы целостно, учитывая различные факторы и условия ее решения (см.: 5, 234).

Примером одной из форм проектной деятельности обучающихся может являться проведение научно - практической конференции на английском языке. Проект проводится в четыре этапа.

Первый этап– это определение темы конференции. На данном этапе студентам предлагается самим выбрать тему, способную их заинтересоватьи тем самым мотивировать их.

Второй этап – это составление подробного плана работы по проведению конференции. План данного мероприятия должен быть разработан самими студентами. Он может включать в себя вступительное слово преподавателей, приветствие участников данного проекта, затем проведение презентаций с комментариями обучающихся.Студенты ищутматериалы, портреты, переводят тексты, пишут сценарий конференции, делают компьютерные презентации, обсуждают результаты поисков и исследований.

С помощью поискового метода в обучении, создаются условия для самостоятельной работы, когда полностью активизируется творческая деятельность студентов.Выполнение данного проекта способствует активизации внимания, памяти и творческого мышления. Также в процессе сбора необходимых сведений, при работе с разным языковым

материалом,обсуждении собранной информации обучающимися используются разные виды иноязычной речевой деятельности.

Третий этап– презентация работы, являющейся самым главным и интересным этапом конференции, так как важна для самосознания каждого обучающегося. Предварительный поиск материалов и последующее выступление на итоговой конференции перед однокурсниками, преподавателями и гостями дают возможность каждому проявить свои креативные качества и творческие способности. Студенты выступают с докладами и проводят компьютерные презентации своих рефератов, учась правильно держаться перед слушателями, преодолевать застенчивость, скованность, демонстрируют знание иностранного языка и умение отвечать на вопросы.

Четвертый этап - обобщение работы, обсуждение успехов и недочетов, тех трудностей, с которыми приходится сталкиваться студентам при подготовке и проведении проектной деятельности. Проведение такой проектной деятельности способствует самообразованию и самовоспитанию студентов и развивает у них творческий подход к обучению.

Таким образом, сутью проектного обучения являетсяпостижение обучающимися реальныхпроцессов, объектов, в процессе работы над учебным проектом,способствуя проживанию учеником конкретных ситуаций, приобщение его к проникновению вглубь явлений, процессов и конструированию новых объектов. Метод проектов способствует развитию самостоятельных исследовательских умений, творческих способностей и креативного мышления обучающихся. Являясь одной из форм организации учебного процесса, проектная деятельность способствует повышению качества образования.

## ЛИТЕРАТУРА


1. КоджаспироваН.И. Педагогика. – М.:Проспект, 2002.
2. Крившенко Л. П. Педагогика – М.: Проспект, 2005.
3. Крылова Н. Проектная деятельность школьника, как принцип организации и реорганизации образования//Народное образование (№2,2005).
4. Левитес Д. Г. Практика обучения: современные образовательные технологии – М.: Воронеж, 1998.
5. ПолатЕ. С. , Бухаркина ,М. Ю. Современные педагогические и информационные технологии в системе образования: Учебноепособие— М.: Академия, 2007.
6. Чудов В., Кашкарова Н., Лаврушко О. Проектно – исследовательская деятельность школьника//Народное образование (№1,2005).


## МЕТОД ПРОЕКТОВ КАК СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ КРЕАТИВНОГО МЫШЛЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА


Статья посвящаетсяметоду проектов как средству развития креативного мышления в процессе изучения иностранного языка. В статье главное внимание уделяется важности применения проектной деятельности для развития творческих способностей. Также в статье рассматриваетсяистория создания метода проектов, его цели, задачи, виды и структура.



**Ключевые слова:** метод проектов, креативное мышление, проектная деятельность, проектное обучение, творческие способности, креативность.


## METHOD OF PROJECTS AS THE WAY OF DEVELOPMENT OF CREATIVE THINKING IN THE PROCESS OF LEARNING FOREIGN LANGUAGE


Article is devoted tithe method of projects as the way of development of creative thinking while learning foreign language. The main attention is paid to the importance of using method of projects to develop creative abilities. The history of creating the method of projects, its aims, kinds and structure are described in the article.



**Key words:** method of projects, creative thinking, planning activity, planning teaching, creative abilities, creativity.



**Сведения об авторе:** ***М.М.Кодирова*** – аспирантка ТГИЯ им. С. Улугзаде

# ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ

*Ш.Н. Давлатова*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар к падару модар уҳдадор аст, ки фарзанди худро бо роҳи дуруст тарбият намояд.Чунончи фармудаанд:

Фарзанди нағз, боғи падар,
Фарзанди бад, доғи падар.

Аз ин лиҳоз волидайн вазифадор аст, ки ҳаррӯза рафтору кирдор ва муносибати фарзандонро зери назорати қалбии хеш нигоҳ доранд. Бо ин тарз мо метавонем аз кору кирдори фарзандамон бохабар шавем, то ки вай бо чӣ корҳо машғул аст. Дар халқ чунин мегӯянд: « Модар на он аст, ки таваллуд намудааст, он аст, ки тарбият намудааст». Омили асосии тарбият ин сухан аст. Адаб ба симову сурати инсон ҳусн мебахшад. Шахсони боадаб фурӯтану боҳиммат ва дурандешу донишманд мебошанд.

Дар ҷое ки адаб аст, он ҷо тинҷию оромӣ ва пешравӣ дида мешавад. Ҳатто дар оилае, ки тарбият бошад, аз ин оила шахсони дар ҷамъият зарур ба воя мерасанд. Одобу ахлоқи ба ҳар як шахс худаш вобастагӣ дорад. Чунончи: Луқмони Ҳакимро пурсиданд?

-Адабро аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт:

-Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон бароям нописанд омад, аз он парҳез кардам.

Имрӯзҳо зарурати тарбияи маънавии мардумиро эҳё намудан, омӯхтан ва амалӣ намудани он пеш омадааст. Пеш аз ҳама бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки рафтору кирдори одамон бо мурури замона тағийр меёбад.

Саъдӣ, ки қадру қимати инсонро вобаста ба хислату одати ӯ мебинад ва дар ин маврид мегӯяд:

Писарро накӯ дору роҳат расон,
Ки чашмаш намонад ба дасти касон.
Ҳар он кас, ки фазандро ғам нахӯрд,
Дигар кас ғамаш хӯрду бадном кард.
Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
Ки гар ақлу табъаш набошад басе,
Бимириву аз ту намонад касе.
Басо рӯзгорон, ки сахтӣ барад,
Писар чун падар нозукаш парварад.

Дар моддаи 63 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Волидон барои рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки барои такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ, таълимӣ ва касбомӯзии онҳо ғамхорӣ намуда, барои гирифтани маълумоти умумии асосӣ ба фарзандонашон шароит фароҳам оранд».

Марк Твен фармудааст: « Аз тарбият ғофил нашавед, чунки ҳама чиз аз он вобаста аст».

Оилаҳое, ки соҳибмаърифатанд, аз илму хирад ва фарҳанги ғании ниёгон бархурдоранд. Онҳо аз ҳар ҷиҳат хушбин, дилогоҳ ва дар ҷомеа намуна ҳастанд.

Баъзе падару модароне ҳастанд, ки аз идомаи таҳсили фарзандонашон даст кашида, онҳоро пойбанди корҳои хоҷагӣ мекунанд. Имрӯзҳо барои «зарурият» ва баровардани «эҳтиёҷот» аз меҳнати онҳо истифода карда, омӯхтани дониш, касбу ҳунарро, кори баъдӣ донанд, сахт хато мекунанд.Дар оянда фарзандонашон бемаълумоту бесавод ва бекасбу ҳунар мемонанд ва худи падару модар ба мушкилӣ дучор мешаванд. Фарзанди солиму бомаърифат давоми умри падару модар буда, ба ин хотир ҳангоми таълиму тарбия онҳо ҳеҷ чизро набояд аз ворисонашон дареғ доранд. Барои ба камолот расидани онҳо сармояи худро дар парваришу омӯзиши фарзанд сарф намоянд. Зеро мусаллам аст ки, агар фарзанд дуои падару модарро гирад ва ба қадру қимат, ранҷу заҳмат ва дилсӯзиву ғамхориҳояшон бирасад, дар ин сурат метавонад ба пирӯзиву комёбиҳо ноил гардад.

Чунончи Саъдӣ фармудааст:

Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симин-ш бар канор ниҳод,
Бар сари лавҳи ӯ навишта ба сар,
«Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар».

Асосан нақши оилаи устувор ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият дар тарбияи фарзанд басо муҳим аст. Тамоми дастовардҳо ва корнамоиҳо, мардонагиву қаҳрамонии халқи тоҷик, бешубҳа, натиҷа аз заҳмати шабонарӯзии падарону модарони азизи мо мебошад. Зеро чун инсони комил ба воя расонидани фарзанд ва тарбияи дурусти ӯ ҳеҷ гоҳ бе меҳру муҳаббат ва самимияту садоқати падару модарон имкон надорад. Аз ин лиҳоз, падару модарон бояд рисолати муқаддаси худ тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар рӯҳияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд, то онҳо парчамбардори асили давлати хеш бошанд.

Дар ҳама давру замон тарбияи фарзандон масъалаи нисбатан душвор буд, ҳаст ва боқӣ мемонад. Давраи наврасӣ табиатан давраи душвор ва пурҷӯшу хурӯш диниста шудааст, зеро ки наврасон дар ин давра бо тағйироти куллии равонию ҷисмонӣ рӯ ба рӯ мегарданд, ки ин дар навбати худ ба худбаҳодиҳии онҳо бетаъсир нахоҳад монд. Ва маҳз як давраи нисбатан кӯтоҳро дар бар мегирад, метавонад боиси тағйир ёфтани муносибати наврас бо гирду атроф гардад.

Дар ин замина тағйироти биологӣ, дар организми наврасон ба вуҷуд меоянд, ки як қатор хусусиятҳои нави психологиро дар бар мегирад. Ин ҳолат метавонад ба душвортарбия шудани наврасон низ сабаб шавад. Бояд гуфт, ки асоси рафтори наврасони «душвортарбия» - ро беодобӣ, гапнодаронӣ, каҷрафторӣ, бераҳмӣ ва беилтифотию дағалӣ ҳангоми муносибат ва муошират ташкил мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд вазъияти низоангез, носолим ва ҷанҷолиро ба миён оранд. Ба содир намудани амалҳои ношоиста майл зоҳир мекунанд, ба осонӣ таъсиррасониҳои тарбиявиро қабул намекунанд ва баъзан муқобилият нишон медиҳанд.

Падару модар устоди аввалин ва офаридгори ризқу рӯзӣ, гулбоғи фарзанд, сутуни хонадон ва қиматтарин неъмати рӯйи дунёст. Маҳз падару модар аст, ки аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб бо азобу машаққати зиёде заҳмат кашида, ба дастархони мо нозу неъматҳои бахшида, файзи дастархонро афзун мегардонад. Падару модар ба сад орзуву ҳаваси фарзандашро ба ҷойи муқаддас, даргоҳи илму маърифат, мефиристад. то ин ки ҳар як фарзанд соҳиби дониш гашта, номбардори волидайн гарданд.

Дар шароити имрӯза сабабҳои асосии душвортарбия будани наврасон, пеш аз ҳама, дар ташкили нодурусти кори таълиму тарбия дар мактаб ва оила, беназоратӣ ва таъсири бади «кӯча» мебинанд. Бекорӣ -сабаби асосӣ ва заминаи аслии ҳама гуна каҷравиҳост.

## АДАБИЁТ


**1.**Шомуродов Х.Р. Волидон ҳам омӯзгоранд. Душанбе. 2011с. 80с.
2.Ҷумҳурият (газета) 110-111 (21926-927) 6 август. 2011 с.
3. Раҳмонов А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. Ирфон. 2011с. 184с.


## ОСОБЕННОСТИ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ


В данной статье автор на основе изучения трудов классиков персидско-таджикской литературы размышляет об особенностях семейного воспитания. Семья является основной ячейкой общества, в которой рождается, формируется, развивается и большую часть времени в течение жизни находится человек. Семейные отношения обычно определяют психологию и поведение человека, поэтому семья представляет особый интерес.



**Ключевые слова:** семейное воспитание, родители, формирование личности ребенка, развитие способностей и интересов, передача накопленного опыта, потребности и умения, эстетическое развитие


## PECULIARITIES OF FAMILY UPBRINGING


In this article the author on the basis of the study of works of classics of Persian-Tajik literature speculates on the peculiarities of family upbringing. The family is the basic unit of society, which is born is formed, developed and most of the time during the life of the person. Family relationships usually determine the psychology and behavior of the person, the family, therefore, is of particular interest.

**Key words:** family upbringing, parents, formation of the personality of the child, the development of abilities and interests, transfer of accumulated experience, needs and skills, aesthetic development

**Сведения об авторе:** ***Давлатова Ш.Н.*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАРРОҲӢ ВА ТАДВИНИ УЛГУӢ ҶИҲАТИ ЗАМИНАСОЗИИ РУШДИ ХАЛЛОҚИЯТ ДАР РАВАНДИ ЁДГИРӢ ДАР СОХТОРИ БАРНОМАИ ДАРСИИ ОМӮЗИШИ ДАВРАИ ИБТИДОӢ ДАР ЭРОН

***Сакина Шоҳмуҳаммадӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ҷиҳати баррасии фарзиёти таҳқиқ аз озмуни *t-test* тавассути нармафзори *Spss* истифода шуд. Натоиҷи таҳқиқ нишон дод, ки дар ҷомеаи мавриди мутолиа, барномаи омӯзиши халлоқият маҳорати тадриси халлоқро дар муаллимон афзоиш медиҳад. Ҳамчунин дар гурӯҳи озмоиш 73% аз афрод дар сатҳи хеле зиёд, 16% дар сатҳи зиёд ва 11% дар сатҳи мутавассит тавонистаанд омили маҳоратро касб кунанд. Ҳамчунин бо баррасии маҳоратҳои тафаккури интиқодӣ мушаххас гардид, ки дар се маҳорат: пешбинӣ, арзишёбӣ ва истидлол бо мақодири p-value ба тартиби баробар бо (0.001, 0.002, 0.001) тафовути маънодорӣ байни ду гурӯҳ озмоиш ва назорат вуҷуд дорад. Бар асоси ин ёфтаҳо метавон гуфт, агарчи тафаккури интиқодӣ бисёр муҳим аст, аммо дар тӯли омӯзиши даврони таҳсил бар он таваҷҷуҳ нашудааст. Равишҳои омӯзиши феълӣ дар давраи ибтидоӣ қодир ба афзоиши сатҳи тафаккури интиқодии донишомӯзон нест. Ҳамин тавр, бакоргирии равишҳои омӯзиши навин ва роҳкориҳои ёдгирии фаъол лозим аст.

Дар ниҳоят, метавон гуфт, ки бозхӯрди муаллимон мабнӣ бар тағйири амалкарди онҳо дар дарс, бо иҷрои давраҳои омӯзишии тафаккури халлоқ ва тафаккури интиқодӣ метавонад сабаби рушди халлоқият дар раванди ёдгирии донишомӯзон шавад.

Тавоноиҳои фарошинохтии афрод бо тафаккури халлоқи онҳо иртибот дорад. Девис (1991) низ изҳор медорад, ки афзоиши шинохт аз халлоқият, боиси барангехтани афрод дар иддаёбӣ ва тавлидоти халлоқ мешавад. Ронку ва Чанд иброз доштанд, ки фикри халлоқ аст, ки ба андеша роҳи ҳаллу биниши ибтикорӣ мунҷар шавад. Алоқа ба тавсеаи тавоноии интиқодӣ дар маҳофили омӯзишӣ падидҳои ҷадид нест ва station маншаи чунин алоқа ба мактаби Афлотун бармегардад (Ҷонсон, 2002). Тафаккур, тафаккури то миллӣ ва тафаккури интиқодии солҳои мутамаддӣ мавзӯи баҳси мударрисон аст. Тафаккури интиқодӣ ба маънии пурсидан буда, аз тавоноии таҷзия ва таҳлил кардан гирифта шудааст. Тафаккури интиқодӣ тавоноии фикрии арзандае аст, ки фарогирон аз тариқи он метавонанд шунидаҳо, хондаҳо, андешаҳо ва эътиқодоти мухталиферо, ки дар зиндагӣ бо он рӯ ба рӯ ҳастанд, арзишёбӣ кунанд ва дар бораи онҳо тасмимҳои мухталифе бигиранд (Сайф, 2000). Тафаккури интиқодӣ яке аз маҳоратҳои печида ё тафаккури сатҳи болост ва бо суратҳои мухталифе таъриф шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин муқаддима нигоҳе ба барномарезии давраи ибтидоӣ дар Эрон нишон медиҳад, ки алорағми ин ки барномаи дарсӣ дар Эрон аз собиқаи нисбатан тӯлонӣ бархурдор аст ё таваҷҷуҳ ба савобиқи низоми барномарезии дарсӣ дар Эрон ба зербинои назарии барномаи дарсӣ, бахусус, интихоби корбурди дидгоҳҳо ва рӯйкардҳои муносиб бархоста, аз баррасӣ ва таҳқиқ дар назарияи мавҷуд дар ҳавзаи омӯзишу парвариш ва барномаи дарсиву ҳамоҳанг бо аҳдофу ормонҳои дар назар гирифташуда, ҷиддӣ гирифта намешавад.

Дар ин миён, ҷиҳати ғано бахшидан ба ҳавзаи барномарезии дарсӣ дар Эрон ҷойи як улгуи роҳнамо барои чаҳорчӯббандии дидгоҳҳои барномаи дарсӣ ва таъйини авлавият дар дидгоҳҳои мӯътабари ҳавзаи тахассусии барномарезии дарсӣ ва муаллифони китобҳои дарсии ибтидоӣ дар таҳияи барномаи дарсӣ ва анҷоми таълифот мубтанӣ бар парвариши халлоқият бошад, холист. Бисёре аз мушкилоти имрӯзи ҷомеаи мо бо роҳи ҳалҳои дирӯз қобили ҳал шудан нест ва лизо, ниёз ба халлоқият бисёр маҳсус мебошад ва заминасозии халлоқият лозим аст дар низоми омӯзишӣ ва барномарезии дарсӣ фароҳам шавад.

Ҷиҳати ҳал шудани ин масъала, пажӯҳиши ҳозир дар пайи он аст, ки бо таваҷҷуҳ ба баррасии зербинои назарӣ ва хонаводаҳои матраҳ дар барномарезии дарсӣ ба як модел ҷиҳати корбурд дар барномарезии давраи ибтидоӣ даст ёбад, дар ин росто, таҳқиқи мазкур бо фарзияи аслӣ, барномаи омӯзиши халлоқият, маҳорати тадриси халлокро дар муаллимон афзоиш медиҳад. Ҷомеаи оморӣ муштамил бар 200 нафарро мавриди мутолиа қарор медиҳад, то ба ҳадафи аслии таҳқиқ, яъне тадвини улгуӣ ҷиҳати заминасозии рушди халлоқият (тафаккури халлоқ, тафаккури интиқодӣ) дар раванди ёдгирии донишомӯзони давраи ибтидоӣ даст ёбад.

Ранзолӣ ва Рэс (1985), ҳамчунин дар улгуи ғанисозии барномаҳои донишомӯзон бар густаришу тарвиҷи халлоқият дар мадраса таъкид мекунанд. Ранзолӣ ва Рэс, гузориш додаанд, ки улгуи «ғанисозии барномаҳои донишомӯзон» худ пиндошт аст ва тавоноиҳои ёдгириро дар донишомӯзон беҳбуд мебахшад. Ранзолӣ ин улгуро борҳо мавриди бознигарӣ ва ислоҳ қарор дод. Аз ҷумла, дар бознигарӣ Ранзолӣ (1994), изҳор дошт, ки бояд имкони таҷзияи ёдгирӣ барои тамоми донишомӯзон фароҳам шавад, тавре ки битавонанд ҳар массиреро муқтазо бо тавоноиҳои фардӣ, алоиқ ва сабки ёдгирии худ тай кунанд. Галогар (1985), гурӯҳе аз муаллимон мехоҳад фарз кунанд, ки халлоқият вижагии болоист ва агар битавонед онро нобуд созед, чи гуна ин корро анҷом медиҳед? Муаллимон пешниҳодҳои зиёдеро ироа намудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо шеваҳои тадриси худи онон буд. Аз дидгоҳи ағлаби муаллимон, муҳимтарин авомиле, ки муҷиби нобудии халлоқият мегардад, иборат аст аз: 1. Барномаи дарсии фишурда; 2. Адами таббаҳури кофии муаллим дар тадрис; 3. Ҳангоме ки танҳо як манбаъ ба унвони манбаи муътабар пазируфта шавад; 4. Ҳангоме ки маҷоли баҳсу абзори ақида ба донишомӯз дода шавад. Агар ба мабоние ки дар таҳқиқи Галогар, муаллимон ба онҳо ишора кардаанд, таваҷҷуҳ шавад ва агар баррасии соддае аз амалкарди муаллимони мадорис ба амал оварем, мебинем, ки ағлаби ин ишколот дар шеваҳои тадриси муаллимони Эрон низ ёфт мешавад.

Фрер ва Колинз (1991) дар таҳқиқи хеш дарёфтанд, ки 75% муаллимон муътақиданд, ки донишомӯзони каме дорои халлоқият ҳастанд. Ин таҳқиқ бар рӯйи 1028 муаллим дар Англия, Уэлс ва Ирландияи Шимолӣ анҷом гирифт. Странберг (2001) дар пажӯҳише, ки дар бораи таъсири омӯзиши халлоқият бар амалкарди донишомӯзон бар рӯйи 110 нафар донишомӯз анҷом дод, ба ин натиҷа расид, ки мизони таъсири омӯзиши халлоқият ба вижагиҳои шинохтӣ ва шахсиятии донишомӯзон бармегардад. Ҷеймс ва Осмос (2001) низ аз пажӯҳиши хеш, ки ба рӯи 41 донишомӯз анҷом додаанд, натиҷа гирифтанд, ки дар шаклгирии халлоқият, маҳоратҳои шинохтӣ ва вижагиҳои шахсиятӣ асари мутақобил доранд.

Оврал ва Макгарс (2007) дар таҳқиқе бо мавзӯи аҳамияти парвариши тафаккури интиқодӣ баён карданд,ки бо таваҷҷуҳ ба аҳамият ва нақши тафаккури интиқодӣ, чигунагии дастёбӣ ба ин ҳадаф дорои аҳамияти зиёде мебошад. Лизо, мударрисон бо чолиши чигунагии кӯмак ба донишомӯзони худ ҷиҳати иртиқои маҳоратҳои тафаккури интиқодӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Ҳадаф аз ин мутолиа баррасии роҳҳои парвариши тафаккури интиқодӣ ва ироаи пешниҳодотӣ дар ин замина будааст. Натоиҷи ин пажӯҳиш нишон дод, ки рушди тафаккури интиқодӣ мусталзам фароҳамсозии заминаҳои хосест. Барои эҷоди заминаи лозим ҷиҳати тафаккури интиқодӣ, дониш, иқтидор, омодагӣ ва тамрин лозим аст. Дар сурати вуҷуди нигаришу касби дониш барои иртиқои тафаккури интиқодӣ, ниёз ба маҳорат вуҷуд дорад. Ин маҳоратҳо шомили маҳоратҳои умумии тафаккури интиқодӣ назири иттихози равиши илмӣ, фарзиясозӣ, ҳалли масъала, тасмимгирӣ ва маҳоратҳои хоси тафаккури интиқодӣ аст.

Сентио ва ҳамкорон (2008) баён кардаанд, ки маҳоратҳои тафаккури интиқодӣ лозим ва зарурист. Ин маҳоратҳо бояд дар тамоми давраҳои омӯзиш лиҳоз гардад. Ин таҳқиқ бо ҳадафи таъйини асароти ин шеваи омӯзишӣ дар беҳбуди тафаккури интиқодӣ дар донишҷӯён ва донишомӯзон анҷом шудааст. Додаҳо бо нармафзори *SPSS* ва бо озмунҳои омории таҳлили Вориёнс, озмуни *t* мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифт. Ёфтаҳои ин пажӯҳиш нишон дод, ки поён будани миёнгини шумораи тафаккури интиқодӣ аз ҳадди мутавассит баёнгари он аст, ки фарояндҳои омӯзишӣ ва ёдгирӣ бояд ба самти афзоишу тақвияти қавои тафаккур ҳарчи бештар савқ дода шавад.

Жов ва ҳамкорон (2010) таҳқиқе бо мавзӯи тавсеаи тафаккури интиқодӣ барои таҳаввули омӯзиш ин саволро матраҳ мекунанд, ки оё ёдгирии даргиронаи тафаккури интиқодии донишомӯзон дар таҷоруби тадрис таъсир дорад? Дар ин мақола сатҳи тафаккури стратегии донишомӯзони Калифорния ба унвони абзори ҷамъоварии додаҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Натоиҷи таҳқиқ нишон додааст, ки миёни ҳар ду дарс, донишомӯзон дар дасти эътимод ба нафс дар ҳампӯшонӣ вуҷуд миқёси CCTDI дорад ва ин ба маънии вуҷуди робитаи маънодорӣ миёни омӯзиши тафаккури интиқодӣ ва иртиқои таҷрибаи донишомӯзон буд. Ёфтаҳои мусбати таҳқиқ ба унвони ироаи як равиши муассир барои муаллимони химия ҷиҳати густариши омӯзиши тафаккури интиқодӣ ба донишомӯзон барои афзоиши таҷриба ва эътимод ба нафси онон дар назар гирифта шудааст.

Дар ниҳоят метавон гуфт, ки тафаккури интиқодӣ мусталзам фарояндҳои олии зеҳнӣ ва доварӣ бар асоси шавоҳиду мадорик аст. Тафаккури интиқодӣ, тафаккури мустадил ва тезбинона дар бораи он ки чӣ чизро бовар кунем ва чӣ амалеро анҷом диҳем мебошад.

Назарияи Роберт (1987), ки панҷ навъи тамрини навишториро барои омӯзиши тафаккури интиқодӣ ироа карда, мафҳуми воқеӣ аз омӯзиши тафаккури интиқодиро баён. Мавориди ин назария дохил мешаванд: 1. Хулоса кардан, яъне хулосаи кӯтоҳ ва на фишурда ба сурати пардозиши мафоҳиму масоил ҳамроҳ бо фанни авлавият бандӣ; 2. Таҷзия ва таҳлил бар асоси малокҳои муайян; 3. Тамрини ҳалли масъала дар рӯёрӯӣ бо масоил; 4. Анҷоми паружаҳои хориҷ аз дарс; 5. Шабеҳсозӣ бар асоси воқеиятҳои мавҷуд ва мавриди назар. Назарияи Роберт дидгоҳи куллиро нисбат ба омӯзиши тафаккури интиқодӣдошта, дар ҳоле ки бояд вижагиҳои асосии як равиши омӯзишӣ, яъне сатҳи кайфии ангезаҳова мизони таваҷҷуҳи ёдгирандагонро дар назар гирад.

Ҷомеаи оморӣ дар ин таҳқиқ муштамил бар 360 пурсишнома мебошад. Равиши намунагирӣ тасодуфӣ буда, бо истифода аз формулаи Кукрон, теъдоди намуна 186 баровард гардид. Дар ҷое ки:

$$n_{cochran} = \frac{\dfrac{P(1-p)\, z^2_{1-\alpha/2}}{d^2}}{1+1/N\left(\dfrac{P(1-p)\, z^2_{1-\alpha/2}}{d^2} - 1\right)} = \frac{\dfrac{0.5*0.5*(1.96)^2}{(0.05)^2}}{1+1/360\left(\dfrac{0.5*0.5*(1.96)^2}{(0.05)^2} - 1\right)} = \frac{384.16}{2.0643} \cong 186$$

P = 0,5: эҳтимоли вуқӯи як сифат дар ҷомеа ба далели дар дастрас набудани баробар бо 0,5 гирифта шудааст.

$Z_{1-\alpha/2} = 1{,}96$ ($\alpha = 0{,}05$);

d = 0,05: ҳадди аксар хатои қобили қабул;

N = 360: ҳаҷми ҷомеа;

$n_{cochran:}$ ҳаҷми намуна.

Аз он ҷое ки пешбинӣ мешавад, бархе аз посухдиҳандагон пурсишномаҳои худро такмил накунанд, ба теъдоди намунаи оморӣ, 14 нафар изофа шуд, ки теъдоди кулли ҷомеаи оморӣ ба 200 нафар афзоиш ёфт, ки 100 нафар ба сурати тасодуфии гурӯҳи озмоишӣ ва ва 100 нафари дигар гурӯҳи гувоҳро ташкил додаанд. Абзори ҷамъоварии додаҳо, равоӣ ва пуёии пурсишнома дар пажӯҳиши ҳозир иттилоот бо истифода аз иҷрои пурсишнома гирдоварӣ шудааст. Пурсишномаи, шомили 30 саволи дигаре дар идомаи ҳамин пурсишнома истифода шуд, то битавон шаш меъёри тафаккури интиқодиро дар ҳар ду гурӯҳ, пас аз давраи омӯзишӣ мушаххас намуд.

Дар ин озмун аз миёни маҳоратҳои тафаккури интиқодӣ се вижагии муҳим, яъне муқоиса, ташхис ва қазоват, ки маҷмӯан, шаш маҳорати мушоҳида, муқоиса, таволӣ, пешбинӣ, арзишёбӣ ва истидлоли донишомӯзонро санҷид, интихоб шуда, ба иҷро даромад. Барои санҷиши эътибори муҳтаво аз назароти асотиди мутахассис истифода шуд ва барои санҷиши равоии таҳқиқ аз равоии бозозмоӣ (равиши озмун – озмуни муҷаддад) истифода шуд. Манзур аз равоии як пажӯҳиш , мизони диққати шохисҳо ва меъёрҳоест, ки барои санҷиши падида, мавриди назар таҳия шудаанд. Доро будани вижагии такрорпазирӣ, суботу созгорӣ дар абзори санҷиш то чӣ ҳад ба

таври қотеъ дар ҳар замон мафҳумеро, ки лозим аст, мавриди санҷиш қарор медиҳад. Дар ин таҳқиқ барои озмуни пӯёии пурсишномаи аввал низ ба кӯмаки нармафзори SPSS 15 иқдом ба муҳосибаи Алфой Кронбах шуд. Пӯёии саволот бар асоси зариби ҳамсонии дарунии Алфой Кронбах 82% ва равоии сурӣ ва муҳтавои онҳо бо таваҷҷуҳ ба заминаи назарияи қавӣ ва иттифоқи назари мутахассисони маҳоратсанҷ таъйин шуд.

Ҳар ду гурӯҳ, озмоишӣ ва гувоҳ, ба саволоти пурсишномаи марбута посух доданд. Он гоҳ афроди гурӯҳи озмоишӣ тайи як моҳ, ба муддати 90 соат омӯзиш диданд ва пас аз ёфтани маҳоратҳои лозим, онҳоро ба сурати амалӣ ба кор гирифтанд, сипас, дар ҷаласаи баъд гузориши амалкарди хешро ироа доданд ва бозхӯрди лозим ба онҳо дода шуд. Он гоҳ аз ҳар ду гурӯҳ: озмоишӣ ва гувоҳ, озмуни ниҳоӣ ба амал омад, то таъсири барномаи омӯзиши халлоқият бар маҳорати онон ошкор шавад. Дар тайи таҳлил додаҳои таҳқиқ аз нармафзори *SPSS* бо озмунҳои *t* ва Кронбах истифода шудааст. Ҳамон тавре ки баён шуд, фарзияи аслии ин таҳқиқ ба ин сурат баён мешавад, ки барномаи омӯзиши халлоқият маҳорати тадриси халлокро дар муаллимон афзоиш медиҳад. Ҳамин тавр, дар озмуни фарзияи пажӯҳиш аз озмуни *T* мустақил барои баррасии омили маҳорати тадрис дар ду гурӯҳ истифода шуд. Ҷадвали 1 натоиҷи ин озмунро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 1.** Натоиҷи озмуни ***t*** барои ду гурӯҳи мавриди мутолиа, пеш ва пас аз давраи омӯзишӣ

| Озмун | Гурӯҳ | Миёнгин | Маҷмӯъ | Миқдори Т |
|---|---|---|---|---|
| Пеш аз давра | Озмоиш | 6,1 | 100 | 0,52 |
| | назорат | 6,2 | 100 | |
| Баъд аз давра | Озмоиш | 8,4 | 100 | 2,68 |
| | назорат | 6,5 | 100 | |

Бар асоси натоиҷи ҷадвали 1 барои озмуни *T* байни ду гурӯҳ: озмоишӣ ва гувоҳ дар дараҷаи озодӣ 198, дар сатҳи итминон 99% миқдори Т ба даст омада, пеш аз давраи 0,52 ва пас аз давра 2,68 мебошад. Ин дар ҳолест, ки миқдори омораи Т ҷадвал баробар 2,12 мебошад. Ҳамин тавр, мушаххас аст ба далели кӯчактар, бидуни омора пеш аз давраи 0,52 аз омораи ҷадвал 2,12, ду гурӯҳ пеш аз давраи омӯзишӣ тафовуте бо якдигар надоранд, аммо пас аз (2,68) аз омораи Т давраи омораи ҷадвал (2,12) бузургтар буда, ки нишон аз вуҷуди тафовут байни ду гурӯҳ мебошад. Ҳамчунин миёнгини баровардашуда барои гурӯҳи озмоиш ва гурӯҳи назорат баъд аз давраи омӯзишӣ бо тафовути чашмгире ба тартиби 8,4 ва 6,5 мебошад. Лизо, аз фарзияи аслии таҳқиқи таъйидшуда натиҷа гирифта мешавад, ки барномаи омӯзиши халлоқият, маҳорати тадриси халлоқро дар муаллимон афзоиш медиҳад.

Ҳамчунин ҷадвали 2 натоиҷи озмуни Т дар гурӯҳи мавриди мутолиа барои омили маҳоратро нишон медиҳад. Ҳамон тавре ки аз ҷадвал мушаххас аст, дар гурӯҳи озмоиш 73% аз афрод дар сатҳи хеле зиёд омили маҳоратро касб кардаанд. Инчунин 16% дар сатҳи зиёд ва 11% дар сатҳи мутавассит тавонистаанд бар омили маҳорат тасаллут пайдо кунанд.

**Ҷадвали 2.** Натоиҷи озмуни Т дар гурӯҳи мавриди мутолиа барои омили маҳорат

| Ахси оморӣ | Хеле зиёд | Зиёд | Мутавассит | Кам | Хеле кам |
|---|---|---|---|---|---|
| фаровонӣ | 73 | 16 | 11 | 0 | 0 |

Ҷиҳати муқоисаи маҳоратҳои шашгонаи тафаккури интиқодӣ: мушоҳида, муқоиса, тавволӣ, пешбинӣ, арзишёбӣ ва истидлоли муаллимон низ аз озмуни Т истифода шуд ва натоиҷ дар ҷадвали (3) ироа шуд. Натоиҷи таҳқиқ нишон дод, ки дар се маҳорат пешбинӣ, арзишёбӣ ва истидлол бо мақодири *p-value* ба тартиби баробар бо (0,001, 0,002, 0,001) тафовути маънодорӣ мушоҳида мешавад.

**Ҷадвали 3.** Натоиҷи озмуни (t-test) барои маҳоратҳои шашгонаи тафаккури интиқодии донишомӯзон

| Мақтаи таҳсилӣ | Маҳорат | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Мушоҳида | Муқоиса | Тавволӣ | Пешбинӣ | Арзишёбӣ | Истидлол |
| Пас аз давра | Миёнгини инҳироф | 3,31 | 4,26 | 5,84 | 5,89 | 5,73 | 3,22 |
| | Стандарт | 1,33 | 1,72 | 2,57 | 1,72 | 1,88 | 1,48 |
| Сатҳи маънодорӣ | | 0,860 | 0,310 | 0,880 | 0,001 | 0,002 | 0,001 |

Мутахассисини таълиму тарбият муътақитданд, ки мадорис илова бар маҳоратҳои сегона - хондан, навиштан ва ҳисоб кардан, бояд шоистагӣ ба ҳақоиқи илмиро низ ба донишомӯзон биомӯзанд. Бакоргирии ҳақоиқи илмӣ иртиботи мустақим бо тафаккур ва андешидану қазовати донишомӯзонро дорад, Дар натиҷа, муаллимон ниёз доранд дар бораи нақши худ дубора фикр кунанд ва фаъолиятҳои худро ба омӯзиши маҳоратҳо мутамарказ созанд, ки муҷиби тафаккури интиқодии донишомӯзон шавад. Донишомӯзон баъд аз каме фикр кардан, омодагӣ, ки пайдо карданд, бароҳатӣ метавонанд ба муҳити зиндагӣ перомуни худ таваҷҷуҳ кунанд ва бо эҳсоси наздикӣ ба мавзӯъ, ки дар онҳо ба вуҷуд омадааст, посуххои мутааддид бидиҳанд ва низ бо эҳсоси оромишӣ, ки дар муҳит ёфтаанд, саволҳои ҷадидтаре барои онҳо пайдо хоҳад омад, ки ба дунболи посухи онҳо хоҳад гашт.

Аммо нуктаи умдае, ки бояд фароянди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ин аст, ки тафаккурро наметавон ба мавқеиятҳои муайян маҳдуд кард ва дар тарроҳӣ собит қарор дод. Натоиҷи ин таҳқиқ низ нишон дод, ки муаллимоне ки бо равиши ҳалли масъала ба сурати кори гурӯҳӣ бо тафаккури интиқодӣ ва халлоқи омӯзиш дида буданд, нисбат ба назорати шумораи бештаре дар маҳоратҳо дарёфт карданд. Ба ибоати дигар, байни гурӯҳи озмоиш ва назорат дар омили шумораи кулли мутағайири малок тафовут бар асоси маънидорӣ вуҷуд дошт, мабонии назарӣ матраҳ шуда, натоиҷи ба дастомада аз таҳқиқ мавориди зер дар фароянди ёддиҳиву ёдгирӣ ба куллияи иҷрокунандагони барномаи дарс тавсия мешавад:

1. Ба манзури ҳалли масоили дунёи воқеии донишомӯзон, таваҷҷуҳро ба рӯйкардҳои воқеъгароёна маътуф кунед; ба ҷойи интиқоли ҳақоиқи илмӣ, роҳнамо ва таҳлилгари роҳбурдро ба кор гирифта, дар ҳалли масоил омода бошед ва ба ҷойи захирасозии иттилоот, амали мутафаккиронаро парвариш диҳед. Ин амр сабаби рушди тафаккури халлоқ дар донишомӯзон мешавад.

Таким образом, несмотря на специфическую сущность программированного обучения, его отличительные особенности и новые возможности, связанные с программированием учебной деятельности студентов, их нельзя рассматривать в отрыве от традиционной системы обучения. Недостаточно объективными являются также и определения сущности программированного обучения, исходя из отдельных отличительных его особенностей, принципов без учёта всех существенных явлений, факторов и связей, обуславливающих его специфическую роль и место в современной дидактической системе. Тоже можно сказать и о методах программированного обучения, которые сами по себе являются многомерным явлением и требуют к себе системного подхода.

Эффективное программирование учебной деятельности студента в целом и в частности УИДс, невозможно без всестороннего анализа деятельности учащегося и учёта его личностных качеств, а также анализа субъект объектных отношений. При программировании учебно-исследовательской деятельности студентов целесообразно учитывать различные уровни развития личности, исходя из которых, можно определять и уровни программирования деятельности студентов с учётом существенных дидактических условий.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. – М. Педагогика, 1989. – 190 с.
2.Гальперин, П.Я. Психология мышления и учение о поэтапном формировании умственных действий. // Исследования мышления в советской психологии. – М.: Наука, 1966. – С. 236 - 277.
3.Гольнева Д.П. Элементы программированного обучения в биологии. – Л, 1975. – 184с.
4.Прокофьев А. Ф. Программированное обучение, программированные учебники. Машины для обучения. – М, 1965. – 40.с.
5.Ситаров В.А. Дидактика. – М., 2002. – 368с.
6. Талызина Н. Ф. Управление процессом усвоения знаний. –М.: МГУ, 1975. – 343с.

**СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ПРОГРАММИРОВАНИЯ УЧЕБНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ**

В статье дается определение программирования учебно-исследовательской деятельности студентов, приводятся различные ее трактовки, также раскрывается роль программированного обучения в учебном процессе

**Ключевые слова:** программирование, программированное обучение, учебно - исследовательская деятельность, обучение, самостоятельная работа студентов, программированный контроль.

**THE ESSENCE AND PECULIARITIES OF PROGRAMMING OF EDUCATIONAL AND RESEARCH ACTIVITY OF STUDENTS IN THE LEARNING PROCESS**

In the article the definition of the programming of educational and research activity of students are given various interpretations, also reveals the role of programmed learning in educational process

**Key words:** programming, programmed learning, teaching and research activities, training, independent work of students, programmable control.

**Сведения об авторе:** ***Самардинова З.*** – старший преподаватель КГУ им.А. Рудаки

# ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННЫЙ ПОДХОД К ФОРМИРОВАНИЮ РУССКОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ- НЕФИЛОЛОГОВ

***Ф.М. Файзуллоева***
**Кулябский государственный университет им.А.Рудаки**

Одним из наиболее важных аспектов обучения русскому языку студентов-нефилологов является формирование у них русской профессионально-направленной речи. Коммуникативные задачи при обучении русскому языку могут быть реализованы главным образом на уровне монологического высказывания. В связи с этим, обучение студентов национальных групп русскому языку с учетом специальности связано, в первую очередь, с развитием монологической речи, как результата научного мышления, и поэтому требующего высокой профессиональной и речевой компетенции, определенного уровня интеллектуального развития и общей культуры. Обучать монологическому высказыванию необходимо посредством обучения построению монологических высказываний четко выраженной профессионально-значимой тематики. Именно такими высказываниями организуется профессионально-направленная речь, в процессе которой реализуется монолог как форма профессионального общения специалистов определенной области, которыми становятся студенты неязыковых факультетов после окончания.

В этой связи, формирование у студентов навыков построения монолога на научные темы требует определенной методической организации учебного материала и соотнесенных с нею типов учебных текстов с заранее заданным содержанием как одной из форм речевого взаимодействия. Следовательно, текст- это учебный материал, иллюстрирующий функционирование элементов языка в их употреблении с одной стороны, а с другой-это конечный результат обучения русскому языку. Умело подобранный текст является базой для развития связной речи. Предъявляемый текст должен характеризоваться смысловой целостностью, логичностью, синтаксической связностью, т.е. представлять собой единство плана содержания и плана выражения. На данном тексте имеется возможность познакомить студентов со структурой того или иного сообщения, с комплексом средств, с помощью которых достигается единая смысловая и структурная целостность.

Из психологии следует, что для процесса общения необходимо понимание. Понимание-это сложный мыслительный процесс, включающий узнавание языковых средств и соотнесение их с ситуацией контекста [1]. Что касается научного текста, то понять текст-это значит проникнуть в смысл читаемого. Как известно, восприятие текста характеризуется двумя сторонами: содержанием и формой. Оно охватывает и языковую форму и содержание, заключенное в ней. Однако, в обычных условиях воспринимается и понимается не языковая форма языковых значений, не языковая оболочка мысли, а сами эти значения, т.е. содержание.

Развитие монологической речи на материале текстов должно быть организовано таким образом, чтобы студенты приобретали необходимые речевые умения и навыки для построения собственно монологического высказывания на определенные темы. При этом следует иметь в виду то, что эффективность любого высказывания зависит не только от того, насколько грамматически правильно говорящий сумел высказать свою мысль но, а также изложить содержание в правильной логической последовательности, объединить отдельные мысли в единый связный текст, правильно выбирая при этом необходимые средства связи. Для построения собственного монологического высказывания необходимо владение необходимыми известными речевыми и языковыми умениями и навыками, помогающими осознать смысловую и структурную зависимость между отдельными предложениями, частями текста, а также избирательно пользоваться языковыми средствами в условиях той или иной речевой ситуации. Речевая ситуация понимается как «совокупность» условий, речевых и неречевых, необходимых и достаточных для того, чтобы осуществить речевое действие по намеченному плану. Для порождения адекватного высказывания учащийся должен ориентироваться в оценке нелингвистических факторов, формирующих ситуацию, содержание высказывания и определяющих выбор языковых средств, и усвоить значение единиц языка, обеспечивающих коммуникативное задание. Именно поэтому ситуативно-тематическая организация предполагает перечисление ситуаций общения, выявление актуальных тем, определение конечного списка речевых

интенций, отраженных учебными текстами и наиболее типичных, частотных и коммуникативно-ценных лексико- синтаксических манифестаций [2].

Для студентов-нефилологов необходимо владение языковыми ресурсами научного функционального стиля. Следовательно, в содержание обучения русской монологической речи студентов входят основы научной речи.

Научный стиль речи относится к книжно-письменному типу речи. Научные произведения пишутся на общелитературном языке , но они характеризуются особыми средствами, необходимыми в данной сфере общения. Как отмечает Митрофанова О.Д. « специфика каждого подъязыка и стиля , каждого вида речи создается в современном русском языке не столько наличием особых, только ему свойственных средств выражения, сколько особенностями (семантическими, статистическими, синтагматическими и т.д.) функционирования общеязыковых средств и особыми знаками и законами их отбора и организации" [3]. Этой же точки зрения придерживаются и другие исследователи. Так, Метс Н.А. пишет: "В языке науки мы встречаемся с теми же языковыми средствами, что и в общелитературном языке (исключение составляет узкоспециальная и терминологическая лексика), но экстралингвистические, внеязыковые факторы обусловливают иную специфическую организацию этих языковых средств, характерную именно для научного стиля речи" [4].

Следовательно, знание языка и стиля научной литературы является необходимым условием для построения собственно монологического высказывания студентов неязыковых факультетов.

При обучении восприятию и пониманию научного текста следует подбирать тексты, которые не содержат слишком много смысловой информации. Языковая форма не должна отвлекать внимание воспринимающего от содержания текста. Иными словами, если восприятие информации будет проходить осмысленно и непрерывно, то оно должно принести свои результаты в процессе обучения русскому языку. Понимание и усвоение информации, которая дана в тексте, зависит не только от понимания каждого отдельного коммуникативного компонента текста ( слова, словосочетания, предложения), но и от умения определять связь каждого элемента с контекстным окружением, от умения анализировать текст по «смысловым периодам», представляющим собой содержательно законченные части текста [5]. В этой связи, обучение монологической речи невозможно без установления определения лингвистических связей между планом содержания и планом выражения любого высказывания, в том числе и профессионального. При построении монологической речи формируются умения анализировать текст, преобразовывать его, аннотировать, реферировать и т. д., что способствует формированию научного мышления у студентов, как суждение, умозаключение, абстрагирование и конкретизация, классификация понятий, установление причинно-следственных связей, сравнение, сопоставление, противопоставление и т.п. Монологическая речь в зависимости от содержания делится на различные функционально-смысловые типы речи: описание, повествование, рассуждение доказательство. Эти типы речи различаются коммуникативной насыщенностью, композиционно- логической структурой, языковыми формами реализации смысловых категорий. Рассмотрим коротко каждый функционально-смысловой тип речи:

Описание - это разновидность изложения, представляющая собой разностороннюю и систематическую характеристику объекта речи (предметы, особенности, состав и т.д.) [6]. С помощью описания дается полное , исчерпывающее перечисление признаков предмета речи. В качестве предмета описания могут выступать конкретные предметы, явления, процессы , события и др. Но, как отмечает О.Д.Митрофанова, в описании важно не только перечислить те или иные свойства или черты, но и установить связь между ними. Описание воспринимается как нечто целое, единое, так как элементы описания располагаются так, что каждый элемент добавляет новые сведения к предыдущему [7].

«Повествование-это разновидность изложения, представляющая собой информацию о событиях, связанных с процессом исследования, получением научных данных, совершением научных открытий и т.д.» [8].При помощи повествования, как отмечает Е.И.Мотина, «могут быть представлены как процессы в объективном мире, в развертывании которых не участвуют воля человека, так и процессы, которые представляют собой целенаправленные воздействия человека (исследователя) на наблюдаемый объект, заранее спланированные, имеющие целью получение новых

полезных сведений об объекте» [9]. В повествовании основное внимание уделено действию в строгой временной последовательности.

Доказательство представляет собой способ изложения, посредством которого подтверждается (или отрицается) истинность знаний человека о мире, носивших характер гипотез или непроверенных практикой суждений [10].

Рассуждение –это способ изложения, посредством которого передается только процесс получения нового знания и сообщается само это знание (как его результат) в форме отдельного умозаключения (полного или свернутого) или цепи взаимосвязанных умозаключений [11].

Все 4 способа изложения характеризуются своими особыми лингвистическими признаками. Как отмечает О.Д.Митрофанова, «типы речевых высказываний(подобно разным подстилям, подвидам, научным дисциплинам, жанрам) имеют специфику в выборе использования в организации языковых средств» [12].

Некоторые исследователи подразделяют основные способы изложения (повествование, описание, рассуждение) на различные подтипы. О.А.Нечаева выделяет 4 типа описания, 3 типа повествования, 6 типов рассуждения, каждый из которых характеризуется своими лингвистическими признаками. Е.И.Мотина выделяет 3 вида повествования, 4 вида рассуждения

Как показывает практика, студенты неязыковых факультетов испытывают затруднения при конструировании собственного монологического высказывания в определенных речевых ситуациях, не имеют навыков аргументации и доказательств на русском языке, не могут полностью раскрыть содержание тем, нет последовательности изложения материала, нет связи между предложениями, между смысловыми частями, отсутствует логика и последовательность в изложении мысли, однообразие в выборе средств и типов межфразовой связи.

Поскольку монологическая речь есть средство передачи информации, то она включает функционально-смысловые типы речи. В связи с этим, овладеть данными типами речи студенты национальных групп неязыковых факультетов смогут при целенаправленной работе над функционально-смысловыми типами речи: повествование, описание, рассуждение, доказательство, организации на их основе системы упражнений, направленных на выработку русской монологической научной речи.

Таким образом, работа по развитию связной речи на текстах по специальности предполагает обогащение речи студентов профессиональной лексикой, закрепление их грамматических знаний, развитие и совершенствование умений и навыков извлечения научной информации из стилистически дифференцированного текста, а также развитие и совершенствование профессионально направленной связной речи

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Зюзенкова О.М. Некоторые трудности понимания немецкой научной литератруры и пути их преодоления //Обучение чтению научного текста на иностранном языке.- М., 1975-С.57.
2. Метс А.Н., Митрофанова О.Д., Одинцова Т.Б. Структура научного текста и обучение монологической речи.- М.:Русский язык,1981.-С.81.
3.Митрофанова О.Д. Язык научно-технической литературы. – М.: Изд-во Моск. ун-та. 1973. С.4-5.
4.Метс Н.А. Особенности синтаксиса научного стиля речи и проблемы обучения иностранных учащихся. – М.: Русский язык, 1979. – С. 7.
5.Каплан Л.И. Психологический анализ понимания научного текста:Автореф….М.1953.
6.Кожина М.Н. О речевой системности научного стиля сравнительно с некоторыми и др. –Пермь: Изд-во ПГУ, 1972.-С.94.
7.Митрофанова О.Д. Научный стиль речи: проблемы обучения. - М.: Русский язык, 1985. – С.25.
8.Кожина М.н. О речевой системности научного стиля сравнительно с некоторыми другими. –Пермь: Изд-во ПГУ, 1972.-С.94.
9.Мотина Е.И.Язык и специальность: лингвометодические основы обучения русскому языку студентов - нефилологов.- М.: Русский язык, 1983.-С.20.
10.Там же – С..25.
11.Там же – С.31.
12.Митрофанова О.Д. Научный стиль речи: проблемы обучения.- М.: Русский язык, 1985. - С.27

**ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННЫЙ ПОДХОД К ФОРМИРОВАНИЮ РУССКОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ- НЕФИЛОЛОГОВ**

В статье рассматриваются некоторые особенности обучения русской научной монологической речи, дается краткая характеристика научного стиля речи, функционально смысловых типов речи с целью развития и совершенствования профессионально- направленной связной речи.

**Ключевые слова:** монолог, монологическая речь, научный стиль речи, связная речь, текст, функционально-смысловые типы речи.

**PROFESSIONALLY-ORIENTED APPROACH TO THE FORMATION OF RUSSIAN MONOLOGUE SPEECH OF STUDENTS - NOT PHILOLOGISTS**

The article discusses some features of learning Russian scientific monologue speech, gives a brief description of the scientific style of speech, functional semantic types of speech in order to develop and improve professionally-directed coherent speech.

**Key words:** monologue, monologues, scientific style of speech, coherent speech, text, functional-semantic types of speech.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ф.М. Файзуллоева*** – соискатель КГУ им.А.Рудаки

# АВОМИЛИ УМДАИ ТАНАЗЗУЛИ ИЛМИИ ЭРОНИЁН

***Козими Растагор***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Баъд аз шукуфоӣ ва эҳёи беназири таърихӣ ва фарҳангӣ дар даврони садри ислом, Эронзамин дубора ба таназзул ва инқирози шадиди сиёсӣ , иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гирифтор шуд, ки таърихи он тӯлонӣ ва шомили авомили мутааддиди дохилӣ ва хориҷӣ аст. Ин авомил аз назари муҳаққиқон ва муаррихон пинҳон намонда, ҳар кадом аз донишмандон перомуни он назариёти худро баён намудаанд, ки миёни онҳо тафовути наве вуҷуд надорад. Ҳарчанд дар инқироз ва шикасти Эронзамин авомили хориҷӣ, аз ҷумла тохту тозҳои доимӣ ва пай дар пайи туркҳо ва муғулҳои истилогар ва вайронгар нақши умда ва барҷаста доштаанд. Вале мавҷудияти авомили дохилии ҷомеаи исломии Эронро низ наметавон аз назар дур дошт (Ҳақназар Назароф, тарҷумаи Самадӣ, 1387)

**Илали дохилии таназзули илмии эрониён.** Дар Эрон баъд аз ислом аз замони Сомониён то ҳамлаи муғул, ба сабаби вуҷуди салотин ва вузарои донишпарвар таълим ва тарбият рӯз ба рӯз густариш меёфт ва кам-кам гурӯҳи касире аз мардум аз неъмати он баҳраманд шуданд (Манучеҳр ва Килиён, 1381).

Мавзӯи дигаре, ки дар ҳукумати Сомонӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи мо бошад, адами музоҳамати онон аст. Ба фарқ ва мазоҳиби мухталиф, чунон ки ағлаб иттифоқ меафтод, дар дарбори шоҳони сомонӣ афроде аз мазоҳиби гуногун, монанди аҳли суннат, зардуштӣ ва масеҳӣ бо ниҳояти озодии ақида ва масъулият зиндагӣ ва кор мекарданд ва ҳеҷ аз ҳайси изҳори ақидаи илмӣ ва динӣ ва мазҳабӣ дучори маҳдудиятҳое, ки дар давраи Салҷуқӣ ва Ғазнавӣ ба вуҷуд омад, набудааст. Ин амр чунонки медонем аз муҳимтарин асбоби ривоҷи илм ва улуми ақлӣ метавон бошад ва аз ин ҷост, ки давраи Сомониён давраи равнақи адаб ва илм, асри озодии афкор ва камоли тамаддуни исломӣ дар Эрон аст (Забеуллоҳ Сафо 1366).

Давраи Сомониён давраи эҳё ва таҷдиди азими адабу фарҳанг ба шумор меравад.

Эрониҳо баъд аз байн рафтани Сомониён ҳам дар заминаи назму наср ва тарихнигори комёбиҳои намоёне ба даст овардаанд. Вале дар бахши илмҳои табиатшиносӣ дастовардҳои замони сомониён дигар масире нагашт ва аз ин лиҳоз аҳди сомониён давраи сууд ва камолоти илмҳои табиатшиносӣ дар олами исломӣ ба шумор меравад. Бухоро ба маркази фарҳанг мубаддал гашт Муҳаммади Салбӣ таъкид намудааст, ки «Бухоро дар давраи Сомониҳо маркази азим ва маҳалли ҷамъ омадани донишмандони дараҷаи аввали замон ва ҷойи бузургон ва удабои рӯзгор ва маркази фазоили рӯзгор буд.

Муҳаққиқоне, ки дар бораи тамаддуни ислом таҳқиқоте анҷом додаанд, ташкили суннатгарои тариқати ашъариро омили аслии ақибмондаги ва инҳироф аз роҳи пешгирифтаи ислом дар садри аввали зуҳури он донистаанд Ҷ. Сортан дар муқаддимаи «Таърихи умумии худ навиштааст: «Ашъариро метавон бони ойини сколостикии исломӣ донист. Ӯ ваҳдати дин ва тасаннунро аз нав тасбият кард, вале мавқеияти ақоиди ӯ нишонаи пояи озодӣ ва таҳқиқе дар ислом аст». Ба қавли ховаршиноси машҳури садаи панҷум, нуқтаи атф дар таърих, рӯҳи ислом аст ва тасбияти усули суннат дар ҳоли соли 500 (яъне 1106 мелодӣ) барои ҳамеша ба умр

таҳқиқи мустақил поён дод. Бидуни Ашъарӣ ва Ғаззолӣ мумкин буд миллат, голилейҳо, киплерҳо, нютонҳо бошад (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Дар таъкиди ин афкор ва андешаҳои шарқшиносони ғарбӣ Оятуллоҳ Мутаҳҳарӣ низ чунин навишта буд: «Пирӯзии мактаби ашъарӣ барои ҷаҳони ислом гарон тамом шуд. Ин пирӯзӣ, пирӯзи ҷумуд ва тақшир бар ҳуррияти фикр буд. Ҳарчанд ҷанги Ашъаригарӣ ва эътизол марбут аст ба ҷаҳони тасаннун, вале ҷаҳони ташайюъ низ аз бархе осори ҷумудгарии ашъарӣ канор намондааст. Ин пирӯзи илали таърихӣ ва иҷтимоии хосса дорад. Баъзе ҳаводиси сиёсӣ дар ин пирӯзӣ таъсири бесазое дошт» (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387)

Пас аз шикасти давлати Сомониён дар аҳди салтанати Ғазнавиён фуқаҳои суннатгарои исломӣ таъбир ва тафсири ҳадис ва оёт ва таъйин иълом карданд ва аз ин лиҳоз ба қавли муаррихи номдори Афғонистон, Мирғулом Ғубор ба ин тарбият ҷойи уламоро фуқаҳо ва мутакаллимони ашъарӣ гирифтанд. Мардум ба тақлид ва зиддият бо таҳқиқ ва мухолифат бо илм ва фалсафаи кушонида шуданд. Зеро илм ва фалсафа зидди дин ва шариат эълон шуда буд. Уламои такфир ва озодихоҳон зиндиқ номида шуданд ва имомҳои фиқҳ, илми каломро ҳаром шумаридаанд ва мутакаллимро ба забони тозиёна ва таҳқир маҳкум намудаанд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Ба ин асос буд, ки улуми ақлӣ ва фалсафа ва илоҳиёт дар ин давра таваққуф гардид. Тақлид ва завоҳир бар таҳқиқ ва озодии фикр ғалаба намуд. Бар хилофи мардуми мутамаддини Эрон, ки таассуби динӣ ва қавмӣ надоштанд, қабилаҳои турк, ки тоза дини исломро пазируфта буданд. Таассуби шадид зоҳир карданд ва дар пойбанди муқаррароти исломӣ ифротгарӣ нишон доданд. Хилофати Аббосӣ, ки худ ба маркази таассуби дин ва иртиҷои исломӣ мубаддал гашта буд, дар симои Ғазнавиён ва дигар хонадонҳои турктабор барои худ такягоҳи мавриди эътимоде пайдо намуда буд. Маҳмуди Ғазнавӣ аз пуштибонии халифаи аббосӣ илҳом гирифта, худро ба сифати ғозӣ ва муҷоҳид муаррифи мекард ва дар навбати аввал, ба пайравони муътазила ва қарматиро саросар саркӯб намуд. Фуқаҳо ва уламои суннатгарои мазҳабиро мавриди эҳтиром қарор дода, онҳоро ба мақомҳои баланди давлатӣ сарфароз гардонида ва қувваи қазовати мамлакатро ба дасти онҳо ҳавола кард. Суннатгароён аз имтиёзотимоликият ва ташрифот ба ҳад ва ҳудуд бархурдор шуданд. Илова бар ин, дар замони салтанати туркҳо лашкаркашӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат ба хотири ғоратгарӣ, тороҷгарӣ ва ба даст овардани мол ва мулк ба як амри одӣ табдил ёфт (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

**Илали хориҷии таназзули илмии эрониён.** Қарни ҳафтуми ҳиҷриро метавон қарни муносибат барои эрониён ном ниҳод. Ин мусибат иборат буд аз юриши қавми ваҳшӣ ва хунхор ва ғоратгар ба номи муғул, ки дар бераҳмӣ ва қасоват ва фоҷиаҳои аъмоли онҳо беҳадду канор буд. Бо ҳуҷуми Чингиз (дар соли 616 ҳиҷрӣ) ва ба дунболи он ҳуҷуми Темуриён мусибатҳо ба мардуми Эрон гузашт , ки таърих назири онро ёд надорад. Куштор, вайронӣ, ғорат ва бехунамонӣ ба тамоми маънӣ бар ин сарзамин муставло гашт. Нобасомониҳои ҳосил аз ин таҳоҷумҳои ваҳшиёна дар сутӯҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ интиҳои фоҷиаомезе ба дунбол дошт, ки то қарнҳо осори он давом ёфт (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Дар усули номаи муғулон «Ёсо» омадааст, ки онҳо ҳаргиз дар ҳеҷ мавриди зиндагии бодиянишиниро тарк накунанд ва ҳамеша ва ҳама вақт биёбонгард бошанд. Ҳар гурӯҳе, ки ин муқарраротро риоят намекард ва инҳироф мегузид, осӣ ва исёнгар шинохта мешуд. Ин муҷиби он гашт, ки қабоили муғулӣ аз ҳаёт ва зиндагии маскунӣ безорӣ меварзиданд ва онро барои хонаводаи худ нанг ва боиси бадномӣ мешумориданд. Илова бар ин, хидмат дар сафи лашкар имтиёзи фаровонро ба дунбол дошт, ки онро наметавон бо вазъи фақирон ва раияти мазлум баробар донист. Бинобар ин, дар замони ҳукмронии муғулон ҳамин раванди заминдорӣ иқтоъдорӣ ва сиюрғотӣ вусъат пайдо кард. Ҳамоно танзили шадиди кишоварзӣ ва идораи шаҳр идома дошт. Ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки муғулҳо дар ободонии кишвари куҳан фаъолияте анҷом дода бошанд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Бе ҳеҷ муболиға, истилои муғул фоҷиаи беназири фарҳангкушӣ дар таърих буд. Ба қавли Вилл Дуронт ҳеҷ як аз тамаддунҳои таърих чун тамаддуни исломӣ дучори чунин вайрони ногаҳонӣ нашудааст. Истилогарони муғул барои он наомада буданд

фатҳ кунанд ва бимонанд, балки мехостанд бикӯшанд ва ғорат кунанд ва ҳосили онро ба Муғулистон бибаранд ва вақте ки мавҷи хуни муғул бозпас рафт, он чи бар ҷой монд, иборат буд аз иқтисод ба шиддати ошуфта , қанотҳои вайрон ё кӯр , мадрасаҳо ва китобхонаҳои сӯхта ва давлатҳои чунон фақир ва заиф ва аз ҳама гусаста, ки қудрати идораи кишварро надоштанд ва нуфусе, ки ба ними тақлил ёфта ва рӯҳия бохта буд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Фақат бо фидокориҳои бедареғи эрониён буд, ки ҳама харобиҳо дубора обод мешуданд, кишоварзӣ барқарор мегардид, шаҳрҳо эҳё мегаштанд ва илму маърифат дар ҳадди маҳдудтар рушд меёфт. Вале хуруҷи ҷадиди бодиянишинон тамоми заҳмат ва меҳнати эрониёнро барбод медод (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Ин раванди таърихи Осиёи Марказӣ аз тарафи олими барҷастаи олмонӣ Ландер ба хубӣ арзёбӣ шуда, эрониён баъд аз даврони пасравиҳои доимӣ, муҷаддадан қомат рост мекарданд ва на танҳо ҳуввияти миллиро наҷот медоданд, балки қисмати умдаи рӯҳияи худро бар ғолибони худ, аам аз: юнониҳо, арабҳо, туркҳо ва муғулҳо бор мекарданд ва пас аз харобкориҳои онон, барои худ шароити нави фарҳангӣ ба вуҷуд меоварданд. Ҳатто баъд аз чандин бор таваққуф, озодии сиёсии худро барқарор мекарданд. Ҷараёни ин пофишорӣ , нерӯи онҳоро дар охир коҳиш дод баъд аз он, ки ҳуввияти аввали худро ба таври диданашуда тағйир доданд, ҳарчанд ки дар давроне заиф шуда буданд, лекин аз эҳтимол дур нест, ки эрониён бори дигар ҳуввияти аввали худро аз махлутҳо соф хоҳанд кард (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Дарвоқеъ, эрониён ҳамон тавре ки арабҳоро тахти таъсир қарор дода ва онҳоро аз табиати зисти бадавӣ ба фарҳангу тамаддуни шаҳрнишинӣ мутамоил сохтанд, ҳатто муғулҳо ва туркҳоро низ бо мурури замон ба омӯхтани низоми кишвардорӣ ва шаҳрнишинӣ мутамоил карданд. Дар ин хусус мисоли равшан давлати Салҷуқӣ аст, ки ба воситаи эрониён низоми давлатдории онҳо ташкил ёфт ва дар ин робита нақши Низомулмулк, ки дастгоҳи вазорати ононро ба муддати 30 сол идора ва созмондиҳӣ кард (1162-1192 мелодӣ) хеле бузург аст (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Пас аз Чингиз фарзандонаш кори ӯро таъқиб карданд то навбат ба Ҳилок расид. Ӯ дар соли 650-и ҳиҷрӣ аз Муғулистон озими Эрон шуд ва вақте ба Самарқанд расид, Атомулки ҷанубӣ муаллифи «Таърихи ҷаҳонкушо» ба хидматаш даромад. Ҳилок дар соли 654 қалъаи Исмоилияро кушод. Дар соли 656 Бағдодро гирифт ва 37-умин халифаи аббосиро ба ҳалокат расонид ва ба ин тартиб, хилофати Аббосиёнро мунқариз сохт. Худи ӯ соли 663 мурд. Баъд аз Ҳилок ҷонишини ӯ , ки Илхониён номида мешуданд батадриҷ мутамаддин шуданд ва худ рӯҳияи эронӣ пайдо карданд (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Ғозон, аз хонаводаи Ҳилок, дар соли 694 ба салтанат расид ва ислом овард ва Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ муаллифи Ҷомеъ-ут-таворих»-ро вазорат дод ва ба эҷоди мадорис ва муассисаҳои хайрия иқдом кард. Бародараш Султон Муҳаммад султонияро наздики Зинҷон бино кард ва баъд аз ӯ писараш подшоҳ шуд ва ба соли 736-и ҳиҷрӣ даргузашт, силсилаи муғул рӯ ба инқироз гузашт (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Ба таври куллӣ дар ин даврон бозори илм рӯ ба касодӣ гузошт ва ниёз ба эҷоди мадорис , ба сурате ки қабл аз ҳамлаи ин қавм равнақ дошт, дигар эҳсос намешуд. То ин ки Ғозон мусулмон шуд ва ба эҳдоси абния ва имороти мутааддӣ аз қабили хонақоҳҳо, масоҷид ва мадорис дар чанд шаҳр ҳиммат гумошт ва соирин ҳам дар тармими марокиз ва мадорис саҳим шуданд. Вузарои муғул низ ҳар як теъдоди мадраса ва китобхона эҷод карданд (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Ибни Батута, ки дар замони ҳукумати Абӯсаид дар билоди Эрон саёҳат карда, аз вуҷуди мадорис дар Шавшатр, Шероз, Хоразм, Тӯс ва Нишопур иттилоъ додааст. Ӯ дар бораи мадрасае, ки дар Нишопур дидааст менависад, ки ин мадраса аз мадориси Хуросон ва Димишқ ба маротиб беҳтар буд. Ин матолиб нишондиҳандаи ҳақиқат, ки баъзе аз шаҳрҳо монанди Нишопур, ки бар асари ҳамлаи муғул ба куллӣ вайрон шуда буд боз ҳам боҳиммати аҳолӣ таҷдид ва иморат ёфт ва дар Эрони ғоратзада аз нав мадорисе бунёд шуд ва биноҳои зебое падид омад (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Ҳануз латамоти ворида аз ҳамлаҳои муғул ҷуброн нашуда буд, ки амир Темури Саффоқ дар Мовароуннаҳр зуҳур кард ва дар соли 782 ба ин сарзамин ҳамлавар шуд

ва то соли вафоташ, 807, чандин бор ба мамлакати мо тохт ва бо ғаниматҳое, ки ба даст меовард, ба пойтахташ Самарқанд бозмегашт. Темур дар соли 798 Москва ва дар соли 800 Ҳиндустонро тасхир кард. Дар солҳои 802 ва 803 Сурияро то соҳили Мадитрона гирифт, Усмониҳоро шикаст дод, Измирро хароб кард, султони усмониро асир ва Мисрро мутеъ сохт (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Натиҷаҳои шуми ҳуҷуми Чингиз ва Темур, илова бар қатли ом ва ғорату вайронӣ ва эҷоди ваҳшат, таъсири бисёр ҳавлнок буд, ки дар рӯҳияҳо ба ҷо гузошт, ки аз ҳама шумтар инҳитоти ахлоқиро метавон ном бурд. Ин қавмҳои хунхор барои расидан ба мақом ё мансаб ё ҳифзи он аз куштани падар , писар ва бародари худ ибо надоштанд. Метавон гуфт, ки аз тарс ё ҳасад тақрибан тамоми вузарои худро ба қатл расониданд. Шиканҷа, забти амвол, сар ба нест кардани ногаҳони хидматгузорони арҷманд ва баландмақом, аз ҳаводиси оддӣ ва рӯзмарра буд. Итминон ва эътимоди мардум ба оянда ба куллӣ салб шуда, ноумедӣ ҳамаро фаро гирифта буд. Чоплусӣ аз соҳибони зар ва зӯр роиҷ ва сароҳати лаҳҷа ва шаҳомат ва иффат аз миён рафта, гӯшагирӣ ва хомушӣ ва таслим ба қазо ва қадар дастури сулаҳо шуда буд (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

Аммо иллати асосӣ, ки муҷиби ҳамаи ин ақибмондагиҳои кишварҳои шарқи исломи дар муқобили Ғарби насронӣ шуда буд аз он Нишот мегирад, ки ҳокимони бодиянишин назар ба сатҳи поини зиндагии худ, таваҷҷуҳ ба идораи шаҳрҳо ва зироаткорӣ ва ободонӣ ва рушди фарҳанг надоштаанд ва дар роҳи муомилоти тиҷоратӣ ва табодули фарҳангӣ миёни Ғарбу Шарқ мамониат ба вуҷуд меоварданд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Дар ибтидои қарни 16 Осиёи Миёна аз нав гирифтори истилои қабилаҳои бодиянишин шуд, ки онҳо бо номи Ӯзбек шинохта шуданд. Бор тавлид муътақид аст, ки ақибмондагии фоҳиши иқтисодӣ, иҷтимоии Осиёи Миёнаро ба хуруҷи онҳо вобаста медонад ва таъкид менамояд, ки ба воситаи ҳамин давра, ҷангҳои хунини мулуки алтавоифӣ байни қабоили турки Осиёи Миёна тавсеа ёфт, ки онҳо то замони ишғол ин минтақа аз ҷониби русҳо ва хитоиҳо давом кард. Забт намудани қисмати умдаи Осиёи Миёна аз тарафи чунин мардуме, ки аз назари маданият ақибмонда буданд (мисли ӯзбекҳо) муҷиби коҳиши шадиди тиҷорати байналмилал дар Осиёи Миёна шуд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Пас аз Амир Темур, Шоҳрух ва писаронаш чанде салтанат карданд ва бахше аз сарвати ҳингуфтиро , ки Темур аз ғоратгариҳо ба даст оварда буд, сарфи ҳунарҳои зебо, бахусус меъморӣ карданд. Авосити қарни 9- ум байни афроди бар сари салтанат низоъ бархост, ки Исмоили Сафавӣ онопро мағлуб сохт ва ба соли 907 дар Табрез тоҷ бар сар ниҳод (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

**Зуҳури сафавия ва нақши он дар арсаҳои мазҳабӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмии эрониён.** Дар Эрон давлати Сафавӣ зуҳур кард.Онҳо аз табори туркҳои Қизилбош буданд, вале авомили муҳими мавҷудияти онҳоро дар байни дигар хонаводаҳои турк табори суннимазҳаб замонат ва кафолат дод ва он ҳамоно ба расмият даровардани мазҳаби ташайюъ будааст. Дар заминаи ин иқдомоти онҳо, ҳадафҳо ва ғаразҳои сиёсӣ ва иҷтимоии истилогарони турк печидатар ва мураккабтар гардид. Онҳо пайравони мазҳабҳои ташайюъ ва тасаннунро ба худ ёвари мададгор сохта, ифрот ва тафрити мазҳабиро ба ҳадди ниҳоӣ расониданд. Онҳо аз шеваҳои дастаҷамъӣ нобуд кардани мухолифини ҳамдигар ибо намеварзиданд ва ин амал як амри муқаррар ва табиӣ қарор гирифт. Бинобар ин, рӯйи кор омадани давлатҳои фавқуззикр, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва фарҳангии Осиёи Миёнаро ниҳоятан сангин ва ошуфта сохта, ҷангҳои хунини қудратталабӣ ва мулукуттавоифӣ хеле шиддат ёфта ва дар натиҷа муҷиби тазъифи ҳамаро фароҳам намуд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Ҳукумати Сафавиён ва ихтиёр кардани ташайюъ ва ба дунболи он ҷангҳои Сафавиён бо ӯзбекҳои Осиёи Марказӣ амалан тиҷорати ин роҳи куҳанро дучори ихтилол кард. Аз он пас иртиботи минтақаи Осиёи Марказӣ бо мардуми сарзаминҳои шарқи он бештар шуд. Пас аз Шайбониҳо Истироханиён ва дигарон бар ин минтақа ҳукмрон буданд. Хоннишинҳои Фарғона ва Хоразм қабилаҳои ӯзбек, қазоқ ва қирғиз пирӯз шуданд ва пойтахти ҷадид дар Хуҷанд бино ниҳоданд.

Донишманди фаронсавӣ Орнелд Тенбе дар ин бора мегӯяд, ки шоҳ Исмоил дар асари муҷодала бо султон Салим ва расмият бахшидан ба мазҳаби ташайюъ, аз байн

бурдани машойих ва бузургони тасаввуф, дар натиҷа байни ду тамаддуни эронӣ ифтироқ андохт ва барои муддати чаҳор қарн дар замони султон Салим то камоли Отатурк, ки (якбора тамаддуни эрониҳоро раҳо карда, тамаддун ва фарҳанги ғарбиро монанди либоси нав ахз кард) на танҳо робитаи Шарқу Ғарб қатъ гардид ва бахши тамаддуни эронӣ дар атрофи ин сарзамини паҳновар қатъ шуд, балки Эрон баякбора аз нуқоти густариши тамаддуни худ низ ба муносибати ихтилофи шиа ва суннӣ, маҳрум шуд. Илова бар ин ба воситаи тарвиҷ ва таваҷҷуҳ ба густариши шиа таваҷҷуҳ ба фалсафа ва ҳукумат дар ин забон ранг бохт ва ин амр ба якбора тамаддуни эрониро аз он раванди илмӣ дар андохт (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

Назар ба авомили дохилӣ ва хориҷӣ, Эронзамин, ки як замон кишвари мутараққӣ ва шукуфои ҷаҳон ба шумор мерафт ба таназзули шадиди таърихӣ ва фарҳангӣ дучор шуд, авзои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мамлакат рӯ ба таназзур ниҳод ва ҷангу ҷидолҳои феодалӣ ва тавоифӣ ба авҷи аъло расид. Эронзамине, ки одатан аз як давлати муқтадир ва мутамарказ шомил буд, акнун ба ҷавлонгоҳи хонадонҳои турктабор, усмонӣ, сафавӣ, шайбонӣ ва гургонӣ табдил гардида буд. Дар асари ин ҷангҳои доимии хонумонсӯз мамолики фавқуззикр рӯ ба харобӣ ов452 ва аз чунин ҳолати парешон ва пароканда кишварҳои шарқи наздик ва миёна истифода намуда, мамлакатҳои Ғарби сармоядор ба қасди тасарруф ва табдил ба мустаъмароти худ иқдом карданд ин амалиёти онро дар зери унвони муомилоти тиҷоратӣ сурат мегирифт. (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387)

Дар асари ҳуҷуми афғонҳо дар соли 1711-и мелодӣ ва дигар ҳараҷу марҷҳои дохилӣ ва нобасомониҳои давраи Нодиршоҳ ва кашмакашиҳои ҳукуматдорони Қочор, Эрон ба ақибмондагӣ ва таназзули шадиде гирифтор шуда буд. Ҳама дастовардҳои бузурги моддӣ ва маънавии эрониён чи дар сарзаминҳои худ ва Хуросон ва Мовароуннахр ба боди фано фурӯ рафта буданд. Зарурати эҳё ва таҷдиди онҳо ба миён омад, ки дар раъси ин наҳзати миллӣ, маорифпарварон ва равшанфикрон қарор гирифтанд (Ҳақназаров Назар, тарҷумаи Самадӣ,1387).

**Осиёи Марказӣ дар зери ҳукмронии русҳо.** Ҷангҳо ва ихтилофҳои дохилӣ байни ҳуккоми маҳаллӣ минтақаро барои султаи Русия дар садаи 19-уми мелодӣ омода сохт. Дар авосити қарни 19-уми мелодӣ , ки батадриҷ қаламрави Русия дар ҷиҳати ҷануб ба тарафи Афғонистон густариш меёфт, марокизи тоҷикнишин, монанди Ӯротеппа ва Хуҷанд ба Россия ҳамроҳ шуд. Дар ҳамин замон қаламрави амирнишини Бухоро густариш меёфт ва дар соли 1878 Қаротегин ва Дарвозро шомил мешуд. Ба ин тартиб пеш аз поёни садаи 19-ум бахшҳои шимоли минтақа дар қаламрави ҳукумати Россия ва ҷануби он зери фармони амири Бухоро даромад, ки худ таҳти ҳимояи Россия буд (Тоҷикистон, дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилали Вазорати умури хориҷаи Эрон, 1387).

Дар охирҳои асри дувоздаҳум ва аввалҳои асри сездаҳуми ҳиҷрӣ ба иллати вуҷуди норасоиҳо дар низоми иҷтимоии Эрон, султаи бегонагон бар шарқ ва ҷануби Эрон, ҷангҳои Кавказ ва натиҷаҳои ғайримунтазираи онҳо, ҳараҷу марҷи дохилӣ, буҳронҳои иқтисодӣ, ақибмондагии санъатӣ ва таҷзияву таҳлили илали пешрафт ва тараққии кишварҳои аврупоӣ ва таъсиси мадориси ҷадидро ба сабки мадориси хориҷӣ лозим донистаанд ва пешқадам шудаанд, то маорифи ҷадиди Эронро бунёд ниҳанд (Манучеҳри Вакилиён, 1381).

### АДАБИЁТ


1. Ибни Халдун.Муқаддимаи ибни Халдун. -Теҳрон , 1366.
2. Ибни Маскуя Розӣ. Таҷориб-ул-умам. -Теҳрон, 1369.
3. Ибни Маскуя Розӣ. Тоҷикистон, -Теҳрон, дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилали вазорати умури хориҷа, 1387.
4. Деронт Вилл. Таърихи тамаддун. - Теҳрон, 1368.
5. Деронт Вилл. Таърихи тамаддуни машриқзамин. Гаҳвораи машриқзамин. Тарҷумаи Аҳмади Аром. -Теҳрон, Иқбол , 1343.
6. Дяконов А. М. Таърихи Эрони бостон. -Теҳрон, 1346.
7. Петрошевский ва дигарон.Таърихи Эрон дар даврони бостон то поёни садаи 18-ум. -Теҳрон , 1348.
8. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷилди савум ва чаҳорум -Теҳрон , 1366.
9. Ровандӣ Муртазо. Серфарҳангии Эрон. –Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1362.
10. Ровандӣ Муртазо, Серфарҳангӣ ва таърихи таълиму тарбият дар Эрон ва Теҳрон. Интишороти нигоҳ, 1367.
11. Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъ-ут-таворих, Боку, 1357.

12. Зарринкӯб Абдулҳусен. Таърихи мардумим Эрон баъд аз ислом. -Теҳрон, 1364.
13. Зарринкӯб Абдулҳусен, Таърих дар Тироз. –Теҳрон: Интишороти Амири кабир, 1354.
14. Зарринкӯб Абдулҳусейн. Таърихи мардуми Эрон қабл аз ислом. -Теҳрон, 1363.
15. Шиблӣ Аҳмад. Таърихи омӯзиш дар ислом тарҷумаи Муҳаммадҳусейни Сокит. –Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1359.
16. Сиддиқ Исо. Таърихи фарҳанги Эрон аз оғоз то асри ҳозир. –Теҳрон: Созмони тарбияти муаллим ва таҳқиқоти тарбиятӣ, 1362.
17. Сиддиқ Исо. Таърихи фарҳанги Эрон. –Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1362.
18. Сиддиқ Исо. Таърихи фарҳанги Эрон. –Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1366.
19. Сафо Забеҳулло. Омӯзиш ва дониш дар Эрон. -Теҳрон, 1363.
20. Сафавӣ Амонулло. Таърихи омӯзиш ва парвариши Эрон аз Эрони бостон то 1380 ҳ.ч. –Теҳрон: Рушд, 1383.
21. Атомулки Ҷӯянӣ Алоуддин. Таърихи ҷаҳонкушо. -Теҳрон, 1371.
22. Ғубор Мирғулом. Афғонистон дар масири таърих, 1346.
23. Ёршотир Эҳсон. Донишномаи Эрон ва ислом. –Теҳрон: бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1356.

**ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ПАДЕНИЕ УРОВНЯ РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК В ИРАНЕ**

Иран - страна древней и высокоразвитой цивилизации. История Ирана охватывает обширный хронологический период. Ираноязычные народы приходили в соприкосновение с различными государствами, со многими языками, разнообразнейшими культурами, но, тем не менее, создали свою собственную жизнь – политическую, экономическую, культурную и литературную, изучение развития которой представляет огромный интерес. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению основные факторы, влияющие на развитие наук, особенно естественных наук, в различные исторические периоды в Иране.

**Ключевые слова:** Иран, история, цивилизация, развитие наук, научная и культурная жизнь, естественные науки, изучение истории развития наук.

**MAIN FACTORS INFLUENCING THE DECREASE OF THE LEVEL OF DEVELOPMENT NATURAL SCIENCES IN IRAN**

Iran is a country of ancient and highly developed civilization. The history of Iran covers an extensive chronological period. The Iranian people came into contact with different countries, with many languages, different cultures, but, nevertheless, created his own life - political, economic, cultural and literary, a study of the development which is of great interest. In this article the author subjected to review and study of the main factors influencing the development of the Sciences, especially the natural Sciences, in different historical periods in Iran.

**Key words:** Iran, history, civilization, science, engineering, scientific and cultural life, science, study of the history of science.

**Сведения об авторе:** ***Козими Растагор*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

## КАЛИДИ РАВНАҚИ ЗЕҲН

***Б. Зоолишоева, Б.Бурҳонов***
**Пажӯҳишгоҳи такмили таълимоти касбии ВМКБ**

Ҷаҳони муосир имрӯз бо суръати баланд тағйир меёбад ва ин тағйирот хусусияти ҷаҳонишавӣ дорад. Вобаста ба тағйирёбии иқтидори илмию технологии ҷомеа ва моҳияти иртиботии он тамоми сохтори иҷтимоию фарҳангии тамаддуни нави рушдёбанда тағйир меёбад. Дигаргуниҳои имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ташаккули шахсияти баркамол, эҷодкор, фаъоли ва кордону масъулиятшиносро ба миён гузоштаанд.

Дар талаботи барномаҳои ҳозиразамони мактабҳои таҳсилоти умумӣ фаъолияти тадқиқотии кӯдакони синни хурди мактабӣ мақоми ба худ хос дорад. Чунин фаъолият, ки хонандаро дар мақоми «тадқиқотчӣ» мегузорад, дар низоми таълими инкишофёбанда мавқеи пешбаранда дорад. Барои инкишофи малакаҳои тадқиқотии кӯдакон ҷустуҷӯ ва амалӣ намудани шароитҳое, ки ба мақсадҳои гузошташуда ҷавобгӯ бошанд, зарур аст.

Хонандагони имрӯзаро усули анъанавии таълим қонеъ гардонда наметавонад. Толибилмон мехоҳанд, ки омӯзгорон онҳоро бо роҳҳои нави таълим ба омӯзиш ҷалб намоянд. Фаъолияти маърифатии хонандагон бояд характери эҷодӣ дошта, онҳоро ба мустақилият ва эҷодкорӣ ҳидоят кунад. Барои амалӣ намудани ин вазифа истифода намудани методи тадқиқот ба мақсад мувофиқ аст. Моҳияти асосии ин метод аз он иборат аст, ки дар рафти он омӯзгор фаъолияти ҷустуҷӯии хонандагонро

ба воситаи пешниҳод намудани масъалаҳо ва вазифаҳои нав инкишоф медиҳад. Фаъолияти омӯзгор дар ҷараёни истифодаи ин метод аз муайян намудани мақсад ва вазифаи тадқиқот иборат буда, фаъолияти мустақилона кор кардани шогирдонро ташкил мекунад. Хонандагон бошанд ба мустақилона дарёфт намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои нав кӯшиш мекунанд. Методи тадқиқот асосан ба проблемагузорӣ такя карда, дар рафти он таҷрибаи эҷодии хонандагон мустақиман амалӣ гардонда мешавад. Барои ташаккули малакаҳои тадқиқотии хонандагони синни хурд шароитҳои зайл заруранд:

*Мақсаднокӣ ва системанокӣ (низомдор).* Кор оид ба инкишофи малакаҳои тадқиқотӣ бояд дар синф мунтазам чи дар фаъолияти синфӣ ва чи берунazсинфӣ ҷараён гирад. Омӯзгор бояд дар таълими мавзӯъҳо методи тадқиқотиро бамаврид истифода намуда, маводи фанҳои таълимиро бо мақсади ташаккули малакаҳои тадқиқотии хонандагон истифода барад. Бо мақсади баланд бардоштани шавқу рағбати маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълими фанҳо методи тадқиқотро мунтазам истифода намояд.

*Далелнокӣ (асоснокӣ).* Ба хонандагон дар фаҳмидану дарк намудани мақсади фаъолияти мустақилонаи тадқиқотиашон ёрӣ расонидан лозим аст. Онҳо бояд дар рафти тадқиқот имкониятҳои амалӣ намудани қобилияту истеъдоди худ, воситаҳои худинкишофдиҳӣ ва худташаккулдиҳиро дида тавонанд.

*Муҳити эҷодӣ.* Омӯзгор бояд дар рафти дарс ва чорабиниҳои беруназдарсӣ ба ташкили муҳити эҷодию тадқиқотии хонандагон мусоидат намуда, шавқу рағбати онҳоро нисбати кори тадқиқотӣ дастгирӣ кунад.

*Ҳузуру ҳаловати равонӣ.* Муаллим бояд дар ҷараёни ҳар як фаъолияти таълимӣ кӯшиш кунад, ки хонандагонро ба тадқиқот ва ҷустуҷӯ ҳавасманд гардонида, падидаҳои эҷодии онҳоро инкишоф диҳад. Хонандагон тадқиқоти таълимиро на воситаи маҷбурӣ, балки майлу рағбати маърифатӣ донанд. Онҳо бояд аз хатогиҳо ва баҳои манфӣ дар ҳарос набошанд. Вазифаи омӯзгор на фишор овардан ба майлу хоҳиш, фикрҳои эҷодии хонандагон, балки баръакс онҳоро дастгирӣ намуда, ба маҷрои муайян равона кардан аст. Ақидаҳои «Ту нодуруст кардӣ», «Ту ин хел накардӣ» ба майлу хоҳиши кор кардан, пешрафти онҳо монеъ мешавад. Ба ҳар як хонанда бояд имконияти қувваи худро ҳис кардан, ба худ боварӣ ҳосил кардан дода шавад.

*Шахсияти омӯзгор.* Барои ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ, ки ба он қобилияти тадқиқотӣ низ дохил мешавад, омӯзгоре лозим аст, ки ба ташкили муҳити кори эҷодӣ ҳаракат карда, худ низ дорои донишҳои лозимӣ, тайёрии пешбурди машғулиятҳои таълимӣ оид ба фаъолияти тадқиқотӣ бошад.

*Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ.* Чун сухан дар бораи хонандагони синну соли хурди мактабӣ меравад, масъалаи ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии онҳо ниҳоят муҳим аст. Ташаккули малакаҳои тадқиқотӣ бояд ба дараҷаи дарккунии кӯдакона мувофиқ бошад. Мавзӯи тадқиқот бояд ба синну соли хонандагон мувофиқат кунад, барои онҳо иҷро намудани тадқиқот аҷоиб ва манфиатнок бошад. Одатан чунин мавзӯъҳо баъд аз саёҳатҳои маърифатӣ, сафар кардан ба ҷойҳои дигар пайдо мешаванд.

*Мавзӯи кори тадқиқотӣ.* Хонандаи имрӯза бояд мушоҳидакор, аҳлилгар, пешниҳодгар ва барои муайян кардану ҳалли ин ё он масъала тавонад, қарори лозимӣ қабул кунад. Шахсе, ки тавонад мустақилона пешравиро муайян карда, нақша тартиб диҳад ва аз рӯйи он амал карда, корашро таҳлил кунад, муваффақият ва норасоиирo дар кори худ муайян намуда, баҳри бартараф намудани онҳо кӯшиш кунад, дорои тафаккури тадқиқотӣ мебошад.

Кӯдак ба омӯзиш шавқу ҳаваси зиёд дорад. Барои кӯдакон аз рӯзи ба дунё омаданашон ҳама чиз аҷоиб аст. Агар маҳоратҳои тадқиқотии кӯдакро инкишоф надиҳем, онҳо боздошта мешаванд. Чунин муносибат дар таълими хонандагони хурдсол низ вуҷуд дорад. Дар таълими барвақти кӯдакон муҳити омӯзиши психологӣ-педагогӣ ва талаботҳои синнусолиро ба назар гирифтан хеле муҳим аст.

Вазифаҳои муаллим дар ин самт:

- муайян намудани усулҳои педагогӣ, самаранокии омӯзиши тадқиқотии хонандагон;

- барои амалӣ намудани омӯзиш тавассути тадқиқот, муҳайё намудани шароити дар амал истифода бурдани он озмоиш гузаронидан зарур аст.

Дар асоси ташкил намудани кори тадқиқотӣ чунин принсипҳои психологӣ-педагогӣ лозиманд:

-ҳавасмандӣ ба мавзӯъ дар асоси таҷрибаи ҳаётии кӯдакон ва хусусиятҳои синнусолии онҳо муайян карда шавад;

- агар кӯдак ихтиёрӣ ба фаъолияти тадқиқотӣ машғул шавад, самараи хуб медиҳад;

-барои бомуваффақият ба роҳ мондани тадқиқот зарур аст, ки ҳамдигарфаҳмӣ байни кӯдак ва муаллим, розигӣ ба фаъолият, муносибати хуб пойдор бошад.

Барои ҷорӣ ва инкишофи фаъолияти тадқиқотӣ шароитҳои зеринро муайян намудан лозим аст:

- мазмуни мавод ва сохтори кор;
- маводҳои ёрирасон;
- мустақилият;
- ҳисси маъсулиятнокӣ.

Мавзӯи тадқиқот бояд аз мавзӯъҳои фаннӣ ё ба мавзӯъҳои фанни наздик интихоб гардад. Муҳим аст, ки мавзӯи интихобшудаи тадқиқот ба кӯдакон шинос ва аҷоиб бошад. Муайян намудан мақсадҳои таълимии тадқиқот бо ҳамроҳии кӯдакон аз қабили: барои иҷрои ин барнома кадом маҳоратҳо лозиманд? Оё шумо чунин маҳоратҳоро доред? Чӣ тавр онҳоро ба даст овардан лозим аст? ва ғайра аз аҳамият холӣ нест. Барои тайёр намудани хонандагон ба фаъолияти тадқиқотӣ машғулияти зеринро мисол овардан мумкин аст:

**<u>Инкишофи маҳорати муайян кардани душворӣ:</u>**Супориши 1: «Ин ҷаҳонро бо чашми дигарон нигар» «Осмонро абрҳои сиёҳ фаро гирифтанд ва барф борид. Зарраҳои калон-калон дар болои бомҳо, тангкӯчаҳо, роҳҳои калон ...».

Матнро давом диҳед, худро дар нақши бачае, ки дар ҳавлӣ бозӣ мекунад; ронандани мошинаи боркаш; лётчик; мири шаҳр; зоғоне, ки дар болои шохи дарахт нишастаанд, тасаввур кунед.

Супориши 2: «Нақлро дар асоси ҷумлаи зерин ба охир расонед».

«... Барои ҳамин ман вазифаи хонагиамро иҷро накардам».

«...Ҳамсинфам ба ин тамоман диққат надод».

**<u>Инкишофи маҳорати тахминкунӣ:</u>**

Супориш: «Биёед якҷоя фикр кунем».

Машқ барои муҳайё сохтани шароит .

Тасаввур кунед, ки шумо: намак, шакар, телефони дастӣ доред.

Ту ин ашёҳоро кай ва дар кадом маврид истифода мебарӣ? Дар кадом муҳит ин ашёҳо тамоман лозим намеоянд ва ҳатто зарар доранд?

Машқ барои муайян намудани сабаби воқеа:

«Шир турш шуд» сабаб чӣ буд?

«Писарча ба дарди ишкам гирифтор шуд».

**Инкишофи маҳорати савол додан:**

Бозӣ «Ёбед, сухан дар бораи чӣ меравад»?

Хонанда саволро хонда ба он бо овози баланд ҷавоб медиҳад.

Масалан, дар варақча навишта шудааст. «Чаро бумҳо шабона ба шикор мебароянд?». «Барои он ки онҳо рӯзона қобилияти пасти биноӣ доранд ва шабона ба шикор мебароянд». Дигарон бояд ёбанд, ки савол чӣ гуна буд? Барои он, ки хонандагон ба нақша гирифтани ягон корро ёд гиранд, фаъолиятҳои тадқиқотиро зиёдтар гузарондан лозим аст. Масалан, кори хонандагони синфи 3-юмро аз назар мегузаронем.

Мавзӯи омӯзиши тадқиқотӣ: «Паррандагони муқимӣ ва мавсимӣ»

Объекти омӯзиш: паррандаҳо

Мавод барои тадқиқот: ғизогирӣ, нишонаҳои зоҳирии паррандаҳо.

*Мақсади тадқиқот*: чаро баъзе паррандагон ҳазорҳо километрро тай мекунанд, аммо баъзе паррандагон муқимӣ дар як шаҳр ё деҳа зиндагӣ мекунанд?

«Мо ин мавзӯъро барои он интихоб намудем, ки паррандаҳоро бисёр дӯст медорем. Дар фасли зимистон барои онҳо ҷойи хӯрок ва лона месозем. Барои мо мушоҳидаи паррандагон ниҳоят маъқул аст. Мо дар тааҷҷубем: чаро баъзе

паррандагон ба ҷойҳои гарм парида мераванд, аммо баъзе паррандагон дар маҳали мо мемонанд?

Мо китобу маҷаллаҳои зиёдеро дар бораи паррандаҳо хондем, баъзе паррандагонро дар маҳалли худ мушоҳида кардем. Барои ёфтани баъзе саволҳо муаллима ба мо ёрӣ расонд. Методҳои асосии тадқиқот инҳоянд: омӯхтани китобҳо; мушоҳида;муқоиса; ҷамъбаст;

Аввал мо майна, парасту, гунҷишкакро муқоиса кардем. Дарозии қади майна 23 см, вазнаш 75 г аст. Дар нимаи дуюми моҳи март майна барои лонагузорӣ ба ҷойи дигар мекӯчад. Майна хусусияти фоиданок низ дорад, вай ҳашаротҳоро, ба монанди тортанак ва дигар зараррасонҳои хоҷагии халқ ҳамчун ғизо истифода мебарад. Моҳи сентябр ва аввали моҳи октябр майнаҳо барои зимистонгузаронӣ ба ҷойҳои гарм парвоз мекунанд.

Парасту 23 см дарозӣ ва 60 г вазн дорад. Парасту қисми зиёди вақтро дар парвоз мегузаронад. То ҳатто онҳо фақат дар фасли тобистон об мехӯранд. Парасту аслан аз Африка аст. Онҳо дар дарахтон хеле кам лона мегузоранд. Бештар вақт дар ҷойҳои аҳолинишин лона мегузоранд.

Дарозии гунҷишкак 12-15 см ва вазнашон 70 г аст. Гунҷишкак қанотҳои кӯтоҳ ва гирдшакл дорад. Гунҷишкак дар он ҷойҳое, ки одамон зиндагӣ доранд, вомехӯрад. Хӯроки гунҷишкакон растаниҳои донагӣ, мева, инчунин ҳашаротҳо мебошанд.

Намуди зоҳирӣ, вазни ҷисми ин паррандагон як хел аст. Фақат бо даромадани сармо парасту ба ҷойҳои гарм парвоз мекунад, аммо гунҷишкак дар ҷойи муқимӣ мемонад.

<u>Хулоса:</u> сабаби кӯчи паррандагон дар ғизогирии онҳо нест. Мумкин, кӯчидани паррандагон аз вазни онҳо вобаста бошад? Ин мисолро дар алошақшақа, лаклак, дурроҷ (навъе аз паррандаҳои калони ҷангалӣ) мушоҳида мекунем.

Алошақшақа 500г вазн дорад. Алошақшақа думи дарози зинашакл, қанотҳои кӯтоҳи паҳн дорад. Алошақшақа, ҳашаротҳо, муш, тухми паррандаҳо, донагиҳо, каду, офтобпараст, харбуза, тарбуз, алафҳои бегонаро хеле дӯст медорад.

Дурроҷ 85 см дарозӣ дорад. Вазни дурроҷи нарина 6 кг. Дурроҷ вазнин ва сермағал, лекин тез парвоз мекунад. Аз болои дарахт ғизо мегирад. Тобистон ва тирамоҳ барг, мева, муғчаи дарахтон, ҳашаротҳои гуногунро истеъмол мекунад. Зимистон хӯроки асосии дурроҷ барги дарахти санавбар аст. Дурроҷ паррандаи муқимӣ мебошад,

Лаклак паррандаи ниҳоят калонҷусса, вазнаш 5 кг мебошад. Хӯроки дӯстдоштаи лаклак, қурбоқа, мор, ҷонваракони ҷисман хурд, моҳичаҳо аст. Лаклаки сафед барвақт бо одамон зиндагӣ карданро одат кардааст. Вай дар болои боми хонаҳои истиқоматӣ, то ҳатто дар такягоҳҳои барқгузаронӣ лона мегузорад. Барои зимистонгузаронӣ лаклак аз моҳи август сар карда, то моҳи октябр мекӯчанд. Лаклак дар Алтай ва Қазоқистон вомехӯрад.

Дурроҷ, алошақшақа-паррандагони калон ва муқимӣ мебошанд. Лаклак нисбат ба онҳо калонтар аст, аммо муқимӣ нест.

<u>Хулоса:</u> маълум гардид, ки сабаби кӯчидани паррандагон аз вазни онҳо вобаст нест.

Дар рафти кор мо бисёр ахбороти навро доир ба паррандагон омӯхтем. Тахмин дар ин аст, ки кӯчидани паррандагон ба ҷойҳои гарм ба ғизогирии онҳо вобаста набудааст. Аз муаллимаи биология мо фаҳмидем, ки сабаби кӯчидан ин хислати модарзодӣ мебошад. Боз ин масъаларо дар синфҳои болоӣ мушаххастар меомӯзем.

Ташаккули маҳорат ва малакаи фаъолияти тадқиқотӣ зина ба зина мувофиқи талаботи барнома гузаронида мешавад.

Диққати асосӣ ба қисми ҷамъбастӣ- муаррифӣ, ё ҳимояи барнома мебошад.

Кори ҳар як хонандаро новобаста ба сифати он дастгирӣ (таъриф) кардан лозим аст. Чунки майлу рағбат ва қобилияти тадқиқотии хонандагон барои давом додани кори тадқиқотӣ инкишоф дода мешавад.

Метод ва тарзҳои таълим чизи шахшуда набуда, доимо инкишофу такмил меёбанд. Хусусан дар шароити ҳозираи афзудани доираи маълумот комилан такмил додани тарзу усулҳо хеле муҳим аст. Раванди такмили методҳо бояд ба фаъол кунондани шавқу ҳаваси маърифатҷӯйии талабагон, омӯзиши фаъол, инкишофи ҳаматарафаи онҳо нигаронида шавад.

Зарур аст, ки омӯзгорон баҳри баланд бардоштани сифати таълим дар ҳар як машғулияти таълимӣ аз методҳои гуногун истифода бурда, хонандагон тавонанд, масъалаҳои гуногуни ҳаётиро мустақилона ҳал кунанд.

**АДАБИЁТ**

1.Ф. Шарифзода. Педагогика: Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. –Душанбе, 2010.
2. М. Лутфуллоев. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. -Душанбе. 2007.
3.С.Акрамов.Табиатшиносӣ. -Душанбе, 2008.

**КЛЮЧ К РАЗВИТИЮ ИНТЕЛЛЕКТА**

В требованиях современных программ для общеобразовательных школ особое место занимает исследовательская деятельность младших школьников. Такая деятельность, которая ставит ученика в роль «исследователя», занимает ведущую роль в процессе развивающегося обучения. Для развития исследовательских навыков необходимы поиски и реализация условий, соответствующие поставленным целям. Целью настоящей статьи является способствование соответствию обучения государственному стандарту и научно –техническому прогрессу в области образования. В статье предлагаются нестандартные методы и приёмы при помощи, которых можно повысить интерес учащихся к обучению.

**Ключевые слова:** исследовательская деятельность младших школьников, процесс развивающегося обучения, соответствие обучения государственному стандарту, нестандартные методы и приёмы обучения.

**THE KEY TO THE DEVELOPMENT OF INTELLIGENCE**

According the demand of contemporary curriculum of primary class's inquiry based activity plays particular role. Activity that leave the learners as researcher play main role in learners progress. To develop ability of children there is need to practice the conditions that meet targeted objectives. The article describes nontraditional and method arise children interest.

**Key words:** research activities of the pupils, the process of developing training, compliance training to the state standard, non-standard methods and techniques of teaching.

**Сведения об авторах:** ***Б.Зоолишоева*** **–** методист отдела начальных классов ИУПО ГБАО
***Б. Бурхонов*** - методист отдела начальных классов ИУПО ГБАО

# АСАРБАХШИИ ОМӮЗИШИ МАҲОРАТҲОИ ЗИНДАГӢ БАР КӮДАКОН

***Фотимаи Қосимзода***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ**

Маҳоратҳои зиндагӣ тавонмандиҳое аст, ки фардро барои рӯёрӯӣ бо мушкилоти зиндагӣ, созгории бештар ва дар натиҷа, зиндагии беҳтар, омода месозад. Омӯзиши ин маҳоратҳо дар ду сатҳ пайгирӣ ва бо ҳадафи коҳиши мушкилот, бавижа дар мавриди кӯдакон ва навҷавонон анҷом мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба таърифи маҳоратҳои зиндагӣ ва баррасии аҳдоф, барномаҳо, мабонии назарӣ ва зарурати омӯзиши онҳо, асарбахшии он бар кӯдакон ва навҷавонон саҳфӣ мешавад. Аммо барои баррасии амиқтари ин асарбахшӣ, ҳар васфҳои мутааддиде дар Эрон ва ҷаҳон садрат гирифта аст, ки ҳамаи онҳо нишондиҳандаи ин асарбахшӣ мебошанд. Ба иллати ҳамин асарбахшӣ, созмонҳои байналмиллалӣ, аз ҷумла Юнисеф, Юнеско ва созмони беҳдошти ҷаҳонӣ, баҳри омӯзиши ин маҳоратҳо бавижа дар мавриди кӯдакон ва навҷавонон, таъкид меварзанд.

Ҳар васфҳои анҷомшуда дар ду бахш ироа мегардад:

– ҳар васфҳои анҷомшуда дар Эрон:
– ҳар васфҳои анҷомшуда дар соири кишварҳои ҷаҳон.

Ин пажӯҳишҳо, мақолаҳои кӯдакон ва навҷавонон, аз ҷумла эътиёд, суъи масрафи имдод, худ нигоҳдорандаи манфӣ, афсурдагӣ, изтироб, таъбизот, коҳиши амалкарди таҳсилӣ, камбудии эътимод ба нафс, пархошгарӣ, худкӯшӣ, нотавонӣ дар ҳалли масъала ва дигар носозгориҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Омори ниҳоду созмонҳои байналмилалӣ ва миллӣ, нишондиҳандаи афзоиши осебҳои равонӣ-иҷтимоӣ, бавижа дар насли ҷавон ва кӯдакони ҷаҳон аст. Коҳиши ин мушкилот, беҳдошт ва саломатии равонии фардро, ки аз ниёзҳои асосии инсонҳост, таъмин мекунад. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ нишон медиҳанд, ки омӯзиши ин маҳоратҳо яке аз роҳбурдҳои асосӣ дар заминаи бештар ва коҳиши мушкилот ва таъмини саломатии фардӣ ва иҷтимоӣ аст.

Ҳадафи аслии ин мақола, нишон додани асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар кӯдакон ва навҷавонон бо истинод ба натиҷаҳои ҳар ду бахшҳои анҷомшуда дар Эрон ва соири кишварҳои ҷаҳон аст.

**Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар кӯдакон ва навҷавонон.** Дар иртибот бо асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ, ҳарчанд ки баррасии аҳдоф, барномаҳо ва заруратҳои ин омӯзишҳо нишонаи асарбахшии онҳо дар коҳиши мушкилоти кӯдакон ва навҷавонон аст, аммо ба манзури баррасии амиқтари ин асарбахшӣ ба пажӯҳишҳои гуногуне, ки дар иртибот бо ин мавзӯъ дар Эрон ва дигар кишварҳои ҷаҳон анҷом шудааст, бипардозем.

Пажӯҳишҳои анҷомшуда дар Эрон. Бо таваҷҷуҳ ба теъдоди ин пажӯҳишҳо, намунаи баъзеи онҳо, ки аз соли 2000 ба баъд садрат гузашта аст, ба ихтисор оварда мешавад. Ин пажӯҳишҳо дар мавриди гурӯҳҳои синни мухталифи кӯдакон ва навҷавонон, (6-18 сола) ва дар иртибот бо мушкилоте, ки маъмулан кӯдакон ва навҷавонон бо онҳо рӯ ба рӯ ҳастанд, анҷом шуда аст.

Шеваи иҷрои ин пажӯҳишҳо истифода аз равиши пешозмун (Pre-Test) ва пасозмун (Post-Test) дар мавриди гурӯҳ назорат ва озмоиш ва истифодаи равишҳои оморӣ барои мушаххас кардани тафовутҳои маънидор, аз натиҷаҳои иҷрои пажӯҳишӣ дар пешозмун ва пасозмун ва байни гурӯҳ назорат ва озмоиш мебошад. Ба гурӯҳи мавриди озмоиш, омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ироа мегардад.

Тафовутҳои маънидори оморӣ, дар ин равиш, нишондиҳандаи асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар гурӯҳи мавриди назар мебошад, ки дар тамоми пажӯҳишҳо ин натиҷа ба даст омада аст. Дар бархе аз ин пажӯҳишҳо аз озмунҳои муртабит бо мавзӯи пажӯҳиш низ, истифода шуда аст.

Манобее, ки барои ин пажӯҳишҳо мавриди истифода қарор гирифта аст ба шарҳи зер аст: китоби маҳоратҳои зиндагӣ; маҷмӯаи мақолоти саввумин кунгураи анҷумани равоншиносии Эрон; нашрияҳои тахассусии улуми тарбиятӣ ва равоншиносӣ; поённомаҳои донишҷӯӣ дар сатҳи коршиносии аршад ва доктурӣ.

Инак ба ироаи ин пажӯҳишҳо бо таваҷҷуҳ ба тартиби манобеъи онҳо мепардозем: пажӯҳишҳои мундариҷ дар китоби маҳоратҳои зиндагӣ.

*Дафтари беҳдошт ва таҷзияи Вазорати омӯзиш ва парвариш: Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ дар мавриди донишомӯзони духтар ва писари синфҳои чаҳорум ва панҷуми ибтидоӣ дар шаш остони кишвар.* Ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки дар марҳилаи пешозмун (Pre-Test) байни гурӯҳ назорат ва озмоиш тафовути маънидори оморӣ вуҷуд надорад, аммо дар марҳилаи пасозмун (Post-Test), яъне пас аз иҷрои барномаи омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ, тафовути маънидори оморӣ байни гурӯҳ назорат ва озмоиш, вуҷуд дорад. Соли 2000(1378).

*Муҳаммад Мусавӣ. Нақши омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ва шеваҳои муқобила дар пешгирӣ аз масрафи сигор, ҳашиш ва алкул дар навҷавонони остони Ҳурмузгон (донишомӯзони соли аввал ва дувуми мутавассита).* Натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар коҳиши мизони масрафи мавод ва ба таъвиқ андохтани замони масрафи он, муассир будааст.

*Мансур Боқирӣ, – доктор Ҳодӣ Баҳромӣ. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ дар тағйири дониш ва нигариши донишомӯзон нисбат ба маводи мухаддир ва афзоиши эътимод ба нафси онон.* Натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ба донишомӯзон тағйироти маънидоре дар дониш, нигариш ва иззати нафси онон эҷод кардааст. Дафтари беҳдошт ва тағзияи омӯзиш ва парвариши шаҳристонҳои остони Теҳрон. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар донишомӯзон.

Ин пажӯҳиш дар мавриди 1517 нафар аз донишомӯзон анҷом шуд ва натиҷаҳои он нишон дод, ки дар марҳилаи пешозмун байни гурӯҳ назорат ва озмоиш тафовути маънидори оморӣ вуҷуд надошт, аммо дар марҳилаи пасозмун, тафовути маънидори оморӣ байни гурӯҳ назорат ва озмоиш, мушоҳида шуд.

*Муҳаммад Хокпур. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар пешгирӣ аз шурӯъи суъи масрафи маводи мухаддир ва гароиш ба он. Маводи мухаддир ва гароиш ба он.* Ин пажӯҳиш дар мавриди 242 нафар донишомӯзи навҷавон дар Теҳрон бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва гурӯҳ назорат ва озмоиш анҷом шуд ва натиҷаҳои он нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ асароти баландмуддате бар пешгирӣ аз шурӯъи масрафи маводи мухаддир ва гароиш ба он дорад.

*Алӣ Оқоҷонӣ. Баррасии таъсири омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар саломатии равон ва манбаи назорати навҷавонон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди 30 донишомӯзи духтар ва писари дабиристоне дар Теҳрон бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва гурӯҳ назорат ва озмоиш ва озмуни саломатии равони умумии Голдберг (Goldberg) иҷро шуд ва натиҷаҳои он нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ саломатии равони навҷавононро беҳбуд бахшида аст.

*Муҳаммад Исмоил. Баррасии асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ дар таъомул бо шеваҳои фарзандпарварӣ бар иззати нафси донишомӯзони остони Ардабил.-2003(1380).* Натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ, иззати нафси донишомӯзонро афзоиш додааст. Соли 2002(1380).

*Пажӯҳишҳои мундариҷ дар маҷмӯаи мақолоти саввумин кунгураи анҷумани равоншиносии Эрон. Алӣ Амири Бармакӯҳӣ. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар нишонаи афсурдагии донишомӯзон*. Ин пажӯҳиш дар мавриди 62 нафар аз донишомӯзони духтари соли саввуми роҳнамоии шаҳри Қазвин бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун иҷро шуд ва натиҷаҳои он нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ сабаби коҳиши нишонаҳои афсурдагӣ шудааст.

*Сакинаи Ҷаҳонтег ва ҳамкорон. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои ҷуръатварзии баробар аз вуҷуди духтарони навҷавони мавриди суъистифодаи ҷинсӣ*. Ин пажӯҳиш дар мавриди духтарони 15-20 сола, ки мавриди сӯъистифодаи ҷинсӣ қарор гирифта буданд, бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва корбурди пурсишномаи абрози вуҷуди Гембрел ва Реджӣ иҷро шуд ва натиҷаи он нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои ҷуръатварзии таъсироти мусбат дар пешгирӣ ва коҳиши сӯистифодаи ҷинсӣ дорад.

*Тоҳираи Меҳрварзидак – Ҳамидризо Хотамӣ. Таъсири омӯзиши маҳоратҳои худогоҳӣ бар коҳиши камрӯи ва назорати хашми донишомӯзон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди 30 нафар аз донишомӯзони духтари соли аввали дабиристон дар Теҳрон бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва гурӯҳи назорат ва озмоиш ва пурсишномаи камрӯии Истенфорд ва пурсишномаи хашми кӯдакон ва навҷавонон иҷро шуд. Натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишон дод, ки омӯзиши маҳорати худогоҳӣ, сабаби коҳиши камрӯй ва хашми донишомӯзони гурӯҳ озмоиш шудааст.

*Носир Субҳӣ Қаромулкӣ ва ҳамкорон. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои муқобилавӣ бар шодкомии донишомӯзон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди 40 нафар аз донишомӯзони духтари соли аввали дабиристон, дар шаҳри Карҷ, бо истифода аз равиши пешозмун, пасозмун ва гурӯҳи назорат ва озмоиш ва пурсишномаи шодкомии Оксфорд иҷро шуд ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои муқобилавӣ, мизони шодкомии гурӯҳи мавриди озмоиш дар ҳадди маънидоре аз назари оморӣ, афзоиш додааст. (3 саҳ.488)

*Алии Шайхулислом ва ҳамкорон. Робитаи тобоварӣ ва иззати нафс бо пешрафти таҳсилии донишомӯзон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди 193 донишомӯзи духтар ва писари соли аввали дабиристон дар шаҳри Шаҳриёр бо истифода аз равиши таҳқиқи ҳамбастагӣ ва пурсишномаи иззати нафси Купер ва пурсишномаи тобоварии Кавнер ва Девидсон ва натиҷаҳои он нишон дод, ки байни мизони тобоварӣ ва иззати нафс бо пешрафти таҳсилии донишомӯзон (духтар ва писар) робитаи омории мусбат ва маънидор вуҷуд дорад. (3, с.472)

*Кавсар Сиймиёриён. Баррасии асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои иртиботӣ бар изтироби иҷтимоӣ ва робитаҳои байнифардӣ ва донишомӯзон*. Ин пажӯҳиш дар мавриди 30 нафар аз донишомӯзони духтари соли саввуми дабиристон дар Теҳрон бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва гурӯҳи назорат ва озмоиш ва озмуни робитаҳои байнифардӣ ва фуби иҷтимоӣ иҷро шуд ва натиҷаҳои озмун нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои иртиботӣ, бар коҳиши изтироби иҷтимоӣ ва робитаҳои байнифардӣ дар гурӯҳи мавриди озмоиш муассир будааст. (3, с.454)

*Муҳаммад Ҳусайн Соқӣ. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ бар идроки таъомули иҷтимоии донишомӯзон*. Ин пажӯҳиш дар мавриди 45 нафар аз донишомӯзони соли саввуми роҳнамоӣ дар шаҳри Машҳад бо истифода аз равиши гурӯҳи назорат ва озмоиш ва пешозмун ва пасозмун ва пурсишномаи таъомули иҷтимоии клос иҷро шуд ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои иҷтимоӣ, изтироби иҷтимоии гурӯҳи озмоишро коҳиш додаст. (3, с.425)

*Ҳамид Ризо Заринкилк – Изатуллоҳи Курд Мирзо Некӯзода. Асарбахшии омӯзиши муаллифаҳои тобоварӣ бар сатҳи эътиёдпазирӣ ва нигариши донишомӯзон нисбат ба масрафи мавод*. Ин пажӯҳиш дар мавриди 50 нафар аз донишомӯзони соли аввали мутавасситаи минтақаҳои пурхатар дар Теҳрон бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва интихоби гурӯҳи назорат ва озмоиш ва пурсишномаи нигариш ба маводи мухаддир ва пурсишномаи миқёси эътиёдпазирӣ иҷро шудааст. Натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати тобоварӣ бар нигариши донишомӯзон нисбат ба маводи мухаддир таъсиргузор аст ва хатари масрафи маводро дар онҳо коҳиш медиҳад. (3, с.515)

*Анаҳито Худобахши Кулоӣ ва ҳамкорон. Асарбахшии омӯзиши маҳорати назорати хашм бар коҳиши астарс ва пархошгарии донишомӯзон*. Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари дабиристони шаҳри Рашт бо равиши пешозмун ва пасозмун ва бо истифода аз гурӯҳи назорат ва озмоиш ва пурсишномаи пархошгарӣ анҷом шуда аст ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати назорати хашм мизони истарс ва пархошгарии навҷавонон мавриди озмоишро коҳиш додаст. (3, с.312)

*Флуро Ризоии Коргар ва ҳамкорон. Таъсири омӯзиши маҳоратҳои тафаккури халлоқ ва нуқод бар саломатии умумии навҷавонон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди 40 нафар аз донишомӯзони дабиристонӣ бо равиши истифода аз гурӯҳи назорат ва озмоиш ва пурсишномаи саломатии умумии Голдберг ва озмуни тафаккури халлоқ обидӣ ва озмуни тафаккури интиқодии Калифорниё Фрем Б., иҷро шуд ва натиҷаҳои он нишон дод, ки омӯзиши тафаккури халлоқ ва интиқодӣ бар коҳиши изтироб ва ихтилол хобби гурӯҳи озмоиш дар сатҳи маънидоре аз назари оморӣ, муассир будааст. (3, с. 385)

*Фотимаи Қосимзода. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар кӯдакони пешдабистонӣ.* Ин пажӯҳиш барои аввалин бор дар мавриди кӯдакони пешдабистонӣ (5-7) сола, духтар ва писар дар Теҳрон иҷро шудааст. Дар ин пажӯҳиш, ду маҳорати ҳалли масъала ва назорати хашм, бо корбурди равишҳои омӯзиши муносиб барои кӯдакон монанди қиссагӯӣ, бозӣ, фаъолиятҳои амалӣ, наққошӣ, кори дастӣ ва омӯзиш дода шуд ва бо истифода аз равиши пешозмун ва пасозмун ва пурсишномае, ки тавассути мураббиён ва волидайн дар мавриди кӯдакон такмил гардид, натиҷаҳои он ҷамъбандӣ шуд.

Натиҷаҳои ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки омӯзиши ин маҳоратҳо, пархошгарии кӯдаконро коҳиш дода ва тавонмандии ононро дар иртибот бо ҳамсолон ва бузургсолон ва канор омадан бо мушкилоти худ, дар сатҳи маънидоре аз назари оморӣ, афзоиш додааст. Пажӯҳишҳои мундариҷ дар нашриёти тахассусии улуми тарбиятӣ ва равоншиносӣ.

*Ҷаъфар Раҳимӣ ва ҳамкорон. Баррасии таъсири омӯзиши маҳорати ҷуръатварзӣ бар маҳорати иҷтимоӣ, изтироби иҷтимоӣ ва ибрози вуҷуд дар донишомӯзони писари соли аввали мутавассита.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари дабиристони шаҳри Аҳвоз иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати ҷуръатварзӣ, маҳорати иҷтимоӣ ва ибрози вуҷудро афзоиш медиҳад ва изтироби иҷтимоиро коҳиш медиҳад.

*Абдулкозим Нейсӣ, – Шаҳийн Йийлоқ. Таъсири омӯзиши маҳорати ҷуръатварзӣ бар маҳоратҳои иҷтимоӣ, изтироби иҷтимоӣ ва амалкарди таҳсилии донишомӯзони духтари Теҳрон.* Ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати ҷуръатварзӣ, маҳоратҳои иҷтимоӣ ва амалкарди таҳсилии донишомӯзонро беҳбуд мебахшад ва изтироби иҷтимоии ононро коҳиш медиҳад.

*Маҳноз Меҳробизодаи Ҳунарманд ва ҳамкорон. Асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои ҳалли масъала бар таъорузоти волид–фарзанд дар донишомӯзон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари мутавассита дар шаҳри Теҳрон иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати ҳалли масъала мизони таъорузот байни волидайн ва фарзандонро коҳиш медиҳад.

*Марям Пйизӣ. Баррасии асарбахшии омӯзиши маҳорати абрози вуҷуд бар шодӣ ва пешрафти таҳсилии донишомӯзон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони духтари дабиристонӣ дар шаҳри Теҳрон иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати абрози вуҷуд, шодӣ ва пешрафти таҳсили донишомӯзонро афзоиш додааст.

*Амин Мусавӣ. Асарбахшии омӯзиши маҳорати ҳалли масъала бар иртиқои пешрафти таҳсилӣ ва созгории донишомӯзон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари мутавассита иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки ёдгирии маҳорати ҳалли масъала, пешрафти таҳсилӣ ва созгории донишомӯзонро афзоиш медиҳад.

*Абдулкозим Нейсӣ – Шаҳийн Йийлоқ. Таъсири омӯзиши ибрози вуҷуд бар иззати нафс, изтироби иҷтимоӣ ва беҳдошти равонии донишомӯзон*. Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари дабиристони шаҳри Аҳвоз иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши абрози вуҷуд, иззати нафс ва саломатии равони донишомӯзонро афзоиш дода ва мизони изтироби иҷтимоиро коҳиш додааст.

**Поённомаҳои донишҷӯӣ дар сатҳи коршиносии аршад ва дуктурӣ:**

*Гул Бас Амирӣ. Баррасии асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар худпиндории донишомӯзон. Поённомаи коршиносии аршад риштаи равоншиносии донишгоҳи озоди Рудҳан*. Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони духтари соли дуввуми дабиристони шаҳри Симайрам иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳорати худогоҳӣ, худпиндории мусбати донишомӯзонро тақвият мекунад.

*Аббос Раҳматӣ. Таъсири омӯзиши маҳоратҳои муқобилавӣ дар тағйири нигариш нисбат ба сӯъи масрафи мавод. Поённомаи доктории равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ, донишгоҳи аллома Таботабоӣ.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари дабиристони шаҳри Кирмон сурат гирифта ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки омӯзиши маҳоратҳои муқобилавӣ, нигариши мусбат ба сӯи масрафи маводро дар навҷавонони мавриди озмоиш, коҳиш додааст. Соли 2005(1383) Теҳрон.

*Заҳро Рофизӣ. Нақши омӯзиши назорати хашм дар коҳиши пархошгарии навҷавонон, поённомаи коршиносии аршади равоншиносии болинӣ, донишгоҳи улуми беҳзистӣ ва тавонбахшӣ, Теҳрон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони дабиристонии духтар дар шаҳри Теҳрон иҷро шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, ки бо омӯзиши равишҳои назорати хашм, метавон мизони пархошгарии навҷавононро коҳиш дод. Соли 2005(1383) Теҳрон.

*Аҳмад Содиқӣ. Нақши омӯзиши назорати хашм ба шеваи ақлонӣ-рафторӣ-отифӣ дар пархошгарии донишомӯзони навҷавон, поённомаи коршиносии аршади равоншиносии болинӣ, донишкадаи равоншиносӣ ва улуми тарбиятии донишгоҳи Исфаҳон.* Ин пажӯҳиш дар мавриди донишомӯзони писари шаҳри Исфаҳон анҷом шуда ва натиҷаҳои он нишон медиҳад, омӯзиши шеваҳои дурусти назорати хашм, мизони пархошгарии навҷавонони писари мавриди озмоишро коҳиш дода аст. Соли 2009(1387).

**Натиҷаҳои пажӯҳишҳои анҷомшуда дар кишварҳои дигар:** Дар дигар кишварҳо дар иртибот бо асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар кӯдакону навҷавонон, дар заминаҳои гуногун, баррасиҳои мутааддиде анҷом шудааст, ки ҳамаи онҳо нишондиҳандаи асарбахшии ин омӯзишҳо дар пешгирӣ ва ё коҳиши мушкилоти кӯдакон ва навҷавонон мебошад. Ба унвони намуна теъдоде аз ин пажӯҳишҳо оварда мешавад:

Ботвин(Botvin) ва ҳамкорон дар солҳои 1980-1990 пажӯҳишеро дар мавриди асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар коҳиши сӯи масрафи сигор, алкул ва моводи мухаддир дар дабиристонҳои Амрико анҷом додаанд. Натиҷаҳои ин таҳқиқоти тӯлонӣ ва густурда нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои иртиботӣ, тасмимгирӣ ва муқобила бо истарс ба мизони 40 то 80 дар сад дар коҳиши масрафи ин мавод дар навҷавонон муассир буда аст (2, с. 89).

Илёс ва ҳамкорон(1991), Гейнер ва ҳамкорон(1993), Пентер ва ҳамкорон(1991), Егрет ва ҳамкорон(1994), Томпсон ва ҳамкорон(1998) дар пажӯҳишҳои худ нишон додаанд, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ аз худкушӣ, хушунат ва рафторҳои манфӣ дар навҷавонон пешгирӣ мекунад ва иффати таҳсилии ононро коҳиш медиҳад.

Гилберт (1996), Илёс ва ҳамкорон(1994) ва Лорсон(1992) дар пажӯҳишҳои худ нишон додаанд, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ дар иртиқоъи беҳдошти равонии кӯдакон ва навҷавонон муассир буда ва сабаби афзоиши эътимод ба нафс, беҳбудии маҳоратҳои иҷтимоӣ ва иртиботӣ ва созгории онҳо бо хонавода шудааст (2, с.92)

Бритон дар соли 1990 дар пажӯҳиши худ дар мавриди афроди 5-15 сола, ки дар Антарио анҷом шуд, нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бар беҳбудии

амалкарди таҳсилӣ ва иззати нафс ва коҳиши рафторҳои зидди иҷтимоии гурӯҳӣ мавриди озмоиш, муассир будааст (2, с.97) Созмони ҷаҳонии беҳдошт дар соли 1994 дар пажӯҳише нишон дод, ки омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ дар пешгирӣ аз ЭЙДЗ нақши муассир дорад (2, с. 91).

Ҳамон гуна, ки пажӯҳишҳои анҷомшуда дар Эрон ва дигар кишварҳо нишон медиҳад, омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ дар сатҳи густурдае дар ду ҳавзаи пешгирӣ ва коҳиши мушкилоти кӯдакон ва навҷавонон, таъсиргузор аст. Дар сатҳи пешгирӣ, саломатии ҷисмӣ ва равонии ононро таъмин мекунад, ва дар ҳавзаи дармон, бо тағйир ва ислоҳи рафторҳои осебзои онҳо, ба коҳиш ё ҳалли мушкилоти онҳо кӯмак мекунад. Дарвоқеъ ҳадафи омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ иртиқоъи сатҳи саломатӣ ва беҳдошти афрод ва коҳиши осебҳо ва мушкилоти фардӣ ва иҷтимоӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин аҳдоф ва асарбахшии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ, пешниҳодоти зер ироа мегардад:

- омӯзиши фарогири маҳоратҳои зиндагӣ ба кӯдакону навҷавонон бо таваҷҷуҳ ба таъсиргузорӣ ва тадовуми омӯзишҳо, дар даврони кӯдакӣ;
- омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ба волидайн бо таваҷҷуҳ ба нақши хонавода дар таълим ва тарбияти кӯдакон ва навҷавонон;
- омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ба муаллимон бо таваҷҷуҳ ба таъсиргузории онон бар хонаводаҳо, кӯдакон ва навҷавонон;
- омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ба соири гурӯҳҳои синнӣ ба хусус ҷавонон, бидуни тардид, бо иҷрои ин омӯзишҳо, кӯдакон ва навҷавонон дар саросари ҷаҳон аз саломатии ҷисмӣ ва равонӣ бештар ва зиндагии беҳтар, ки ҳаққи онон аст, бархурдор мешаванд ва ба унвони шаҳрвандони огоҳ, коромад ва тавонманд дар пайрезии ҷавомеи озод ва пешрафта, нақши муассире хоҳанд дошт.

### АДАБИЁТ


1. Аҳмад Мавлавӣ. Маҳоратҳои зиндагӣ. -Теҳрон: Насими Кавсар, 2007.-С.83-103.
2. Аҳмад Мавло. Маҳоратҳои зиндагӣ. -Теҳрон: Нимкурра, 2008.- С. 134.
3. Маҷмӯаи мақолоти савумин Кунгураи анҷумани равоншиносии Эрон.2001, -С. 231.
4. Маҷаллаи тозаҳо ва пажӯҳишҳои мушовира.-№20.-С. 22-37.
5. Маҷаллаи улуми рафторӣ.-№3.- С. 59-64.
6. Маҷаллаи улуми тарбиятӣ ва равоншиносии донишгоҳи Шаҳид Чамрон.- Аҳвоз.-№1-2.-С. 11-20.
7. Нашрияи пажӯҳишҳои равоншинохтӣ.-1387.-№1-2.-С.12-14.
8. Фаслномаи улуми тарбиятӣ ва равоншиносӣ.-Теҳрон: Донишгоҳ Ал-Заҳро.-1387.-№4.-25-42.


### ВЛИЯНИЕ ОБУЧЕНИЯ НА ЖИЗЕННЕНЫЙ ОПЫТ ДЕТЕЙ


В современных общеобразовательных школах Ирана введён отдельный предмет «Махоратхои зиндаги» («Жизненный опыт»). До недавнего времени отсутствовал такой предмет, который подготовил бы подростающее поколение к жизни самым непосредстсвенным образом, Планирование деловой карьеры и личной жизни, умение разобраться в себе и окружающих людях, равно как выявить и разрешать разного рода конфликты- все эти и другие знания, необходимы для самостоятельной жизни. В статье на основе различных научных взглядов рассматривается данная проблема.



**Ключевые слова:** образование, мастерство, искусство, жизнь, ребёнок, юноша, молодёжь, учитель, гражданин. Нескон, ООН.


### EFFECTIVENESS LEARNING THE LIFE EXPERIENCE CHILDREN TEENAGERS


In modern general schools Iran is taught separate subject "Mahorathoi zindagi" ("life experience"). Before recent time was absent such subject, which prepared young person to lifes by the image, planing business quarries and the private life, skill to understand in itself and surrounding folk, is what reveal and allow the miscellaneous of the sort conflicts- all these and the other knowledges required for the future life. In article on base different scientific waves the givenned problems.



**Key words:** formation, skill, art, life, child, youth, teacher, person. Neskon, UN.



**Сведения об авторе:** ***Фотима Косимзода*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# ШОДКОМӢ ВА ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛӢ

*Аҳмад Ризо Додор*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ба ишораи бисёре аз пажӯҳишгарон беҳзистии равоншинохтии саломатии равонӣ, худкоромадӣ (шодкомӣ, ризоят аз зиндагӣ ва афсурдагӣ) манобеи муҳиме барои беҳбуди ёдгирӣ, муваффақият, кайфият ва пешрафти таҳсилӣ мебошад.

Афзун бар ин, ёфтаҳои пажӯҳишӣ аз вуҷуди робитаи мусбат байни нигариш ба фазои таҳсилӣ, боварҳо марбут ба ёдгирӣ низ худкоромадии таҳсилӣ бо яке аз масъалаҳои шодкомӣ, яъне ризоят аз зиндагӣ ҳимоят мекунад.

Аз сӯйи дигар, ризоят аз зиндагӣ низ бо нигариши донишомӯзон нисбат ба ҳимоят аз сӯйи мадраса робитаи мустақим дорад. Ин матлаб, бавижа дар мавриди ҷавононе, ки аз ризояти зиндагии болое бархӯрдоранд низ содиқ аст, зеро фикр мекунанд бузургтарҳо ва ҳамсолони онон аз талошҳои таҳсилии онҳо ҳимоят мекунанд. Ба ҳамин далел, вуҷуди ин гуна равобити байнифардии солим бо ҳамсолон ва бузургтарҳо метавонад ангезаи пешрафтро афзоиш диҳад.

*Мафҳуми саломатии равонӣ.* Ба таври суннатӣ саломатии равонӣ ба маънои набуди осеби равонӣ дар назар гирифта мешавад. Ин дар ҳоле аст, ки осеби равонӣ низ бештар ба ихтилолҳои (он чизе, ки халал мерасонад) дарунисозишуда (internalizing disorders), монанди изтиробу афсурдагӣ ва мушкилоти берунисозишуда (Externalizing problems) монанди ихтилолҳои рафторӣ таъриф мешавад.

Ба эътиқоди бархе аз пажӯхишгарон саломатии равонӣ ҳолати хосе аз равон аст, ки сабаби беҳбуд, рушду камоли шахсият мешавад ва ба фард кӯмак мекунад, то бо худ ва дигарон созгор бишавад. Ба боварми Мозлоу (Mazlow, A. H.) низ саломати равонӣ ҳосили ирзои ниёзҳо ва шукуфоии истеъдодҳои зотии инсонҳост. Ба гунаи куллӣ ҳадафи аслии саломатии равонӣ кӯмак ба ҳамаи афрод дар расидан ба зиндагии комилтар, шодтар, ҳамоҳангтар ва низ шинохти бештар ва дар айни ҳол пешгирӣ аз бурузи ихтилолоти хулқӣ, отифӣ ва рафторӣ аст.

Ба ақидаи Одлер (Adler, A., 1938) саломатии равонӣ ба маънои доштани аҳдофи мушаххас, равобити хонаводагӣ ва иҷтимоии матлуб, кӯмак ба ҳамнавъ ва назорати отифӣ (покӣ) ва эҳсосоти худ аст. Дар ҳоле ки бар пояи улгуи Роҷерз (.Rogers, C. R) шахсияти солим ва дорои саломатии равонӣ инсони бисёр коромад, ки аз тамоми тавоноиҳо ва истеъдодҳои худ баҳра мегирад ва вижагиҳое монанди омодагӣ барои касби таҷриба, эҳсоси озодӣ, халлоқият ва офаринандагӣ дорад.

Дар ҳоле, ки саломатии умумӣ (general heath) ба маънои рифоҳи комили ҷисмӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ва низ таъсири мутақобил ва пӯёи ин аҷзост. Саломатии равонӣ яке аз мелокҳои таинкунандаи саломатии умумӣ ва ба маънои эҳсоси хуб будан ва итминон аз коромадӣ, иттико ба худ, зарфияти рақобат, таалуқи байнинаслӣ ва шукуфоии тавоноиҳои болқувваи фикрӣ, ҳаяҷонӣ ва ғайра аст. Ба эътиқоди Корсини (Corsini, J. R., 1999) саломатии равонӣ як ҳолати зеҳнӣ ҳамроҳ бо саломатии ҳаяҷонии нисбатан раҳошуда аз нишонаҳои изтироб ва нотавонӣ дар барқарории равобити созанда, муқобила бо хостаҳо ва муҳаррикҳои танишзои зиндагӣ аст. Дар ҳоле, ки Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ (2006) саломатии равониро тандурустӣ ва рифоҳи комили ҷисмӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва на сирфан фуқдони беморӣ ё нотавонӣ таъриф мекунад. Ин таъриф дар солҳои охир бо ғунҷонидани тавоноии доштани як зиндагии иҷтимоии мустамир низ тақвият шудааст.

Ба таври хулоса, саломатӣ аз назари Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ ба маънои рифоҳи комили ҷисмӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ва на фақат бемор ё маълул набудан аст, илова бар ин созмон саломатиро дорои чаҳор буъд медонад:

***Буъди ҷисмӣ***: Дарки ин буъд аз саломатӣ бисёр осонтар аз абъоди дигар аст. Зеро саломатии ҷисмӣ кор ва амалкарди тамоми баданро шомил мешавад. Нишонаҳои саломатии ҷисмӣ дар як нафар шомили симои хуб, чашмони дурахшон, андозаи мутаносиби иштиҳои хуб, хоби роҳат, фаъолияти муназзами узвҳо ва ғайра аст.

***Буъди равонӣ***: Бар пояи ин буъд саломатии равонӣ иборат аст аз осоиши ҳаяҷонӣ ва рифоҳи иҷтимоӣ барои ҳар фард ба гунае, ки битавонад ба тавоноиҳои худ пай барад. Бо фишорҳои равонии зиндагӣ мадоро кунад, бо баҳраварӣ ва ба

гунаи муфид кор кунад ва саранҷом дар иҷтимоъ ё ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад нақши бомаъное ифо намояд. Бад-ин тартиб саломатии равонӣ танҳо надоштани бемории равонӣ нест, балки тавони вокуниш дар баробари анвои гуногуни таҷрибаҳои зиндагӣ ба сурати инъитофпазир ва маънодор низ дар назар гирифта мешавад, ки навъе ҳолати тавозуни байни шахс ва дунёи атрофии вай, созгорӣ бо худ ва дигарон ва низ ҳамзистии байни воқеиятҳои фард, дигарон ва муҳити зист ба ҳисоб меояд.

***Буъди иҷтимоӣ***: Бар пояи ин буъд саломатӣ, яъне созгорӣ ва интибоқи берунии байни фард дар зиндагӣ аст ва ҳар шахсе барои таъмини саломатӣ ба он ниёз дорад.

***Буъди маънавӣ***: Буъди маънавӣ шомили камоли ахлоқӣ ва усул ва ҳадаф доштан дар зиндагӣ аст ва ҳар шахсе барои таъмини саломатӣ ба он ниёз дорад.

Илова бар ин сойири абъоде, ки созмони беҳдошти ҷаҳонӣ барои саломатӣ ба он ишора карда шомили огоҳии отифӣ, шинохтӣ, шуғлӣ, фалсафаи зиндагӣ, фарҳанг, иқтисод, иҷтимоъ ва омилҳои зисти муҳитӣ, тағзияӣ, дармон ва пешгирӣ аст.

**Густураи саломатӣ.** Ба эътиқоди бисёре аз муаллифон саломатӣ ва беморӣ рӯйи як пайвастор қарор доранд ва фоқиди марзи мушаххас ҳастанд. Аз ин рӯ, афрод бо таваҷҷӯҳ ба вазъияти ҷисмӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ, ва ҳаяҷонӣ дар густураи саломатӣ ё беморӣ қарор мегиранд. Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ (1998) саломатӣ ва бемориро ба қарори зер табақабандӣ кардааст:

***Саломатии комил***: Афроде, ки дар ин дараҷа қарор мегиранд аз саломатии комили ҷисмию равонӣ бархӯрдоранд. Фаъолияти хубе аз худ нишон медиҳанд ва ба анҷоми барномаҳои фароғат низ одат доранд.

***Дараҷаи саломатии олӣ***: Афрод дар ин дараҷа корҳоро бо шавқу шодӣ анҷом медиҳанд ва дар пайи тафреҳу саргармӣ ҳастанд.

***Саломатии хуб***: Дар ин дараҷа афрод корҳои рӯзонаро анҷом медиҳанд, вале камтар ба варзишу тафреҳ мепардозанд. Ҳарчанд дар анҷоми корҳои рӯзона мушкилӣ надоранд, аммо камтар тафреҳ мекунанд.

***Саломатии мутавассит***: Ин дараҷа афрод корҳои рӯзонаро анҷом медиҳанд, вале зуд хаста мешаванд, тафреҳ ва саргармӣ дар барномаи онҳо вуҷуд надорад. Аммо агар ба онҳо омӯзиш дода шавад, то ба масоили беҳдоштии ҷисмию рӯҳӣ огоҳӣ пайдо кунанд, метавонанд ба дараҷаи саломатии хуб бирасанд.

***Саломатии кам***: Афрод аз ин дараҷа ба баъд бемор ҳастанд ва наметавон онҳоро солим донист.

Бо он ки густураи саломатии равонӣ бо коҳиши мушкилоту нотавониҳо мушаххас мешавад, ҳанӯз тавофиқи назарии ҷомее дар бораи густураи саломатӣ ба даст наёмадааст. Ба эътиқоди Слигман ва Зигсент Миҳели (Seligman, M., & Csikszentmihalyi, M., 2000) чашмандози имрӯзи равоншиносӣ ба гунаи асосӣ бар осебшиносӣ, нуқс дар кунишварӣ ва низ костиҳои равоншинохтӣ тамарказ дорад, дар ҳоле ки бархе аз пажӯҳишгарони рафторӣ бар чорчӯби ҷометаре аз саломатии равонӣ таъкид мекунанд, ки ба вижа дар бардорандаи рӯйовардҳои ҷадиде аст, ки бар пояи онҳо осеби равонӣ набуд ва танҳо ба маънои вуҷуди саломатӣ нест ва таъкид доранд, ки мутахассисон бояд ба ҷои тамарказ бар костиҳо ва нуқсонҳо, тавоноиҳои афродро мавриди мутолиа қарор диҳанд (3, с.43).

Бисёре аз шавоҳиди пажӯҳишӣ нишон медиҳад, тамарказ бар ҳолоти мусбат бисёр судмандтар аз таъкид бар тармим ва беҳбуди заъфҳо ва ихтилолот аст. Афзун бар ин таваҷҷуҳ ба беҳбуди вазъияти саломатӣ аз ҷумла ҳадафҳои матлубе аст, ки метавонад асарбахшии хадамоти саломатии равониро ба вижа дар заминаҳои таҳсилӣ афзоиш диҳад. Ба эътиқоди Толҷи (Thalji, A.L., 2010) ҷиҳатгирӣ ба сӯйи равоншиносии фарогир ва пешгирона дарвоқеъ ҳамон равоншиносии мусбат аст, ки иртиботи нерӯманде бо равоншиносии шодкомӣ дорад (5, с.43).

**Омилҳои муассир бар саломатӣ**

**Омилҳои рафторӣ ва фарҳанг:** Бархе одатҳои иҷтимоӣ метавонанд бар сатҳи баҳинаи кунишварӣ (optimum level functioning) таъсир бигзоранд. Фарҳанг ва қавмият низ комилан сабки зиндагии афродро таҳти таъсир қарор медиҳад. Ин матлаб, ки афроди як фарҳанг чӣ мехӯранд, чӣ мепӯшанд ва низ чӣ нигарише дар мавриди муҳити атроф, фаъолиятҳои солим ва чигунагии тарбияти фарзандон доранд, ҳамагӣ таҳти таъсири фарҳанг қарор мегирад. Пояи ин рӯйкард рафторҳои хатаровар бар пояи ин бовар, ки (умедворам иттифоқе наафтад) боис мешавад афрод

аз иқдомоти ҳифозатӣ мисли камарбанди эминӣ ё равишҳои пешгирӣ истифода накунанд. Бемориҳои мазмун нотавонкунанда, ки ниҳоятан манҷар ба марг мешаванд, ағлаб маълули омилҳои хатарзои рафторӣ ҳастанд.

**Омилҳои ирсӣ:** Омиле, ки ба сурати ирсӣ бар вазъияти саломатии афрод таъсир мегузоранд, камтар аз дигар омилҳо қобили ислоҳ аст. Дар ҳоли ҳозир мушовираи генетикӣ беш аз гузашта дар дастрас аст. Аммо ҳанӯз барои рафъи ниёзи ҷомеа кофӣ нест. Барои намуна бемории толосмӣ як ихтилоли генетикӣ аст, ки боиси осеб ба саломатии фард мешавад.

**Омилҳои марбут ба системаи ироаи муроқибатҳои беҳдоштӣ:** Аз он ҷое, ки дар ағлаби кишварҳо ин система бештар беморӣ-меҳвар аст то саломатӣ ё беҳдошти меҳвар дар бисёре аз маврид нақши худро дар дастёбӣ ба беҳтарин сатҳи кунишварӣ коҳиш медиҳад. Таваҷҷуҳи бештар ба барномаҳои беҳдоштӣ метавонад, ҷиҳатгирии тамарказро ба сӯйи муроқибатҳои пешгирикунанда тағйир диҳад. Вуҷуди марокази беҳдоштӣ, чигунагии кунишварии онҳо ва низ дар дастрас будан ва чигунагии истифода аз онҳо нақши муҳиме дар саломат ва беҳдошти ҷомеа дорад.

**Омилҳои муҳитӣ:** Бетаваҷҷуҳии ҳамешагии инсон ба муҳити зист манҷар ба олудагиҳо ва тағйироти нисбатан баргаштнопазир дар муҳити зиндагӣ мешавад ва саломатиро ба хатар меандозад. Олудагии ҳаво бо бисёре аз бемориҳои системаи нафаскашӣ мисли саратон, асма ва ғайра робита дорад. Олудагиҳои кимёвии об хатари ҷиддӣ ва таҳтидкунандае барои ҳаёти ҳайвоноти дар об зисткунанда ва инсон аст. Ҳамарӯза бисёре аз афрод дар маърази шӯогирии радиоактивӣ дар атрофи худ ҳастанд. Бисёре аз созмонҳои миллӣ ва байналмиллалӣ дар садади баррасӣ ва тайини омили хатарзои муҳитӣ ва бо ҷилвагирӣ аз олудагии бештари муҳити зисти эмин барои зиндагии инсон ва ҷонварони дигар фароҳам оваранд.

**Омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ:** Бе тардид омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар вазъияти саломатии як ҷомеа бисёр муассир аст. Бисёре аз мушкилоти печида роҳи ҳалҳои якбуъдӣ надорад ва бояд барои ҳалли онҳо фаъолиятҳои ҳамаҷониба сурат гирад. Табақаи иҷтимоӣ, сатҳи таҳсилот, вазъияти иштиғол, буҷа ва даромад ва бисёре аз ин маврид метавонанд ба гунаи нерӯманде бар саломатии фард, хонавода ва ҷомеа таъсир бигзоранд. Бисёре аз бемориҳо дар табақоти иҷтимоии хосе бештар ба чашм мехӯранд. Афзоиши таҳсилот ва омӯзиш метавонад огоҳии моро нисбат ба муҳити атроф ва омилҳои хатарзо ва таҳдидкунандаи саломатӣ бештар карда ва афроду ҷомеаро нисбат ба хатарҳое, ки тандурустӣ ва беҳдошти фард ва муҳитро таҳдид мекунанд ҳушёртар созад.

**Омилҳои сиёсӣ:** Омилҳои сиёсӣ таъсири бисёр зиёде бар фазои зиндагии иҷтимоӣ дорад. Масъулони сиёсӣ қудрат ва тавоноии танзими аксар масоили мавҷуд дар ҷомеаро доранд. Барқарории адолати иҷтимоӣ бояд поя ва асоси бисёре аз фаъолиятҳои иҷтимоии масъулони сиёсӣ бошад. Масъулони таъмини саломатии ҷомеа бояд дар дараҷаи аввал ҷомеаи худро шинохта ва бо таваҷҷуҳ ба низоми сиёсӣ, вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳитии он ҷомеа фаъолиятҳои худро созмон бахшанд ва ба марҳиллаи иҷро дароваранд. Дар айни ҳол ҳамкории байни бахшҳои мухталиф ва эҷоди иртибот байни ин бахшҳо ҳамроҳ бо нигариши мусбат ба сатҳи беҳинаи кунишварӣ хоҳад анҷомид.

**Вақти фароғат:** Яке аз масоили муҳим дар зиндагии афрод гузаронидани авқоти фароғат ва барномарезии муносиб барои он аст. Тарзи гузаронидани авқоти фароғат нақши муҳиме дар мизони гароиши ҷавонон ва навҷавонон ба рафторҳои носозгор дорад. Ҳатто дар робита бо тарки аътиёд низ бар аҳамияти авқоти фароғат таъкид шудааст. Ба гунае, ки баъзе аз таҳқиқот бар аҳамияти омӯзиши ҷавонони муътод ба чигунагии истифода аз авқоти фароғат ва лаззат аз ин авқот таъкид кардаанд. Дарвоқеъ бахши умдае аз асароти авқоти фароғати марбут ба эҳсосе аст, ки дар тӯли ин авқот ба ҷавонон даст медиҳад (эҳсоси ризоият ва эҳсоси мусбат ё эҳсоси касолат ва беҳавсалагӣ).

**Равобити иҷтимоӣ:** Иртиботҳои иҷтимоӣ ва дӯстиҳо низ бар саломатии афрод таъсири зиёде доранд. Яке аз гурӯҳҳои иҷтимоие, ки дар шаклдиҳии бовариҳои навҷавонон нақши босазое дорад, гурӯҳи ҳамсолон аст. Гурӯҳи иҷтимоӣ шомили ҳамбозиҳо, ҳалқаҳои дӯстона дар манотиқи мухталифи рустоҳо ва шаҳрҳо ва гурӯҳҳои бародарӣ дар мадорису донишгоҳҳо аст, ки аъзои он мавқеияти иҷтимоии нисбатан баробар ва пайвандҳои наздике бо ҳам доранд. Дар ин гурӯҳҳо афрод ба

хотири дӯстӣ, эҳтиром ва тамоил ба ҳаммонандӣ, назароти ҳамдигарро мепазиранд. Шахс дар гурӯҳи ҳамсолон ағлаб мумкин аст он гуна, ки дар хонавода аст, набошад. Яъне бар пояи қудрати ҷисмонӣ, равобити нисбӣ ва хешовандии ҳоким на фармондеҳ аст ва на фармонбар, балки бояд биомӯзад, ки чигуна худро бо тарзи талақиҳо ва арзишҳои ҳамсолоне, ки бо ӯ баробаранд татбиқ диҳад ва нақши ҳамкорро ифо кунад ва ҳамчунин ба ҷилвагирӣ аз инҳирофҳои иҷтимоии гурӯҳ бипардозад. Дар заминаи асари мусбат вуҷуди ин гурӯҳҳо метавон чунин натиҷа гирифт, ки ҳар гоҳ ҷомеаи гурӯҳи ҳамсолон набошад, атфол ва навҷавонон мумкин аст ҳаргиз таҷрибаи ҳамкории рафоқати озодона бо дигаронро дар иҷтмоъ ба даст наёваранд.

Таъсири қудрати ҳимояти иҷтимоӣ дар баррасиҳои мутаадиде мушоҳида ва мушахас шуд, ки ҳатто агар афрод аз назари ҷисмӣ низ таҳти муроқибат ва назорати муассир қарор бигиранд, боз ҳам гӯшагирӣ аз иҷтимоъ, хатари марги зудрасро дар онҳо афзоиш медиҳад.

**Омилҳои хонаводагӣ:** Афкор бар пояи омӯзиш дар хонавода ва муҳити иҷтимоӣ (монанди мадраса, донишгоҳ ва ҳамсоягон) шакл мегирад. Аммо маҳрумият аз фазои зиндагии хонаводагӣ таъсири зиёде бар саломат дорад. Маҳрумияти равонӣ, яъне арзои нокофии ниёзҳои асосии равонӣ дар муддати тӯлонӣ ва нисбатан шадид, омили асоси афсурдагӣ аст. Дар воқеъ чаҳор навъи маҳрумият вуҷуд дорад: маҳрумият аз муҳаррикҳо; маҳрумияти шинохтӣ; маҳрумият аз вобастагӣ;
маҳрумияти иҷтимоӣ.

Робитаи иҷтимоӣ ва бархӯрдорӣ аз ҳимояти атрофиён дар ҳар марҳилла аз мароҳили рушду таҳавул зарурӣ аст, то марҳиллаи такомул ба дурустӣ тай шавад. Навҷавонон ба ду маҳрумият бештар ҳассосанд: вобастагии аввалия ва маҳрумияти иҷтимоӣ.

Вейс (Wais. D., 1979) ҳимояти иҷтимоиро дар 6 ҳайта қарор медиҳад, ки шомили: ниёз ба робитаи самимӣ; доштани мавзеи иҷтимоӣ барои интихоби дӯст;
мавқеияти ибрози муҳаббат ба афроди ҷавонтар; итминон аз арзиши худ барои иҷрои нақш; ҳамбастагии мутмаин бо ақвом ва бастагон ё хоҳару бародар; ниёз ба дарёфти роҳнамоӣ ва иттилоот ё ҳимояти равонӣ ба ҳангоми бурузи бӯҳрон; мизони ирзои ниёзҳои ҳимоятӣ, ки асари мустақиме бар мизони вобастагӣ ё маҳрумияти иҷтимоӣ дорад (8, с.56).

Ташхиси зудраси ин омилҳо аз бурузи бисёре аз оқибатҳои вахим дар ҷомеаву хонавода пешгирӣ хоҳад кард. Барои ҷавононе, ки равобити нобасомони иҷтимоӣ доранд, тағйир дар сабки зиндагӣ монанди ширкат дар гурӯҳҳои мухталиф, фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва ниҳоятан барқарории равобити дӯстона роҳи дармонии муносибе аст.

**Фишори равонӣ (стресс)** : Инсон ҳар рӯз бо рӯйдодҳои гуногуне, аз ҷумла фишори замон, тасмимҳо ва интихобҳои гуногун, нокомиҳо, хатарҳову таҳдидҳо ва монанди он рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин рӯ, танидагӣ бахше аз зиндагии рӯзмарра аст, ки боис мешавад бидуни мувоҷеҳ бо омилҳои танидагизо (stressor) аз худ вокуниш нишон диҳад ва тавоноии муқобила ё гурез бо вазъияти танидагизоро ба иҷро гузорад.

Ин ки фард дар мувоҷеҳ бо як вазъияти танидагизо чӣ аксуламале аз худ нишон медиҳад баста ба арзёбии аввалия, пешбинипазир будан, тавоноии шахс барои маҳори худ, таҷрибаи пешин ва бардоштани шахс аз вазъият тафовут мекунад. Тавоноии маҳори вазъияти танидагизо низ омили тайинкунандаи дигаре аст, ки бар мизони танидагӣ таҷриба шуда асар мегузорад (7, 34). Чунончӣ фард битавонад вазъияти танидагизоро таҳти контрол дароварад, танидагии камтареро эҳсос хоҳад кард, аммо чунончӣ мизони танидагӣ ба ҳадде бошад, ки хориҷ аз контрол буда ва тавоноии хомӯш кардани онро надошта бошад, танидагии бисёр бештаре даст хоҳад дод.

## АДАБИЁТ

1.Хушкуниш А., Кишоварз, Афшор Ҳ. Робитаи байни шодкомӣ ва саломатии равони донишҷӯён. Фаслномаи Андеша ва рафтор, 1387.-шумораи 7.-С.84.
2.Ҳеҷел Лорӣ., Зиглер, Даниел. Назарияҳои шахсият (маврӯзаҳои асосии пажӯҳиш //тарҷ. Алии Асгарӣ.-Сова: Донишгоҳи озоди исломии Сова, 1992.
3.Ҳуман Ҳ.А. Таҳия ва стандарт сохтани миқёси санҷиши ризояти шуғлӣ. -Теҳрон: Марокази омӯзиши мудирияти давлатӣ, 1381.
4.Ҳуман Ҳ.А. Шинохти равиши илмӣ дар улуми рафторӣ.-Теҳрон: Самт, 1386.

5.Ҳуман Ҳ.А. Роҳнамоии илмии тадвини поённомаи таҳсилӣ.-Теҳрон: Пайки фарҳанг, 1388.
6.Adler, M. G., & Fagley, N. S. (2005). Appreciation: Individual differences in finding value and meaning as a uniquepredictor of subjective well-being. Journal of Personality, 73, 79–114.
7.Alberktsen, G. ( 2003) *happiness and related factors in pregnant women, deparyment of psychiatare , faculty of mediene.* Chulalongkornuniversity, Bangkok, Thailand.
8..Chorpita, B. F., & Barlow, D. H. (2003). Childhood mood disorders. InMash, E.J. & Barkley, R. A. (Eds.), *Child psychopathology* (pp. 279-329). NewYork: The Guilford Press.

**РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ УДОВЛЕТВОРЕННОСТИ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ОБУЧЕНИЯ**

Существенную роль в психокоррекционной работе играет отреагирование агрессии. Формы, в которых оно проводилось, зависят от того, проявлялась ли агрессия явно или оставалась подавленной. Исследование показало, что выявление педагогико-психологических аспектов здорового образа жизни имеет большое значение для совершенствования знаний учащихся общеобразовательных школ.

**Ключевые слова**: здоровье, стресс, чувства, личность, различья, психология, педагогика.

**THE ROLE AND VALUE OF SATISFACTION IN THE IMPROVEMENT OF TRAINING**

A significant role in psycho-correction work is отреагирование aggression. The form in which it was conducted, depends on whether manifested aggression explicitly or has remained subdued. The study showed that the identification of pedagogical-psychological aspects of a healthy lifestyle is important for improving knowledge of pupils of comprehensive schools.

**Key words:** mental health, stress, feeling, character, difference, psychology, pedagogy

**Сведения об авторе:** ***Ахмад Ризо Додор*** – соискатель НИИ развития образования АОТ

# БАРРАСИИ ВАЗЪИЯТИ КОРОФАРИНИИ КАСБ, КОРҲОИ ХУРД ВА ХОНАГӢ

***Носир Довуди Род***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикиситон**

Неруи инсонии ҳар кишвар абзори лозим ва зарурӣ барои тавсияи иқтисодӣ аст ва бидуни доштани нерӯҳои инсонӣ коромад ва мутахассиси дастёбиба тавсияи амрии ғайр мумкин аст. Сиёсатҳои рушди иқтисодии кишвар бояд улгӯи иштиғолро тавре пешбинӣ кунад, ки бо дар назар гирифтани авомили иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳадди аксар боз даҳ ва бороварирo дар нерӯи кор бо ҳамроҳ дошта бошад ва шароити лозимиро барои афроди ҷадиде, ки ҳамасола вориди бозори кор мешаванд, фароҳам кунанд. Дар чаҳорчӯбаи ҳадафҳои кулли рушди иқтисодии кишвар зарурати тайини хатмушиҳо, сиёсатҳо ва барномарезиҳои иштиғол бо дар назар гирифтани рушд фазояндаи ҷамъият амри иҷтинобнопазир аст. Афзоиши теъдод шоғалон ва имкони густариш фаъолиятҳои тавлидии вазири биноии бо мизони сармоягузорӣ ва раванди тавсияи иқтисодӣ, робитаи мустақим дорад ва афзоиши даромади салона ва даромади молӣ ва тавлиди нохолиси молӣ бидуни таваҷуҳ ба сиёсати иштиғол ва истифодаи ҳадди аксар ва коромад аз нерӯи инсонӣ амри номумкин аст. Дар ниҳоят бояд битавонем рушди иқтисодиро бо сиёсати иштиғолталфиқ кунем. Бо вуҷуди овардан иштиғоли макфии ҷамъият тавонманд ва тавозун байни нерӯи кор мавҷуд ва тақозои калон барои кор ва низ ба коргирии ин нерӯи инсонӣ аз масоиле аст, ки бояд дар иртибот бо сиёсатҳои куллӣ ва рушд ва тавсия ва тахсиси манобеъ ва имконот байни бахшҳои мухталифи иқтисод муди назар қарор гирад. Дар ваъзияти камбуд нерӯи кори моҳир ва мутахассис, тувзеҳи нерӯи инсонӣ дар бахшҳои мухталиф фаъолияти бояд мунтазаман рушд асоситарин бахшҳо бошад, то мувоҷиботи бештарини мизони рушд дар баҳроварии ко рва таҳрик ва пӯёиро дар сохтори куллии нотамоми иқтисоди кишвар фароҳам созад. Дар ин миён касб ва корҳое аз навъи кӯчак ва хонагӣ метавонад ба унвони яке аз роҳкорҳои тавсияи иқтисодӣ амал кунад.

Ҳамчунин ба таваҷҷуҳ бо афзоиши рӯзафзун арзи кор ва маҳдудияти феҳристи шуғлӣ, омода набудани зерсохтҳои тавсия ва аз ҳама муҳимтар камбуди манобеъи сармоя, яке аз интихобкардаҳои муассир ва роҳбурде дар тавсияи иштиғоли кишвар, «иштиғоли корбар» мебошад. Бо ин ки «иштиғоли сармоябар» аз зариби пойдории бештаре нисбат ба «иштиғоли корбар» бархурдор аст, вале аз онҷое, ки «иштиғоли сармоябар» мусталзам сармоягузории калон дар баландмуддат аст, лизо дар кӯтоҳмуддат ғалаба бар мушкили бекорӣ аз ин равиш муфид ва месир нест. Таҷриба нишон додааст, ки тавсияи касб ва корҳои кӯчакӣ ба далели сохтор сода ва

зудбоздиҳӣ ва ниёзи андаке ба сармоядор ҷиҳати мутаъодил кардани бозор кори муассир будааст. Дар кишвари мо бо таваҷҷуҳ ба таркиби ҷамъиятӣ, касб ва корҳои кучаки хонагӣ метавонад боздиҳии муносибе дошта ва дар кӯтоҳмуддат ва ҳатто дар миёнмуддат дар рафъи мушкили бекорӣ муассир бошад.

**Касб ва кор.** Бо забони содда, касб ва кор иборат аст аз ҳолате аз машғулият ва ба ба таври улум, шомили фаъолиятҳое аст, ки тавлид ва хариди колоҳо ва хадамот бо ҳадаф фурӯши онҳоро ба манзур касб шавад.

**Касб ва кори хонагӣ.** Ба касб ва корҳо ва фаъолияти иқтисодӣ, ки дар маҳалаи сукунат шахсӣ ва бо истифода аз имконот ва васоили манзил роҳандозӣ шуд, касб ва кори хонагӣ мегӯянд.

Ва ба таври куллӣ машғулияте аст, ки бо узвият аъзои хонавода дар фазои маскунӣ ва дар қолаби як тарҳ касб ва кори кӯчак ва бидунимазоҳмат ва эҷоди ихлол дар оромиш воҳидҳои маскунӣ ҳамҷавор шакл мегирад. Бар хилофи тасурроиҷ ин навъи касб ва корҳои на танҳо бонувон ва занон намебошад, балки тавассути он зарфият фароҳам мегардад то аз тариқи бакоргирии идаҳо ва истифодаи беҳина аз феҳристҳои муҳитӣ тавассути ҳама аъзои хонавода иштиғол маврид барои ҳамаи онон эҷод гардад

**Аҳамияти касб ва кори хонагӣ.** Имрӯз касб ва корҳои хонагӣ аз бахшҳои ҳаётӣ ва зарурии фаъолиятҳои иқтисодии кишварҳои пешрафта маҳсуб мешаванд. Касб ва кори хонагӣ аз назари эҷоди шуғл, навоварӣ дар арза, маҳсул ё хадамот, мӯҷиби тановеъ ва дигаргунии зиёде дар иҷтимоъ ва иқтисоди ҳар кишвар мешаванд. Ҳамчунин барои ҷавонон, касб ва корҳои хонагӣ нуктаи шурӯъи муносибе барои роҳандозии касб ва кори шахсӣ аст, зеро роҳандозии он дар муқоиса бо дигар анвоъ, касб ва кор содда ва осон аст. Ба унвони намуна шумо метавонед бо як дастгоҳ роёна ва як хати телефон, як касб ва кори интернетӣ роҳ биндозед ва корҳо ва хадамоти мухталиферо ба мардум арза ва аз ин роҳ барои худ даромад касб кунед.

Нигоҳе ба касб ва корҳои хонагӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон:

Имрӯз дар Амрико ҳам акнун беш аз 23млн нафар ба сурати поравақт ва ҳудуди 13млн нафар ба сурати тамомвақт аз тариқи касб ва корҳои хонагӣ имрори маош мекунанд, ки рӯиҳамрафта ҳудуди 20 % дар сади кул шуғли ин кишварро ташкил медиҳанд. Кишвари паҳновари Чин бо ҳадафи тасарруфи бозор тиҷорати ҷаҳони модул касб ва корҳои хонагиро, ки аз ҷумла мувофиқтарин модулҳои тавлидӣ барои коҳиши ҳазинаҳои тавлид ва соири ҳазинаҳои сарбор ба шумор меравад, сарлавҳаи барномаи тавсияи иқтисодии кишвар қарор додааст.

Тайван бо баҳрагирӣ аз шеваҳои навин омӯзишҳои маҳоратӣ хусуссияти омӯзишҳои аз роҳ дур, ҳамчунин атхоз сиёсатҳои ҳимоятӣ ва ташвиқӣ дар робита бо тавсияи касб ва корҳои хонагӣ, тавонистааст гомҳои бисёр арзишманде дар ин замина бардорад. Тайван бо усули сиёсатҳои молиётӣ, таърафаҳои Гамр, ки қавонини ҳуқуқӣ, раъфи маҳдудиятҳои бозоргонӣ ва содиротӣ тавонистааст бастарҳои лозимро дар иртибот бо эҷод ва тавсияи касб ва корҳои хонагӣ дар як даҳҳаи охир фароҳам созад. Ин кишвар бо эҷоди пойгоҳҳои иттилоърасонӣ ва таблиғоти густурда дар сатҳи байналмиллалӣ, мавқеъияти мумтозеро дар иртибот бо бозорҳои хориҷӣ ва бозоршиносӣ барои шоғлин касб ва корҳои хонагӣ фароҳам намуда аст.

Дар кишвари Олмон собиқа касб ва корҳои хонагӣ аз тариқи ҳамкории афрод восита бо корфармоён тавлидӣ ба қарни ҷаҳордаҳуми мелодӣ бармегардад.

**Сомондиҳии касб ва корҳои хонагӣ.** Боло бурдани кайфияти зиндагӣ:имрӯза аксар соҳибони касб ва корҳои хонагӣ бар ин боваранд, ки кор кардан дар хона, кайфияти зиндагии ононро беҳбуд мебахшад. Кор кардан дар хона боис мешавад, ки вақти бештаре ба хонавода ва хона ихтисос ёбад ва ба дигар масоил ва мавзӯоти хонавода, аз қабили тарбият ва парвариши фарзандон таваҷҷуҳи бештаре шавад.Ба таври куллӣ имрӯза кор ва зиндагӣ беш аз беш дар ҳамдигар идғом шудаанд.

Бо тавсияи фановарӣ:имрӯз бо пешрафтҳои зиёде, ки дар заминаи улум, роёна ва дигар васоили иртибот ба вуҷуд омада, муҳити хонаи маҳал муносиб ва коротаре барои касб ва кор шудааст. Аммо муттаасифона дар вазъияти кунунӣ, ба ба лиҳози мудирриятва сиёсатгузорӣ, ҳеҷ созмоне ба таври мушаххас аз оқиби касб ва корҳои кӯчаки хонагӣ нест. Ва ин машоғил умдатан ба сурати саноатӣ ва бидуни ҷиҳатгирии куллӣ дар кишвар ривоҷ доранд. Дар ҳоле, ки агар бихоҳем ин машоғил ба сурати

пойдор ва дар тароз ҷаҳони эҷод шаванд, ниёзманди барномаҳои ҳимоятӣ ва омӯзишӣ ва ба рӯзрасонӣ ва истифода аз технологияҳои рӯз мебошанд, бинобар ин бо иҷрои як тарҳ, сомондиҳӣ ва низомманд намудани касб ва корҳои кучаки хонагӣ аз сӯи давлат ба тадриҷ зимни шаклгирии як низоми мудириятии мушаххас, заминаи муносибе барои шаклгирии ниҳод мутвалииин машғил ба вуҷуд меояд.

**Таъсироти иқтисодӣ ва иҷтимоии касб ва корҳои кӯчак ва хонагӣ:**

- Эҷоди иштиғол боло ва кӯмаке ба ҳалли маъзали бекорӣ дар ҷомеъ
- Коҳиши рафту омадҳо ва **тарадудҳои** шаҳрӣ ва байнишаҳрӣ ва пешгирӣ аз **маъзали**тарофики шаҳрӣ ва ҷулӯгирии азҳадрафтаи вақти шаҳрвандон ва табиат ва мушкилоти баромадан аз роҳҳои назири фарсоиш, **эҳсосот** ва паёмадҳои рафторӣ ва равонӣ.
- Иртиқо ва беҳбуди кайфияти зиндагӣ ва рушди шансҳои иқтисодии хонаводаҳо ва касб дар омади бештар барои анҷоми зиндагии беҳтар
- Ихтисоси замони бештар ба хона ва хонавода ва расидагӣ ба масоил ва мавзӯъоти хонаводагӣ аз қабили тарбият ва парвариши фарзандон ва эҷоди тавозун миёни кору зиндагии хонаводагӣ
- Коҳиши нашоти иқтисоди маҳалӣ ба манотиқи дигар ва кӯмак ба рушди иқтисоди пойдори маҳалӣ ва эҷоди таъодул ва тавозун дар табақабандӣ, эҳё ва дастабандҳои иҷтимоӣ.
- Ин навъи касб ва корҳо барои афроди дорои мушкилоти ҷисмӣ ва физикӣ ва афроде, ки дар маконҳои дур афтода ва камтар бархурдор зиндагӣ мекунанд, бисёр муносиб мебошад.
- Интихоби хубе барои касб ва корҳои мубтанӣ бар технологияҳои нав зуҳурназири касб ва корҳои электроникӣ ва инернетӣ буда аз назари имкон роҳандозӣ осонтар ва дар бархурдорӣ ва тиҷорӣ муносиб аст.
- Ин навъи касб ва корҳои коҳиш олоиндаҳои ҳавову назир сарфаҷӯи дар масрафи энержӣ ва сӯхт бисёр ҳоизаҳамият буда ва ҳамчунин дар коҳиш ноамниҳои иҷтимо нақши фазояндае ифо менамояд.
- Касб ва корҳои хонагӣ дар омӯзиши кӯдакон ва фарогирии онон нисбат ба маҳоратҳои касб ва кору корофаринии кӯдакон ва ҳамчунин **наҳодина** шудани фарҳанги мутаъолии кор дар ҷомеъа таъсир басазое дошта ва таҷлигоҳи таъсироти кортимӣ ва мушорикатӣ, монанди афзоиш, таъҳид ва масъулиятпазирӣ.

### АДАБИЁТ


1. Доктор Тусли. Ҷомеъашиносии корва шуғл.
2. Носир Довуди Род. Корҳои касб ва кучак.
3. Носир Довуди Род. худомӯз тадвини тарҳи касб ва кор.
4. Самад Ақои.Халоқият ҷухра корофаринӣ.
5. Аҳмад. Мабнои корофаринӣ.
6. Ҳас Эдуард Ди. Касб ва кор хонаводагии мусавафақ.
7.Интернет.


### ИЗУЧЕНИЕ СОСТОЯНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА, ЗАНЯТИЙ МЕЛКИМ БИЗНЕСОМ И РАБОТЫ НА ДОМУ


В данной статье автор акцентирует свое внимание на изучении состояния профессионального делопроизводства, занятия мелким бизнесом и работы на дому, которые играют важную роль в сулучшении экономического положения семьи в целом. Такие работы могут принести эффективный заработок и улучшить финансовое положение семей в нынешний непростой период жизни любого современного общества.



**Ключевые слова:** профессиональные навыки, делопроизводство, домашный бизнес, эффективный заработок, работы на дому.


### THE STUDY OF THE STATE OF PROFESSIONAL OFFICE MANAGEMENT, PRACTICE SMALL BUSINESS AND WORK AT HOME


In this article the author focuses on the study of the state of professional office management, classes with small business and work at home, which play an important role in сулучшении economic situation of the family as a whole. Such work can bring effective earnings and improve the financial situation of families in the current difficult period of life of any modern society.



**Key words:** professional skills, clerical, домашный business, effective earnings, work at home.



**Сведения о работе:** ***Носир Довуди Род*** – соискатель Таджикского национального университета

# САХТРӮЙӢ (ҚАВИИРОДАГӢ)

***Сокина Қурбоналӣ Нажод***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Мафҳуми сахтрӯйӣ реша дар равоншиносии вуҷудӣ дорад. Ин вожа, ки тоқат ва тавоноии таҳаммули мавқеиятҳои мушкил, сахт, далерӣ, шаҳомат, бепарвоӣ, пуртоқатӣ маънӣ шудааст ва бо вожаҳои мисли истиқомат, ҷасорат, шаҳомат, хулоса шудааст, дар даҳаи 1970 – 1980, ки вожаи сарсахтӣ тавассути Кубосо ва Маддӣ ибдоъ шуд, меҳвари пажӯҳишҳо бар робитаи беморӣ бо стресс ва асароти манфии рӯйдодҳои зиндагӣ бар саломатӣ буд.

Кубосо дар пайи посух ба ин суол буд, ки афроде, ки бемор намешаванд, чӣ мекунанд? Ӯ бо анҷоми баррасиҳои мутаадид рӯи афроде, ки бо шароите рӯ ба рӯ мешаванд, ба ин фарз даст ёфт, ки «муҳим нест барои шумо чӣ иттифоқе меафтад, муҳим он аст, ки чӣ гуна онро назорат мекунед».

Имрӯз сарсахтӣ як мафҳуми ҷадид нест, балки ба соддагӣ мизони равониро андоза мегирад ва мухолиф бо саломатии пойини равонӣ аст.

Сарсахтӣ яъне ин ки дар зиндагӣ ба гунае амал кунед, ки стресии камтаре дошта бошед ва чизҳоеро, ки на метавонед тағйир диҳед, бипазиред ва чизҳоеро, ки метавонед тағйир диҳед, биёмӯзед ва бидонед, ки чигуна метавонед фурсатҳои мутафовутро дар зиндагӣ эҷод кунед.Кубосо ва ҳашкоронаш дарёфтанд, ки вижагиҳои шахсиятӣ, ки бо се муаллифаи контрол, тааҳҳуд ва чолищ таъриф шуда, метавонанд афродро дар мувоҷеҳ шудан бо стресси зиёд ёрӣ расонанд, аз вуқӯи бемориҳои марбут бо стресс пешгирӣ кунанд.

Контрол яке аз мутағайирҳои сарсахтӣ аст, ки дар робитаи байни саломатӣ ва вокуниш ба стресс беш аз дигар мутағайирҳо мавриди баҳс ва таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Контрол мухолиф бо ноумедӣ аст ва то ҳадди бисёре қобилияти фардро дар бемориҳои марбут бо стресс афзоиш медиҳад, афроди сарсахт эҳсос мекунанд, ки контроли зиндагии хешро дар даст доранд, дар ҳоле ки онҳо воқеан наметавонанд ҳама чизро контрол кунанд.

Аммо замоне, ки бо авомили стресзо рӯбарӯ мешаванд, ҳис мекунанд дорои манобеи қудрат ва ихтиёроте ҳастанд ва метавонанд бар ҳаводис ва рӯйдодҳои перомуни хеш таъсиргузор бошанд. Тааҳҳуд, яъне эҳсоси муҳим ва арзишманд будан ва авомили стресзоро ба тариқи ҷолибе пиндоштан.

Тааҳҳуд бар хилофи ҳисс бегонагӣ, инзиво ва танҳоӣ аст. Афроди мутаахид дар зиндагӣ, кор, дӯстиҳо, ҷомеа, дар пешрафт ва рушди фардии хеш нақши муҳим ба босазое доранд.Чолиш ишора ба биниши фард аз авомили стресзо ва муқовимат дар баробари стресс дорад ва ин ки ӯ аз таҷрибаҳо дарс мегирад ва онҳоро ба фурсат табдил мекунад, ё бо онҳо мисли мавонеъ бархурдор намекунад. Ин тағйирот камтар аз дигар тағйиротҳои сарсахтии мавриди таваҷҷӯҳи пажӯҳишгарон будааст ва таҳқиқоте, ки то кунун анҷом шудааст, муайиди робитаи байни чолиш ва саломатӣ , набудааст. Аммо мафҳуми чолиш муайиди ин идея аст, ки афроди сарсахт биниши хушбинона доранд.

Дар айни ҳол, ки бисёре аз пажӯҳишгарон дар бораи муаллифаҳои сарсахтӣ ихтилофи назар доранд, бештари онҳо мӯътақиданд, ки сарсахтӣ метавонад аз асароти манфии стресс бар саломатӣ ҷиловгирӣ кунад.

Сарсахтӣ бо ризояти бештари шуғле, таниши камтар дар кор, афсурдагӣ ва изтироби камтар ва дар маҷмӯъ бо кайфияти беҳтари зиндагӣ марбут аст.

Мафҳуми сарсахтӣ дар ҳавзаи дониши равоншиносӣ дар соли 1974 матраҳ шуд. Яъне замоне, ки аз донишҷӯён доктор Маддӣ дар Донишгоҳи Чикаго мақолае аз маҷаллаи «Family Circle» дар бораи роҳҳои пешгирӣ аз стресс барояш овард.

Дар он замон профессор Маддӣ бо ҷиддият дар мавриди мақулаи халлоқият кор мегирад ва фикр намекард, ки хондани ин мақола чунон таъсири амиқе бар афкору андешаҳояш дошта бошад.

Ба маҳзи ин ки ба ин маъно пай барад, чолише дар ӯ ба вуҷуд омад ва дарёфт, ки афроди халлоқ чӣ гуна дар пайи тағйироте дар зиндагӣ ҳастанд ва худро бо онҳо созгор мекунанд. Таваҷҷӯҳ ба тағйирот ва тафовутҳои шахсиятӣ зеҳни ӯро ба сӯи тафовутҳои фардӣ ҷалб кард ва ингуна истинбот кард, ки агарчӣ тағйироти сресзо

дар зиндагӣ метавонад барои иддае маҳдудият ва монеъ эҷод кунад, аммо барои иддаи дигаре халлоқият ва ибтикор ба вуҷуд меоварад.

Ба ин тартиб ҳамроҳи як даста таҳқиқи ин мақуларо баррасӣ кард ва бар ҷамъоварии иттилооти марбут ба ин сӯҳбат пардохт.

Маддӣ барои муқобила бо рӯйдодҳои стресзо ду равиши муқобиларо муаррифӣ мекунад. Муқобилаи гӯшторӣ ва вопасраванда.

Муқобилаи гӯшторӣ рафторе аст, ки бо истифода аз роҳбурдҳои хоси рӯйдодҳои манфиро ба рӯйдодҳои мусбат табдил медиҳад ва ҷанбаи осебкунандаи онро коҳиш медиҳад. Ин шеваи муқобила аз ду муаллифаи зеҳнӣ ва амалӣ ташкил шудааст. Дар марҳилаи зеҳнӣ фард рӯйдодҳои стресзоро аз чашмандозии васеътаре бо баландназарӣ нигоҳ мекунад. Чунин бархӯрд боис мешавад, ки он рӯйдодҳо ончунон ҳам нороҳаткунанда ба назар наояд.

Сипас дар марҳилаи амалӣ иқдомотеро дар ҷиҳати рафъи омили стресзо анҷом диҳад. Бар хилофи муқобилаи гӯшторӣ дар муқобилаи вопасраванда фард аз стресс як мусибат месозад, бадтарин чизе, ки мумкин аст иттифоқ бияфтад, ба далели ҳамин адами ғалабаи зеҳнӣ бар стресс қарор аз онро тарҷеҳ медиҳад ва бо анҷоми аъмоле чун тафреҳи ифроте истифодаи ноҷо аз мавод ва 0000 саъй мекунад, ки омили стрессзоро фаромӯш кунад.

Мутолеоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки ваҷҳи мушаххаси афроди сахтрӯ бидуни таваҷҷӯҳ ба стрессе, ки бо он даргиранд, истифода аз муқобилаи гушторӣ дар баробари рӯйдодҳои стрессзо аст ва ҳамин муқобила аст, ки стресро аз омили манфӣ ба падидаи мусбат табдил мекунад ва дар натиҷа аз асароти манфии он ҷилавгирӣ мекунад.

Сарсахтӣ ба чанд тариқ метавонад ҳофизи саломатии мо бошад, ки дар ин ҷо ба чанд равиш ишора мекунем. Афроди сарсахт камтар аз дигарон таҷрибаҳои зиндагиро номатлуб талаққӣ мекунанд ва ба онҳо бо дидаи норозиёна наменигаранд, онҳо ҳамеша хушбин ҳастанд ва бо диди мусбат ба зиндагӣ нигоҳ мекунанд.

Афроди сахтрӯ умдатан рӯйдодҳои зиндагиро ҷолиб, омӯзанда ва чолишангез мебинанд. Онҳо ҳаводиси зиндагиро ба сурати воқеъбинона ё ба навъи баландназаре талаққӣ мекунанд ва ба ҳамин далел нисбат ба кулли рӯйдодҳои зиндагӣ хушбинтаринанд. Шояд вуҷуди ҳамин хушбинӣ аст, ки афроди сахтрӯро дар баробари ҳаводиси нохушоянд муқовимтар кардааст.

Шиддати таъсири авомили манфӣ ва стресс бо дидгоҳ ва боварҳои равоншинохтии афрод тағйир мекунад. Замоне, ки онҳо эҳсос мекунанд бар авомили стрессзо контрол доранд ва интизори касби натоиҷи мусбатро аз рӯйдодҳо доранд, вокуниши онҳо ба стресс чандон барои саломатияшон зиёнбахш нест.

Муҳаққиқони бисёре дарёфтанд, ки афроди сарсахт муқовимати ҷисмӣ ва физикии болотаре нисбат ба дигарон доранд. Ин афрод дар мувоҷеҳ бо авомили стрессзо камтар дучори фишори хун мешаванд.

Дар таҳқиқе, ки бар рӯи донишҷӯёни писар анҷом шуд, дарёфтанд, ки афроди бо сарсахтии кам, мизони стресси бисёр болоеро таҷриба мекунад ва афроде, ки сарсахтии зиёде доранд, акси ин ҳолатро таҷриба мекунанд. Дар мавриди гурӯҳи аввал фишори хун афзоиши қобили таваҷҷӯҳе мебояд.

Эҷоди тавозун ва таодул дар зиндагӣ вобаста ба он аст, ки бо стресс созгории фаъол ва муассир пайдо кунем ва авомили стресзоро дар назорати хеш бигирем ва аз тағйироти падидомада, фурсатҳои ҷадиде бисозем.

Бархе муҳаққиқон ақида доранд, ки касоне, ки стрессро ба тариқи мусбат дар назорати хеш дароваранд, афроди пуртоқат ва ҷонсахт ҳастанд, ки аз лиҳози ҷисмӣ тавоноии бештаре бо муҳит доранд.

Мушоҳидаҳо нишон дода, ки афроди сарсахт дар рӯёрӯӣ бо стресс солимтар мемонанд, зеро мароқиби саломатии худ ҳастанд.

Нагӣ ва Никс муҳаққионе буданд,  ки фарз карданд, ки афроди сарсахт амалкарди солимтар доранд, зеро меъёрҳои созгории муассирро ба кор мебаранд ва аз роҳкориҳои созгории боздоранда (монанди масрафи алкул, маводи мухаддир ё аъмоли бад), ки барои саломати зарарнок аст, иҷтиноб меварзанд.

Илова бар он ҳисси контроли фардӣ бар саломатии фард бо одоти бартари саломатӣ монанди варзиш, режими ғизоӣ ва иҷтиноб аз кашидани сигор марбут аст. Аз онҷое, ки мизони контрол бар умур дар афроди сарсахт ба соирин бошад.

Ба таври куллӣ дарки мусоид ва матлуб аз худ, яъне иззати нафси мусбат, эҳтимолан арзишмандтарин ниёзи равоншинохтӣ аст. Як эҳсоси хуб дар мавриди худ, як шарти лозим барои саломатии равонӣ аст, дар ҳоле ки фуқдони иззати нафс натиҷае аз созгории равоншинохтӣ аст.

Муқовимат дар баробари стресс бидуни худнигарӣ имконпазир нест. Иззати нафс поя ва асоси контрол, тааҳҳуд ва чолиш аст. Вақте иззати нафс дар афрод кам бошад, онҳо эҳсоси адами контрол, инзиво ва дармондагӣ мекунанд.

Хушбинӣ: Хушбинӣ ҳискунандаи фардро тақвият мекунад ва ҳузури афродро дар зиндагӣ беҳтар ва муассиртар менамояд ва ба онҳо ёрӣ мерасонад, то тағйирро ба унвони чолиш дар назар бигиранд. Хушбинӣ ҳамчунин муҷиби солим мондани онҳо мешавад ва чунончӣ рӯйдодҳое ба вуқӯъ пайваст, ки ба онҳо кумак мекунад, то хеле худ беморӣ ва садамоти равонии падид омадаро бартараф созанд.

Мадди ва ҳамкорон дар як пажӯҳиш ба баррасии робитаи сахтрӯйӣ ва хушбинӣ ба унвони яке аз алгӯҳои муқобила пардохтанд.

Натоиҷи ба даст омада дар ин таҳқиқ нишон доданд, ки хушбинӣ пешбиникунандаи сахтрӯйӣ буда, касоне, ки дар миқёси хушбинӣ пешбиникунандаи сахтрӯйӣ буда, касоне, ки дар миқёси хушбинӣ рақами болотаре касб карданд, нисбат ба онҳое, ки баҳои пойине доштанд, аз сахтрӯйи болотаре бархӯрдоранд.

Бархӯрдорӣ аз ҳимояти отифӣ ва равонӣ аз сӯи дӯстон ва хонавода, афродро аз асароти манфии стресс нигоҳ медорад ва муҷиби беҳбуди кайфияти зиндагии онҳо мешавад. Ҳимояти иҷтимоӣ метавонад манобеи созгоре ва иртиботи солиме, дӯстиву самимиятро дар худ фаро бигирад. Бисёре аз пажӯҳишгарон мӯътақиданд, ки эътимод ба дигарон ва боз кардани дарҳои қалбҳое ба рӯйи онҳо, барои эҷоди муқовимат дар баробари стресс лозим ва зарурӣ аст. Эҷоди иртибот бо дигарон нуқтаи муқобили кинаву хусумат аст, ки роҳҳои иртиботиро масдуд менамояд ва моро ба инзиво ва узлат мекашонад.

Саломатии равонӣ гоҳе фаротар аз тааҳҳуд ва ҳимояти иҷтимоӣ аст ва бар иртиботи бештари афрод бо дигарон, ки мӯҷиби рушди равонии онҳо мешавад, таъкид дорад. Саломатии равонӣ ба зиндагӣ арзишу маъно мебахшад ва як василаи дифои муассир барои муқобила бо стресс аст. Дар баррасии робитаи байни сахтрӯӣ ва саломатии равонӣ Маддӣ ва дигарон мутаваҷҷеҳ шуданд, ки сахтрӯйӣ метавонад таъйинкунандаҳои маъмули саломатии равониро таҳти таъсир қарор диҳад ва боиси афзоиши саломатии равонӣ гардад.

Бисёре аз пажӯҳишгарон бар аҳамияти ин тағйирҳо барои созгории солим дар баробари стресс таъкид кардаанд, ба таври куллӣ ҳар омили стрессзо, нишондиҳандаи шаклӣ аз тағйирот аст ва тағйир бо маънои роҳи ҷадиди анҷоми корҳо мебошад. Ҳамин тариқ, асри навин ниёзманди инъитофпазири аст, то мардум битавонанд зарфияти бархӯрд бо тағйироту нопойдориҳоро дошта бошанд.

## АДАБИЁТ


1. Maddi S.R. and Kobasa S. C (198). The hardy executive. Health under stress.
2. Brehm, Barbasa A. (1997). Stress Management. Increasing your stress ressistence. Addison Wesley Longman. Desember – 1997.
3. Lazazus R. S. Delongis A, Folrman S. Stress and abaptationaloutcomes. American Psychologist. 770 – 779.
4. Lazarus R.S., Delongis A. Folkman S. Stress and abaptati onaloutcomes, American Psychologist 779 – 781.
5. Фарҳод Ҷю Баррасии робитаи байни сахтрӯйӣ ва гироиш ба афсурдагӣ дар байни занону мардон, донишҷӯёни донишгоҳҳои Теҳроню сю 1381.


## КАК ВОСПИТАТЬ СТОЙКОСТЬ ХАРАКТЕРА


В данной статье автор рассматривает проблему воспитания стойкости характера и силу воли в различных жизненных ситуациях. Возникновение трудностей является естественным и закономерным следствием сложного процесса взаимодействия человека с окружающим миром. Способы поведения в трудных ситуациях различны и их основу составляют психологические механизмы самоконтроля и саморегуляции. Складываться они начинают в детском возрасте, в ходе активного освоения ребенком окружающей действительности. Самовоспитание, закалка своего характера и воли поможет стать сильной личностью, уверенной в себе.



**Ключевые слова:** преодоление трудностей, особенности личности, темперамент, способы поведения в трудных ситуациях, собственные возможности, развитие способностей самовоспитания, воспитание воли и характера, закаливание воли, личностные качества.

**HOW TO GROW A STRONG CHARACTER**

In this article the author considers the problem of education of firmness of character and willpower in different situations. Difficulty is a natural and logical consequence of the complex process of human interaction with the environment. Ways of behaviour in difficult situations are different and their basis is the psychological mechanisms of self-control and self-regulation. Develop, they begin in childhood, during the active development of the child surrounding reality. Self-hardening of their character, and will help them become strong personality, self-confident.

**Key words:** overcoming the challenges, personality traits, temperament, ways of behaviour in difficult situations, your own opportunities, development of skills of self. the education of the will and character, tempering the will and personality.

**Сведения об авторе:** ***Сокина Курбонали Нажод*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# БАРРАСИИ РОБИТАИ БАЙНИ САБКҲОИ ДИЛБАСТАГӢ, ҲУВВИЯТ БО СОЗГОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР НАВҶАВОНОНИ ДАБИРИСТОНИ ШАҲРИСТОНИ ИЙЗА

***Юсуф Мумбинӣ Ниё***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Болаби Bowlby (1969), наҳваи шаклгирӣ ва кунишварии пайванди отифии байни навзод-модар яъне дилбастагиро Attachment бар асоси назарияи дилбастагӣ ташреҳ кард. Механизмҳои рафторӣ вижа дар давраи тӯлонии вобастагӣ ба модар, масъулияти ҳимоят ва ҳифозат аз кӯдак ва афзоиши шиноси бақои вайро бар ухда дорад. Дар чорчӯби робитаи ҳамоҳанг ва инсиҷомёфтаи модар-навзод нишонаҳои таниш ва нигаронии навзод бо рафтори ҳимоятӣ, ҳифозатӣ ва оромишбахши модар мувоҷеҳ мешавад. Бар ин асос модар ба унвони поёгоҳе амн дар ихтиёри кӯдак қарор мегирад, то аз тариқи он ба иктишоф бипардозад. Мутобиқ бо назари Болабӣ ин таҷриба таомули аввалия, дарунсозӣ мешавад ва бо ташкили моделҳои дарунковӣ Internal Working Models чигунагии робитаи фард бо дигаронро мушаххас менамояд, ки фард шароити стресзо чӣ гуна таҷриба хоҳад намуд ва чӣ гуна равишҳои мувоҷеҳ бо онро ба кор хоҳад баст.

Баъд аз Болабӣ Оинсурс ва ҳамкорон (1987, ба нақл аз Ҳамидӣ, 1386) бо ибдоъи як муваффақияти озмоишгоҳи маъруф ба муваффақияти онҳо тафовутҳои фардӣ дар дилбастагии кӯдак ба модарро баррасӣ намуданд ва се сабки дилбастагии эмин Secure, иҷимоӣ Avoiant ва музтариб-дусугроро Avoiant мутамоиз карданд.

Кӯдакони дорои сабки дилбастагии эмин бо оромиш ва то ҳудуде бо нигаронӣ ба ғайбати модар вокуниш нишон медоданд ва аз модар истиқбол мекунанд, аммо кӯдакони ноэмин нисбат ба рафтан ва ғайбати модар эътирози зиёд мекунанд ва то замоне, ки модари онҳо featured бознагардад, ноором ҳастанд ва беқарорӣ мекунанд.

Кӯдаконе, ки сабки дилбастагии иҷтинобӣ доранд, нисбат ба баргашти модар то ҳудуди зиёде беэътино ҳастанд ва барои бухл шудан ва оромиши ҷисмонӣ талош намекунанд ва ба истиқболи модар намераванд. Аммо кӯдаконе, ки дорои сабки дилбастагии дусугро ҳастанд аз бозгашти модар истиқбол мекунанд ва ба оғӯши вай мераванд, аммо дар эътироз ба рафтани модар, рафтори вайро намепазиранд ва бо нороҳатӣ ва асабоният вокуниши шадид нишон медиҳанд.

Ҳозиҳон ва Шейвар (1987) нишон доданд, ки навъи сабкҳои дилбастагӣ дар равобити отифии навҷавонон ва бузургсолон низ мушоҳида мешавад. Бузургсолони эмин аз эътимод ба нафс, маҳоратҳои иҷтимоӣ, тавоноии барқарории робитаи отифӣ ва созгории ризоияти бахше бархурдоранд. Иҷтинобгариҳо маъмулан, алоқаманд ба барқарории равобити отифӣ ва самимии нисбатан пойдор тан дармедиҳанд. Аммо дар ҳар ҳол аз ин навъ равобити ризоият хотири комил надоранд ва маъмулан тамоиле ба робитаи дӯстонаи тӯлонимуддат надоранд. Бо худошкорсозӣ Self - disclosure мушкил доранд ва аз маҳоратҳои иҷтимоӣ ва созгории камтаре бархурдоранд.

Аммо афроде, ки сабки дилбастагии дусугро доранд, ҳамеша аз тарс ва тарк шудан нигарон дар равобити худ бо дигарон беэътимод ва дучори тазолзил дар тасмимгириҳо ҳастанд (1, с. 54). Ҳамаи ин авомил дар ҳоле аст, ки фард бо расидан ба синни навҷавонӣ ва булуғӣ тағйироте дар шеваҳое, ки фард худашро мебинад ва

эҳсос дар бораи худаш дорад, рӯй медиҳад. Муҳаққиқон аз ин назар таваҷҷуҳи худро ба ин давра маътуф кардаанд, ки тағйироте, ки дар ин давра дар фард ба вуҷуд меояд, мусталзами бозсозӣ, дуборасозӣ ва созмондиҳии асосии мафҳуми худ аст.

Истинберг Stenberg (2001) ва Глосер Glasser (1982) муътақиданд, ки ҳувият иборат аст аз ниёз ба эҳсоси ҷудо ва мутамоиз будан аз дигарон аст, ки ба назари онҳо ин ниёз, ниёзи равонӣ ва асосии инсон дар ҳама фарҳангҳо аз тавлид то марг аст (2, с. 74).

Рушд ва шаклгирии ҳувият таҳти таъсири авомили мухталифе ҳамчун хонавода, тартиби тавлид, авомили иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва … аст, ки аз миёни ин авомил, бидуни шак барҷастатарини онҳо таъсири волидайн, низоми хонавода ва равобити отифӣ аст, ки дар даруни хонавода ҳукмфармост (3, с.28).

Бинобар ин бидуни шак, навъи иртиботи отифӣ бо волидайн яке аз авомили таъсиргузор бар шаклгирии ҳувият аст. Ҳамчунин лозим ба ёдоварӣ аст, ки навҷавонӣ ба сабаби ин ки давраи таориз ва бӯҳрон аст, таваҷҷуҳ ба созгории иҷтимоӣ амре бисёр зарурӣ аст.

Лизо бо таваҷҷуҳ ба матолиби зикршуда перомуни ин ки навъе сабки дилбастагӣ ва ҳувият метавонад, заминасози рафтори оянда бошад, бинобар ин бе лутф нахоҳад буд, ки навъи робита ва таъсири онҳоро дар ин давраи созгории иҷимоӣ ва рафтори маъқул ва мутаносиб  амре бисёр зарурӣ аст, мавриди баррасӣ қарор гирад. Аз ҳамин рӯ ин пажӯҳиш дар садади посухгӯӣ ба ин савол аст, ки оё байни сабкҳои дилбастагӣ, ҳувият бо созгории иҷтимоӣ робита вуҷуд дорад?

**Фарзияҳои пажӯҳиш:**

1. Байни сабкҳои дилбастагӣ, ҳувият ва созгории иҷимоӣ дар навҷавонони дабиристонӣ робита вуҷуд дорад.

2. Сабкҳои дилбастагӣ ва ҳувият созгории иҷимоиро дар навҷавонони дабиристонӣ пешбинӣ мекунад.

**Равиши пажӯҳиш:** а) Ҷомеаи оморӣ, намуна ва равиши иҷро

Ҷомеаи омории ин пажӯҳиш кулияи донишомӯзони дабиристонии духтар ва писари шаҳристони Ийза ҳастанд, ки дар ҳангоми иҷрои ин пажӯҳиш дар мақтаи дабиристон машғули таҳсил будаанд, ки ҷамъан 1580 нафар мебошанд. Ҳаҷми намунаи омории ин пажӯҳиш 300 нафар (130 писар ва 170 духтар ) ҳастанд, ки ба сурати хӯшае чанд марҳалавӣ интихоб шудаанд, ки баъд аз ҳамоҳангӣ бо арконҳо ва созмонҳои марбут ба иҷрои пурсишномаҳои пажӯҳиш дар миёни афрод намуна пардохтаем.

**Абзори санҷиши иттилоот: 1**Пурсишномаи фароянди ҳуввият. 2. Пурсишномаи сабкҳои дилбастагӣ. 3. Пурсишномаи созгории иҷтимоӣ. 4. Пурсишномаи фароянди ҳуввият

Ин пурсишнома бар асоси назарияҳои Арегсун (1963) ва Морсиё (1964) ба василаи Болестри ва ҳамкорон Balisteri& et ad  дар соли 1995 сохта шудааст. Ин озмун дорои 32 суол аст, ки аз ин теъдод 20 суол ба сурати мусбат ва 12 суол ба сурати манфӣ ироа шудааст. Ҷавоби ҳар суол ба сурати лекзат ва комилан мувофиқам то комилан мухолифамро дар бар гирифтааст, ки тартиби нумраи даҳӣ ба он ба сурати 1 ва 2 ва 3 ва 4 ва 5-ро дар бар мегирад. Ҳадди аксар нумрае, ки як фард метавонад дар ин озмун касб кунад 160 аст ва ҳади ақал нумрае, ки як фард дар ин озмун ба даст мебарад 32 аст. Поёии ин озмунро бо истифода аз равиши бозозмоӣ 82 фоиз ва зариби Олфои Курунбох 91% будааст (4, с. 97).

1. **Пурсишномаи сабкҳои дилбастагӣ.** Ин миқёс муштамил бар 18 модда аст, ки бо аломатгузории рӯйи як миқёси панҷдараҷавӣ (лекрат), ки аслан вижагии ман нест, то комилан вижагии ман аст, санҷида мешавад. Ин озмун тавассути Кулинз Варид (1990) таҳия шудааст, ки се навъи сабки дилбастагӣ эмин, иҷинобӣ ва музтариб – дусугроро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Кулинз Варид (1994) ба нақл аз Покдоман (1380) поёии ин озмун барои ҳар як аз анвои сабкҳои дилбастагӣ бо истифода аз равиши Олфои Крунбох ба ин тартиб мебошад. Сабки дилбастагии эмин 83%, сабки дилбастагии иҷтинобӣ 80% ва сабки дилбастагии музтариб-дусугро 83% аст (5, с. 47). Поёни ин озмунро бо истифода аз озмун-озмуни муҷаддад ба сурати ҳамбастагии байни ду иҷро барои сабки дилбастагии эмин 53%, иҷтинобӣ 40% ва музтариб-дусугро 70% гузориш кардааст.

**3. Пурсишномаи созгории иҷтимоӣ.** Дар ин пажӯҳиш аз пурсишномаи шахсиятсанҷи Колиёфарниё (СТР) дар заминаи созгории иҷтимоӣ истифода шудааст, ки системаи нумрагузории ин озмун ба сурати сифру як (не (хайр) ва ҳа (бале) ) мебошад.

Равоӣ ва поёии ин пурсишнома дар таҳқиқоти мухталиф мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Масъудинажод (1371) зариби поёии ин озмунро барои созгории иҷтимоӣ 78% гузориш кардааст (6, с. 61). Ҳамчунин Шарифӣ (1376) мизони поёии ин озмунро ба шеваи Олфои Крунбох дар қисмати созгории иҷтимоӣ 80% гузориш кардааст (7, с. 41).

**Таҷзия ва таҳлил додаҳо: Фарзияи аввал:** Байни сабкҳои дилбастагӣ, ҳувият ва созгории иҷимоӣ дар навҷавонони дабиристон робита вуҷуд дорад.

| **мутағайирҳо** | **сабки дилбастагии эмин** | **сабки дилбастагии иҷтимоӣ** | **сабки дилбастагии музтариб-дусугро** | **ҳуввият** | **созгории иҷимоӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **сабки дилбастагии эмин** | **–** | **r = 0/05 P = ns** | **r = 0/04 P = ns** | **r = 0/19 P = 0.001** | **r = 0/09 P = ns** |
| **сабки дилбастагии иҷтимоӣ** | **r = 0/05 P = ns** | **–** | **r = - 0/25 P = 0.001** | **r = -0/27 P = 0.0001** | **r = -0/005 P = ns** |
| **сабки дилбастагии музтариб-дусугро** | **r = 0/04 P = ns** | **r = - 0/25 P =0.001** | **–** | **r = 0/09 P = ns** | **r = -0/01 P = ns** |
| **ҳувият** | **r = 0/19 P = ns** | **r = - 0/27 P = 0.0001** | **r = 0/09 P = ns** | **–** | **r = 0/19 P = 0.001** |
| **созгории иҷтимоӣ** | **r = 0/09 P = ns** | **r = -0/005 P = ns** | **r = -0 /01 P = ns** | **r = 0/19 P = 0.001** | **–** |

Ба ҳамон наҳве, ки дар ҷадвали фавқ мулоҳиза мешавад, ки байни сабки дилбастагии эмин ва ҳувият робитаи мусбат ва маънодор дар сатҳи 0/001 ва байни сабки дилбастагии иҷимоӣ ва ҳувият робитаи маъкус ва маънодор дар сатҳи 0/0001 вуҷуд дорад ва ҳамчунин ҳамон гуна ки мушоҳида мешавад, ҳеҷ гуна робитае байни сабкҳои дилбастагӣ бо созгории иҷтимоӣ вуҷуд надорад.

**Фарзияи дуюм:** Сабкҳои дилбастагӣ ва ҳувият созгории иҷимоиро дар навҷавонони дабиристонӣ пешбинӣ мекунад.

| **марҳала** | **мутағайири воридшуда** | **R** | **$R^2$** | **F** | **P** | **зариби B** | **зариби Beta** | **t** | **сатҳи маънидорӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **аввал** | **ҳувият** | 0/19 | 0/04 | 11/7 | 0/001 | 0/14 | 0/19 | 3/4 | 0/001 |

Ҳамон гуна ки дар ҷадвал мушоҳида мешавад, регресион ба равиши гом ба гом анҷом шудааст, ки миқдори ҳамешагии байни мутағайирҳо баробар бо 0/19 ва бо таваҷҷуҳ ба миқдори **$R^2$**, вориёнис тавассути модел тавсиа мешавад.

Ҳамчунин F муодили 11/7, ки дар сатҳи 0/001 маънодор мебошад ва зариби пешбинӣ баробар бо 0/19 мебошад. Бинобар ин бо таваҷҷуҳ ба ёфтаҳои ҷадвал ба ин натиҷа мерасем, ки аз миёни мутағайирҳои ёфташуда (сабкҳои дилбастагӣ, ҳувият) танҳо мутағайири ҳувият қудрати пешбинӣ дорад, ки сатҳи маънодори он 0/001 мебошад ва аз тариқи сойири мутағайирҳо наметавон созгории иҷтимоиро пешбинӣ намоем.

**АДАБИЁТ**


1. Афшорӣ Малакӣ. Муқоисаи амалкарди таҳсилӣ ва созгории иҷтимоӣ-отифии донишомӯзони писар ва духтар. //Поённомаи коршиноси Аршад, Донишгоҳи шаҳиди Чимрони Аҳвоз, 1375.
2. Эътисомипур Розия. Баррасии робитаи байни сабкҳои фарзандпарварӣ бо ҳувият дар навҷавонони дабиристонӣ. //Поённомаи коршиносии Аршад, Донишгоҳи Шероз, 1383.
3. Рӯзмӣ Муҳаммадризо. Баррасии таъсири инсиҷом ва инъитофпазирии хонавода бар шаклгирии ҳувият дар навҷавонони дабиристонӣ. //Поённомаи коршиносии Аршад, Донишгоҳи Шероз, 1383.
4. Фарҳодӣ Меҳрон. Баррасии робитаи сабкҳои дилбастагӣ ва эҳсоси ғурбат дар донишҷӯёни шаҳристони донишгоҳи Теҳрон. //Поённомаи коршиноси Аршад, Донишгоҳи Теҳрон.
5. Bowlby J.(1953). “Maternal care and mental, world health organization mohograph“ (Serial No. 2 ).
6. Mikulincer M.(1998). “Attachment working models and the sense of trust“, Journal of personality and social psychology. Vol74, P_P.12010-12220.

7. Rice K. G &Mirzadeh S.S(2000). " Perfectionism , Attachment and adjustment", Journal of counseling psychology, Vol 47, PP.238 -245.
8. Steinberg L. (2001). "We know somethings; Parents adolescent relationship in retrospect and prospect" , Journal of research on adolescence, Vol 11 , PP. 11-19.

## ИССЛЕДОВАНИЕ СВЯЗИ МЕЖДУ ФОРМАМИ ИНДИВИДУАЛЬНОЙ ПРИВЯЗАННОСТИ И СОЦИАЛЬНОЙ АДАПТАЦИИ СРЕДИ УЧАЩИХСЯ-ПОДРОСТКОВ ШКОЛ ГОРОДА ИЙЗА, ИРАН

В данной статье автором на основе проведенного исследования подвергнута изучению и рассмотрению связь между формами индивидуальной привязанности и социальной адаптации среди учащихся-подростков школ города Ийза Исламской Республики Иран. Социальная адаптация - это процесс эффективного взаимодействия личности с социальной средой. Социальная адаптация представляет собой начальную стадию социализации личности, которая совпадает с периодом детства. На этой стадии происходит вхождение ребенка в мир людей. Главным для родителей является создание доверительных отношений с детьми, формирование у детей положительного идеала взрослого, разумное соотношение родительской любви и требовательности.

**Ключевые слова:** нормы и правила поведения, механизмы социализации, социальная среда, сфера отношений со взрослыми и сверстниками, социальные проблемы, социальная адаптация, социализация ребенка, самосознание, социальное поведение.

## STUDY OF THE RELATION BETWEEN THE FORMS OF INDIVIDUAL ATTACHMENT AND SOCIAL ADAPTATION AMONG PUPILS TEEN SCHOOLS CITY ИЙЗА, IRAN

In this article the author on the basis of the research conducted subjected to study and discuss the relationship between forms of personal affection and social adaptation among students adolescent city schools Ийза the Islamic Republic of Iran. Social adaptation is a process of effective interaction of a person with the social environment. Social adaptation is an initial stage of socialization, which coincides with the period of childhood. At this stage, the entry of a child into the world of people. The main thing for parents is to create a relationship of trust with children, children forming a positive ideal of adult, reasonable ratio of parental love and exactingness.

**Key words:** norms and rules of behavior, mechanisms of socialization and the social environment, the set of relationships with adults and peers, social problems, social adaptation, socialization of the child, self awareness, social behaviour.

**Сведения об авторе:** ***Юсуф Мумбини Ниё*** – соискатель ТГПУ им. Садриддин Айни

# АСАРБАХШИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШӢ ВА ОМӮЗИШИ ЭЛЕКТРОНИКӢ ДАР ЁДГИРӢ

***Марями Зогӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Воруди технология ба арсаи иттилоот ва падид омадани технологияи иттилоот тамоми абъоди зиндагии башариро мутаҳаввил кард. Раванди анҷоми умури куллӣ бо гузаштаҳои начандон дур аз назари кайфӣ ва камӣ тағйир кард, ки натиҷаи ин тағйир ва таҳаввулот донишгоҳҳо ва марказҳои омӯзишӣ бо падидаи ҷадид ба унвони технологияи омӯзиш (фановарии омӯзишӣ) рӯ ба рӯ шудаанд, ки ин падидаи омӯзишро аз ҳолати суннатӣ хорӣ сохта, ҷараёни хосе ба он бахшидааст. Бо пайдоиши компютер ва ба думболи он шабакаҳои компютерӣ ва WEB-и ҷаҳонӣ дар даҳаҳои охири қарни XX навъи дигаре аз омӯзиш ва маконҳои омӯзиширо фарорӯи фарогирон қарор додааст. Омӯзиш ба кӯмаки фановариҳои навин дар муддати замони кӯтоҳе, ки аз замони пайдоиши он мегузарад, тавонист шеваҳои омӯзиширо дар сатҳи бисёр густардае дигаргун кунад.

Технологияи омӯзишӣ метавонад боздеҳи омӯзиширо аз лиҳози камӣ ва кайфӣ афзоиш диҳад ва ба омӯзгор кӯмак кунад, то аз вақти маҳдуди худ, ки дар ихтиёр дорад, ҳадди аксари баҳраро бибарад.

Фановарии иттилоот ва иртиботот амалан метавонад қадамҳои муассиреро дар ҷиҳати ёддиҳӣ-ёдгирӣ ва омӯзиш дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа дошта бошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъ чӣ гуна метавонем ба чунин ҷойгоҳе даст ёбем? Баҳрагирӣ аз фановарии иттилоот ва иртиботот дар омӯзиш ба манзури коҳиши шикофҳои омӯзишӣ ва хотима додан ба нобаробариҳои камӣ ва кайфии омӯзиш дар шаҳр ва русто, миёни занон ва мардони сарватманд ва фақир, бузургсолон ва навҷавонон ва ғайра ниёзманди модели ҳамоҳангкунандае аст, ки битавонад ҳамаи кӯшишҳоро ба наҳви муассир мудирият кунанд.

Технологияи омӯзишӣ дар омӯзишу парвариш мисли чароғе аст, ки дар пеши пойи равандагони роҳи омӯзиш ниҳода шудааст. То бо нурафкании худ роҳҳои ношинохта ва торикро равшан созад.

Дар ҷаҳони имрӯза технологияи омӯзишӣ ба мафҳуми рӯйкарде бар чигунагии омӯзиш дар иртибот бо ҳадафҳо тавонистааст бо такя бар усул ва ёфтаҳои илмӣ ва бахусус равоншиносии ёдгирӣ, абзор ва васоил дар дастрасро, аз ҷумла ашёи содае ҳаммонанди гаҷ, таблои синф ё дастгоҳи печидае монанди компютер, барои беҳина кардани омӯзиш ва боло бурдани кайфияти он ба хизмат гирад. Илова бар ин, шеваҳое нишон диҳад, ки донишомӯзон бо матлабҳои дарсӣ навоварона бархӯрд кунанд ва бо роҳнамоии муаллимони хеш, иқдом ба таҳия ва тавлиди баъзе аз маводи омӯзишии мавриди ниёз намоянд ва дар ин роҳ алоқаҳо ва маҳоратҳои худро ба кор гиранд, то натиҷаҳои матлуб аз омӯзиш ҳосил шавад.

Имрӯз манзур аз технологияи омӯзишӣ дигар маводи омӯзишӣ нест, балки ба маънои муҳандисии омӯзиш, тарроҳӣ ва меъмории омӯзиш аст. Ба дигар сухан, муҳандисӣ як фароянди таълиму тарбият аст. Бинобар ин, ҳамон тавр ки як сохтмон ниёз ба тарроҳу муҳандис ва меъмор дорад, як низоми омӯзишӣ ҳам ниёзманди технологияи омӯзишӣ аст. Агар омӯзишу парвариш бар пояи илмӣ устувор набошад, ҳаргиз ба сурати фаъолияти самарабахш ва муассир дар нахоҳад омад ва ҳамеша ба шакли кори бенизом ва ошуфта боқӣ хоҳад монд. Ба ибораи дигар, пойбанд будан ба омӯзиши суннатӣ ва бидуни таваҷҷуҳ ба охирин тағйирот ва таҳаввулоти илмӣ танҳо натиҷае, ки метавонад дошта бошад, тарбияти донишомӯзони босаводи андак ва ғайрикорбурд аст, ки ҳеҷ гуна таъсири мусбате, на дар зиндагии шахсии худ ва на дар тавсеаи иқтисодии кишвар наметавонанд дошта бошанд.

Аз тарафи дигар мутаассифона, ҳанӯз мафҳуми технологияи омӯзишӣ дар ҷомеаи омӯзишӣ ва парваришии кишвари мо ба дурустӣ шинохта нашуда, ҳанӯз ҳам шинохти иддаи зиёде аз муаллимон аз технологияи омӯзишӣ, ҳамон васоили самъӣ ва басарӣ ё кӯмаки омӯзишӣ аст, дар ҳоле ки иттилоъ аз мафҳуми ҷадиди технологияи омӯзишӣ мусталзами мутолеа аз технологияи омӯзишӣ, назарияҳои тадрис, ёдгирӣ, таҳлили ҳадафҳои омӯзишӣ, коройӣ ва ҷойгоҳи расонаҳо дар амри омӯзиш аст. Бар ин асос бояд масъулони омӯзиш ва парвариши кишвар ва муаллимон ва дастандаркорони таълиму тарбият зарурату шинохт ва истифода аз технологияи омӯзиширо беш аз ҳар замони дигар эҳсос кунанд.

Аз тарафи дигар, дунёе, ки мо дар он зиндагӣ мекунем пайваста дар ҳоли тағйир аст. Пул Лонк Рон дар ин маврид чунин менависад: «Аз як даҳа то даҳаи дигар, инсон бо чунон тағйири васеи моддӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ дар ҷаҳон рӯ ба рӯ мешавад, ки тағйирҳои дигар наметавонанд ҷавобгӯи эҳтиёҷоти имрӯз бошанд».

**Фановраии иттилоот ва иртиботот.** Фановарии Иттилоот ва иртиботот таъсироти фаровоне бар ёдгирии донишомӯзон дорад ва иборатанд аз:

1. Фароҳам кардани муҳити ғанӣ барои эҷоди навоварӣ дар донишомӯзон.
2. Эҷоди муҳитҳои ёдгирии нав бо омилҳо ва манбаи мутафовит.
3. Афзоиши ангеза дар донишомӯзон барои худомӯзӣ.
4. Фароҳам кардани мавқеияти иҷтимоӣ ва воқеӣ барои тамрини масъалаёбӣ, ҳалли масъала ва пажӯҳиш дар бораи масоили гуногун.
5. Афзоиши тавоноии лозим барои ба адст овардани дониши ҷадид.
6. Ироаи нигаришҳои нав барои мувоҷеҳа бо масоили иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.

**Омӯзиши электроникӣ.** Манзур аз омӯзиши электроникӣ ба таври куллӣ баҳрагирӣ аз системаҳои электроникӣ, мисли компютер, интернет, сидиҳо, нашрияҳои электроникӣ ва хабарномаҳои маҷозии мисли инҳост, ки бо ҳадафи костан аз рафту омадҳо ва сарфаҷӯӣ дар вақт ва ҳазина ва зимнан ёдгирии беҳтар ва осонтар истифода мешавад.

Эҷоди системаҳое, ки омӯзиши электроникӣ ба ҳисоб меоянд ва имкони ёдгирӣ аз роҳи дурро фароҳам мекунанд, мутанаввеъ ҳастанд. Вале дар дараҷаи аввал он чи ки муҳим аст, огоҳии алоқамандон аз навъи ин системаҳо ва интихоби саҳеҳ ва наҳваи истифодаи дуруст аз онҳо аст. Ин системаҳо баъзан метавонанд ҷойгузини синфҳои ҳузурӣ ҳам бошанд.

**Таърифҳои технологияи омӯзишӣ.** Вожаи технология аз решаи юнонии «текно» ба маънии бархӯрди систематикӣ бо падидаҳои илмӣ ва «логӣ» ба маънии шинохти чигунагии бархӯрди систематикӣ бо падидаҳои илмӣ гирифта шудааст. Дар луғатномаи Вебестер аз технология ба маънии корбурди дониш ё ёфтаҳои илмӣ барои мақсадҳои омӯзишӣ, ё бархӯрди систематикӣ бо омӯзиш бидонем.

Бровен технологияи омӯзиширо «тарроҳӣ, иҷро ва арзишёбии систематикии тамоми фароянди ёдгирӣ ва омӯзишӣ, бар асоси ҳадафҳои мушаххас ва натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаҳои ёдгирии инсонӣ ва ҳамчунин маҷмӯае аз манобеи инсонӣ ва ғайриинсонӣ ба манзури эҷоди омӯзиши муассир медонад».

**Таърих ва мафҳуми технологияи омӯзишӣ.** Мафҳумҳое ки аз ин ришта дар зеҳни мо мавҷуд аст, бисёр мутафовит мебошад. Далели ин дигаргунӣ тасаввуроти зеҳнӣ аз як риштаи илмӣ ва наҳваи ворид шудани ин ришта ба системаи омӯзишӣ дар кишварҳо ба таври куллӣ метавонад такомули мафҳуми технологияи омӯзишӣ бошад. Барои равшантар шудани мафҳуми технологияи омӯзишӣ марҳилаҳоеро, ки ин мафҳум тай кардааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ин марҳилаҳо марбут ба солҳои баъд аз 1900 аст. Дар солҳои қабл аз 1900 гоҳе муаллимон аҷсоми ҳақиқиро ба синфи дарс меоварданд ё кӯдаконро ба дидани мавзеҳо мебурданд. Дар робита бо равишҳое, ки қабл аз 1900 ба кор гирифта шудаанд, касоне ки ба унвони пешқадамон дар риштаи технологияи омӯзишӣ муаррифӣ мешаванд, Сотлер (1968) ва Амири Иброҳимӣ (1366) мебошанд, ки иттилооти зиёде ироа медиҳанд.

Сотлер суфистиёни қарни V пеш аз милодро пешқадамони дар риштаи технологияи омӯзишӣ медонад ва ба далели моҳияти систематикии кори онон аз назари тарроҳӣ ва созмондиҳии маводи омӯзишӣ, онопро пешқадамони воқеӣ ва ғайри қобили инкори ин ришта мешиносад.

Технологияи омӯзишӣ дар тайи такомули худ аз чаҳор марҳила гузар карда, акнун вориди марҳилаи панҷум шудааст. Бештари кишварҳо ин марҳиларо таҷриба кардаанд ва ҳар фард метавонад дар кишвари худ намунае аз марҳиларо биоварад:

1. **Марҳилаи аввал, абзор ва васоил.** Дар солҳои 1900 корхонаҳои созандаи абзор шурӯъ ба сохтани анвои прожекторҳо карданд. Хеле зуд мадрасаҳо пай бурданд, ки сирфан муҷаҳҳаз будан ба абзорҳое мисли анвои прожекторҳо ё забти савт ва граммофон наметавонад посухгӯи ниёзҳои онҳо ва мушкилкушои мушкилоти омӯзишӣ бошад.
2. **Марҳилаи дуюм, маводи омӯзишӣ.** Дар ин марҳила соҳибони саноеъ медиданд, ки бозори тозае барои фурӯши тавлидоти сахтафзори худ ёфтаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир ба аз даст додани он набудаанд. Пас афроди дигарро ба кор гирифта, шуруъ ба тавлиди нармафзорҳои мавриди ниёзи мадрасаҳо карданд.
3. **Марҳилаи сеюм, низоми дарсӣ.** Дар марҳилаи сеюм таваҷҷуҳ ба низомҳои дарсӣ ҷалб шуд. Ин марҳила аз соли 1950 ба баъд мутаваҷҷеҳ шуданд, ки тамоми аҷзое, ки дар фароянди омӯзиши ёдгирӣ дахолат доранд, бар якдигар таъсир мегузоранд. Ба ҳамин тартиб, дар дастёбӣ ё адами дастёбӣ ба ҳадаф муассиранд. Таваҷҷуҳ ба ниёзҳои дақиқи ёдгирандагон ва таъйини ҳадафҳои омӯзишӣ аз умуре буданд, ки дар ин давра ба он пардохта шуд. Дар ин давра тарроҳии муназзами тадрис (омӯзиш) ё технологияи омӯзишӣ (тадрис) мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.
4. **Марҳилаи чаҳорум, омӯзишӣ.** Омӯзиши афрод бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои онҳо дар робита бо ҷомеаи хоси худи онҳо матраҳ аст. Дар ин марҳила маводи омӯзишии навишторӣ, дидорӣ, шунидорӣ ва дидорӣ-шунидорӣ ба мутолеаи ҷомеа, ки фард дар он рушд кардааст ва бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои ҷомеа таҳия мешавад, яъне ҳам ба фардияти шахс ва ниёзҳо таваҷҷуҳ мешавад ва ҳам ба ниёзҳои ҷомеа.
5. **Марҳилаи панҷум, низомҳои иҷтимоӣ.** Дар марҳилаи панҷум мафҳуми технологияи иҷтимоӣ бештар ба унвони фалсафаест ҳоким бар кулли омӯзиш, ки дар як кишвар барои расидан ба ҳадафҳои рушд ва тавсеа анҷом мегирад. Ин марҳила махсуси афрод ё созмони хосе нест, балки ҳитаи амали ҳар фард ё созмонеро барои рушд ва тавсеаи кишвараш кор мекунанд дар бар мегирад.

**Омӯзишу парвариш.** Омӯзишу парвариш фаъолияте аст мудовим, ҷомеъ ва барои ҳама, барои рушд ва таолии инсон, ғанои фарҳанг ва такомули ҷомеа ба баёни дигар фарогардест, ки тайи он маҷмӯае аз донишҳои муртабит ва муназзам ҳамроҳ бо одатҳо ва маҳоратҳои ҳосил аз он интиқол меёбад. Бинобар ин, омӯзишу парвариш бояд қобилияти ёдгириро дар фарогирон эҷод кунад, то онон билқувва қодир ба интибоқи худ бо шароити ҳосил аз тағйироти мудовими дониши башарӣ бошанд.

**Тадрис.** Иборат аст аз таомул ё рафторҳои мутақобили муаллим ва шогирд бар асоси тароҳҳии муназам ва ҳадафдор барои эҷоди тағйири рафтор дар шогирд.

**Ёдгирӣ.** Ёдгириро равоншиносон тағйири каму беш пойдоре, ки дар асари таҷриба дар рафтори фард эҷод мешавад, гуфтаанд.

**Мудирони омӯзишӣ.** Манзур аз касоне аст, ки дар тасмимгириҳои омӯзишӣ ва парваришӣ нақш доранд, рафтор ва амали онон ҷараёни омӯзишу парваришро мустақиман таҳти таъсир қарор медиҳад.

**Пешниҳодҳои муҳаққиқ.** Бо таваҷҷуҳ ба заруратҳои ёдшуда ва ниёзи мубрам ва рӯзафзун низоми таҳлилу тарбият ба технологияи омӯзишӣ пешниҳод мешавад. Ҷиҳати шинохт ва рафъи маҳдудиятҳои мавҷуд, барои бакоргирии технологияи омӯзишӣ дар фароянди тадрис ва ироаи роҳбурдҳои амалӣ аз расонаҳои ин таҳқиқ, дар ҷомеаҳои бузургтаре анҷом гирад. Пешниҳод мегардад, ки иллатҳои гироиш ва адами гироиши муаллимон бо истифода аз расонаҳои омӯзишӣ дар ҷараёни тадрис, мавриди таҳқиқ қарор гирад ва бояд фаъолиятҳои амалӣ ва корбурдӣ дар мадрасаҳо афзоиш ёбанд. Бинобар ин, дар ин марҳила технологияи омӯзишӣ бояд ба унвони яке аз омилҳо дар барномарезии ҳар кишвар ворид шавад ва куллияи ниҳодҳо ва созмонҳо барои иҷрои барномаҳои омӯзишии худ онро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд.


**АДАБИЁТ**

1. Волтер Ивич. Чарлз Ф. Шулер. Технологияи омӯзишӣ (мазият ва корбурд). Тарҷумаи Эраҷи Эътимоди Шероз. –Теҳрон: Роҳкушо, 1373. -С.9.
2. Алиободи Хадича. Муқаддимоти технологияи омӯзишӣ. –Теҳрон: Паёми Нур, 1375.
3. Позуки Эраҷ. Силсилаи мабҳасҳое дар технологияи омӯзишӣ. Теҳрон: Анис, 1370.
4. Аҳадиён Муҳаммад. Муқаддимоти технологияи омӯзишӣ. –Теҳрон: Оиж,1378.
5. Атарирод Алоиддин. Нақши технологияи омӯзишӣ дар тасҳили мудирияти мадрасаҳо. Маҷаллаи рушди технологияи омӯзишӣ. Соли 10, №3, озармоҳи 1373-1374.



**ВЛИЯНИЕ ТЕХНОЛОГИИ ОБУЧЕНИЯ НА ЭЛЕКТРОННОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В ОБУЧЕНИИ**

В данной статье автор рассматривает влияние технологии обучения на электронное образование в обучении. Технология обучения - это способ реализации содержания обучения, представляющий систему форм, методов и средств обучения, обеспечивающую наиболее эффективное достижение поставленных целей. Информационная технология обучения - это педагогическая технология, использующая специальные способы, программные и технические средства для работы с информацией.



**Ключевые слова:** информационные технологии, технология обучения, компьютерная технология, использование компьютерных телекоммуникационных технологий, организация обучения.



**THE IMPACT OF TECHNOLOGY LEARNING AND E-EDUCATION LEARNING**

In this article the author examines the impact of technology of training on e-education learning. Technology education - is the way of implementation of the learning content, which represents a system of forms, methods and means of education, providing the most effective achievement of their goals. Information technology training is teaching technology that uses special methods, software and hardware for information.



**Key words:** information technology, technology education, computer technology, use of computer telecommunication technologies, organization of training.



**Сведения об авторе:** ***Марям Зоги*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни


# ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ СЛОЖНОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В ПРОЦЕССЕ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ


***Мужда Курбони, Джахонгир Косимнаджод***

**Свободный исламский университет города Маврдашт, Иран**

**Таджикский национальный университет**


Воспитание как явление общественной жизни - сложный, противоречивый, социально-исторический процесс включения подрастающего поколения в жизнь, в производственную сферу, творчество, духовность. Этот процесс осуществляется через политику, науку, искусство, религию. Воспитание как явление педагогической жизни - сложный, целенаправленный, планомерный процесс руководства формированием личности, ее потребностей, мотивов, чувств. Осуществляется через семью, дошкольные учреждения, школу.

Перед миллионами воспитателями встает множество вопросов, проблем, задач, которые невольно ставят перед ними воспитанники. Каждый день складываются различные ситуации, когда взрослому приходится оценивать поведение ребенка, занимать определенную позицию, использовать различные формы воздействия на него. Ведь даже родители, вооруженные педагогическими знаниями, порой оказываются бессильными

перед ними.Воспитание не является делом только педагогов, воспитание детей - это дело каждой семьи и всех взрослых людей.

В последнее время интерес к вопросам воспитания особенно возрос. О трудностях воспитания пишут педагоги, психологи, юристы. В специальной литературе описано множество таких частных случаев и эпизодов из практики воспитания, когда, как правило, все, кто имеют дело с формированием подрастающей личности, сталкиваются с трудностями, проблемами и задачами, которые необходимо решать правильно и своевременно. Помимо знания и владения отдельными педагогическими методами, средствами и приемами родители должны уметь находить правильное решение в каждом частном случае, выявлять действительные причины деформации поведения ребенка и планировать пути и средства их коррекции.

*Что такое семья - знает каждый. В семье начинается наша жизнь. В семье мы получаем тепло, опору и поддержку, необходимые каждому. Только семья, конечно, если она благополучна, может создать ту неповторимую атмосферу близости, общности и взаимной заботы, без которой невозможно нравственное развитие человека.*

Еще со времен Платона мудрые высокообразованные люди, ученые и педагоги, утверждали, что семья оказывает огромное влияние на психологическое становление детей, несет величайшую ответственность за развитие их умственных способностей, гармоничное духовное и физическое развитие, воспитание в духе здоровых моральных принципов. Семья заботится сделать детей правдивыми, аккуратными, трудолюбивыми, послушными и т.д. Цели усложняются позже, с возрастом детей. Позже приходится считаться с изменившимися условиями жизни, тогда меняются и сами условия их воспитания.

Семейные условия, включая социальное положение, род занятий, материальный уровень и уровень образования родителей, в значительной мере предопределяют жизненный путь ребенка. Помимо сознательного, целенаправленного воспитания, которое дают ему родители, на ребенка воздействуют все внутрисемейные отношения, причем эффект этого воздействия накапливается с возрастом.

Внутрисемейные отношения являются ведущим фактором возникновения и развития сложных педагогических ситуаций в семье, поэтому родитель должен быть готов к ним. Умение заранее предвидеть дальнейшее развитие действий ребенка повышает готовность родителей, их возможности действовать на весь ход ситуации. Не зная ребенка, его особенностей и склонностей, невозможно правильно избрать средства и методы, с помощью которых достигается успех в воспитании. Только при систематических раздумьях, внимательном наблюдении, в результате выявления действительных причин и мотивов поведения ребенка, родитель сможет обнаружить ту точку опоры в душе ребенка, вокруг которой в дальнейшем возникают взаимопонимание, доверие и, соответственно, нормальное поведение.

Педагогическая наука не дает точных рецептов воспитания, однако, она указывает направление поисков правильных путей формирования личности, предостерегает от принятия неверных решений и действий, способствует формированию и развитию культуры педагогического мышления.

Знание теории воспитания является основой, овладев которой, каждый отдельный родитель сможет создать собственную, индивидуальную и творческую программу воспитания ребенка.

К.Д.Ушинский считал, что воспитатель, помимо знания психологических особенностей ребенка, должен владеть также воспитательными средствами и приемами педагогического воздействия и знать возможный педагогический потенциал каждого из них.

В преодолении сложных семейных педагогических ситуаций большую пользу могли бы принести психолого-педагогические консультации для родителей с использованием различных форм группового тренинга, индивидуальных занятий, именно такие виды работ могут восприниматься и позволяют добиться наиболее эффективных результатов. Поэтому мы хотим посвятить работу такой актуальной, на наш взгляд, проблеме, как преодоление сложных педагогических ситуаций в процессе семейного воспитания. Множество социальных исследований посвящено вопросам семейного воспитания.

Многие ученые педагоги А.С.Макаренко, Н.К.Крупская, В.А.Сухомлинский, Л.С.Алексеева, И.А.Андреев, Н.И.Болдырев и др изучают семейные проблемы – это. они с различных точек зрения изучали различные стороны семейного воспитания. Одни из них пишут об ответственности родителей, о роли семьи в воспитании, о воспитательном значении личного примера, о роли авторитета родителей; другие – о такте родителей, о взаимоотношениях между членами семьи, о возрастных особенностях, о методах воспитания, о типичных ошибках родителей. Особенностью нашей статьи является изучение множества исследований, анализ частных случаев и явлений воспитательной практики, а также выработка определенных выводов и обоснованных рекомендаций, которые могли бы помочь воспитателям.

**ЛИТЕРАТУРА**


1.. Минаваров А.К. Педагогические условия повышения эффективности семейного воспитания. Ташкент, 1989.
2. Петракова Т.И. Гуманистические ценности образования в процессе духовно-нравственного воспитания подростков. М., 1999.
3. Савинов И.П. Образ жизни семьи и репродуктивные установки супругов. М., 1990.
4. Стрекалова Н.И. Взаимодействие школы и семьи по профилактике нарушений психического здоровья ребенка младшего школьного возраста. М., 1995.
5. Теплова З.И. Педагогические условия взаимодействия дошкольного образовательного учреждения с семьей. М., 1999.
6. Турьян В.А. Социально-педагогические факторы семейного воспитания. М., 1986.
7. Хузина А.Г. Нравственное воспитание детей младшего школьного возраста в семье средствами народной педагогики. Казань, 1996.
8. Шаграева О.А. Образ жизни семьи и психическое развитие ребенка. М., 1995.
9. Щербакова С.Н. Формирование психолого-педагогической культуры родителей. М., 1998.


**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ СЛОЖНОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В ПРОЦЕССЕ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ**


В данной статье авторами подвергнуты рассмотрению и изучению психолого-педагогические основы возникновения сложной педагогической ситуации в процессе семейного воспитания. Особенностью нашей статьи является изучение множества исследований, анализ частных случаев и явлений воспитательной практики, а также выработка определенных выводов и обоснованных рекомендаций, которые могли бы помочь воспитателям.



**Ключевые слова:** семейное воспитание, процесс семейного воспитания, теории воспитания, творческая программа воспитания ребенка, возникновение сложной педагогической ситуации.


**PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF THE EMERGENCE OF COMPLEX TEACHING SITUATION, IN THE PROCESS OF FAMILY EDUCATION**


In this article the authors subjected to review and study of the psychological-pedagogical bases of occurrence of complex teaching situation, in the process of family upbringing. Feature of our article is to study the many studies, the analysis of specific cases and the phenomena of educational practices, as well as development of specific conclusions and recommendations could help carers.



**Key words:** family education, the process of family education, theory of education, a creative program of upbringing of the child, the emergence of complex teaching situation.



Сведения об авторах: ***Мужда Курбони*** - магистр Свободного исламского университета города Марвдашт
***Джахонгир Косимнаджод*** – соискатель Таджикского национального университета


## ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ ДАР ПАНҶ ҚИТЪАИ ҶАҲОН


***Иброҳими Ализода***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Омӯзиш яке аз муҳимтарин аркони ҳар мизони иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар ҷомеаи пешрафта, ки рӯз ба рӯз бар печидагии он афзуда мешавад, бидуни омӯзишҳои лозими зиндагӣ мумкин нахоҳад буд. Ба таносуби густариши маҳоратҳои кор ва зиндагӣ дар шароити кунунӣ низоми омӯзишии ҳар ҷомеае ниёз ба иртикои камӣ ва кайфӣ дорад. Сиёсатгузорӣ ва барномарезӣ дар масоили омӯзишӣ дар сутӯҳ ва ҳавзаҳои мухталиф иборат аст аз ибтидоӣ, мутавасситӣ ва омӯзиши олӣ.

Имрӯз кишварҳои мухталифи ҷаҳон аз сохторҳои омӯзишии мутафовите бархурдоранд, ки табиатан сохторҳои фавқ дар ҳар кишваре бинобар сиёсатҳо,

барномаҳо ва аҳдофи мавриди назари он кишвар бо таҳаввулоти иҷтимоӣ ва пешрафтҳои фарҳангии муносиб бо қарни 21-ум ҳамқадам шавад ва аз сӯйи дигар, ҳамоҳангиҳои лозим байни барномаҳои омӯзишӣ ва бозор дар ҳавзаҳои мухталифи хадамотӣ, саноатӣ, кишоварзӣ, бозоргонӣ ва ғайраҳо падид ояд.

**Қитъаи Амрико.** Мақтаи омӯзиши поя дар бархе аз кишварҳои қитъаи Амрико танҳо мақтаи ибтидоиро дар бар мегирад. Дар кишварҳои амрикоӣ, тӯлонитарин мақтаи омӯзиши поя 12 сол тӯл мекашад. Кутоҳтарин мақтаи омӯзишии поя низ ба кишварҳое ихтисос дорад, ки омӯзиш дар он мақтаъ танҳо мухтаси мақтаи ибтидоӣ буда, ҳадди ақал 5 сол тӯл мекашад. Дар миёни кишварҳои амрикоӣ камтарин синни вуруд ба омӯзиши пешдабистонӣ ду солагӣ буда, бештарин синни вуруд ба мақтаи пешдабистонӣ се сол аст. Поёнтарин синни вуруд ба мақтаи ибтидоӣ синни 5 солагӣ аст ва болотарин синни донишомӯзони шоғил ба таҳсил ба мақтаи ибтидоӣ ба таҳсил дар кишвари Элсолводер ва ба далели тӯлони будани он мақтаъ бо 15 сол ва сипас кишварҳои Бразиля ва Венесуела бо 14 сол мушоҳида мешавад.

Тулонитарин мақтаи ибтидоӣ бо 9 сол дар кишварҳои Элсолводер ва Венесуела ва пас аз он кишварҳои Чили ва Бразилия бо 8 сол тӯлии муддат дар ин мақтаъ мушоҳида мешавад. Кутоҳтарин тулии мақтаъ 5 сол буда, дар кишварҳое мисли Колумбия, Фаронса ва ғ. ба иҷро дар меоянд.

**Китъаи Аврупо.** Дар миёни қитъаҳои ҷаҳон қитъаи Аврупоро метавон ба унвони ҷойгоҳе қаламдод кард, ки маҷмӯе аз пешрафтатарин ва мутанаввеътарин низомҳои омӯзиширо дар худ ҷой додааст. Далелҳои пешрафти ин низомро метавон дар омилҳои зер ҷустуҷӯ кард.

1. Истиқрор ва иҷтимои аксари кишварҳои рушдёфта дар ин қитъа;
2. Қадимӣ будани фарҳанг ва собиқаи паёпай ва тӯлонии илмӣ ва омӯзишӣ дар кишварҳо;
3.Воқиф будан бар аҳамият ва нақши омӯзишу парвариш дар тавсеаи ҷомеа ва сармоягузории лозим дар ин замина;
4. Шиносоӣ ва баҳрабардории муфиди кишварҳо аз манобеъ, зарфиятҳо ва потенсиалҳои мавҷуди худ.
5. Барномарезӣ ва оянданигариҳои лозим;
6. Сохтори муносиби мудирияти ҳоким бар низоми омӯзишӣ;
7. Бархурдорӣ ва бакоргирии фановарии пешрафта дар чаҳорчӯби барномаи омӯзишӣ.

Лозим ба тавзеъ аст, мизони короии низомҳоми омӯзишӣ ва бархурдорӣ аз омилҳои фавқ дар кишварҳои қитъаи Аврупо яксон набуда, метавон кишварҳои мухталифро аз ин назария ба сутӯҳи мухталиф тақсимбандӣ кард. Аммо, шохистарин намунаҳоро метавон дар кишварҳои Олмон, Англия, Скандинавия ва ғайра мушоҳида кард. Ҳамон гуна ки дар ибтидо низ дар ин навиштор нигоҳи тавсифӣ ба сохтори низоми омӯзишӣ мадди назар будааст ва тарҳи матлабҳои фавқ танҳо ба манзури ҷалби таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон ва алоқамандон ба ин ҳавза барои баррасӣ ва мутолиа дар заминаи шеваҳои мухталифи мудирият ва идораи омӯзишу парвариш, навовариҳои омӯзишӣ, пайванди омӯзиш бо бозори кор ва иштиғол, ҳузури мардум ва мушорикатҳои мардумӣ дар омӯзиш ва ғайра аст, омӯзиши поя дар теъдоди каме аз кишварҳои ин қитъа танҳо нуқтаи ибтидоиро дар бар мегирад. Дар аксари кишварҳо ин қитъа ин мақтаъ шомили мақтаи ибтидоӣ ва муқаддимотии мутавассит мешавад.

Дар миёни кишварҳои аврупоӣ тӯлонитарин мақтаи омӯзиш, пояи 13 сол ва кӯтоҳтарин сатҳи омӯзиш пояи 8 сол будааст. Камтарин синни вуруд ба омӯзиши пешдабистонӣ сини 2 солагӣ буда, бештарин синни вуруд ба ин мақтаъ 5 солагист. Поёнтарин сини вуруд ба мақтаи омӯзиши ибтидоӣ синни 5 солагист ва поёнтарин синни вуруд ба ин мақтаъ дар ҷаҳон аст ва болотарин синни донишомӯзони шоғил ба таҳсил дар мақтаи ибтидоӣ бо 14 сол мушоҳида мешавад.

Ба таври кулли мақтаҳои омӯзиши расмӣ бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти онҳо дар низоми омӯзишии кишварҳои ҷаҳон ба ду бахши аслии ибтидоӣ ва мутавассита тақсим мешаванд. Дар бархе аз кишварҳои қитъаи Аврупо низоми омӯзишӣ танҳо бо ду гурӯҳи давраи ибтидоӣ ба муддати 8 сол ва мақтаи мутавассита ба муддати 4 сол тақсим шудааст. Аммо дар аксари кишварҳои ин қитъа (худуи 86%) мақтаи мутавассита ба ду мақтаи кӯтоҳтар тақсим гардидааст, ки бо унвонҳои мақтаи

муқаддимотии мутавассита ва мақтаи такмилии мутавассита шинохта мешаванд. Кӯтоҳтарин мақтаи мутавассита дар маҷмуи кишварҳои қитъаи Аврупо бо тули муддати 4 сол ва тулонитарини мақтаи мутавассита 9 сол аст. Ва дар айни ҳол тулонитарин давраи мутавсита дар ҷаҳон ҳисоб меояд. Тӯлонитарин мақтаи муқаддимотии мутавасита дар қитъаи Аврупо 6 сол ва кӯтоҳтарини он ду сол тӯл мекашад ва тӯлонитарин мақтаи такмилии мутавассита 5 сол мебошад.

**Қитъаи Осиё.** Дар қитъаи паҳновари Осиё бо маҷмӯаи мутанаввее аз низомҳои омӯзишӣ бархурдор мебошем, ки аз як сӯ бархе ба далели мунтабақ шудани бештар вазъияти низом бо аҳдофи пештангшуда ва бархурдорӣ аз имконот, таҷҳизот ва неруи инсонӣ омӯзиш дида, аз вазъияти матлубтаре бархурдор буданд, аз сӯйи дигар, бархе низ бо идомаи ҳокимият равишҳои суннатӣ бар низоми омӯзишии мадорис аз боздеҳии лозим бархурдор набуда, ба далели адами тахмини манобеи молӣ мавриди ниёз, адами бархурдорӣ аз имконот, фурсатҳо, таҷҳизот ва шароити лозим аз омӯзиши фаъол маҳрум мебошанд.

Бар асоси қонунҳои мусаввaт аз кишварҳои ҷаҳон бахше аз мақтаи таҳсилӣ ба унвони мақтаи омӯзишии поя талаққӣ гардид ва куллияи шаҳрвандон муаваззаф ҳастанд, ки пас аз гирифтани иҷозаи лозим ва қонунӣ аз омӯзиши қонунии ин мақтаъ бархурдор гарданд. Давлатҳо низ дар навбати худ вазифадоранд, дар ҷиҳати бархурдории бештари шаҳрвандон аз ин мақтаъ тасҳилоти лозимро фароҳам намуда, ба ироаи хадамот ба сурати ройгон мубодират намоянд. Мақтаи омӯзиши иҷборӣ дар бархе аз кишварҳои қитъаи Осиё (26%) монанди кишварҳои Сурия Эрон, Аморати Муттаҳидаи Араб ва ғайраҳо танҳо шомили мақтаи омӯзиши ибтидоӣ буда, дар соири кишварҳо, ин мақтаъ шомили ду мақтаи омӯзиши ибтидоӣ ва муқаддимотии мутавассита мегардад. Дар миёни кишварҳои осиёӣ, тӯлонитарин мақтаи омӯзиши поя 12 сол ва кӯтоҳтарини он 5 сол аст.

Дар кишварҳои осиёӣ камтарин синни вуруд ба омӯзиши пешдабистонӣ 2 солагӣ ва бештарин синни вуруд ба пешдабистонӣ 5 солагист ва дар мақтаи ибтидоӣ камтарин синни вуруд 5 солагӣ ва тӯлонитарин давраи вуруд ба мақтаи омӯзиши ибтидоӣ 10 солагӣ аст, ки дар кишварҳои Фаластин ва Урду мушоҳида мешавад.

Дар аксари кишварҳои китъаи Осиё мақтаи омӯзиши мутавассита худ аз ду мақтаи кӯтоҳтар бо унвонҳои мақтаи муқаддимотии мутавассита ва мақтаи такмилии мутавассита муташаккил мегардад. Кӯтоҳтарин тӯли муддати мақтаи муқаддимотӣ 2 сол ва тӯлонитарин мақтаи муқаддимотии мутавассита 8 сол мебошад ва тӯлонитарин мақтаи такмилии мутавассита 4 сол дар кишварҳои Покистон, Қувайт ва Эрон аст. Кутоҳтарин мақтаъ дар кишварҳои Чин, Гурҷистон ва Молдавия мушоҳида мегардад.

**Қитъаи Африко.** Дар қитъаи Африко ба далели вуҷуди кишварҳои мутааддид, шоҳиди танаввӯи зиёде дар низомҳои омӯзишӣ мебошем. Ба таври мусаллам аксарияти кишварҳои қитъаи Африко дар радифи кишварҳои рушднаёфта қарор гирифтааст ва бархе дар зумраи кишварҳои дар ҳоли рушд маҳсуб мегарданд. Натиҷаи чунин вазъияте дар маҷмӯъ шароитеро падид меоварад, ки ба ҷуз дар мавридҳои маҳдуд, низомҳои омӯзишии ин қитъа ба далели адами бархурдорӣ аз имконот ва таҷҳизоти лозим, неруи инсонии мутахассис ва адами сармоягузорӣ ва пуштибониҳои молии лозим аз кайфияти қобили таваҷҷуҳе бархурдор набошад.

Мақтаи омӯзиши поя дар бисёре аз кишварҳои қитъаи Африко (50%) танҳо шомили мақтаи омӯзиши ибтидоӣ мегардад ва дар бархе кишварҳо ин мактаъ аз ду мақтаи ибтидоӣ ва муқаддимотии мутавассита муташаккил мегардад. Тӯлонитарин мақтаи омӯзиши поя дар ин қитъа 10 сол ва кӯтоҳтарин давраи омӯзишӣ дар мақтаи омӯзиши поя 4 сол мебошад.

Камтарин синни вуруд ба омӯзиши пешдабистонӣ синни 2 солагӣ ва бештарин синни вуруд ба ин мақтаъ синни 6 солагист. Поёнтарин синни вуруд ба мақтаи омӯзиши ибтидоӣ синни 5 солагӣ аст ва тӯлонитарин мақтаи ибтидоӣ 9 сол дар мақтаи ибтидоӣ дар кишвари Ливия мушоҳида мешавад. Кӯтоҳтарин тӯлии муддати мутавассита дар маҷмӯи кишварҳои қитъаи Африко дар кишварҳои Ливия ва Судон бо тӯли муддати 3 сол мушоҳида шуда, тӯлонитарин мақтаи мутавассита 7 сол дида мешавад.

**Китъаи Уқёнусия.** Мақтаи омӯзиши поя дар бархе аз кишварҳои қитъаи Уқёнусия (20%) танҳо мақтаи ибтидоиро дар бар мегирад. Ва дар аксари кишварҳо

ин мақтаъ шомили ду мақта-ибтидоӣ ва муқаддимотии мутавассита мебошад. Дар миёни кишварҳои Укёнусия тӯлонитарин мақтаи омӯзиши поя марбут ба кишварҳои бо 12 сол тули муддати мақтаъ аст. Кӯтоҳтарин мақтаи омӯзиши иҷборӣ дар ин мақтаъ ҳадди ақал 6 сол тӯл мекашад.

Дар миёни кишварҳои амрикоӣ камтарин синни вуруд ба омӯзиши пешдабистонӣ 2 солагӣ ва бештарин синни вуруд ба ин мақтаъ 5 солагист. Поёнтарин синни вуруд ба мақтаи омӯзиши ибтидоӣ 5 солагист ва тӯли муддати мақтаи ибтидоӣ ҳадди аксар 9 сол мебошад. Дар аксари кишварҳои қитъаи Укёнисия мақтаи мутавассита ба ду мақтаъ бо ановини мақтаи муқаддимотии мутавассита ва мақтаи такмилии мутавассита тақсим мешаванд. Кӯтоҳтарин тӯли муддати мутавассита бо муддати ду сол ва тӯлонитарин мақтаи мутавассита 7 сол мебошад.

Мақтаи омӯзишии расмӣ бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти онҳо дар низоми омӯзишии кишварҳои ҷаҳон ба ду бахши аслӣ ибтидоӣ ва мутавассита тақсим мешаванд, ки дар қитъаи Аврупо низоми омӯзишӣ дар давраи ибтидоӣ ба муддати 8 сол ва дар мақтаи мутавассита ба муддати 4 сол тақсим шудааст. Ва дар қитъаи Осиё низоми омӯзишӣ дар мақтаи ибтидоӣ ва мақтаи мутавассита буда, мақтаи мутавассита худ ба ду мақта - муқаддимотии мутавассита ва мақтаи такмилии мутавассита ташкил мегардад. Ва дар бештари кишварҳои Африқо ва Укёнусия мақтаи омӯзишӣ, танҳо шомили мақтаи омӯзиши ибтидоӣ буда, дар бархе кишварҳои он китъа мақтаи омӯзишӣ аз ду мақтаи омӯзишӣ ибтидоӣ ва муқаддимоти мутавассита ташкил шудааст.

**А Д А Б И Ё Т**

1. Ализода Иброҳим Ализода. Сохтори низоми омӯзиши парвариши Эрон ва ҷаҳон. –Шероз, 2012.
2. Надими Муҳаммадтақӣ. Буруҷ Муҳаммадҳусайн. Омӯзишу парвариши се мақтаъ. –Теҳрон, 2000.
3. Аскариён Мустаффо. Созмон ва мудирияти омӯзишу парвариш. –Теҳрон, 1990.
4. ЮНИСЕФ Созмони Милал. Омӯзишу парвариш ва тағйир дар Аврупои марказӣ ва шарқӣ. Тарҷумаи Носириддини Ҳасанзода, 1993.
5. Китобхонаи маҷозии Эрон. Дафтари иттилоърасонӣ ва санҷиши афкор, 2012.
6. Шаҳбонӣ Ҳасан. Маҳоратҳои омӯзишӣ ва парваришӣ. –Теҳрон, 2005.

**ВОСПИТАНИЕ И ОБУЧЕНИЕ В ПЯТИ ЧАСТЯХ СВЕТА**

Становление и развитие системы обучения тесно связано с многовековым укладом и историей различных систем обучения и воспитания. Во все времена обучение являлось непременным условием ориентации человека в окружающем мире, способом формирования его взаимодействия с другими людьми и природой, возможностью включения в социально-экономическую и культурную жизнь народа. Многие приемы, формы и методы обучения имеют тысячелетнюю историю и сохранились до наших дней. Если провести сопоставительный исторический анализ, то в современных системах обучения можно отыскать общие корни с древними подходами к образованию и воспитанию человека. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению способы обучения и воспитания в пяти частях света – Америке, Европе, Азии, Африке и Атлантике.

**Ключевые слова:** обучение и воспитание, различные способы обучения и воспитания, подходы к образованию, овладение определенными знаниями, идейно-нравственные ценности, общество.

**EDUCATION AND TRAINING IN FIVE PARTS OF THE LIGHT**

Formation and development of the system of education is closely linked with centuries-old lifestyle and history of different systems of training and education. At all times, training prerequisite of human orientation in the world, the way of forming its interaction with other people and nature, possibility of integration into the socio-economic and cultural life of the people. Many techniques, forms and methods of education have a long history and have been preserved to our days. If a comparative historical analysis, in modern systems of training, you can look for common roots with ancient approaches to education and upbringing of a man. In this article the author subjected to review and study of methods of training and education in the five continents - America, Europe, Asia, Africa and the Atlantic.

**Key words:** training and education, different ways of learning and upbringing, education approaches, learning of specific knowledge, ideological and moral values, society.

**Сведения об авторе:** ***Иброхим Ализода*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# ИХТИЛОЛИ БЕШФАЪОЛӢ: КАМБУДИИ ТАВАҶҶУҲ

*Марям Ҳуҷҷатӣ*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Ихтилоли бешфаъолӣ-камбудии таваҷҷуҳ бо мизони таваҷҷуҳи кӯтоҳи номутаносиб аз назари рушд ё вижагиҳои номутаносиб бо синни бешифаъолӣ ё рафтори такониш ё ҳар ду мушаххас аст. Барои бароварда сохтани мелокҳои ташхиси ин ихтилол бояд ҳадди ақал шаш моҳ давом ёбад. Дар амалкарди иҷтимоӣ ва таҳсил ихтилол эҷод кунад ва қабл аз 7 солагӣ рӯй диҳад. Табақи чаҳорумин чопи роҳнамоии ташхисӣ ва оморӣ ICD- 10 кӯдакони фузуниканиш аз лиҳози иҷтимоӣ боздорӣ надоранд ва дар ин иртибот бо кӯдакони дигар самимӣ нестанд, ҳурмати худ дар ин афрод поин аст ва мушкилоти хонавода ва таҳсил дар онҳо шоеъ аст.

Ин ихтилол замоне ташхис дода мешавад, ки бо син ва баҳраи ҳуши кӯдак таносубе надошта бошад. Ба ибораи дигар, кӯдак дорои ҳуши мутаввасситае аст. Ин ихтилол замоне ташхис дода мешавад, ки аъмоли фард ниёз ба худгардонӣ дошта бошад, аммо кӯдак қодир набошад худро нигоҳ дорад. Ҳамчунин беқарори кӯдак набояд ношие аз ихтилол, афсурдагӣ ва изтироб бошад.

**Ҳамгирии шиносоӣ.** Гузоришҳои мизони бурузи ADHD дар Иёлоти Мутаҳида байни 2 то 20 % донишомӯзони мадорис мутафовут будааст. Дар Британияи Кабир буруз дар писарҳо бештар аз духтарҳо бо нисбате байни 3 бар 1 ва 5 бар 1 аст. Ин ихтилолот дар писарбачаҳои аввали хонавода шоеътар аст. Волидайни кӯдакони мубтало ба ADHD мизони болотаре аз ҳипаркинзи, сотсиометрӣ, илкилисмӣ ва ҳистри нишон медиҳанд. Ҳарчанд шарҳи ихтилолӣ ҳудуди 3 солагӣ аст, ташхис маъмулан то замоне, ки бача вориди мадрасаи ибтидоӣ нашуда, омӯзиши расмии улгуҳои рафтори сохтёфта аз ҷумла, майдони таваҷҷуҳ ва тамаркузи мутаносибе аз назари рушдро эҷод накардааст, дода намешавад.

**Сабабшиносӣ.** Илали ихтилолоти бешифаъолӣ-камбуди таваҷҷуҳ маълум нест. Акасари кӯдакони мубтало ба ADHD қароини осеби ошкори сохтмоне дар силсилаи аъсоби марказӣ нишон намедиҳанд. Баръакс, аксари кӯдакон воҳиди ихтилолот асабӣ шинохта шуда, ношӣ аз садамоти сарнуқси таваҷҷуҳ ва бешифаъолӣ нишон немедиҳанд ва алорағми фиқдон асоси нуру физиологӣ ва навдушимиёии хос барои ин ихтилоли робитаи қобили интизори байни он ва анвое аз ихтилолоти дигаре, ки бар амалкарди мутағйир таъсир мегузаронад назири ихтилолоти ёдгирии вуҷуд дорад. Авомили саҳими матраҳ шуда, барои ADHD муташомиланд бар мувоҷеҳ бо самум дар давраи қабл аз тавлиди зудрасӣ ва садамаи механикӣ қабл аз тавлид ба силсилаи аъсоби ҷанин.

Маводи мукаммали хӯроки рангҳо собит нигоҳдорандаҳо ва қанд низ ба унвони авомили эҳтимолии рафтори бешифаъолӣ матраҳ шудаанд. Қароини илмии сабабияти ин авомилро дар ихтилоли бешифаъолӣ-камбудӣ таваҷҷуҳ таъйид накардаанд.

**Иллатшиносӣ.** Бешифаъолӣ метавонад вокунише нисбат ба як мавқеияти изтиробангез ва ё стресовар бошад. Ин изтироб дар синни пойин мумкин аст ба сурати тазоҳуроти ҷисмонӣ (вокуниши мубодират ва амал) буруз кунад. Мумкин аст, бешифаъолӣ натиҷаи сахтгириҳои муфради волидайн дар нигаҳдорӣ ва ором кардани кӯдак бошад. Дар ин сурат кӯдак ба лиҳози сохтори асабӣ барангехта аст. Дар сурати бурузи мавонеи мутавотар аз сӯйи волидайн мумкин аст, ба тазодварзӣ, манфигароӣ ва бешифаъолӣ дучор шавад.

Гоҳе фузунии канишҳои ибтидоии кӯдак мувоҷиби танбеҳ мешавад. Агар кӯдак дорои эҳсоси канҳигорӣ бошад, мумкин аст, ба як худкайфардиҳӣ тан дардиҳад ба ҳамин далел доиман худро дар маърази танбеҳи дигаре қарор медиҳад, гӯё танбеҳ шудан барои ӯ як одат шуда бошад. Гоҳе низ фузуни канши бешифаъолӣ посӯх ба як изтироби доимӣ ва таъмим ёфтааст.

**Авомили генетикӣ.** Қароине барои асоси генетикии ихтилоли бешифаъолӣ-камбуди таваҷҷуҳи муштамил аст. Бар мизони татобиқи болотар дар дуқалвҳои яктухмакӣ ба дуқулавҳои дутухмакӣ. Ҳамчунин ҳамшираҳои кӯдакони бешифаъолӣ ду бор бештар аз ҷамъияти куллӣ дар хатари ибтило ба ин ихтилол қарор доранд.

Яке аз хоҳар ва бародарҳо мумкин аст, умдатан бешифаъолӣ ва дигарон умдатан бетаваҷҷуҳӣ нишон диҳанд.

Баъзе муҳаққиқон норасоии мағзиро ҳам иллати ихтилол дар таваҷҷуҳ донистаанд, мутолиаи ҷараёни хун нишон додааст, ки дар қисмати фурунтоли мағз норасоӣ вуҷуд дорад. Мавҷи нигорҳои мағзи ин мавзӯъро таъид кардаанд. Мавҷи нигораҳо нишон додаанд, ки ҳудуди 30 то 50 дарсади кӯдакон фузункашии дорои EEG ғайритабиӣ будаанд, ин нобаҳинҷорӣ мумкин аст, ба далели зарбаи даврони бордорӣ бошад.

**Осеби мағзӣ.** Аз дер боз тасвир мешавад, ки бархе аз кӯдакони мубталои ба ADHD зимни давраи ҷанинӣ ё пуринотоли мутаҳамили осеби ҷузъӣ ва номахсусе шудаанд. Осеби мағзӣ мумкин аст, ҳосили авомили махраби урвақӣ, самӣ, метаболики, механикӣ ё соири илал буда бошанд. Ё стресс ва садамоти физикии мағзӣ дар авоили даврони ширхорагӣ аз уфунат, илтиҳоб, ё зарбае ношӣ шуда бошанд. Ин осеби мағзӣ ҷузъе номахсус ва осеби клиникӣ мумкин аст, масъули пайдоиши ихтилолоти ёдгирӣ бошанд.

**Авомили нейрофизиологӣ.** Мағзи инсон ба таври табиӣ дар чандин марҳила рушди сареъ ва ногаҳонӣ пайдо мекунад: 3 то 10 моҳагӣ, 2 то 4 солагӣ, 6 то 8 солагӣ, 10 то 12 солагӣ, 14 то 16 солагӣ. Баъзе аз кӯдакон дар ин мароҳили рушд дучори кундӣ шуда ва шакли заминавии ADHD- ро зоҳир месозанд, ки муваққатӣ аст. Дар баъзе аз маворид ёфтаҳои ADHD бо гузашти замон табиӣ мешавад.

**Авомили равонӣ-иҷтимоӣ.** Кӯдакони муқими муассисоти маъмулани бешифаъолӣ буда майдони таваҷҷуҳи маҳдудтаре доранд. Ин авомил аз маҳрумияти ҳаяҷонии тӯлонии ношишуда ва бо рафъи авомили маҳрумияте мисли интиқол ба хонаи волидайн, ризоӣ ва пазируфта шудан ба унвони фарзанд аз байн мераванд. Ҳаводиси стрессомези ихтилол дар таодили хонаводагӣ ё соири авомили изтиробомез дар шурӯъ ва давоми ин ихтилол саҳим ҳастанд. Авомили генетикӣ – хонаводагӣ ва тавқеоти ҷомеа барои риояи рафтор ё амалкарди маъмул ва пазируфта шудани вазъи иҷтимоӣ- иқтисодӣ ба назар мерасад, ки омили заминасоз мебошанд.

**Ташхис.** Нишонаи асосии бешифаъолӣ бояд пизишкро ба эҳтимоли вуҷуд ADHD огоҳ созад. Собиқаи муфассали пурраи нотил ва улгуҳои рушди авоили кӯдак ба иловаи мушоҳидаи мустақим, маъмулан вуҷуди фаъолияти ҳаракати муфрадро нишон диҳад. Бешифаъолӣ мумкин аст дар баъзе мавқеиятҳо (масалан, мадраса ва хона) вуҷуд дошта бошад, то малокҳои ташхиси ихтилоли бешифаъолӣ бароварда шавад. Соири хусусиёти мушаххаскунандаи ин ихтилол иборатанд аз: маҳдудият, майдони таваҷҷуҳ ва ҳавоси пурсареъ, дар мадраса ин кӯдакон қодир ба анҷоми дастуруламалҳои набуда ва ниёзманди таваҷҷуҳи хостаҳои волидайни худро ба таври комил анҷом намедиҳанд. Ихтилолоти марбута ба хондан, риёзиёт, забон ва ҳамоҳангӣ мумкин аст, ҳамвора бо ихтилолоти камбуди таваҷҷуҳ мушоҳида шавад.

Малокҳои ташхисӣ барои бешифаъолӣ инҳоянд:

**I Бетаваҷҷуҳӣ**. Шашто (ё бештар) аз нишонаҳои бетаваҷҷуҳии зер ҳадди ақал ба муддати шаш моҳ ба дараҷоте, ки ғайри интибоқӣ ва ноҳамоҳангӣ бо сатҳи рушд аст, давом доштааст:

1. Ғолибан аз таваҷҷуҳи кофӣ ба ҷузъиёте дармемонад ё дар кори таҳсили кор ё соири фаъолиятҳо иштибоҳоти ношӣ аз бедиққатӣ муртакиб мешавад.
2. Ғолибан аз ҳифзи таваҷҷуҳ ба рӯйи таколиф ё фаъолиятҳои марбут ба бозиҳо нотавон аст.
3. Ба назар мерасад, ки вақте мустақиман бо ӯ суҳбат мекунанд, гӯш намедиҳад.
4. Дастурамалҳоро комилан иҷро намекунад, кори дарсӣ, вазифа ва таколифи муҳити корро такмил намекунад (на ба дедели рафтор ё нафаҳмидани дастурот).
5. Дар созмондиҳии таколиф нотавон аст.
6. Аз таколифе, ки ниёзманди фаъолияти зеҳни мустамир аст, иҷтиноб мекунад, нафрат дорад ё дар иқдом ба он мурдад аст. (мисли кори дарсӣ дар мадраса бо таколифи хонагӣ).
7. Ашёи лозим барои анҷоми таколиф ва фаъолиятҳоро гум мекунад (мисли таколифи дарсӣ, мавод, китоб ё васоили омӯзиш).
8. Муҳаррикҳои берунӣ ва ғолибан ҳавосишро ба осонӣ парт мекунад.
9. Дар фаъолиятҳои рӯзмарра ғолибан фаромӯшкор аст.

**II Бешифаъолӣ – таконшигарӣ**. Шашто (ё бештар) аз нишонаҳои бешифаъолӣ – таконшигарӣ зери ҳадди ақал ба муддати шаш моҳ ба дараҷоте, ки ғайри интибоқӣ ва ҳамоҳангӣ ба сатҳи рушде аст, давом доштааст.

**Бешифаъолӣ:**

1. Ғолибан дастҳо ва пойҳояш беқарор аст ва рӯйи сандалӣ ҳаракати зиёд дорад.
2. Ғолибан дар синфхона ё ҷойҳои дигаре, ки интизор меравад, шахси нишаста боқӣ бимонад сандалии худро тарк мекунад.
3. Дар ҷойҳое, ки муносибате надорад меравад ё аз дару девор боло меравад (дар навҷавонон ва бузургсолон мумкин аст маҳдуд ба эҳсоси зеҳнӣ ба қароре бошад).
4. Дар иштиғол ба фаъолиятҳои тафреҳӣ ва бозӣ нотавон аст.
5. Ҳамеша дар ҳоли ҳаракат аст ва ба назар мерасад (мавтурӣ ба ҳаракаташ вомедорад).
6. Зиёд ҳарф мезанад.

**Таконшигарӣ:**

1. Қабл аз ин ки савол тамом шавад,ҷавобҳое мепаронад.
2. Дар интизор кашидан барои навбат нотавон аст.
3. Ҳарфи дигаронро қатъ ё мудохила мекунад (масалан, худро дар мукалимот ё бозиҳо дохил мекунад).
4. Бархе алоим бешифаъолона, таконишӣ ё бетаваҷҷуҳии мунҷар ба ихтилол қабл аз 7 солагӣ вуҷуд доштааст.
5. Бояд қароини ошкор тахриби қобили таваҷҷуҳи болинӣ дар амалкарди иҷтимоӣ, шуғлӣ ё таҳсилӣ вуҷуд дошта бошад.
6. Тахриб кам ё беш ношӣ аз алоим дар ду ё чанд замина (мисли мадраса ё кор ва хона) вуҷуд дорад.
7. Алоим мунҳасиран дар ҷараёни ихтилоли нофизи марбут ба рушд, искизуфарнӣ ё ихтилолоти писикутикӣ дигар рӯй надорад ва ихтилоли равонӣ дигаре (мисли ихтилоли халқӣ, ихтилоли изтиробӣ, ихтилоли таҷзия, ё ихтилоли шахсият) тавзеҳи беҳтаре барои он нест.

Бар ҳасби навъи кадгузорӣ намояд:

Ихтилоли бешифаъолӣ навъи мураккаб: Агар дар 6 моҳи гузашта ҳам малоки А1 ва ҳам А2 вуҷуд доштааст:

Ихтилоли бешифаъолӣ навъи бешифаъолӣ - таконшигарӣ: агар дар 6 моҳи гузашта малок А2 вуҷуд дошта аммо А1 вуҷуд надоштааст.

**Ёдоварӣ-кодгузорӣ**: барои афроде (бахусус навҷавонон ва бузургсолон), ки алоими онҳо феълан шомили малокҳои комил намегардад, иборатан «беҳбуди муваққатии нисбӣ» бояд зикр шавад.

Собиқаи таҳсилӣ ва гузориши муаллимин дар арзёбии ин масоили кӯдакон дар ёдгирӣ ва рафтори мадрасаи аввалия буда аз мушкилоти марбут ба вазъияти такомули онҳо ношӣ мегардад ё аз пойин будан эътимод ба нафс ба иллати эҳсосҳои бекифоятӣ, ҳоизи аҳамият аст. Ин иттилоот ҳамчунин ошкор месозад, ки кӯдакон чӣ гуна бо масоили худ мадоро кардаанд.

Муоинаи вазъияти равонӣ мумкин аст афсурдагии сонавии халқро нишон диҳад ва нуқси воқеиятсанҷӣ ё отифаи номутаносиб нишон намедиҳад, мумкин аст ҳавоси парти шадиде такрор ё дар тарзи тафаккур ғайри интизоӣ ва воқеӣ вуҷуд дошта бошад. Мумкин аст, қароине аз масоили дидорӣ- дарки забон бо шинохте вуҷуд дошта бошад.

**Вижагиҳои заминавӣ.** Шурӯи ихтилол мумкин аст дар ширхорагӣ ба вуҷуд омада бошад. Чунин кӯдаконе нисбат ба муҳаррикҳо бисёр ҳассосанд ва таҳти таъсири сару садо, нур, тағйироти дараҷаи ҳарорат ё соири тағйироти муҳитӣ дучори ошуфтагӣ мегарданд. Гоҳе низ баръакси ин чунин бачаҳо шал ва беҳол ҳастанд, ки аксар авқот мехобанд ва ба назар мерасад, ки дар моҳи аввали зиндагӣ рушди оҳистае доранд. Ҳарчанд дар марвиди ин бачаҳои пурҳаракат буданд, камхобӣ ва зиёд гиря кардан маъмултар аст. Бачаҳои ҳепуркинитики бисёр камтар аз кӯдакони маъмулии эҳтимол дорад, ки бо барқарории маҳдудиятҳои иҷтимоӣ дар муҳит аз таҳрики ликумутурии худ бикоҳонад. Дар мадраса кӯдакони мубталои ADHD мумкин аст, ба сурати посухи суолоти имтиҳониро шурӯъ кунад, аммо пас аз ҷавоб додани як ду савол даст аз фаъолият бардоранд. Мумкин аст натавонанд мунтазири

навбати худ шаванд ва бихоҳанд ба ҷойи ҳар каси дигар ҷавоб бидиҳанд, дар хона низ хомӯш кардани онҳо барои чанд лаҳза бисёр душвор аст.

Чунин кӯдакон ғолибан таҳрикпазирии инфиҷоргуна нишон медиҳанд. Ин таҳрикпазириро мумкин аст, муҳаррики беаҳмияте, ки муҷиби саргармӣ ва тарси онҳо шудааст ба вуҷуд оварад. Аглаб аз назари ҳаяҷонӣ бесубот буда, ба осонӣ гиря ё ханда сар медиҳанд ва хулқ ва амалкарди онҳо низ мутағйир ва ғайримунтазира аст. Рафтори хулқулсоат ва нотавонӣ барои ба таъвиқ андохтани ризоят аз хусусиёти онҳо аст, ғолибан мустаъдиди ҳодиса ҳастанд.

Тақрибан 75 % кӯдаконе, ки чунин дарёфт мекунанд, алоими рафтори пархошгарӣ ва нофармониро ба таври нисбатан собит нишон медиҳанд. Аммо дар ҳоле ки нофармонӣ ва пархошгарӣ ба таври куллӣ ба равобити маъюби хонаводагӣ марбут аст, бешифаъолӣ бештар бо дирангҳои марбут ба рушд дар ҳамоҳангии ҳиссӣ- ҳаракатӣ, забон ва ихтилоли амалкард дар озмӯнҳои шинохти мусталзами тамаркуз робита дорад. Дар чанд мутолиа идао шудааст, ки чандин нафар аз бастагони кӯдакони бешифаъолӣ хусусиёти шахсияти зиддиичтимоӣ нишон додаанд.

**Сайр ва пешогоҳӣ.** Сайри ихтилол бисёр мутағайир аст, мумкин аст алоим то навҷавонӣ ё ҷавонӣ идома ёбанд, мумкин аст, дар синни булуғ фурӯкаш кунанд. Ё мумкин аст, ки бешифаъолии нопазир шавад, аммо поин будани фарохони таваҷҷуҳ ва мушкилоти назорати такона идома ёбад. Бешифаъолӣ, маъмулан нахустин аломате аст, ки аз байн меравад ва ҳавоси парешонии охирини онҳо беҳбуди қабл аз 12 солагӣ маъмулан дида намешавад. Агар беҳбудӣ рӯй диҳад, маъмулан байни 12 то 20 солагӣ аст. Беҳбуд мумкин аст бо навҷавонии пурбор, зиндагисозанда дар синни бузургсолӣ равобити байни фардии ризоятбахш ва ёдгириҳои бузургсолии маъдудӣ аз ихтилоли ҳамвора бошад. Аксаран беморони мубталои ба …. беҳбуди нисбате пайдо карда, нисбат ба ихтилоли шахсияти зидди иҷтимоӣ ва соири анвои ихтилоли шахсият ва ихтилолоти хулқӣ осебпазир ҳастанд. Дар ҳудуди 15 то 20 % мавориди алоими ихтилоли бешифаъол то бузургсолӣ давом меёбад. Чунин касоне мумкин аст, коҳиши бешифаъолӣ нишон диҳанд, аммо ҳамчунон мустаиди рафтори хулқусоат ва тасодуфпазир боқӣ мемонанд. Ҳарчанд пешрафти таҳсилии онҳо камтар аз афроди ғайр ADHD аст. Собиқаи иштиғоли аввалияи онҳо аз касони дигаре, ки таҳсилоти мушобеҳ доранд мутафовут нест.

Кӯдакони мубтало ба ADHD, ки алоими онҳо то навҷавонии идома меёбад, дар хатари болотаре барои ибтило ба ихтилоли рафтор дар бузургсолӣ, ихтилоли шахсият зиддииҷтимоӣ пайдо мекунанд. Кӯдакони мубтало ба ихтилоли рафтор ва ADHD дар хатари ибтилол ба ихтилол вобаста ба мавод низ қарор доранд.

**Дармон.** Доруву дармон. Авомили фармокологӣ мавриди истифода барои ADHD иборатанд аз муҳаррикҳои ADHD Дар дараҷаи аввал дикстро ва амфитамин митил ва пумулин созмони назарот бар хӯрок ва дору ADHD дикстроамфитаминро кӯдакон 3 сола ва бузургтар ва метилфинидитро барои кӯдакони 6 сола ва бузургтар пазируфта аст ва ин доруҳо роиҷтарин доруҳо дар ин маврид ҳастанд.

Сабт шудааст, ки мутилфиндият тақрибан дар се чаҳорум кӯдакони мубтало ба ADHD бисёр муассир ва аворизи ҷонибе маъдудӣ дорад. Метилфиндияти дору ба таъсир кӯтоҳмуддат аст ва маъмулан дар соати мадраса мавриди истифода қарор мегирад, то кӯдак битавонад дар кулоси дарсӣ бимонад ва ба таколифи худ бипардозад.

Доруҳои зидди афсурдагӣ аз ҷумлаи эймипиромин, дизипиромин ва нуртирипитилин- бо каму беш муваффақият барои дармони ADHD мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар кӯдакони мубталои ихтилоли изтиробӣ ва афсурдагӣ ва кӯдаконе, ки дар онҳо ихтилолоти тики масрафи муҳаррикҳоро мунтафӣ месозад, зидди афсурдагиҳо мумкин аст, муфид воқеъ шаванд. Ҳарчанд барои худ бешифаъолии муҳаррикҳо муассиртаранд. Зидди афсурдагиҳо назорати дақиқи амали қалбро эҷод мекунанд. Дар чандин мутолиаи марги ногаҳонӣ дар кӯдакони мубтало ба ADHD, ки бо дизипиромини дармон мешуданд, гузориш шудааст. Чаро марг рӯй дода аст,

Кулинидин низ бо дараҷоте аз муваффақият ADHD мавриди истифода қарор гирифта аст. Махсусан барои мавориде, ки бемор ихтилоли тик ҳам дорад муфид аст. Дар маҷмӯъ доруҳои муҳаррик ҳамчунон доруи интихобии аввал барои дармон ADHD боқӣ мондаанд.

**Арзёбии пешрафти дармонӣ.** Кори назорат бо шурӯъи дармони рӯйӣ оғоз мегардад. Чун амалкард дар мадраса беш аз ҳама осеб мебинад лозим аст таваҷҷуҳи хосе бо барқарорӣ ва давоми робитаи наздик бо аввалияи мадраса мабзул шавад.

Дар аксари беморон доруҳо аз пешифаъолӣ, ҳавоси пуртӣ, рафторҳои онӣ ва инфиҷорӣ ва таҳрикпазир кам мекунанд. Қароине аз ин ки доруҳо мустақиман муҷиби беҳбуди ихтилоли ёдгирӣ мегарданд, вуҷуд доранд, ҳарчанд бо коҳиши камбудҳои таваҷҷуҳи кӯдак ба таври муассиртаре метавонанд ёд бигирад. Гузашта аз он, доруҳо метавонанад муҷиби боло рафтани эҳтиром ба нафси кӯдакон ADHD шаванд, чун дар ин сурат мудом ба хотири рафтори худ сарзаниш қарор намегиранд.

**Равони дармонӣ.** Масрафи дору ба танҳои метавонад ниёзҳои дармонии кӯдаки мубтало ба ADHD ва хонавода ӯро бароварда кунад ва лозим аст бо тақвияти рӯҳӣ ҳамроҳ гардад. Ҳадди ақал ин тақвияти рӯҳӣ бояд ба кӯдакон имкон диҳад, ки маънои доруро барои худ ҷустуҷӯ кунад, мафоҳими нодуруст, мисли «ман девона ҳастам» канор гузошта шавад ва равшан шавад, ки дору фақат як василаи кӯмак аст. Ин кӯдакон бояд дарёбанд, ки ҳадафи идеал будан нест ва онҳо низ мисли ҳама инсонҳои дигар ҳақ надоранд, ки нодир то ғайри мунтазира нописанд ва душворӣ дошта бошанд.

Хулоса, вақте ба чунин кӯдакон на танҳо иҷоза дода мешавад, балки ташвиқ ба амал меояд, ки дар сохтани муҳити худ саҳим бошанд, изтиробашон фурӯ менишинад. Бинобар ин, волидайн ва муаллимин бояд таркиби қобили интизоре аз танбеҳ ва ташвиқ бо истифода аз улгуи рафтори дармонӣ эҷод намуда, онро бар муҳити физикӣ, замонӣ ва байнифардӣ мутобиқ созанд. Ҳамчунин дар фаҳми ин мавзӯъ ба волидайн кӯмак шавад, ки алорағми камбудии фарзандонашон дар баъзе заминаҳо кӯдак бо таколифи табиии такомил, аз ҷумла дарунфикании меъёрҳо ва эҷоди супроигӯ ва инитофпазирӣ мувоҷеҳ аст. Бинобар ин кӯдакони мубтало ба ADHD аз маоф шудан дар муқобили шароити лозимии интизорот ва тарҳрезиҳое, ки барои кӯдакони дигар матраҳ аст, суде намебаранд.


### АДАБИЁТ

1. Парирӯхи Додситон. Равоншиносии марзии таҳвилӣ, жарф. -Теҳрон, 1370.
2. Ғуломалӣ. Муқаддимае бар равоншиносӣ ва омӯзиш. Парвариши кӯдакони истисноӣ. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1370.
3. Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ. Табақабандии байналмилалии ихтилолҳои равонӣ ва рафторӣ. IOICD. Тарҷумаи Ҳасани Тавзиндаҷонӣ. Нашри Маранд Гунбод, 1370.
4. Ҳусейни Озод. Равоншиносии марзии кӯдакон. Пожанг. -Теҳрон, 1367.
5. Hfroif I. Kapian, BenjaminJ. SADOR, Handbook of CIinical svchiatrv? 1996? U.S.A/ 7- Danielp. Hatlahan, Jameses M. Kauddman, Excaptionai Children, 1988, Hew Jersey./ 8-Irwin j. Knof, Chilidhood Psychopathology, 1884, New Jersey/9-Comer RJ, Abnomal Psychology, 1995, Hew York.
6. Тарҷумаи Қазвинии Ризоӣ. DSMIV вирости даҳум 2007.


### ИЗЛИШНЯЯ АКТИВНОСТЬ/ДЕФИЦИТ ВНИМАНИЯ


В статье рассматривается излишняя активность, связанная с дефицитом внимания, посредством определения основных генетических факторов, приводящих к такому состоянию. Автор подробно анализирует психологические особенности такого нарушения и представляет пути его коррекции.



**Ключевые слова:** излишняя активность, генетические факторы, дети с излишней активностью, нарушение мозга.


### EXCESSIVE ACTIVITY / ATTENTION DEFICIT


The article deals with the excessive activity associated with attention deficit, by identifying underlying genetic factors leading to this state. The author analyzes in detail the psychological characteristics of such a violation and the ways of its correction.



**Key words:** excessive activity, genetic factors, children with excessive activity, impaired brain



**Сведения об авторе:** ***Марям Ходжати*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# БЕҲДОШТИ РАВОНӢ ВА РИЗОЯТИ МАДАНИИ ШУҒЛӢ

*Алии Алӣ Акбар*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи Садриддин Айнӣ**

**Муқаддимае бар саломати равон.** Ҳарчанд инсон барои давом ва бақои ба саломатию шодкомии ногузир аз ҳифзи ҳамаҷонибаи худ ва муҳити хеш ба шакли беҳдошти умумӣ аст, аммо метавон ин иқдоми фарогирро дар як нигоҳи куллӣ ба беҳдошти ҷаҳонӣ ва беҳдошти равонӣ тақсим кард. Албатта ин тақсимбандӣ барои саҳулати кор дар илм анҷом мегирад, зеро дар амал чунин тақсимеро дар зинадгии маъмулии инсонҳо наметавон ёфт.

Дар зиндагии оддӣ инсон ҳаёти ҷисмонии ӯ на танҳо зиндагии равонии вайро таҳти таъсир қарор медиҳад, балки аз ин таъсир низ мепазирад. Бинобар ин ҳаёти равонӣ ва ҳаёти ҷисмонии инсон пайванди ҳамаҷониба ва таготанг бо ҳам доранд ва бар рӯи якдигар таъсири амиқ бар ҷой мегузоранд. Як арзаи ҷисмонӣ монанди шикаста шудани устухони даст ё бо таъсири ҳамаҷониба бар фаъоилятҳои равонии инсон мегузорад, шахсеро камҳавсала карда сатҳи фаъолияти ҷисмонӣ ва ақлонии вайро коҳиш дода, мизони ризоятмандии ӯро аз зиндагӣ дар ҳама абъод кам мекунад.

**Таърифи беҳдошти равон.** Аз он ҷо, ки ҳадаф аз беҳдошти равонӣ таъмини саломатӣ аст, бояд таърифи нисбатан равшане аз саломатии равонӣ дошта бошем. Ироаи чунин таърифе ба соддагӣ имконпазир нест, зеро аз як сӯй падидаҳои равонӣ бештар ҷанбаи интизоӣ ва ғайирайнӣ дошта ва аз сӯйи дигар омили марҷаъ қарор додани худ дар миёни инсонҳо муҷиб мешавад ихтилофи назари бисёре дар мавриди саломатӣ ва беморӣ буруз пайдо кунад. Бо ин вуҷуд таърифи қобили қабул аз беҳдошти равон иборат аст аз: илме барои беҳтар зистан ва рифоҳи иҷтимоӣ, ки тамоми завоёи зиндагӣ аз аввалин лаҳзаоти ҳаёти ҷанинӣ то марг, аъм аз зиндагии дохилираҳмӣ, навзодӣ, кӯдакӣ то навҷавонӣ, бузургсолӣ ва пириро дар бар мегирад.

Беҳдошти равонӣ дониш ва ҳунаре аст, ки ба афрод кӯмак мекунад то бо эҷоди равишҳои саҳеҳ аз лиҳози равонӣ ва отифӣ битавонанд бо муҳити худ созгорӣ намуда ва роҳи ҳалҳои матлубтареро барои ҳалли мушкилот интихоб намоянд.

Потан (1994) мӯътақид аст, ки саломатии равонӣ бояд ба мақулаи тавоноии афрод барои дастёбӣ ба аҳдофе, ки барои худ дар назар гирифтаанд, таъриф намуд (ба нақл аз Вардӣ, 1380).

Ҳугон (1994) дар таърифи беҳдошти равонӣ ин тавр гуфтааст: саломатии равонӣ ба маънои худогоҳӣ ё фиқдони худфиребӣ ба ҳоли таоризот ва кашмакашҳои дарунӣ ва пазириш ва пайравии сарнавишт ва тақдири башарият мебошад.

Ва билохира, Созмони беҳдошти Ҷаҳонӣ (WHO) беҳдошти равониро ба истеъдоди равон барои ҳамоҳанг, хушоянд ва муассир кор кардан, барои муваффақияти душвор ва инъитофпазир будан ва барои бозёбӣ ва таодули худтавоноӣ доштан, медонад (Ганҷӣ, 1376).

Левинсон ва ҳамкоронаш (1962) ба нақл аз Мелонифар (1378) саломатии равониро ин тавр таъриф кардаанд: саломатии равонӣ аз ин ки фард чӣ эҳсосе нисбат ба худ, ба дунёи атроф, маҳалли зиндагӣ ва атрофиён, махсусан бо таваҷҷуҳ ба масъулияте, ки дар муқобили дигарон дорад, чигунагии созиши вай бо даромади худ ва шинохти мавқеияти маконӣ ва замони хештан иборат аст.

Ранк (Rank) нормал буданро салоҳияти зиндагӣ будани тарс, гуноҳ, ва изтироб ва доштани масъулият барои аъол ва кирдори худи фард медонад (ба нақл аз Худораҳимӣ, 1374).

**Таърифи ризоятмандии шуғлӣ.** Иборати ризояти шуғлӣ ба нигариши куллии фард дар бораи шуғлаш итлоқ мешавад. Касе, ки ризояти шуғлиаш дар сатҳи болое бошад, ба кори худ нигариши мусбат дорад, вале касе, ки аз кораш норозӣ аст, нигариши ӯ низ нисбат ба кораш манфӣ аст (пурсониён ва Аъробӣ, 1375.-С.251).

Ризояти шуғлӣ аз як дидгоҳ ба унвони як посухи эҳсоси комил ба шароиту муҳити корӣ гуфта мешавад ва аз дидгоҳи дигар ризояти шуғлӣ маҷмӯае аз эҳсосҳои созгор ва носозгор аст, ки дабирон бо он эҳсосҳо ба кори худ менигаранд, миёни ин эҳсосҳо ва ду унсури дигар аз нигаришҳои дабирон, тафовути муҳиму ошкор аст.

**Инсони солим аз нигоҳи равоншиносону донишмандон.** Ба ақидаи Фервид аввалин вижагии саломатии равоншинохтӣ худогоҳӣ аст, яъне ҳарчи, ки мумкин аст дар нохудогоҳӣ муҷиби мушкил бояд худогоҳ шавад. Ба ақидаи ӯ инсони мутаориф касе аст, ки мароҳили рушди даврони ҷинсиро бо муваффақият гузаронда бошад ва дар ҳеҷ як аз мароҳили беш аз ҳад тасбият нашуда бошад. Ба ақидаи ӯ инсони солим аз механизмҳои дифоӣ, навъи дӯстӣ, порсоӣ варизоят, шӯхтабъӣ, олоишу саркӯб истифода мекунад (Худораҳимӣ, 1374).

Ба назари Юнг фароянде, ки муҷиби якпорчагии шахсияти инсон мешавад, фардият ёфтан ё таҳаққуқи худ аст, дар инсони фардиятёфта ҳеҷ як аз вуҷуҳи шахсият мусаллат нест, балки ҳамаи онҳо ба тавозан расидаанд. (Наҷотӣ ва Ирвонӣ, 1378).

Одлер бар моҳияти иҷтимоии инсон таъкид намуда ва ба ақидаи ӯ алоқаи иҷтимоӣ барои аввалин бор дар ҷараёни робитаи модару кӯдак буруз мекунад ва омӯхта мешавад. Ба назари Одлер фард дорои саломатии равонӣ, робитаи иҷтимоӣ ва самимӣ матлубе дорад ва ҷойгоҳи худро дар хонавода ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба дурустӣ мешиносад. Ба таври иҷмол, инсони бархӯрдор аз саломатии равонӣ аз вижагиҳои зайл бархӯрдор аст:

- эҳсоси адами амният намекунад, лизо фоқиди пархошгарӣ ва худшефтагӣ аст;
- эҳсоси қудратмандии ниёзҳо (мисли ниёз ба қудрат, эҳтиром ва тамҷид, ниёз ба камол ва…);
- инсони солим, худогоҳӣ дорад ва аз худвоқеӣ ва истеъдодҳояш каму беш огоҳ аст ва худаш бисёре аз мушкилоти зиндагиашро ҳал мекунад, лизо ба дигарон вобастагӣ надорад;
- тахайюл ва халоқият, қавитарин вижагии саломатии равоншинохтӣ аст (Худораҳимӣ);
- афорди солим аз назари равонӣ, эҳсоси роҳатӣ мекунанд, худро он гуна, ки ҳастанд, мепазиранд ва аз истеъдодҳои худ баҳраманд мешаванд;
- дидгоҳи воқеъбинонае доранд ва душвориҳои зиндагиро саҳл меангоранд;
- онҳо вақти камеро дар нигаронӣ, тарс, изтироб ва ё ҳасодат сипарӣ мекунанд;
- афроди дорои саломатии равонӣ эҳсоси хубе нисбат ба дигарон доранд ва мекӯшанд то дигаронро дӯст бидоранд. Ба онҳо эътимод кунанд ва ҳамин амалро онҳо мутақобилан анҷом диҳанд.

**Робитаи байни беҳдошти равонӣ ва ризояти шуғлӣ.** Ба назар мерасад, ки ҳар андоза нерӯҳои омӯзишӣ аз оромишу саломатии равонӣ бештар бархӯрдор бошанд, майлу рағбати бештаре аз худ нишон дода ва ба маротиб короии мадорис афзоиш меёбад ва аз дигар сӯй норизоятӣ ва сатҳи амалкарди пойинии муаллимон ба адами вуҷуди ризояти шуғлии кофӣ бармегардад. Таҳқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки инсон ба василаи ангезаҳои гуногуне барангехта мешавад, ҳамчунин барномаи саломатӣ ва сарзиндагию шодобӣ, саломатии умумиро беҳбуд бахшида ва амалкарду рӯҳияи шуғлиро афзоиш дода, ғайбат аз корро коҳиш медиҳад.

Созмони Беҳдошти Ҷаҳонӣ (WHO 1973) муътақид аст, ки ҳаҷми масоили рафторӣ ва равонӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа рӯй ба фузунӣ аст ва ин афзоиш то ҳудуди зиёде вобаста ба тағйироти шеваи зиндагии мардум ва рушди ҷамъият ва мушкилоти иқтисодӣ аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки мизони шеваи ихтилолоти равонии муаллимон 26/6 дар сад мебошад (Ободӣ, 1380). Мутолиоти Ҳожурон нишон медиҳад, ки ризояти коркунон аз тариқи сарпарастии муносиб ва гурӯҳҳои корӣ ба даст меояд.

Таҳқиқоти Ҳерзбег нишон дод, ки моҳият ва худи кор манбаи муҳимме дар ризояти шуғлӣ аст. Дар назарияи ангезиш – беҳдошти Ҳерзберг – истидлоли асосӣ он аст, ки як шуғли пурмоя ба хушнудӣ меанҷомад, зеро шахсеро барангехта месозад то хуб кор кунад ва ба ҳусули хушнудӣ ноилояд ва аз сӯи дигар як шуғли каммоя танҳо метавонад дар беҳтарин сурати худ ба фиқдони нохушнудӣ манҷар шавад, дар натиҷа наметавонад ба унвони як ангеза барои амалкард ба кор равад.

Натоиҷи таҳқиқот нишон додаст, ки вуҷуди таносуби зиёд байни шахсият ва шуғл муҷиби афзоиши ризояти шуғлии фард мегардад.

Тануи шуғлӣ аз дигар ҷанба мавриди назар аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тануи кори мутавассит муассиртар аст ва тануи васеътар боиси ибҳому стресс мешавад. Аз тарафи дигар, тануи кам низ боиси якнавохтию хастагӣ мешавад, ки ниҳоятан мунҷар ба адами ризояти шуғлӣ мегардад (Муқимӣ, 1372.-С.386).

Ибҳом дар шуғл ва равобити муҳити кор муҷиботи нигаронӣ ва ташвиши хотирикоркунонро фароҳам месозад.

Бархе муътақиданд,ки рӯҳия ва рафтори фақат тобеъ аз шеваи раҳбарӣ ё сохтор созмон нест, балки ҳар кас аз даричае, ки ба ранги арзишҳо, ниёзҳо ва шахсияти худ аст, ба дунё менигарад ва ин ҳамон идрокоте аз ҷаҳон аст, ки дар тарзу тафаккуру рафтор таъсир мегузорад (Дослер, 1372.-С.112).

Аввалин таҳқиқот дар мавриди ризояти шуғлӣ ба мутолиоти аввалия беш аз Ҷанги аввали ҷаҳонӣ, ки ба таври фаъол дар Англия ва Амрико дунбол гардид, бармегардад, нофизтарин пажӯҳишҳо дар боби ризоятӣ шуғлӣ пажӯҳишҳои Мико – Лейт Лизбергер (Muko-late Liesberger)ва Диксон буд.

Равиши соҳибназарон ба номҳои Вилсон Олбрук (Wilson L Bruce) ва Томас Горкоран (Thomas B.Gorcoran) дар соли 1988 баъзе авомил, ки муҷиби ризояти шуғлии муаллимон мешавад, шомили мавориди зайл мебошад:

- рафтори муносиб бо муаллимон ба унвони афроди ҳирфаӣ аз тарафи масъулон ва волидайн;
- ширкати муаллимон дар тасмимгириҳои мухталифи мадорис ва омӯзишу парвариш;
- имконоти рушди ҳирфаии бештар назири идомаи таҳсил;
- шароити моддии мутаносиб бо муваффақият ва талоши муаллимон.

Елзиони (Elzioni )мегӯяд: ҳарчи шуғлҳо тахассуситар бошанд, бар мизони дахолати соҳибони тахассусӣ афзуда мешаванд (Миркамолӣ, 1371).

Воқеиятҳои мавҷуд дар баъди осебшиносии равонӣ ва беҳдошти равонӣ дар муҳити кор нишон медиҳанд, ки дар сади қобили таваҷҷуҳӣ аз илал ва муҷиботи бемориҳои равонӣ ва касолатҳои ношӣ аз хастагӣ кори шоеъ байни коркунони созмонро метавон дар шеваи рафторӣ ва шахсияти мудирон ҷустуҷӯй кард (Соатчӣ, 1368).

Ёфтаҳои таҳқиқи Имонпараст дар соли 1389 бо унвони «Баррасии авомили муртабит бо ризояти шуғлии коркунон идораи кулли омӯзишу парвариши устони Марказӣ» нишон медиҳад, ки байни мизони ризояти шуғлии коркунон ва мизони мушорикат дар тасмимгирӣ ва мизони шароити муҳити кор ва ризояти шуғлии коркунон робита вуҷуд дорад.

Дар таҳқиқоти тавассути Рамазонӣ (1377) бо унвони «Баррасии робитаи байни сабки раҳбарии мудирони омӯзишӣ ва ризояти шуғлии омӯзгорони шаҳристони Ҷавонрӯд» анҷом гирифт, натиҷаи он ба шарҳи зайл аст:

- ҳарчи сабки раҳбарии мудирони мушорикатӣ бошад, мизони ризоояти шуғлии омӯзгорон болотар аст;
- ризояти шуғлии муаллимони зан бештар аз муаллимони мард аст;
- ҳарчи синни афрод поинтар бошад, ризояти шуғлии онҳо бештар аст.

Шоберт ва Бионди (Shobert & Biondi, 1977) дар мутолиае, ки бо унвони «Худшукуфоӣ ва саломатии равонӣ» анҷом доданд, дарёфтанд, ки байни худшукуфоӣ ва саломатии равонӣ робитаи мусбате вуҷуд дорад.

**Чӣ гуна метавонем саломатии равониро афзоиш диҳем?** Ба таври куллӣ илова бар истифода аз кӯмакҳои ҳирфаӣ, роҳҳои бисёре вуҷуд дорад, ки битавонем бар саломати равони худ таъсири мусбат дошта бошем. Бо поиши эҳсосот ва рафтори худамон метавонем анвои аъмол ва муваффақиятҳоеро, ки боиси ранҷиши мо мешавад ё мушкилоте барои мо эҷод мекунад ва низ бештарин манфиатро ба мо мерасонад, бишносем. Бо саъй дар таҳсили ангезаҳо ва тавоноиҳоямон метавонем зарфияти худро барои интихобҳои фаъолтар дар зиндагӣ боло барем ва ба ҳар чӣ пеш ояд тан надиҳем, аммо бархе аз пешниҳодот дар зайл метавонад корсоз бошад:

1. Эҳсосоти худро бишносем. Хашм, андӯҳ, тарс ва эҳсоси даст наёфтанӣ ба ормонҳо ё аҳдоф, ҳамагӣ ҳаяҷонҳои нохушоянде ҳастанд ва мумкин аст бо инкори онҳо аз изтиробе, ки дар натиҷаи он пеш меояд, фирор кунем, гоҳе саъй мекунем бо мавқеиятҳо бархӯрди ғайриҳаяҷонӣ кунем, ки манҷар ба навъи козибе аз дилгусастагӣ ё сардӣ мешавад ва мумкин аст ҳама ҳаяҷонҳоямонро саркӯб кунем, бинобар ин тавоноии пазириши шодиҳову ғамҳоеро, ки дар иртибот барқарор кардан бо дигарон дорем аз даст медиҳем.

Бинобар ин пайдо кардани роҳе барои берунрезии он таниш кӯмаккунанда аст. Пиёдаравии тӯлонӣ, кӯбидани як тӯби футбол ё шарҳи мавқеият бо як дӯст

метавонад ба фурӯнишонии хашми шумо кӯмак кунад. Агар бипазиред, ки эҳсоси ҳаяҷон ҳаққи шумост, вақте ки роҳҳои баёни мустақими онҳо баста аст, метавонед онҳоро ба сурати ғайримустақим ё ба шеваҳои ҷонишинӣ иброз кунед.

2. Осебпазирии худро бишносед, шинохтани анвои мавқеиятҳое, ки шуморо асабӣ мекунад ё вокуниши шадиде дар шумо эҷод мекунад, метавонад ба муҳофизати шумо дар баробари фишори равонӣ кӯмак кунад. Шояд афроди хосе шуморо хашмгин кунанд, метавонед аз онҳо дурӣ кунед ё саъй дар шинохти он чизе дар онҳо намоед, ки шуморо хашмгин мекунад.

Бисёре аз афрод замоне, ки таҳти фишор ҳастанд, эҳсоси изтирои зиёд доранд, тарҳрезии дақиқ ва фосилагузории замоне барои кор метавонад ба шумо дар иҷтиноб аз эҳсос аз подаромадагӣ дар дақиқаҳои охири кор кӯмак кунад.

3. Истеъдодҳо ва алоиқи худро густариш диҳед. Афроде, ки касал ва нохушнуданд, ба нудрати алоиқ мӯътақидӣ доранд. Бо шиносоии истеъдодҳо ва бо рушди маҳоратҳо, эҳсоси шоистагӣ ба даст меояд, ки нақши бисёр муассире дар боло бурдани эътимод ба нафс дорад.

4. Бо дигарон иртибот барқарор кунед. Эҳсоси гӯшанишинию танҳоӣ ҳастаи марказии ағлаби ихтилолоти отифӣ аст. Мо мавҷудоти иҷтимоӣ ҳастем ва ниёз ба ҳимоят, роҳатӣ ва итминони эҷодшуда аз сӯи дигарон дорем. Таваҷҷуҳи беш аз ҳад ба мушкилоти худ метавонад мунҷар ба як дили машғулии носолим дар мавриди худатон шавад, нигарониҳоятонро бо дигарон дар миён нагузоред, ин ба шумо дар нигоҳ кардан ба мушкил аз як чашмандози равшантар кӯмак мекунад. Ҳамчунин таваҷҷуҳ ба рифоҳу осоиши дигарон метавонад эҳсоси арзишмандии шуморо тақвият кунад.

5. Ба мавқеи кӯмак гирифтан аз дигаронро бишносед. Бархе мушкилотро ба танҳоӣ наметавон ҳал кард, тамоил ба худфиребӣ боис мешавад натавонем мушкили худро ба сурати айн бубинем ва мумкин аст ҳама роҳи ҳалҳои муҳтамилро нашиносем. Вақте эҳсос мекунед, ки дар ғалаба бар як мушкил пешрафтанӣ надоред, бояд аз мутахассисон кӯмак гирифт, чаро ки кӯмак хостани иродӣ аз дигарон мушаххаскунандаи пухтагии отифии шахс аст, на нишонаи заъф, набояд он қадар сабр кунед, ки аз пой дарафтед.

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки беҳдошти равонии афрод мутаассир аз омилҳои гуногуне аст. Агарчи ин омилҳо ба сурати ҷудогона мавриди мутолиа қарор мегиранд, вале дар воқеъ ин мавзӯи чандваҷҳии мутаассир аз якдигар аст, ба ин маъно ки афрод ба иллати шароити муҳитӣ ё омили фардӣ, таодул ва оромиши рӯҳиашон дучори тағйирот мешавад ва ҳарчи шиддати ин омилҳо зиёдтар бошад, таъсиру таҳдидаш бештар хоҳад шуд. Омиле чун адами бароварда шудани ниёзҳои аввалия, нокомӣ, стресс, адами ризояти шуғлӣ ва расонаҳои ҷамъӣ аз умдатарин таъсиргузорон бар беҳдошти равонӣ ҳастанд.

Метавонем натиҷагирӣ кунем, ки ҳар андоза нерӯҳои омӯзишӣ аз оромишу саломатии равонии бештаре бархӯрдор бошанд, майлу рағбати бештаре аз худ нишон дода ва ба маротиб корои мадорис афзоиш меёбад ва аз сӯйи дигар норизоятӣ ва сатҳи амалкарди пойинии муаллимон ба адами вуҷуди ризояти шуғлӣ кофӣ бармегардад.

## АДАБИЁТ


1. Аҳмадӣ, Алиасғар. Равоншиносии умумии дафтари барномарезии Вазорати омӯзишу парвариш, 1371.
2. Ҳусайнӣ, Сайид Абулқосим. Усули беҳдошти равонӣ.- Интишороти Донишкадаи Машҳад, 1368.
3. Этикенсон, Ҳилгорд. Заминаи равоншиносӣ/ Тарҷумаи Муҳаммадтақӣ.- Интишороти Рушд, 1385.
4. Дуон Шолти. Равоншиносии камол/ Тарҷ. Гетӣ Хушдил.
5. Фӯлодӣ, Иззат. 1000 мушовираи ҳамтоён – чашмандозҳо-мафоҳими беҳдошти равон.-Интишороти Тулӯи дониш, 1383.


## ПСИХИЧЕСКОЕ ЗДОРОВЬЕ И УДОВЛЕТВОРЕННОСТЬ СВОЕЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ


Данная статья рассматривает проблемы психического здоровья и удовлетворенности сврей деятельности. Удовлетворенность результатами своей деятельности - важный фактор психического здоровья. Сознательный выбор целей и положительная оценка возможностей их достижения имеют решающее значение. При этом возрастает убеждение в том, что выбранные цели могут быть достигнуты даже в условиях внешних преград. Сознание возможности определения целей и способов их достижения способствует преодолению стресса.

**Ключевые слова:** поддержка, психическое здоровье, повышение мотивации, сохранение психического здоровья, чувство успешности, личностные стремления, достижение поставленных целей.

**MENTAL HEALTH AND SATISFACTION IN THEIR ACTIVITIES**

This article considers the problems of mental health and satisfaction своей activities. Satisfaction with the results of its activity is an important factor of mental health. Conscious selection of goals and the positive assessment of the opportunities to achieve them are crucial. It increases the belief that the chosen objectives can be achieved, even in the face of external barriers. The consciousness of the possibility of determining the purposes and ways of their achievement helps to overcome stress.

**Key words:** support, mental health, increase motivation, preservation of mental health, a sense of success, personal aspirations, achievement of the goals.

**Сведения об авторе:** ***Али Алии Акбари*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# ТАЪСИРИ ТАРБИЯТИИ ВАРЗИШИ СУННАТИИ ЗӮРХОНАҲО ДАР ТАРБИЯТИ КӮДАКОН

***Митро Рӯҳии Деҳкурдӣ***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Кӯдакон бозиро бар ҳар чизи дигаре тарҷеҳ медиҳанд. Бозиҳо, бавижа бозиҳои бумӣ ва маҳаллӣ ба унвони яке муҳимтарин ва ҷаззобтарин равиши афзоиши саломатии ҷисмонӣ, равонӣ, отифӣ ва иҷтимоии афроди ҷомеа метавонад ба таври ҷиддӣ мавриди мутолеа қарор гирад. Пардохтан ба бозиҳои бумӣ ва маҳаллӣ илова бар он ки ҷисмро солим мекунад, дар ҷиҳати тақвияти рӯҳ ва равон ва тасбияти арзишҳои фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

Варзишҳои зӯрхонаӣ яке аз маҳбубтарин ва умумитарин варзишҳои бумӣ ва маҳаллӣ аст, ки аз дер боз мавриди таваҷҷуҳи эрониён будааст. Алоқамандии эрониён ба ҷавонмардӣ, паҳлавонӣ, амонатдорӣ ва ростӣ муҷиби идомаи як осори дурахшони бостонии Эрон, яъне варзиш ва зӯрхонаи бостонӣ шудааст.

Гузаштаи таърихи варзишҳои бумӣ ва маҳаллӣ ва баррасиҳои анҷомшуда нишон медиҳанд, ки варзиш ва бозӣ ҷузъи ҷудонопазири зиндагии иҷтимоии инсон буда, бо таваҷҷуҳ ба шароити иқлимӣ ва ҷуғрофии ҳар минтақа анвое аз бозиҳо ва варзиш роиҷ буда, ки дар бисёр маврид нуфуз ва намуди бештаре дар созмонҳо пайравони зиёде пайдо кардааст. Он чи ки дар ҷомеаи суннатӣ бозӣ номида мешавад, фаъолиятҳое буд, ки ду коркарди аслӣ бар уҳда доштаанд, тақвияти қувваи бадании афрод ва иҷрои маносиқи ойинҳо. Дар ҷомеаи суннатӣ лузуми бакоргирии қувваи ҷисмонӣ дар майдони ҷанг, тамрин ва маҳорат ҷиҳати тақвияти қувваи ҷисмонӣ дар қолаби ҳаракоти баданро лозим сохта буд. Нерӯи ҷисмонии афрод на дар хадамоти худи бозӣ, балки дар хадамоти вазифаии хатиртар ба ҳангоми ҷанг қарор мегирифт. Аз тарафи дигар, бозии суннатӣ ҳамроҳ бо ҳаракоте буд, ки саросар ранги асотирӣ, мазҳабӣ ва дар хадамоти накӯ доштани ойинҳои ҷомеа буд. Гузашта аз ду коркарди фавқ, албатта бозӣ дар заминаи намоиш дар муқобили шахсиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати саргарм кардани онҳо истифода мешуд, ки ин бозиҳо дар ниҳоят зебо, коромад ва ҳадафдор буда, хастагиҳои ҷисмӣ ва фикриро бартараф намуда, рӯҳи таовун ва ҳамбастагиро тақвият дода, дар заминаҳои омӯзишӣ ва тарбиятӣ таъсири арзишмандеро доро будааст.

**Варзиш дар Эрони бостон.** Дар даврони бостон ва дар байни кишварҳои Машриқзамин бегумон Эрон муҳимтарин кишваре буд, ки дар низоми таълим ва тарбияти худ бештарин авлавиятро ба варзиш ва тарбияти баданӣ медод. Эрониён ба аҳамияти тавоноӣ ва саломатии бадан ба унвони василаи бисёр муҳим барои фароҳам овардани артиши пирӯзманд пай бурда буданд. Куҳнатарин навиштаҳое, ки дар бораи Эрони бостон мавҷуд аст аз ду муаррихи юнонӣ Ҳеродот ва Газнафун аст, ки дар осори худ ба омӯзиш ва мусобиқоти варзишии мухталиф дар Эрон аз ҷумла, аспсаворӣ ва бавижа муҳтавои ахлоқӣ ва тарбиятии варзиш дар Эрони бостон ишора кардаанд. Муаррихи машҳури юнонӣ Ҳеродот менависад, ки эрониён дар тайи таҳсил аз панҷсолагӣ то бистсолагӣ се чизро меомӯхтанд: саворкорӣ, тиру камон ва ростгӯӣ. Онон барои омӯзиш ва парвариши ҷавонон илова бар омӯзишҳои назарӣ ба фарогирии анвои мухталифи варзишҳо мепардохтанд.

Бо тулӯи дини ислом анвои варзиш равнақи бештаре ёфт ва ислом бар тарвиҷи варзишҳое, ба монанди саворкорӣ, тирандозӣ, шамшерзанӣ, гӯштин ва шино ва ду майдоне таъкид меварзиданд. Пизишкони давраи исломӣ монанди Ибни Сино ва Абӯбакри Бухорой – шогириди Закариёи Розӣ дар осори худ ба аҳамияти анвои варзиш дар саломатии ҷисм ва ҷон таъкид кардаанд, аммо он чи дар назди эрониён аҳамият дошт, тафовути онон бо тавоноӣ дар нигоҳ ва дидгоҳашон ба варзиш буд. Эрониён ба варзиш аз ҷанбаи тафреҳ, саргармӣ ва тамошои он наменигаристанд, балки назди онҳо варзиш навъи ойин ва рафтори ахлоқӣ вобаста ба фазоили инсонӣ, ойини ҷавонмардӣ, мардумдорӣ, ростӣ ва некрафторӣ ба шумор мерафт ва нигоҳи онҳо бо андешаҳои олимпӣ ҳаммонанд мегардид. Ҳамчунин дар рӯйкарди эрониён ба варзиш, ҳиммат, ғайрат, нафрат аз тарс, ишқ ба меҳан, бахшиш, фитрат ва ҷавонмардӣ, сабр ва таҳаммул, дӯстӣ ва тафоҳум, ростӣ ва фурӯтанӣ шуҷоат ва покии нафас таъкид ва тарвиҷ мешуд ва варзиш бо мазҳаб низ пайванди зич дошт. Эрониҳо варзишро бо ҳадафи таолӣ, ахлоқӣ ва ҷавонмардӣ, мардумдорӣ ва ростгӯӣ пай мегирифтанд ва дар басти варзиш ва ривоҷи ин таълим ба дигар миллатҳо аз ҳеҷ кӯшише фурӯгузор намекарданд.

Яке аз шохистарин варзишҳои бостонӣ, ки дар Эрон ривоҷ ёфта буд, варзишҳои зӯрхонаӣ мебошад. Варзиши бостонии Эрон зӯрхона таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Эрониён бо ин варзиш ва собиқаи таърихии он ошноӣ доранд. Варзиши зӯрхона яке аз кӯҳнатарин варзишҳои ҷаҳон аст, ки бо ном, нишон, одоб, русум, забон ва хусусиятҳои эрониён ба дигар кишварҳои ҷаҳон роҳ ёфтааст. Шоирони номӣ чун Фирдавсӣ ва Саъдӣ дар осори арзандаи худ ба ин варзиш ва қаҳрамонони он ишора кардаанд. Дар китобхонаи миллии Фаронса дар Париж дастхате муртабит ба соли 1875 мелодӣ аз Алиакбар ибни Маҳдӣ аз Кошон ҳамроҳ бо 83 тасвир мавҷуд мебошад, ки дар он дар бораи варзиши зӯрхона ба таври маъмул ва пайваста навишта шуда ва илова бар тамриноти мухталиф аз муштмолӣ додан ба варзишгарон (массаж) бо равғани бодом, истироҳат байни тамрин, овози муршид ва навохтани зарб ва занг ёд шудааст. Ин нависанда бавижа ишора карда, ки дар поёни варзиши зӯрхона мусобиқаи гӯштин ва муштзанӣ анҷом мешудааст.

Пауел Чартер (Pauel Chartier) мутахассиси бозиҳои бумӣ ва суннатӣ аз кишвари Канада дар аввалин симпозиуми ошноӣ бо мабонии илмӣ ва фарҳангии зӯрхона мегӯяд: «Низомоти варзиши бостонӣ нишондиҳандаи таркиби комили ҳаракати мавзун, ҷавонмардӣ, зебоӣ ва некӣ аст. Ин ҳаракот рӯҳ ва зеҳнро ҳаммонанди ҷисм бо худ, дурусткорӣ ва қудрати ҳамоҳангӣ парвиш медиҳад. Аз варзишгарон хоста мешавад, ба унвони нигаҳбони арзишҳои ахлоқӣ, қавмӣ ва орифонаи эронӣ амал кунанд. Онҳо аз қудратмандон даъват мекунанд, то бо тавозӯъ ба иҷтимои худ хадамот кунанд. Ин арзишҳо нишондиҳандаи болотарин сатҳи ормонҳоест, ки як инсон метавонад аз онҳо пайравӣ кунад. Вафодорӣ, шуҷоат ва фидокорӣ, инсоният, тавозӯъ ва дигархоҳӣ, ин арзишҳо боиси ҷазби ман ба сӯйи варзиши бостонӣ шудааст».

**Таъсири варзишҳои зӯрхонаӣ бар рушди абъоди мухталифи бадан**

**Таъсири варзишҳои зӯрхонаӣ бар рушди ҷисмонӣ**. Варзиши зӯрхонаӣ ба унвони василаи мутмаин барои рушди ҷавонон метавонад муҷиби ҳамоҳангии асаб ва созгории физиологии бадан барои коркарди қисматҳои мухталифи он ва эҷоди системаи назорати ародӣ барои низомдиҳӣ ба кори онҳо гардад. Бакоргирии меҳварҳои мухталифи ҳаракатӣ дар иҷрои ҳаракоти зӯрхона муҷиби афзоиши қудрати кулли аъзоҳои бадан мегардад. Ҳамоҳангӣ, таодул, чобукӣ, инъитофпазирӣ, суръати амал ва аксуламал аз дигар омилҳои омодагии ҷисмонӣ мебошад, ки дар ин варзиш дар ҳадди бисёр болое тақвият мешавад. Ин эҷоди варзандагӣ ва ҳамоҳангӣ дар байни аъзо ва андомҳои мунҷар ба касби омодагии ҷисмонӣ матлуби гӯштин ва мизони короиии фардоро болотар мебарад. Иҷрои мутанаввеи ҳаракоти ҳамроҳ бо зарб ва занги маршид ва иҷрои ширинкориҳо боиси тақвияти ҳавоси панҷгона ва бавижа ҳисси биноӣ, шунавоӣ ва ломиса мешавад.

**Таъсири варзишҳои зӯрхонаӣ бар рушди равонӣ.** Варзишҳои зӯрхонаӣ ҳамвора бо омӯзаҳои ахлоқӣ ва фазои маънавӣ ҳамроҳ буда, парвариши рӯҳ ва ҷисмро лозими якдигар донистааст, ки дар буъди равонӣ дар мавориди зер аз аҳамияти бештаре бархурдор мебошад:

1. Тақвияти равон ва афзоиши тавонмандии он дар мубориза бо ҳавоҳои нафсонӣ ва ғалаба бар ҳасадот, такаббур, худписандӣ ва кинаварзӣ.
2. Таъдили авотифи худ ва забт ва назорати ҳолоте, чун хасм, стресс, тарс ва муҳаббат.
3. Рафъи аворизи равонӣ ношӣ аз нигарониҳо, афсурдагӣ, яъс ва тарсҳо.
4. Таъдили рақобат ва пазириши усул ва завобити маъқул дар зиндагонии рӯзмарра.
5. Дастёбӣ ба шодобӣ ва нишот, ки ҳамвора барои идома ва рушди ҳаёт зарурӣ аст.

**Таъсири варзишҳои зӯрхонаӣ бар рушди отифӣ.** Кӯдак дар 3 то 7-солагӣ авотифи худро ошкор иброз карда, батадриҷ шиносоӣ мекунад. Мусалламан бурузи ногаҳонии хасм ва тарс дар кӯдакони 3 то 7-сола амри оддӣ аст ва тарс дар кӯдакони ин гурӯҳ ба иллати нерӯи тахайюли бисёр фаъоли онҳо аст. Дигар ин ки мураттабан бо авзоъ ва мавқеиятҳои тозае рӯ ба рӯ мешаванд, ки барои онҳо ноошно аст. Ба таври куллӣ муҳите, ки кӯдак дар он зиндагӣ мекунад ва навъи таҷрибаҳое, ки дар ҳангоми бозӣ ба даст меорад ва чизҳое, ки ёд мегирад, дар кайфияти бурузи авотифи кӯдак бисёр муассир аст.

Иҷрои варзиши зӯрхонаӣ ва эҷоди мақеиятҳои фаровоне, ки ба таври мутанаввеъ ва мутафовут дар хилоли анҷоми он сурат мепазирад, метавонад дар рушди отифии кӯдакон муассир бошад:

1. Парвариши равон ва эҷоди замина барои истиқлоли шахсият, ҳимматбаландӣ, исор ва фидокорӣ.
2. Дастёбӣ ба маротиби қуввати қалб, шаҳомат, истиқдомот ва пойдорӣ ва тақвияти рӯҳия.
3. Рушд ва парвариши рафторҳои муносиб ва равона кардани онҳо ба сӯйи хайр ва камолёбӣ.
4. Таваҷҷуҳ ба каромат ва волоияти худ ва хештандорӣ дар баробари нобасомонӣ ва муфсидҳо.
5. Шинохти масъулиятҳои диннӣ ва инсонӣ ва саъй дар анҷом додани ҳарчи беҳтари вазоифи худ.
6. Афзоиши тавон ва қудрати тасмимгириҳои сареъ ва мантиқӣ.

**Таъсири варзишҳои зӯрхонаӣ бар рушди иҷтимоӣ.** Бозӣ василае барои баёни эҳсосоти кӯдакон ва кашфи равобит ва арзаи онон аст. Кӯдакон маъмулан аз ду то сесолагӣ бозӣ бо дигаронро оғоз мекунанд, аммо агар истеъдоди зеҳнӣ ва алоқаи иҷтимоии онҳо рушд наёфта бошад, бо дигарон созгор нахоҳанд шуд ва алоқае ба ҳифзи равобити иҷтимоӣ ва ширкат дар бозӣ нахоҳанд дошт. Кӯдак аз тариқи бозӣ, ҳаммонандсозӣ ва тақлид аз рафторҳои бузургсолон на танҳо рафторҳои иҷтимоиро тамрин мекунад, балки фурсате барои ислоҳ ва густариши шеваҳои рафтори иҷтимоӣ пайдо мекунад. Аз ин тариқ кӯдак шаҳомати дохил шудан дар иҷтимоъро касб мекунад ва фаро мегирад, ки чӣ гуна метавон дар иҷтимоъ зист ва равишҳои мухталифи мубориза бо мушкилот ва пайдо кардани роҳи ҳалли онро меомӯзад.

Фазои ҳоким бар зӯрхона ва ҳузури кӯдакон дар он ҷо фурсатеро эҷод мекунад, то онон дар ҷавонӣ ба хубӣ равобити иҷтимоиро, ки дар солиёни зиёд дар зӯрхона касб намудаанд, дар бузургсолӣ ба кор баранд.

**Таъсири варзишҳои зӯрхонаӣ бар рушди шахсият.** Варзишҳои зӯрхонаӣ дар шахсиятсозӣ ва рушди кӯдак таъсири зиёд дорад. Бозӣ василаи касби таҷрибаҳои пурарзиш аст, ки кӯдакон дар хилоли он аз ҷиҳати эҳсосӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ рушд мекунанд. Намунаҳои рафторҳои онон дар бозӣ шакл мегирад. Ин намунаҳо дар сар то сари умри кӯдак сармашқи муфиде барои ӯ хоҳанд шуд. Кӯдак дар вақти бозӣ намунаҳои бешумор ва печида ва зарифи зиндагии одамиро дармеёбад ва онро таҷриба ва тамрин мекунад ва робитае миёни ин намунаҳоро месанҷад, то онҳоро фаро гирад. Аз он ҷиҳат, ки ногузир аст дар синни бузургсолӣ бо онҳо рӯ ба рӯ шавад. Варзишҳои зӯрхонаӣ бо таваҷҷуҳ ба қобилиятҳое, ки ҳама абъоди вуҷуди инсониро дар бар мегирад, метавонад нақши муассиреро дар шахсияти кӯдакон ва навҷавонон ифо намояд.

Пардохтан ба бозиҳои бумӣ ва маҳаллӣ илова бар он ки ҷисмро солим нигоҳ медоранд, дар ҷиҳати тақвияти рӯҳ ва равон ва тасбияти арзишҳои фарҳангӣ нақш дорад. Бозӣ ба унвони абзоре бо арзиш барои таъйини ҳуввияти миллӣ ва динии ҳар фард ба шумор меояд. Ба тавре ки арзишҳо ва боварҳои вайро шакл медиҳад ва

созмон медиҳад. Ба илова омодагӣ, пазириш ва масъулият дар зиндагиро фароҳам месозад. Дар сурате ки ин бозиҳо нашъат гирифта аз фарҳанг ва суннати ҷомеа бошанд, метавонанд ҳуввияти воқеии афродро мушаххас созанд, ки маҷмӯае аз таърих, одоб ва русуми гузаштагон, мавқеияти фарҳангии фард ва кишвараш дар гузашта ва ҳоло аст. Варзишҳои зӯрхонаӣ яке аз шохистарин варзишҳои бумӣ ва маҳаллии Эрон аст, ки дар шаҳрҳо, бахшҳо ва рустоҳо аз арзиши хосе бархурдор буда, аз дер боз то кунун роиҷ ва мутадовил аст. Дар Эрони бостон зӯрхонаи марказӣ фаъолиятҳои варзишии маҳалот ва шаҳрҳо буда, ки дар он ҷо варзишгарон ба анҷоми варзишҳо ва намоишҳои бостонӣ мепардохтанд. Қидмати ин варзиш ба давраи пеш аз ислом мерасад, вале бо ривоҷи варзишҳои зӯрхонаӣ бо ҳам омехта шудааст. Зӯрхона ба шакли фаъол дар Эрон ба авҷи камолоти худ расид. Эрониён ҳамеша дар садади роҳи сохтани худ аз султаи дигарон буда, ҳифзи ҷон, мол ва хокро дар сарлавҳаи корҳои худ қарор медоданд. Зӯрхона маконе барои ибодат ва маҳали тамрин кардани бадан барои муқобила бо душман буд. Дар тамоми даврон зӯрхона тавонистааст накши муассире дар раҳо шудан аз султаи ситамгарон ифо кунад ва мардони озода ва бузургеро дар домани худ парвариш диҳанд.

Пас аз зуҳури ислом ва вуруди он ба Эрон ба далели ҳамсавия ва интибоқ мавозин ва меъёрҳои он бо таълимоти исломӣ ва пайравӣ аз аҳкоми динӣ батадриҷ аз равнақ ва эътибори бештаре бархурдор шуд ва ба хотири таваҷҷуҳи амиқи он ба гароишот ва алоқаҳои мазҳабӣ ҳамчунон то имрӯз мудаввом доштааст. Алоқамандии эрониён ба ҷавонмардӣ, паҳлавонӣ, амонатдорӣ ва ростӣ муҷиби давоми ин варзиши бостонӣ шудааст. Ҷойгоҳи зӯрхона дар парвариши шоистатарин хислатҳои инсонӣ, монанди ҷавонмардӣ, гузашт, исор, фидокорӣ, мубориза бо зулм ва ҷаҳл, риояти ахлоқ ва фазоили инсонӣ тасбит гардид. Омӯзаҳои ахлоқиро дар якояки аъмоли ин варзиши бостонӣ метавон мушоҳида намуд.

Варзишҳои зӯрхонаӣ бо таваҷҷуҳ ба вижагиҳо ва хусуиятҳои хоси худ на танҳо варзиши бисёр комиле аст, балки мутаалиқ ба як фарҳанг аст ва боризтарин вижагии он ин аст, ки меъёр ва малака дар ин варзиш дар абъоди мухталифи ахлоқӣ, шахсиятӣ, ҷисмонӣ ва фарҳангӣ ва шахсиятҳои фарҳангӣ ва таърихии ин варзиши бумӣ ва маҳаллии эронӣ метавонад намунаи муносибе барои ҷавонон буда, то аз ин тариқ битавонем хислатҳои хуби инсониро ҳифз намоем. Дар поён метавон ин гуна натиҷагирӣ кард, ки варзишҳои зӯрхонаӣ бо таваҷҷуҳ ба вижагиҳои хосе, ки доранд, ба унвони абзори тарбиятии арзандае метавонанд дар рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон нақши муассире дошта бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадванд Муҳаммадалӣ. Равоншиносии бозӣ (Риштаи улуми тарбиятӣ). –Теҳрон: Нашри донишгоҳи Паёми нур, 1381.
2. Инсофпур Ғуломризо. Таърих ва фарҳанги зӯрхона ва гурӯҳҳои иҷтимоии зӯрхонарав. –Теҳрон: Маркази мардумшиносии Эрон, 1353.
3. Пурниё Ҳасан. Эрони бостон. –Теҳрон: Интишороти Дунёи китоб, 1373.
4. Ҳусайнӣ Саидамир. Зӯрхонаҳо ва зарурати бозшиносии ҳуввияти фарҳангӣ ва тааллуқи иҷтимоӣ дар маҳалҳои шаҳрӣ. –Теҳрон: Интишороти академияи миллии олимпӣ, 1384.
5. Ғуломризо Хонӣ. Таъсироти бозӣ, тарбияти баданӣ ва варзиш барои организми бадан. –Теҳрон: Интишороти Сино,1373.
6. Карими Ҷавод. Нигоҳе ба таърихи тарбияти бадании ҷаҳон. –Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1364.
7. Гударзӣ Муҳаммад. Татвири варзиши бостонӣ ва зӯрхона дар Эрон. –Теҳрон: Интишороти донишгоҳи тарбияти бадани Теҳрон, 1383.
8. Мазлумӣ Раҷабалӣ. Нигариши нав дар таърихи варзиши бостонии Эрон. Фаслномаи варзиш, нашри Созмони тарбияти баданӣ, 1366 шумораи 2.
9. Мулломуҳаммади Ғуломҳусайн. Бозёбӣ ва шинохти корбурди бозиҳо ва варзишҳои бумӣ, маҳаллӣ ва суннатии кишвар. –Теҳрон: Дафтари таҳқиқот ва ва омӯзишии Созмони тарбияти бадан, 1375.
10. Маҷмӯаи мақолоти аввалин ҳамоиши байналмилалӣ ва зӯрхона дар Эрон. –Теҳрон: Интишороти академияи миллии олимпӣ, 1383.


## ЗНАЧЕНИЕ ТРАДИЦИОННЫХ СПОРТИВНЫХ СОСТЯЗАНИЙ И «ЗУРХАНЕ» («ДОМ СИЛЫ») В ВОСПИТАНИИ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

Национальные виды спорта и народные игры являются неотъемлемой частью общей культуры любого народа. Большую роль в развитии физической подготовки играет использование на занятиях национальных видов спорта. Возникнув в глубине столетий, национальные виды спорта пережили длительную эволюцию и возродились в новом качестве в наше время. С древних времен в Иране существует так называемая Зурхана, что в переводе означает "Дом силы". Она возникла много веков назад. Зурхане

воспитывает в спортсменах мужественный характер, учит ценить дружбу и помогает приобрести физическую силу. Физическое воспитание детей это важная проблема всех народов.

**Ключевые слова:** Древний Иран, традиционное физическое воспитание, национальные виды спорта, воспитание воли, народные игры, физическое воспитание, физические качества, «Дом силы» в Иране.

**THE VALUE OF TRADITIONAL SPORTS AND «ZURKHANE» («POWER HOUSE»)
IN THE UPBRINGING OF THE YOUNGER GENERATION**

National kinds of sports and national games are an integral part of the overall culture of any people. A great role in the development of physical training is played by the use on the lessons of national sports. Originating in the depth of centuries, national sports survived long evolution and revived in new quality in our time. Since ancient times in Iran, there is the so-called Zurkhane, which means "power House". It originated centuries ago. Зурхане brings up sportsmen masculine nature, teaches to appreciate friendship and helps to gain physical strength. Physical training of children is an important problem of all peoples.

**Key words:** Ancient Iran, a traditional physical education, national sports, education will, folk games, physical education, physical quality, «power House» in Iran.

**Сведения об авторе:** ***Митро Рухи Дехкурди*** – соискатель Академии образования Таджикистана

## АҲАМИЯТ ВА МЕТОДИКАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Шодӣ Сафаров, Д.Каримова***
**Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии ба номи С. Раҳимов**

Тарзи ҳаёти осоишта аз оромӣ ва бехатарии ҷамъият, аз тарбияи ҳаёти солим вобаста аст. Ҳаёти осоишта дар ҳар давру замон имкон медиҳад, ки инсон хуб зиндагӣ кунад, истироҳати бофароғат дошта бошад, дилхушӣ ва вақтхушӣ намояд. Барои заминаи ҳаёти осоишта бошад, пеш аз ҳама шарти ақли солим, фароҳам будани манбаҳои осоиш, тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият муҳим аст.

Тарбия-калимаи арабӣ буда, маънояш парвариш кардан аст. Тарбияи инсон аз рӯзи таввлид то охири умр зарур аст. Тарбия аз оила, боғчаи бачагон, мактаб ва муҳити ба кас алоқаманд вобаста аст. Тарбияи бадан ба воситаи бозиҳо, машқҳои ҷисмонӣ такомул ва парвариш меёбад. Тарбияи меҳнатӣ низ як ҷузъи тарбияи ҷисмонӣ аст, ки шахс дар он обутоб меёбад.

Тарбия ба воситаи шаклу метод ва роҳҳои махсус дар амал татбиқ мешавад. Дар илми педагогика боби тарбия ва роҳҳои ба амал овардани он васеъ аст. Дар рафти инкишофи ҷамъият, илмҳои педагогӣ, методикаи тарбия низ инкишоф меёбад. Аз таҷрибаи ҳаёт маълум аст, ки ҳар фан дар методологияи хоси худро дорост. Масалан, методикаи таълими фанҳои риёзиёт, кимиё, физика, забон ва адабиёт, таърих, астрономия, геометрия, аз ҷумла тарбияи ҷисмонӣ гуногунҷабҳа ҳастанд. Фанҳо ба худ илми хос ва методи таълимӣ доранд. Вале, фанҳои ҷамъиятӣ ба ҳам алоқаманд буда, яке аз дигаре сарчашма мегиранд.

Корҳои тарбиявӣ методикаи худро дорад, ки он қисми таркибии педагогика буда, дар бораи ҳалли проблемаҳо (мушкилот)–и соҳаи худ баҳс мекунад. Тарбиятгар дар баробари илми методика, таҷрибаи педагогии худро дорад, ки он баъзан аз методика пеш меистад.

Метод, аз калимаи юнонӣ «методос» гирифта шуда, маънояш тарз, усул, равиш ва шакл мебошад. Метод - маҷмӯи роҳу равиш ё тарзу усули идрокӣ ва азхудкунии амалӣ ё назарии воқеият аст. Методика–методикаи фанҳои таълимӣ як соҳаи фанни педагогика буда, қонуниятҳои таълими фанни муайян ва ё қонуниятҳои соҳаи муайяни тарбияро татбиқ мекунад. Методология–таълимот дар бораи илм ё дар бораи методи фанни алоҳида мебошад. Ҳар як фан методи илмии худро дорад, ки омӯзгор ба он такя мекунад ва аз таҷрибаи пешқадам истифода мебарад.

Методология–илм дар бораи сохт, ташкили мантиқӣ ва усули воситаҳои фаъолият: таълимот дар бораи принсипҳои сохт, шакл ва воситаҳои идрокӣ-илмӣ шуда метавонад.

Вазифаи методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб аз муайян намудани равия, принсип, шакл ва методҳои асосии ташкили кори тарбиявӣ бо хонандагон иборат буда, ба педагогҳо барои аз худ намудани санъати тарбия кӯмак мерасонад.

Тарбияи ҷисмонӣ раванди педагогие мебошад, ки барои солимӣ, бардамӣ, матонат ва идроки хонанда, рушду такомули бадани ӯ, таълим–машғулият мегузаронад. Машғулияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ аз бозиҳо ва аҳамияти он дар инсон ва ҷомеа оғоз мешавад. Шарти ин тарбия ва бозиҳо, аввал саломатиро барқарор карда, ҳолати хуби ҷисмонӣ ва рӯҳии инсонро таъмин мегардонад. Тани сиҳат ба ҳар гуна бемориҳо ғолиб омада, норасоиҳои афзоиши бадани инсон–хонандагонро, ки дар оғози парвариш ҳастанд, мустаҳкам мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини саломатии шаҳрвандон, дар навбати аввал насли наврас ғамхории калон зоҳир карда, Барномаҳои ташкили тарзи ҳаёти солимро аз соли 1995 то 2000 ва барои солҳои 2011–2015 якчанд маротиба, мавриди муҳокима қарор дод.

Стандарти давлатии маълумоти умумии асосӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ, қонун «Дар бораи маориф», «Консепсияи мактаби миллӣ» ва «Барномаи ташкили тарзи ҳаёти солим» (барои солҳои 2006–2010 то 2015) ба саломатии хонандагон ҳамчун масъалаи омода намудани наврасон ба фаъолияти ҳаёт ва баланд бардоштани малакаи онҳо дар рафти таълиму тарбия нигаронида шудааст. Аз рӯи нишондодҳои Ташкилоти умумиҷа-ҳонии тандурустӣ исбот гаштааст, ки саломатии инсон то 55 фоиз аз ҳаёти ӯ, аз рӯйи ирсият ва вобастагӣ 18 фоиз ва аз рӯйи нишондодҳои муҳити атроф 17 фоиз вобастагӣ дорад.

Ба воситаи пешбарии «Барномаи ташкили тарзи ҳаёти солим» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, Вазорати маориф, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи миллии олимпӣ, федератсияҳои варзишӣ, алалхусус омӯзгорони донишгоҳҳо, донишкадаҳо, коллеҷҳо, литсейҳо, мактабҳои умумӣ ва ибтидоӣ, аҳли ҷамоатчигии мамлакатро вобаста ба қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифадор кардааст, ки дар навбати аввал ба тарбия диққат дода шавад. Зеро солимии ҷамъият аз тарбияи хуб вобастагӣ дорад.

Назарияи тарбия-қисми таркибии педагогика ва методикаи корҳои тарбиявӣ буда, системаи ғояҳо (идея) ва нишондодҳоеро, ки қонуниятҳои ташаккули одами нав ва бошуури ҷамъиятро ифода мекунад, дар бар мегирад. Он чунин масъалаҳои методологӣ ва умуминазариявиро пешниҳод мекунад: мақсади асосии тарбия; принсипҳои тарбия; мақсад, мазмун ва роҳҳои умумии тарбия; омилҳои объективӣ ва субъективии тарбияи шахсият; ирсият, муҳит ва тарбия; инкишофи ҷамъият ва тарбия; тарбия ва таълим; инкишоф ва таъсири мутақобилаи онҳо.

Инкишофи назарияи тарбия, яъне, системаи донишҳои ҷамъбастӣ, меҳнатӣ, ташаккули мақсадноки одами нав бо инкишофи таҷрибаи ҷамъиятӣ, зич алоқаманд аст. Чунонки маълум аст, таҷриба асоси идрок ва меъёри барҳақи дониши назариявӣ мебошад. Назарияи тарбия бо таҷрибаи бисёрсола ғанӣ гашта, барои фаъолияти амалии тарбиявии мактаб ба тарбиятгарон хизмат мекунад. Инҳо мафҳуме ҳастанд, ки яке аз дигаре баҳра мегиранд. Онҳо таълим ва ҷудонашаванда мебошанд.

**Тарбия ва бозӣ**. Бозӣ ва тарбия. Бояд омӯзгорон корҳои варзиширо дар ҳамин асос ба роҳ монанд. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактабҳои олӣ, миёнаи махсус, омӯзишгоҳҳо ҳамчун методикаи корҳои тарбиявӣ бо илми тарбияи ҷисмонӣ дар сурати дуруст мондани бозиҳо, машғулиятҳои варзишӣ, донистани моҳияти бозӣ, таърихи он, чеҳраҳои шинохтаи варзиш, бояд ба ҳам мусоидат намоянд. Бозиҳои асосӣ: анъанавӣ, мавсимӣ, эҷодӣ, хусусиятҳои миллӣ, ҷаҳонишавӣ, дар дарс ва берун аз дарс, ҳангоми таътилҳои зимистона, тобистона, дар мусобиқаҳо тавре ба роҳ монда шавад, ки ба шароити зисти хонандагони синну солашон гуногун аз ҷиҳати моддӣ, ташкили хӯрок, ҷойи машғулият, ашёҳои бозӣ, таъмини нақлиёт, ба ҷиҳатҳои ҳавасмандӣ мувофиқа намояд.

Хонандаи имрӯза ба бозиҳои шавқовар завқ дорад. Онҳоро ба синну солҳои гурӯҳӣ: аз 7 то 10 сола; аз 12 то 14 сола; аз 15 то 16 сола ҷудо мекунем, ки ин хонандагон бисёр ҳассос буда, бештар ба бозии серҳаракат; давидан, паридан, бозие, ки ӯ бояд ҳатман «ғолиб» шавад, завқ доранд. Масъули ташкили чунин бозиҳоро лозим аст, ки бозиҳоро ба вақт, соат, шароити фасли сол бо назардошти он, ки бачаҳо гурусна нестанд, ба ҳолати набзашон–гиперемия, бофтаҳо дуруст ҳастанд, камбудиҳои ҷисмонӣ ва рӯҳиашон ҷавобгӯ аст, бозиро доир намояд.

Бозиҳои маррагӣ ва бозиҳои шавқовар бояд намуди мусобиқа дошта бошанд. Мусобиқа масъулияти бозингарро зиёд мекунад. Бозингар сайъ мекунад, ки ин бозӣ ба фоидаи дастаи ӯ ҳал шавад.

Методикаи корҳои тарбиявӣ таърихи худро дорад. То солҳои наздик методикаи корҳои тарбиявӣ бо якҷоягии фанни педагогика омӯхта мешуд. Солҳои охир бо якчанд сабабҳо пайдо шудани имкониятҳои техникӣ, ашёҳои бозӣ ва ҷойи бозӣ, методикаи корҳои тарбиявӣ ҳамчун илми махсус алоҳида омӯхта мешавад.

Яке аз асосгузорони аввалини ҷамъияти педагогӣ дар Россия П.Г. Редкин навишта буд: «Ҳаракат намоед, чунон тарбия диҳед, ки тарбиягирандагони шумо бо гузашти вақт ба тарбияи шумо эҳтиёҷманд нашавад, яъне то ки вай тадриҷан боз ҳам зиёдтар аз уҳдаи тарбия кардани худ баромада тавонад». Педагогҳои машҳури рус А.С.Макаренко, Н.К. Крупская, К.Д.Ушинский ва дигарон роҳҳои тарбияро бо оромии комил, сухан ва рафтори рост, бо андеша ва амали нек ва боқатъият, бе зарурият гап назадан, вақтро бошуурона гузаронидан, харҷро бо андеша кардан, ҳар бегоҳ ба кори якрӯзаи худ баҳо додан, лоф назадан, ҳарис ва ҳасуд набудан ва ғайраҳо нишон додаанд.

Тарбияи ахлоқии ҷавонон дар таълими диннӣ (ислом) ниҳоят хуб гуфта шудааст. Китоби шайх Аттор «Чаҳор китоб», китобҳои Унсурмаолии Кайковус, Низомулмулук ва ғайраҳо дар тарбияи талқинкунӣ, таъсиррасонӣ, ҳавасмандкунӣ, эътиқод ва эътимод ба оянда хеле ибратбахш мебошанд. Китобҳои «Қобуснома» ва «Сиёсатнома» омӯзиши бозиҳои миллиро таълим дода, роҳҳои тарбия ва методологияи таълим дар онҳо ниҳоят боистеъдодона, тавсия дода шудаанд.

Методи аввалин, ки сарчашмаи асосии методикаҳо ба ҳисоб меравад, ҳамчун илм ба фанни педагогика дохил шудааст: ин методи лоиҳавӣ ва шартномавӣ мебошад. Ин методро ба методи шахсият низ мансуб додан мумкин аст. Аввалин маротиба дар соли 1824 дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка методи лоиҳавӣ ба вуҷуд омад. Дар луғатҳои педагогӣ ва луғати методии солҳои 1908–1910 он дар таҷрибаи махсус ба номи «лоиҳаи хонагӣ» ба вуҷуд омад, ки дар клубҳои ҷавонони деҳот ва мактабҳо истифода шудааст. Соли 1911 ин метод аз тарафи бюрои тарбиявии Иёлоти Муттаҳидаи Америка пурра тасдиқ гардида, он ба фанни педагогикаи америкоӣ дохил карда шуд. Дар соли 1919 маъмурияти мактабии марказии Иёлоти Муттаҳидаи Америка варақаи махсус баровард, ки чунин ном дошт: «Методи лоиҳавӣ дар кори маълумотгирӣ».

Асосгузорон ва ташвиқотчиёни методи лоиҳавӣ низ аз Иёлоти Муттаҳидаи Америка шахсони зерин Дюи, Килпатрик, Коллингс, Стивенсон ва ғайраҳо буданд.

Хусусиятҳо ва принсипҳои тарбияро омӯзгор бояд донад. Он тавре ба роҳ монда шавад, ки ба тарбияи шуурии хонанда ва ҳамоҳангии тарбияи ҷисмонӣ бояд мувофиқат дошта бошад. Онҳоро ба 8 қисм ҷудо кардан мумкин. Яъне: ҷараёни бисёр моил; ҷараёни дуру дароз; ҷараёни бисёрзинагӣ; консентризми мундариҷаи корҳои тарбиявӣ; таъсири педагогӣ расонидан ба коллективи бачагон бо маҳдудият; барои кори ташкилӣ; идроки зоҳирӣ; равиши ба фаъолияти оянда нигаронидашуда.

Калимаи принсип, ки аз лотинӣ асос гуфтан аст, бояд дар методикаи таълим, «принсип» ҷорӣ бошад. Маънои дигари Принсип «интизом» мебошад. Дар принсип серталабӣ, идеяи роҳнамо, қоидаҳои асосии рафтор ва амалиёт пеш аз ҳама ба назар гирифта мешавад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ «Принсипҳои ахлоқи тарбияи коммунистӣ» ҷорӣ буд, ки он тарафҳои мусбии хуб дошт. Ба ин принсип–асос, тарбияи одами нав ва ба таҷрибаи андӯхташуда ва ҷамъбасткардашудаи фаъолияти тарбиявии он ба ҷамъият такя мекард. Ва он ба се гурӯҳ тақсим мешуд:

1. Принсипҳои инъикоскунандаи равияи ҷамъияти сиёсии тарбияи маънавӣ.
2. Принсипи муайянкунандаи вазифа ва функсияҳои корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ дар протсесси тарбияи маънавӣ.
3. Принсипҳои муайянкунандаи асосҳои методи тарбияи маънавӣ.

Боз дар ин равия ва гурӯҳҳо, воситаҳои таълимро тавсия медодам, ки принсипҳои дигари зеринро низ истифода намоянд: мақсаднокӣ ва идеянокии баланди тарбия; алоқаи ҷиҳатҳои тарбия ба ҳаёт; тарбия дар меҳнат, дар амалияи фаъолона бо машғулияти тарбияи ҷисмонӣ, бозиҳо; тарбияи шахсият дар коллектив, команда (даста), дар мусобиқаҳои варзишӣ; ягонагии талабот ва ҳурмати тамошобин, довар, мураббӣ; муттасилӣ ва пайдарҳамии тарбия: дар хона, мактаб, ҷойи машғулият (толор), мусобиқаҳои рафиқона; ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну солӣ ва шахс (индивидуалӣ)-ии тарбиятгирандагон.

Дар методҳои асосии худтарбиякунӣ: худэътиқодпайдокунӣ, худталқинкунӣ ва бевосита машқ кардани бозингар. Дар ҳолати aзнавтарбиякунӣ тоқату сабр, боиродагӣ, матонат, шавқ ва мустаҳкамӣ лозим аст.

Дар методҳои тарбия, методҳои таъсиррасонӣ, методҳои ташкилӣ, ҳавасмандкунӣ, назорат нақши муҳим мебозад. Аз ҷумла, таълими методҳои **индуксия**–фикрронӣ, **дедуксия**–усули мулоҳиза мувофиқи он аз нуқтаи назари кул ба ҷуз меояд. Методҳои шифоӣ, аёнӣ ва амалӣ, методҳои ҳикоя, суҳбат, лексия, намоиши видео, кино ва ғайраҳо низ ҳастанд. Ба методҳои ҳавасмандкунӣ: саволу ҷавоби илмӣ, таълимӣ ва бозиҳои гуногун мисол шуда метавонанд.

Омӯзгор дар протссеси таълим ва аз худ кардани барномаи таълим аз тарафи хонанда, бояд ба панҷ дараҷаи умумии инкишофи восита ё роҳи таълим диққат дода, чунин шартҳоро пеш гузорад:

I. *Инкишофи умумии хонанда ва ҷаҳонбинии ӯ.* Иборат аст, аз маданияти нутқ, муташаккилӣ, вусъат ва устувории таваҷҷуҳҳо, рафтан ба кино, театр, музей ва тамошои намоишҳои телевизионӣ. Муносибат ба воқеаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ;

II. *Муносибат ба кори таълим.* Хонанда чӣ гуна ба машғулиятҳои таълимӣ: бозиҳо, иштирок дар кружок, сексияҳои гӯштингирӣ, волейбол, футбол, вазнбардорӣ, шиноварӣ ва ғайра муносибат дорад. Дарс чӣ гуна диққат медиҳад? Вазифаҳои хонагиро чӣ тавр иҷро мекунад? Кӯшиш ва устуворӣ дар таҳсил: Оё кори таълимро ташкил карда метавонад?;

III. *Муносибат ба кори ҷисмонӣ.* Ба худхизматрасонӣ чӣ гуна муносибат дорад? Супоришҳои ҷамъиятии характери механиконидоштаро чӣ гуна иҷро мекунад?

IV. *Дараҷаи интизомнокии хонанда.* Муташаккилӣ дар дарс. Муносибат ба калонсолон, мураббиён, рафиқон ва муҳити атроф;

V. *Таваҷҷуҳ.* Таваҷҷуҳ ба таҳсил ва бозӣ. Таваҷҷуҳ ба варзиш, илм ва техника. Ӯ ба пешравиҳои варзиш чӣ гуна менигарад?

Омӯзгор, мураббӣ инчунин ба ғайр аз журнали синф, журналҳои сексияҳои машғулиятҳои дарси тарбияи ҷисмонӣ ба худ, «Рӯзномаи шахсӣ» дошта бошад. Омӯзгор бояд конспекти дарсро аз рӯйи мавзӯи дарс, ҳамеша дошта бошад. Конспект

ин тайёршавии омӯзгор ба дарс аст. Ӯ метавонад, мавзӯъҳои дарсро ба тариқи тезис кӯтоҳ - кӯтоҳ барои худ дарҷ намояд.

Дар журнали синф воқеаҳо, ҳолати дарс, муташаккилӣ ва ғайримустақил будани хонандагон дарҷ карда намешавад.

Аз ин хотир, омӯзгор дар «Рӯзномаи шахсӣ-корӣ» метавонад, ки ҷузъиётҳои ҳаминрӯза ва супоришро сабт намояд.

Албатта, ҳар як омӯзгор методикаи дарсдиҳӣ ва машғулиятгузаронии худро дорад. Методикаи дарсҳои фаннӣ аз методикаи машғулиятҳои варзишӣ фарқ доранд. Дар бозиҳо омӯзгор, варзишгарон либосҳои махсуси варзишӣ мепӯшанд. Пойафзолҳояшонро ба пойафзоли сабук (варзишӣ) иваз мекунанд. Дар бозӣ ба китоб, дафтару қалам не, балки бо даву иҷрои машғулиятҳо, партофтан ё гирифтани асбобҳои варзишӣ сару кор мегиранд.

*Методологияи илмӣ* бо боварии пурра тасдиқ менамояд, ки бозингар, мураббӣ ва мухлис ҳар яки он мактаби тарбия аст. Аз ҷумла мактабҳои миллии тоҷик, комилан дорои хусусиятҳои хос ва системаи мустақили методӣ шуда метавонад. Мактабҳо, мактабҳои тарбияи ҷисмонӣ, дар худ унсурҳои таркибии ба ҳам алоқамандии мақсад, мазмуни маълумот, шаклҳои ташкили кори омӯзишу парвариш, усулҳо ва тарзу воситаҳои таълимро таҷассум менамояд. Дар мактабе, ки ин услубҳои пурарзиши тарбия, ташкили дурусти бозӣ риоя мешавад, он тараққӣ мекунад, унсурҳо дар заминаи арзишҳои маънавии миллӣ комилан мустақилона нумӯъ мекунад.

Барои эҳёи мактаби миллӣ ва рушди минбаъдаи он омилҳои ботинӣ ва зоҳирӣ заруранд. Ба омилҳои асосии ботинии инкишофу такмили мактаби тоҷик дар дуруст ба роҳ мондани бозиҳои миллӣ ҳамчун системаи мустақили соҳибистиқлол дар варзиш, мураттаб сохтан ва коркарди варианти аслии бозиҳоро донистан барои мураббӣ ва омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ чунин омилҳои таълим лозим аст:

оид та тайёрии машғулият дар дафтари кориаш сабт дошта бошад; мақсад, номи бозӣ, ҷиҳати тарбиявӣ ва хусусиятҳои миллии он; шаклҳои ташкили таълим, омодагии шунавандагон ё бозингарон; усулҳои тадрис ва истифодаи таҷрибаи пешқадам дар мактаб, майдони бозӣ, мусобиқаҳо; муҳайё сохтани воситаҳои таълим; баҳогузорӣ ба натиҷаи ҳар даста ва ҳар як бозингар; майл ва меҳр ба бозӣ пайдо кардани шогирд; рӯҳбаланд кардани бозингар; дар баробари барномаи таълим аз қаҳрамонҳо (чемпионҳо), устодони бозӣ ёдовар шудан; хулоса, тавсия пешниҳод кардан ба маъмурият, баҳри беҳтар кардани фаъолияти маълумоти муттасил аз рӯйи ин ё он бозӣ.

*Мураббӣ* ҳангоми таълим ба завқи шогирдон бояд эътибор диҳад. Ба ҷисму тани онҳо дар интихоби касб ва машғулият аҳамияти зарурӣ зоҳир намояд. Дар вақти ташкили дастаҳо (команда) онҳоро баробар ҷо ба ҷо намояд. Вагарна дастаи боқувват доим ғолиб омада, дастаи мағлубшуда рӯҳафтода мегардад. Дар вақти оғози бозӣ истифодаи қуръапартоӣ ё худ ёфтани «мухра»-ро бакор барад. Ин ҷо дастаҳо бегила мешаванд. Дар ҳар машғулият ё бозии навбатӣ дар доираи таълимгоҳ бозингаронро аз як даста ба дастаи дигар иваз намояд. Ин баробарӣ қобилияти зеҳнӣ, обутобёбӣ ва аз худкунии ҷавононро таъмин мекунад.

Машғулиятҳо аввал бояд сабук ва осон бошанд. Ботадриҷ, бо давом соли таҳсил аз машғулияти осон оҳиста–оҳиста ба машғулияти нисбатан мураккаб хонандагон, донишҷӯёнро омӯхта, гузаштан мумкин. Бозингар ҳар қадар дар машқ душворӣ кашида бошад, оянда дар иҷрои он ҳамон қадар тезтар ба комёбиҳо муваффақ мегардад.

Мураббӣ барои шавқовар гузаштани дарсҳо, машғулиятҳо, бозиҳои шавқовар баъди монда шудани бозингарон, танаффус эълон мекунад. Барои он ки вақт беҳуда нагузарад, дар ин мобайн ӯ метавонад аз методологияи суҳбати завқӣ истифода намояд. Аз таърихи корнамоиҳои варзишгарони ниёгон, қаҳрамонҳои бозиҳо нақлу латифа ва пандҳои ҳикматомез мегӯяд. Чӣ гуна ба ин ё он бозӣ омадани варзишгарони машҳурро мисол меоварад.

Асосҳои методологии низоми маорифи навини Тоҷикистон, фалсафаи бумии мардуми тоҷик, назарияи маърифат, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияҳои мактаби миллии тоҷик ва таҳсилотии он ба ҷараёни таълиму тарбия, тарзи идораи маориф тӯли 20 соли охир хеле ваколату самтҳои

фаъолиятро беҳ гардонд. Соҳибихтиёрии давлат дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии он– сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва иҷтимоиёт таҷассум ёфтаанд.
Методологияи илмӣ бо боварии пурра тасдиқ менамояд, ки ҳар як мактаби миллӣ, аз ҷумла мактаби миллии тоҷик комилан дорои хусусиятҳои хос ва системаи мустақили методӣ буда, дар худ унсурҳои таркибии ба ҳам алоқаманди мақсад, мазмуни маълумот, шаклҳои ташкили кору омӯзишу парвариш, усулҳо ва тарзу воситаҳои таълимро таҷассум кардааст.

*Инсон* ҳамчун ҷузъи табиату ҷамъият, бояд сиҳату саломат бошад. Мактаб, мураббӣ (устод) вазифадор аст, ки дар хусуси саломатии насли наврас ғамхорӣ намуда, айни замон талқин намояд, ки саломатӣ гавҳари ноёб аст. Бурду бохти инсон ҳам дар фаъолияти ҳаррӯзаи ба саломатӣ вобаста мебошад. Тани солимро рӯҳи солим лозим аст.

Мактаб, устод, падару модар вазифадоранд, ки дар тарбияи наслҳо, пайдоиши қобилиятҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ, имону эътиқод, ҳаққу ҳақнигорӣ, шарафу шарафмандӣ, ватандӯстӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, некӣ ва некиродагӣ, ҳиммат ва саховат, покӣ ва покизакорӣ, ростию парҳезкорӣ, шарму ҳаё, омӯзиши илму маърифат, кӯшиш баҳри истиқлолияту озодӣ, дӯстию рафоқат, сулҳу салоҳ, муқаддас донистани чор унсур: об, замин, оташ, ҳаво, ҳурмати падару модар ва аз худ калонсол, эҳтироми хурдсолонро омӯзанд. Ба фарзандон номи хуб гузошта, соҳиби маълумот намоянд. Дар интихоби касб кӯмак кунанд.

Падару модар, устодон бояд фарзандону шогирдонро аз duздию ҳаққимардумхӯрӣ, фиребгарию дуруғгӯӣ, ҳасаду бухл, суханчинию ғайбат, дуруштмуомилагию бадгӯӣ, харҷу исрофкориҳои беҳуда, майхорагӣ, нашъамандӣ, фисқу фасод, хулоса хислатҳои ношоиста, ки шаъну шарафи инсонро паст мезанад, баргардонанд.

Бозиҳои миллие, ки дар мактаб такмил ёфтаанд ва иҷро карда мешавад, бояд ба ҷаҳонбинии хонанда, иродату матонат, дарки фарҳангу миллати тоҷик мусоидат намояд. Ниёгони мо бисёр ақидаи хуб доштанд, ки: «Барои мо офариданд, мо баҳра мебарем, мо меофарем, то дигарон баҳра гиранд!». Ин ақида ногусастанӣ буда, маданияти наслҳоро ба ҳам мепайвандад.

Тарбияи гуманистии насли наврас ташвиқу тарғиби муносибат ва муросои миллӣ дар мактабҳо (донишкадаю донишгоҳҳо), маҳз дар рафти мусобиқаҳо, машғулиятҳо иҷрои бозиҳо бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки меъёрҳои олитарини инсонӣ ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ фаъолона ширкат варзанд.

Барои ҳалли ин вазифаҳо дастурҳои қолабӣ, шаклу усулҳои маъмуриятчигӣ, фармонфармоӣ бегонаанд. Саъю кӯшиш кардан лозим, ки ҳеҷ талаба, донишҷӯ аз назарҳо дур намонад, баҳри вусъати илмомӯзиаш монеа ба миён наояд. Донишҷӯ, талаба ва оне, ки ба машғулиятҳои варзишӣ машғул аст, дарк намуданаш лозим, ки донишро тавре аз худ кунад, ки дар чорсӯи зиндагӣ дарнамонад. Воқеият ва ҳақиқатро ба ҳам мутобиқ карда, инсони қодиру тавоно будани худро нишон диҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода Р. Футувватнома. –Душанбе: Адиб, 1993.
2. Абдуллоев А. Абулқосим Фирдавсӣ -Душанбе: Адиб, 1987.
3. Абдулвоҳидов С., Шамсиддинов М. Машъалафрӯзи варзиш. –Душанбе: Глобус, 2005.
4. Абӯалӣ ибни Сино. Дафъ-ул-мазорил-куллия ан-ил-абдон-ил-инсония», Душанбе, «Ирфон», с. 1991.
5. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Куллиёт ҷилди 1, қисми 1. -Душанбе, 1966.
6. Акбари Турсунзод. Эҳёи Аҷам. Душанбе: Ирфон, 1984.
7. Андреев С.Н. Под звуки спортивного марша. - Москва, 1979.
8. Аҳмад Рӯзӣ. Ҷашни Наврӯз аз диди Хайём. Газетаи «Ҷумҳурият», 20 марти соли 2003.
9. Бернштам А.Н. Древнейшие тюркские элементы в этногенезе Средней Азии. С Э. 6-7, соли 1947.
10. Борьба дзюдо. Программа. Москва, 1984 г.
11. Борьба. Москва, соли 1980.
12. Интернет. Поисковые системы «Google» и «Wikipedia» (Энциклопедия).
13. Исҳоқов А. Панҷакенти қадим. Душанбе, «Ирфон», с. 1982.
14. Кудрявцев В.Г., Кудрявцев Ж.В. Спорт: собития и судьбы. Москва, «Просвещение», 1986.
15. Классическая борьба. Программа. Москва, 1984.
16. Маҳмарасулов Саймаҳмуд. Зи паҳлавонӣ номи ту шуд баланд. -Душанбе, 2007.
17. Руне Хедман. Спортивная физиология. -Москва: Физкультура и спорт, 1980.
18. Турсунов Н.Н. Таджикиские национальные подвижные игры. - Душанбе, 1981.
19. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, қ. 1, 2. -Душанбе, 2010.

20. Шамсиддинов Мирзосафар.Таҳаввулот дар варзиши Тоҷикистон. -Душанбе, 2007.
21. Шафоатов А. Н. Луғати мухтасари истилоҳоти соҳаи варзиш. -Душанбе, 2006.
22. Школьникова Н.В. Республика Самбо. Физкультура и спорт, -Москва, 1978.
23. Шукроев К. Аз таърихи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши тоҷикон. -Душанбе, 1991.
24. Шукроев К.Ш. Развитие физкультуры и спорта в Таджикистане. -Душанбе, «Мориф», соли 1990.
25. Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, аз 20 апрели соли 2011.
26. Эмомалӣ Раҳмон. Варзиш-қосиди сулҳ. -Душанбе, 2010.
27. Эмомалӣ Раҳмон. Дирӯз ва имрӯзи точикон. - Душанбе, 1987.
28. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих», -Лондон, 1999.
29. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: таҷрибаи таърих ва дурнамои пешрафт. // «Ҷумҳурият», 15 сентябри соли 2001.
30. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. // «Ҷумҳурият», 17 июни соли 2006.
31. Эмомалӣ Раҳмон. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун. -Душанбе, 2006.
32. Эмомалӣ Раҳмон. Давраи тиллоии тоҷикон. // «Минбари халқ», 9 майи соли 1999.
33. Этнография в Таджикистане. Сборник статей. –Душанбе: Дониш, соли 1989.
34. Яъқубшоҳ Ю. Тоҷикшинос. -Душанбе, Ирфон, 1999.
35. Яъқубшоҳ Ю. Маниши миллӣ. -Душанбе, 2004.

**ЗНАЧЕНИЕ И МЕТОДИКА ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ**

В данной статье авторами подвергнуты рассмотрению и изучению значение и методика воспитания, особенно значение физического воспитания. Воспитание - процесс целенаправленного влияния, целью которого выступает усвоение ребенком необходимого для жизни в обществе социального опыта и формирования принимаемой обществом системы ценностей. Воспитание растущего человека как формирование развитой личности составляет одну из главных задач современного общества. Ребенок постоянно включен в те или иные формы общественной практики. Также в данном процессе немаловажную роль играет физическое воспитание, которое призвано повысить двигательную активность учащихся и оптимизировать учебную работоспособность путем снятия нервно-эмоционального напряжения.

Ключевые слова: значение и методика воспитания, педагогический процесс, физическое воспитание, активность ребенка, гуманистическое отношение к воспитанию ребенка.

**VALUE AND METHODS OF PHYSICAL EDUCATION**

In this article the authors subjected to review and study of the meaning and methods of education, especially the value of physical education. Education - a process of purposeful influence, the aim of which is child acquisition necessary for life in society and social experience and the formation of the receiving society's system of values. Upbringing of the growing human as the formation of the personality is one of the main challenges of modern society. The child is permanently included in some form of social practice. Also in this process plays an important role of physical education, to increase the motor activity of students and optimize training operability by removing the neuro-emotional stress.

**Key words:** meaning and methods of education, pedagogical process, physical education activity of the child, the humanistic attitude towards child's rearing.

**Сведения об авторах:** ***Ш.Сафаров*** – кандидат педагогических наук, доцент, ректор ГИФК им.С.Рахимова
***Д.Каримова*** **–** кандидат педагогических наук, проректор по воспитательной работе ГИФК им.С.Рахимова

# КОРБУРДИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ДАР ЁДГИРӢ ВА ТАДРИСИ LT ВА ТАҲАВВУЛОТ

***Ғуломалии Фаххорӣ Ашрафӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Фарояндҳои ёдгирӣ ва нақши технологияи иттилоот. Нақши таваҷҷуҳ ва қасди ёдгирӣ дар фарогирии шинохт аҳамияти махсусе дорад. Нақши куниши донишомӯз дар фарогирии шинохтӣ комилан ба навъи донише, ки қарор аст, фаро гирифта шавад, вобастагӣ дорад. Ҳар икстисобе муназаман пардозиши фаъоли иттилоот дар зеҳни донишомӯз аст. Аз ин рӯ, ҳеҷ навъе аз ёдгирӣ ғайрифаъол нест. Мумкин аст донишбаёнӣ аз тариқи таҷориби зиёди маъмулӣ ба кор дар дунёи резпардозандаҳо ва мушоҳида ва пардозиши иттилоот ироа шуда, фаро гирифта шавад.

Порае аз равишҳои ҷадиди омӯзишӣ ба манзури баҳрагирӣ аз ёдгирии иродӣ ва ангезишӣ саъй дар таҳрики кайфияти диққати худангехтаи донишомӯз дорад. Равишҳои ҷадид ба тариқи гуногун дар муҳити ёдгирии донишомӯз дахл ва тасарруф мекунад. Технологияи ҷадид падид омадани муваффақиятҳоеро, ки ба таври ахс барои барангехтани таваҷҷӯҳ ва ангеза тарроҳӣ шуда бошад, мумкин месозад. Ин мавқеиятҳо иттилоотеро ба ҳар тариқе, ки муносиби пардозиши шинохтӣ дар фарогирии шинохт бошад, фароҳам меоварад.

Корбурдҳо ва судмандиҳои фановарии иттилоот. Афроди инсонӣ барои касби қобилиятҳои лозим барои зиндагӣ дар қарни бисту якум, ки пур аз фановариҳои иттилоотиву иртиботӣ аст, бояд илова бар ёдгирии мавзӯоти назарӣ ва тахассусӣ, яъне касби саводи умумиву илмӣ ва саводи иттилоотӣ ва саводи фановарӣ низ муҷаҳҳаз шаванд.

Як фарди босавод аз назари фановарии иттилоотӣ дорои тавоноиҳои зер аст: ба хубӣ медонад, ки появу асоси ҳар гуна тасмимгирии ҳушмандона, ки мунҷар ба таҳаққуқ ҳадаф шавад, дастрасиву бархурдорӣ аз иттилооти дақиқ аст. Бинобар ин, ба зарурати вуҷуди иттилоот барои анҷоми дурусти умур огоҳӣ дорад. Бар асоси ниёз ва бо таваҷҷуҳ ба иттилооти мавҷуд метавонад ба тарҳи суолоти муносиб иқдом кунад. Таҳили арзёбӣ ва созмондиҳии иттилооти мавҷуд мумкин ва осон аст. Барои он ки фановарии иттилоот битавонад ба беҳтарин ваҷҳ ифои нақш кунад, набояд ба таври мустақил ва дар халоъ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, балки бояд дар тамоми густура муҳити омӯзишӣ вуҷуд дошта бошад.

*Корбурди фановарии иттилоот барои эҷод ва тақвияти маҳоратҳои сатҳи боло.* Имрӯзҳо донишомӯзон барои касби маҳоратҳои сатҳи боло ва муҷаҳҳаз шудан ба қобилиятҳои фаннӣ ва тахассусӣ дар мавзӯоти мавриди ниёз аз чанд расонаҳое истифода мекунанд.

Корбурди фановарии иттилоот на танҳо ба тасбият ва тақвияти маҳоратҳои поя маҳдуд намешавад, балки дар густурдаи васеъ аз фунуни гуногуни ёддиҳӣ ва ёдгирӣ чун кору коргоҳ ва анҷоми пружаҳои пажӯҳишӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Ёдгирандаҳо барои ёдгирӣ мавзӯоти хос ва касби маҳоратҳои лозим аз Интернет ба сурати анҷоми корҳои пажӯҳишӣ ва барқарории иртибот бо дигар авомил ва нерӯҳои инсонӣ баҳра меҷӯянд. Дар ҳақиқат донишпажӯҳон худ ба дунболи иттилоот ва донишҳои нав ҳастанд ва ба унвони ҳамкорӣ бо муаллимони хеш дар гирдоварии иттилооти лозим барои омӯхтан ширкат мекунанд.

Фановарии иттилоот бар улгӯҳои зиндагӣ, шеваҳои кор, равишҳои пажӯҳиш, омӯзиш ва ёдгирӣ, мудирият ва бисёре аз заминаҳои дигари зиндагии инсонӣ таъсир мегузоранд ва дорои судмандиҳои бисёр аст. Қобилият ва тавоноии дастрасӣ ба иттилоот аз тариқи истифода аз манобеъ ва фановарии иттилоот ва корбурди беҳинаи он иттилоот ба василаи афрод, ҳамон саводи иттилоотӣ бо саводи фановарӣ аст, ки донишомӯзон, агар дар фароянди ёдгирӣ ба ин матлуб муҷаҳҳаз шаванд, нав шудани афкори зеҳнӣ ва тақвияти омӯхтаҳоро муҷиб мешавад.

*Фановарӣ ва нақши он дар тавсеаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа.* Созгории фановарӣ дар дохили низомҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муассисаҳои кишварҳои дар ҳоли тавсеа омили бузурги муваффақият дар интиқоли фановарӣ аст. Фароянди интиқоли фановариро ба унвони як падидаи семарҳилаӣ таъриф мекунанд. Ин се марҳила иборатанд аз: фарогирӣ, созгориву тавсеа.

Табиист, ки созгорӣ як фарогирие аст, ки нақши таъйинкунандае дар ҳар пешрафте дар мароҳили ҷазб, ошӯфтагӣ ва тавсеаи фановарӣ дорад. Фановарии пешрафтае, ки ба кишварҳои дар ҳоли тавсеа мунтақил шудааст, ниёзманди тасҳилоти асарбахшӣ бар рӯйи авомили инсонӣ ва тавлид аст.

Бинобар ин, фановарии иттилоот фановарии мушкил ва печидае аст, ки аз даҳаи соли 1980 дар бахшҳои умумӣ ва хусусии низомҳои иқтисодии ҷаҳони савум зоҳир шудааст ва бояд ба гунаи муносиб мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Ин низомҳо, ки мумкин аст дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа мавриди истиқбол қарор гиранд, ҳамеша мумкин нест дар мавқеияҳои гуногун созгор бошанд.

Бо корбурди муҳандисии авомили инсонӣ мушкилоти бисёре аз қабили ҳазинаи зиёди иҷро, тавлиди кам, мизони сатҳи болоии тасодуфот, судмандии андаки фановарии иттилоот, мушкилоти тарроҳӣ ва тағйиру нигаҳдорӣ, фишорҳои ҷисмӣ ва муҳитӣ беш аз андозаи мушкилоти сатҳии фановарии иттилоот мумкин аст ҳал шаванд.

Истифодаи муассир аз фановарӣ дар ҷаҳони имрӯз мусталзами он аст, ки донишомӯзон нақшҳои ҷадидеро дар фароянди ёдгирӣ бипазиранд. Лозим аст, ки донишомӯзон, ҷустуҷӯгарони иттилоот бошанд, то битавонанд дар мавриди арзиши иттилооти васее, ки дар шабакаи ҷаҳонии Интернет барои истифодаи онон мавҷуд аст, ба доварӣ ва арзишёбӣ бипардозанд.

Дар чунин шароит нақши муаллимон низ аз интиқоли дониш ва маълумот ба тасҳилгарии фароянди ёдгирӣ тағйир меёбад. Ҳар муаллиме бояд битавонад ба донишомӯзон кӯмак кунад, то дар гурӯҳҳои ҳамёр фаъолияти асарбахш дошта бошанд, ё бо баёни ҳамаи ин аслҳо таваҷҷуҳи муаллимони кишварамонро ба чолишҳое, ки дар тарбияти насли ҷавон вуҷуд дорад, ҷалб мекунем.

1. Донишомӯз ба мусобаи ҷустуҷӯгари иттилоот, ҳидоятгару арзишёб; 2. Донишомӯз ба мусобаи мутафаккир, наққод, таҳлилгар ва гузинишгари иттилоот ва фановарии муносиб. 3. Донишомӯз ба унвони тавлидкунандаи дониш бо истифода аз манобеъ ва фановариҳои нав. 4. Донишомӯз ба мусобаи паёмрасон, асарбахш бо истифода аз фановариҳо ва расонаҳои муносиб. 5. Донишомӯз ба унвони фановари омӯзишӣ. 6. Донишомӯз ба унвони шаҳрванди масъулиятпазир дар асри фановарӣ.

Муаллимон бояд саъй кунанд, ки донишомӯзон эътимод ба нафс, роҳбурдҳои мудирияти иттилоот ва маҳоратҳои фаннии лозимро касб кунанд, то битавонанд дар зиндагии рӯзмарра ва дар муҳити кори худ абзорҳои фановарона ва иртиботи ҷамъеро бомуваффақият роҳандозӣ кунанд ва мавриди истифода қарор диҳанд.

*Зарурати омӯзиши фановарӣ ба унвони бахше аз барномаҳои омӯзишии расмӣ.* Омӯзиши фановарӣ ғайр аз омӯзиш фаннӣ ё ҳирфаӣ аст. Бахше аз барномаи омӯзиши умумиро фановарӣ ташкил медиҳад. Ҳадаф аз ин омӯзиш ироаи дониш ва иттилооти фановарӣ бо унвони бахше аз омӯзишҳо ва пояе барои ҳамаи мардум аст. Аз ин рӯ, мадраса муносибтарин макон барои парвариши дарки дурусти донишомӯзон аз мафҳуми фановарӣ ва нақши он дар таквину ташак кули фарҳангҳост. Донишомӯзон аз ҳамон солҳои аввали таҳсил бояд бидонанд, ки фановарӣ, яъне талоши одамӣ, хоҳ ин талошҳо тавсеаи кайфии инсонҳоро фароҳам кунад ва хоҳ ҷомеаро ба набудӣ бирасонад, чизест, ки ба тасмими худи инсонҳо вобастагӣ дорад.

Зимни ин ки дар мадраса аз донишу иттилооти лозим дар бораи низом ва манобеи мавриди масрафи онҳо баҳс мекунанд, бояд дар ҳамон ҳол низ шеваҳои шинохт, тавсеа, баҳрагирӣ ва чигунагии назорати фановариҳоро ба донишомӯзон бояд дод, то аз ҳамон даврони кӯдакӣ дар баробари фановариҳои ҷадид бо масъулиятҳо арзишҳои ахлоқӣ ва инсонии худ ба хубӣ ошно шаванд.

Омӯзишҳои мадрасаӣ сабаб мешавад, ки донишомӯзон дар оянда ба ҳангоми тарроҳӣ ва тавлиди ҳар гуна фановарӣ ибтикори нахуст дар бораи ҳадаф ва натоиҷи он ба дурустӣ андеша кунанд ва ба тавсеаи кайфии ҷомеа алоқаманд шаванд. Дар ин росто нақши мудир ва муаллим аҳамияти хосе дорад.

*Ҷашмандозҳои гуногуни корбурди фановарии иттилоот ва иртиботот дар таълиму тарбият.* Фановарии иттилоот ба масобаи бахше аз фароянди ёдгирӣ ба се шакл ба кор меравад:

Яке ба масобаи ҳадаф, дигаре ба масобаи расона ва мавриди савум ба масобаи абзоре, ки ағлаб барои созмон ва мудирият дар мадорис мавриди истифода қарор мегирад. Дар мавриди дувум фановарии иттилоот ва иртиботот фароянди ёдгириро ташкил намедиҳад, аммо истифода аз он дар синфхона, ёдгириро ҳимоят мекунад.

Намунае аз корбурди фановарии иттилоот ва иртиботот маътуф ба созмон ва мудирият дар як низоми назаротӣ донишомӯз меҳвар аст. Корбурди фановарии иттилоот ба сурати як ҳадаф дар дуруси хосе аз қабили омӯзиши роёна бо информатика созмон меёбад. Дар ин қисмат донишомӯзон бо муҳимтарин дарундодҳо ва берундодҳои фановарии иттилоот, ки падидаи муҳим, вале пинҳон дар ҷомеа аст, ошно мешаванд ва ҳадаф аз омӯзиши он ҷилавгирӣ аз бесаводӣ дар роёна аст.

Шакли савум ба масобаи расонаӣ барои ёдгирӣ ва тадрис аст. Дар ин ҳолат ба он ба манзалаи абзоре барои тадрис ва ёдгирӣ ишора мешавад, расонае, ки аз тариқи он муаллимон метавонанд тадрис кунанд ва фарогирон ёд бигиранд. Фановарии иттилоот ба сурати як расона ба ашколи гуногун зоҳир мешавад. Ашколе мисли тамринҳои илмӣ, шабеҳсозӣ, тадриси хусусӣ, низомҳои ёдгирии инфиродӣ, низомҳои таҳия ва тадвини озмун ва ғ. Корбурди воқеӣ ва роиҷи фановарии иттилоот ва иртиботот ба сурати як алоқаи фазояндае барои истифода аз он вуҷуд дорад.

Имрӯз яке аз асоситарин ва бадеҳитарин ҳуқуқи шаҳрвандӣ дастрасии озод ба иттилоот ва ахбор аст. Муҳимтарин шохиси тавсеаи ҳар кишвар бар асоси мизони тавлид ва имкони тавзеъ ва масрафи иттилоот аст. Воқеан чӣ чизе метавонад халои мавҷуди иттилоърасонии кишварро пур кунад?

Беҳтарин роҳи ҳал барои пазириш омодагии вуруд ба ҷомеаи иттилоотӣ ин аст, ки аз назари фарҳангӣ ва омӯзишӣ фаҳми саҳеҳ аз ин низом ҳосил шавад. Ин пазириш ба ин маъно аст, ки нисбати нигариш ба мафҳуми сармояи иҷтимоӣ тағйир пайдо кунад.

Имрӯз сармояи иҷтимоӣ шомили абзор, сохтмон, технология нест, балки иттилоот, тахассус, коромад ва нерӯи инсонии моҳир ба унвони авомили заминасози тавсеа ва пешрафт дар арсаҳои мухталифи тавсеаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ матраҳ мешавад. Ин муҳим аз тариқи як низоми омӯзиш ва парвариши донишомӯзмеҳвар ба даст меояд. То замоне ки низоми омӯзишии мо ба сурати суннатӣ идора шавад, ин интизорӣ беҳуда мебошад.

Сиёсати хабарии компютер ва иттилоотро имрӯз мутолиа кардем. Нуктаи ҷолибе, ки дар он зикр шуда буд, мубҳам будани фановарии иттилоот дар кишварамон буд. Қариб ба 80% мардум аз кишвари мо ба мафоҳими аввалияи падидаи фановарии иттилоот бегона ҳастанд.

Аз далоили аслии ин масъала бетаваҷҷуҳии нашриёт ва расонаҳои хабарии ҷамъӣ ба бумисозии фарҳанг аст. Дар бархе маворид дар дунёи компютер ва фановарии иттилоот дучори мушкилӣ мешавем. Чун мо ҳанӯз ба иттилоот нигоҳи амниятӣ дорем ва то замоне ки ба интишори иттилоот ва дастрасии ҳамагонӣ ба он ба унвони масъалаи амниятӣ нигоҳ кунем, бо мушкилӣ рӯ ба рӯ ҳастем.

Бо эҷоди давраҳои омӯзишӣ ба унвони матраҳ кардани қавоиди бумисозии фарҳанги LT барои масъулин ва дастандаркорон омӯзиши бисёре аз мушкилоти омӯзишӣ ҳалли худро меёбад ва ба ниёзҳои воқеии фарогирон посух дода мешавад.

*Шабакаи хабарии фановарии иттилоот.* Хабари муҳимми дигаре, ки дар шабакаи иртиботот ва иттилоот аст ин роҷеъ ба шабакаи хабарии LT моҳномаи дунёи компютер ва иртиботот ба унвони аввалин сиёсати хабарии эронӣ шурӯъ ба кор кард.

Расонаҳои гурӯҳӣ ва нашриёти тахассусӣ нақши муассире дар эҷоди фарҳанги истифода аз LT ва иртиқои сатҳи дониши умумӣ нисбат ба ин технология доштаанд. Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳи мо набояд фақат ба омӯзиш дар мадорис ва донишгоҳҳо маътуф шавад, балки барои тавсеаи беҳинаи фановарии иттилоот бояд нақши муассир ва созандаи расонаҳо дар иртибот бо кулли мардум дар назар гирифта шавад, ба ҳамин далел мо хеле дер вориди ин ҳавза шудаем ва ҳанӯз дар тамоми ҷанбаҳои фановарии иттилоот нуқс дорем.

Хабари тозае аз LT. Ин қисмат WEBлоги рӯихтисос ба хабари тозае аз LT ки дирӯз дар сайти фарҳангӣ хондам. Дар ин сайт нуктаи қобили таваҷҷухе, ки назарамро ҷалб кард, қарор гирифтани риштаи фановарии иттилоот дар листи риштаҳои донишгоҳӣ буд, ба ҳамин хотир фикр кардам, шояд барои хонандагон WEBлогҳо хабари ҷолибе бошад.

Ин ришта дар дафтарчаи интихоби риштаи конкур соли – 81 дарҷ шуда, Донишгоҳи Амири Кабир аввалин донишгоҳе аст, ки барои эҷоди он ришта талоши зиёде кардаву довталаб мепазирад. Дарсҳои ин ришта дар ду бахши улуми сахтафзор ва нармафзор ва ҳуши маснӯӣ, улуми иртиботот, шабакаҳои иртиботӣ ва компютерӣ ироа мешавад. Ҳамон тавр ки медонем, бо пешрафти технологияи иттилоот дар ҷаҳон мутолиаи илмии ин ришта дар кишвар зарурӣ аст.

Илова бар ин, бисёре аз мушкилот иштиғол бо фановарии иттилоот мешавад. Дар асри таҳаввулоти сареъ мураббиён ба таври фазояндае дарк мекунанд, ки донишомӯзон бояд чӣ гуна дониши худро ба сурати хилофона тавсеа диҳанд. Технологияи ҷадид барои ғалаба бар маҳдудиятҳои суннатии рушди ҳирфаӣ ба вуҷуд омаданд.

Ин ҳадаф бо тағйири ҷиҳат аз дарсҳои суннатӣ, ки бар асоси интиқоли иттилоот ҳастанд, ба тарафи рӯйкардҳое ҳаракат мекунанд, то фарогирон ба як дарки инъитофпазир ва дуруст даст ёбанд. Чунин интиқоле аз барномаи як фароянди печида барои муаллимоне аст, ки бояд донишу ақоид ва маҳоратҳои худро тавсеа диҳанд.

Бештари фурсатҳои ёдгирӣ барои муаллимон кӯтоҳмуддат аст. Онҳо гироиш ба барномаҳои коргоҳии кӯтоҳмуддат доранд ва бештар бар мавзӯоти умумӣ ба ҷойи мазмуну муҳтавои дарсҳо ихтисоси тамаркуз доранд.

Дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳонии WEB ба унвони як тасҳилкунандаи ёдгирӣ кофӣ нест. Муаллим бояд абзорҳои таомулӣ ва тасҳилоти бештареро барои таъмими ёдгирӣ ва тағйири маҳорат ба кор гирад.

*Фановарӣ ба унвони як унсури умумӣ дар омӯзиш.* Илму фановарӣ ҳар ду созандаи тамаддуни башар аст ва тавсеаи ҳар кадом бидуни дигарӣ мумкин нест. Илм ба маънии шинохти олами ҳастӣ ва ёфтани қавонини ҳоким бар табиат аст. Дар сурате ки манзур аз фановарӣ корбурди улум ва ёфтаҳои илмӣ дар амал бо истифода аз равияҳо ва мутолеоти муназзам ва ҷиҳатдор барои хостаҳои моддӣ аст ва ғолибан бо ихтироот ва корбурди васоилу таҷҳизот дар иртибот аст.

Фановарӣ донистани чигунагии анҷоми кор ва фароянди ахлоқӣ аст, ки дар он абзори манобеъ ва низомҳо барои ҳалли масъалаҳо ба кор гирифта мешаванд, то назорати инсонро дар муҳити табиӣ афзоиш диҳанд ва шароити зиндагии инсонро беҳтар созанд. (Симпозиюми байналмилалӣ дар мавриди ёддиҳии фановарӣ дар омӯзиши умумӣ, ЮНЕСКО, соли 1985, саҳ. 8.)

Ба таври куллӣ омӯзиш ду ҳадафи асосӣ дорад: 1. Омода кардани ҷавонон барои касби дониш ва мутолеоти бештар. 2. Омода кардани ҷавонон барои дунёи кору зиндагӣ. Аввалин ҳадафи марбут ба омӯзиши улум ва дувумин ҳадаф марбут ба омӯзиши фановарӣ аст. Ин ду ҳадаф лозим ва малзум ба якдигаранд ва ҷудосозии улум аз фановарӣ дар кайфияти омӯзиш асароти номатлубе дорад.

Агар каме бодиққат ба ҷараёни рушди технология ва фановарӣ нигоҳ кунем, мебинем, ки дар занҷираи омӯзиш ҳеҷ гоҳ фановарии омӯзишӣ муҳраи аслӣ набудааст. Яъне омӯзиши дидорӣ ва шунидорӣ (сомеӣ ва басарӣ) тавассути муаллимон ва мудирону коркунони мадрасаҳо бо диди машкук нигариста шудааст.

Имрӯз фановарии омӯзишӣ яке аз шаш мавзӯи асосӣ дар мадрасаҳо аст. Панҷ мавзӯи дигар иборатанд аз: Ислоҳ ва бозсозӣ, мушорикати ҷомеа, ҳирфаи муаллимӣ, барномаи дарсӣ ва ёддиҳӣ, арзишёбӣ аз донишомӯзон. Фановарии омӯзишӣ дар ҳоли табдил шудан ба як вожаи пазируфтанӣ дар сатҳи болоии омӯзишӣ аст. Аз ҳамин рӯ, нақши фановарии омӯзишӣ дар тарҳҳои марбут ба ислоҳот ва бозсозии омӯзишӣ ғайри қобили инкор аст.

Ҳеҷ гоҳ фановарӣ ҷудо аз ҷомеа рушд намекунад, балки ҳамроҳ бо таҳаввулоти ҷомеа ҳаракат мекунад ва то замоне, ки зерсохторҳои лозим барои басти фановарӣ фароҳам нашаванд, наметавон интизор дошт шоҳиди рушди он бошем. Дар ҳама омӯзишгоҳҳо коркунони омӯзишӣ бояд ба фановарии лозим дастрасӣ дошта бошанд. Ангезаҳо ва фурсатҳо ва манобеи лозим бояд ба тавре таъмин шаванд, ки фановарӣ вориди барномаи дарсӣ шавад.

Қабл аз ин ки дар мавриди ин коркардҳо баҳс намоем, бояд бигӯем, ки шинохти онҳо дар амри ёдгирӣ раҳнамудҳои судманде ҳастанд, ки коршиносон омӯзиши муаллимон ва донишомӯзонро дар интихоб ё тарроҳиву тавлиди расонаҳо ва роҳбарҳои хоси омӯзишӣ ёрӣ мекунад. Соҳибназарон нақши фановариҳои омӯзишӣ дар амри ёдгириро ба чаҳор даста тақсим кардаанд:

1. Коркардҳои омӯзишӣ. Дар корбурди фановарии омӯзишӣ, ки шомили шеваи ёдгирии тавзеҳӣ аст, низоми фановарии иттилоот, падидаҳо, ҷараёни омӯзиш ва наҳваи иҷрои омӯзишро фароҳам мекунад, то донишомӯзон битавонанд мушкилиро ҳал кунанд, пурсишҳоро посух диҳанд ва шеваи анҷом додани кореро ба марҳилаи амал дароваранд.
2. Коркарди иктишофӣ, яъне фановарии омӯзишӣ имконот ва шароитеро меафзоянд, ки донишомӯзон битавонанд, аз тариқи иттилооти мавҷуди худ ба ковишгарӣ бипардозанд.
3. Коркарди абзорӣ, яъне ин гурӯҳ аз фановариҳо барои истифодаи мадорис тарроҳӣ нашудаанд ва амалан корбурди абзорӣ доранд, вале дар амал метавон онҳоро барои мақосиди омӯзишӣ низ ба кор гирифт.
4. Коркарди иртиботӣ. Дар поён аз фановарӣ ба манзури барқарории иртибот истифода мешавад, ки дар он сурат барномаҳо ва абзорҳои омӯзиширо дар бар мегирад. Дар ин гуна фановариҳо муаллимон ва донишомӯзон вазифадоранд аз тариқи шабакаҳои дигар барои дарёфт ва ирсоли паём иқдом кунанд, суол тарҳ кунанд ва ё ба суолот посух диҳанд.

**АДАБИЁТ**

1. М. Саидакбар. Фановарӣ ва мудирияти таҳаввул. Моҳномаи технологияи омӯзишии рушд, 1983.

2. М. Нажоди Аъзам. Ёдгирӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ. Моҳномаи технологияи омӯзишии рушд, 1982.
3. Я. Одил. Технология. (Муаллим – фановарии омӯзишӣ). Моҳномаи омӯзишии рушд, 1982.

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И СИСТЕМЫ LT В ОБУЧЕНИИИ И ПРЕПОДАВАНИИ**

В данной статье автор рассматривает перспективы использования информационных технологий и системы LT в обучениии и преподавании. Активное и целенаправленное применение информационных технологий в обучении вносит изменения не только в способы распространения знаний, но и в сами знания и поэтому оказывает существенное влияние на содержание образования и управление педагогическим процессом. Внедрение информационных технологий в учебный процесс должно сопровождаться существенными изменениями в методологии преподавания всех общепрофессиональных дисциплин.

**Ключевые слова:** использование информационных технологий в образовании, профессиональная деятельность, информатизация, информационное общество, самообразование, информационные ресурсы.

**THE USE OF INFORMATION TECHNOLOGY AND SYSTEMS LT ОБУЧЕНИИИ AND TEACHING**

In this article the author considers the prospects of use of information technologies and systems LT обучениии and teaching. Active and purposeful application of information technologies in education brings changes not only in the ways of spreading knowledge, but the knowledge itself and therefore has a significant impact on the content of education and management of educational process. Introduction of information technologies into the educational process should be accompanied by significant changes in the methodology of teaching of professional disciplines.

**Key words:** use of information technologies in education, professional activities, Informatization, information society, education, information resources.

**Сведения об авторе:** ***Гуломали Фаххори Ашрафи*** – соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни

# ҶОЙГОҲИ УСТОДОН ДАР НИЗОМИ ЁДГИРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ

***Алии Раззоқӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Зерсохтҳои омӯзиши фанни педагогика дар низоми ҷадид таҳаввул хоҳад кард ва дар равишҳои ёддиҳӣ ва ёдгирӣ тағйироти асосӣ хоҳад намуд. Ба нахве ки ёддиҳӣ ва ёдгирӣ аз омӯзиш назорат шуда, ба системаи ёдгирии худсуръати фориғ аз маҳдудиятҳои замон ва макон тағйир меёбад. Ба ин сурат, ки донишомӯзон метавонанд, барои худ як синфи маҷозӣ (электронӣ) эҷод намуда, дарсро давра кунанд. Ин низом шеваҳои омӯзишии хоси худро доро мебошад (шева ҳамзамон ва ғайр ҳамзамон). Нақши муаллими суннатӣ ба нозир, ҳамроҳ, мушовир ва раҳнамо ё ба иборае «омӯзёр» тағйир мекунад. Ҳаракат аз устодмеҳварӣ ба донишҷӯмеҳварӣ аз дигар вижагиҳои ин система мебошад.

Имрӯзҳо дар омӯзиши олӣ дигар баҳси беҳбуди равишҳои тадрис матраҳ нест, балки сухан аз беҳсозии ҷараёни ёдгирист. Тафовути фардӣ дарвоқеъ монеа барои муваффақияти омӯзиши гурӯҳӣ дар мадорис ва донишгоҳҳо мебошад. Муаллим барои ҳалли ин мушкил бояд бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои фардӣ ва тафовути сабкҳои ёдгирии донишомӯз, абзор ва расонаи муносибро интихоб кунад ва барои тадрис ва ёдгирӣ ба шеваҳои мантиқӣ аз он баҳра гирад. Ба ибораи дигар, бояд бо хусусияти фардии ҳар донишомӯз шиносоӣ пайдо кунад ва барои ниёзҳои ӯ роҳбурдҳои омӯзиши муносиб тадорук бубинад. Имрӯзҳо собит шудааст, ки компютер ва Интернет метавонад ин мушкилро ҳал кунад. Ҳама донишомӯзон метавонанд бар пояи ниёзҳо ва хусусияти фардии хеш аз компютер ва Интернет кумак бигиранд ва бо такя аз компютер аст, вазъияти худро барои расидан ба ҳадафҳои омӯзиши пешбинишуда арзишёбӣ кунанд.

*Таърифи ёдгирии электроникӣ:* Ба ақидаи Исток, «ёдгирии электроникӣ», яъне босавод шудан аз тариқи қобилиятҳои ҷадиди иртиботӣ, шабакаи компютерӣ, мултимедиа, маторҳои ҷустуҷӯ, китобхонаҳои электроникӣ ва сайтҳоиҳо бар асоси веб шинохта мешавад.

*Зарурати тағйири нақши муаллим ва баҳрагирӣ аз технологияи иттилоот.* Имрӯза суръати рушди дониши башарӣ ба ҳаддест, ки ҳеҷ кас наметавонад иддао кунад бар ҳамаи онҳо тасаллут дорад. Аз ин рӯ, возеъ аст, ки ҳеҷ муаллиме ба он андоза огоҳ ва доно нест, ки посухи ҳамаи саволҳои ёдгирандагони худро бидонад, то битавонад ҳамаи ниёзҳои иттилоотии онҳоро бароварда кунад. Дар ҳоле ки ҳамаи

муаллим метавонад бо шинохт ва огоҳӣ аз технологияҳои иттилоотӣ ва огоҳӣ аз пойгоҳҳои иттилоотӣ бо дунёе аз улум ва дониши башарӣ дар иртибот бошад ва илова бар дастрасии сареъ ба онҳо молик низ бишавад. Ҳамчунин, муаллимон бояд ба донишомӯзон кӯмак кунанд, то ба коргирии технологиҳои ҷадид, иттилооти мавриди ниёзи худро ҷамъоварӣ, созмондиҳӣ ва таҷзияю таҳлил кунанд ва нисбат ба кайфият ва манбаи касби иттилоот, бо тафаккури интиқодӣ бархӯрд кунанд. Муаллимон ва донишомӯзон бо истифода аз технологияҳои иттилоот ва иртиботот фурсат меёбанд, то дар бораи равишҳои ёдгирии мавриди алоқаи худ ва масирҳои гуногун ба баррасӣ ва озмоиш бипардозанд. Ба ҳам пайвастани технологияи иттилоот ва иртиботот дар барномаи дарсӣ барои тақвияти ёдгирӣ ва мудирияти он сабаб мешавад, ки муаллимон чигунагии тағйир дар равиши тадриси худ ва ҳамчунин ёдгирии донишомӯзонро дарк кунанд.

*Зарурати касби маҳоратҳои ҷадид тавассути муаллимон барои вуруд ба низом ёдгирии электроникӣ.* Ҳам он тавр ки дар тадрис ба равиши суннатӣ маҳорати муаллимӣ боиси муваффақият мешавад, дар омӯзишҳои навин низ таъсири бисёре дорад, бо ин тафовут, ки дар ин ҷо муаллим бояд чандин маҳорати дигаре низ дошта бошад. Илова бар тасаллут ба мабҳаси тадрис муаллим бояд бо компютер ва имконоте, ки дар ихтиёр дорад, ошноии комил дошта бошад. Дар ихтиёр доштани филмҳои омӯзишӣ, эҷоди таомул бо корбар, имкони танзими тадрис бо ниёзҳои корбар, тавони муҳосиботие болои компютер ва имкони иҷроӣ ва ҳамаи он чи мо ба унвони бартариҳои тадриси мубтанӣ бар компютер баён мекунем, ҳамаи инҳо имконоте ҳастанд, ки агар мударрис бо онҳо ошно набошад, наметавонад омӯзиши муваффақе дошта бошад.

Пажӯҳишҳо нишон додаанд, ҳангоме ки муаллим ва донишомӯз аз технологияи иттилоотӣ ба унвони расона ё абзори иштироки иртиботи истифода мекунанд, беҳтарин натиҷа мумкин ба даст меояд.

Барои тағйири равиши суннатӣ, муаллимон бояд аз тавоноиҳои лозим барои истифодаи муассир аз технологии иттилоот ва иртиботот бархурдор бошанд, бо алоқа ва ангеза онро пайгирӣ кунанд. Дарвоқеъ муаллимон ниёз доранд, ки барои беҳбуди фароянди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ дар синф таҳқиқ кунанд. Аз ин рӯ, бо истифода аз технологиҳои иттилоотӣ метавонанд ба амри таҳқиқ ва пажӯҳиш бипардозанд.

*Оё метавон нақши муаллимро дар низоми ёдгирии электроникӣ нодида гирифт*?

Байром Узум мутахассиси омӯзиши электроникӣ дар кишвари Туркия, таъкид мекунад, ки барои асарбахш сохтани омӯзиши боз ва аз роҳи дур нақши устодон аҳамияти асосӣ дорад. Яъне мушорикати устодон дар тарроҳӣ ва сохти абзорҳои омӯзишӣ аз имтиёзоти онҳо маҳсуб мешавад. Бинобар ин, тарроҳии синфҳои электроникӣ ва муҳити ёдгирӣ мутанӣ бар технологии иттилоот, бидуни таваҷҷуҳ ба ин нақши асос наметавонад асарбахшии лозимро дошта бошад.

Яке аз мушкилоти муҳими аксари нармафзорҳои омӯзишӣ ин аст, ки бештари муаллимони ботаҷриба, бо компютер ошноии чандоне надоранд ва намедонанд компютер чӣ имконоте барои тадрис дар ихтиёр доранд, мудариси хубе нестанд. Афроде, ки ҳарду маҳоратро дошта бошанд кимё ҳастанд. Вале ба ҳар ҳол ин боис намешавад, ки дар тавлиди омӯзиш нақши онҳоро ба каси дигаре бидиҳем. Шояд беҳтарин коре, ки дастгоҳи омӯзишӣ ва масъулин метавонанд анҷом диҳанд, омӯзиши муаллимони ва мусаллаҳ кардани онҳо ба абзорҳои ҷадид аст. Бояд аз ин муаллимон омӯзишдида барои тавлид ё ҳадди ақал назорат бар нармафзорҳои тавлидшуда кумак бигиранд.

*Вазифаи муаллим дар низоми ёдгирии электроникӣ.* Дар хусуси вазифаи муаллим дар низоми ёдгирии ҷадид ( Зенел Берг-Zane L. Berge) дар рисолаи доктории худ ҷанбаҳои мухталифи кори муаллим барои омӯзиши электроникии муваффақро ба чор қисм тақсим кардааст.

1. Ҷанбаи омӯзишӣ. Вазифаи аслии муаллим, таҳсили омӯзиш барои донишҷӯён аст. Имрӯза ин амр камтар ба ҷанбаҳои таълим ишора дорад ва бештар дар мавриди фаъол кардани донишҷӯ ва кумак ба ӯ барои фарогирии дониш ишора дорад. Муаллим барои анҷоми беҳтари вазифаи худ бояд мавриди зерро ба ҳам пайвандад; ироаи рӯшантари ҳадафҳо; таҳия ва тадвини матолиби муносиб барои даврҳои омӯзиши бархат; ташвиқи донишҷӯ ба ширкат дар умури омӯзишӣ; иҷбори донишҷӯ

ба ироаи саҳми худ аз фароянди омӯзиш; ширкат дар баҳсҳои донишҷӯён; мулоқот бо мутахассисон.
2. Ҷанбаи иҷтимоӣ. Ҷанбаҳои иҷтимоии вазифаи муаллим бо ҷанбаҳои омӯзишии кори ӯ барои халқи як муҳити омӯзиши электроникии муносиб барои ёдгирӣ ҳамкорӣ ва иртиботи комилан наздике дорад. Ин ҷанба аз кори муаллим барои як омӯзиши муваффақ ва ҳамчунин барои рушд додани иртибототи инсонӣ як донишҷӯ комилан лозим аст. Муаллим бояд битавонад гурӯҳро монанди як воҳид нигаҳдорӣ кунад. Бинобар ин барои анҷоми ин вазифа лозим аст, ки донишҷӯро ба иҷтимо муаррифӣ намояд.
3. Ҷанбаи мудириятӣ. Яке аз вазифаҳои муаллим, ки дар системаи омӯзишии донишҷӯмеҳвар аҳамияти бештаре пайдо кардааст, нақши ӯ ба унвони як ҳамоҳангкунанда ва мудир аст. Вазифаи як муаллим иборат аст аз мудирият ва контроли иттилооти давра монанди муҳтавиёти давра, корҳои гурӯҳӣ, пружаҳо ва гуфтугӯҳо. Ин ҷанба, ки шомили рӯзомад кардан ва ҳамоҳангии давра мешавад, яке аз ҳаётитарин ҷанбаҳои кори муаллим аст.
4. Ҷабаи фаннӣ. Яке аз дигар аз вазоифи муаллим, ки имрӯз ба таваҷҷуҳ ниёз дорад, ҷанбаи фаннии кор аст. Муаллим ибтидо бояд донишҷӯёнро бо нармафзор ва сахтафзорҳои давраи омӯзиш ошно созад. Барои ин ки муаллим бояд битавонад ин ошноиро фароҳам кунад бояд худи донишҷӯён матолибро дар мавриди системаи омӯзиши биомӯзанд, ки ин кор метавонад вақти зиёдеро дар оғози давраи ба худ ихтисос диҳад. Албатта, вақте ин кор ба поён расид, муаллим ва донишҷӯён метавонанд тамоми вақти худро сарфи омӯзиши матолиби давра намоянд.

*Мушкилоти муаллими маҷозӣ.* Муаллимон дар синфи дарси рӯ ба рӯ, ба паёмҳо ва бозхӯрдҳое айнӣ, ки аз донишҷӯёни худ дарёфт мекунанд такя доранд ва ба ин тариқ мутуни омӯзишӣ ва суръати тадриси худро афзоиш ё коҳиш медиҳанд.

Ёдгирандае, ки ноумед ва саргардон ва хоста шудааст низ комилан қобили ташхис ва шиносоӣ аст. Як устоди ботаҷриба баравшанӣ ин паёмҳои тасвириро дарёфт ва таҳлил намуда, замони лозимро барои рафти ниёзҳои ёдгирандагон пешбини ва таъйин мекунад. Дар муқобил, муаллимони муҳити электроникӣ камтар ин паёмҳоро дарёфт мекунанд. Паёмҳо аз тариқи абзорҳои технологии ҳаммонанди вай, почтаи электронийӣ, чат, гурӯҳҳои муҳобиса ва видеои мутақид мегарданд. Таҷҳизот ва фосила, равиши корро тағйир медиҳад, аз ин рӯ идомаи баҳси муаллим ва клосҳо мушкил хоҳад буд. Бидуни истифода аз расонаҳои тасвирии ҷадид, монанди видео конфронс ва телевизон, муаллимон ҳеҷ гуна наметавонанд иттилооти тасвириро аз маконҳои дур дарёфт кунанд.

Таъйини стандартҳо муҳтавои тадрис, санҷиши амалкарди ёдгирандагон ва санҷиши асарбахшии тадрис низ аз ҷумлаи мушкилоти дигари мударрис ва ёдгиранда маҳсуб мешавад.

*Ниёзҳои маҳорати муаллим.* Барои муқобила бо мушкилоти баршумурда устодон ниёз ба касб ва тақвияти маҳоратҳои зиёде доранд, ки бархе аз онҳо ба шарҳи зер аст:

- Маҳоратҳои фаннӣ ва компютерӣ:

1. Маҳоратҳои пояии компютер, монанди роҳандозии компютер, кор бо системаи омилҳо, иттисол ва танзимоти қисмҳои вобаста ба компютер, монанди саҳфакалид, муш, намоишгар;
2. Ошноии кофӣ бо сохтори файлҳо, боз кардан, нусхабардорӣ кардан, захира кардан ва интиқоли файлҳо, анҷоми амалиёт ва таҳияи файлҳои пуштибон, тавони кор бо абзорҳои системаи омил, тавони нисбии нармафзорҳо.
3. Иттисол ва Интернет шомили ошноӣ бо сахтафзор ва нармафзори иртибот бо Интернет корбурдҳои асосии Интернет, паҳнои бонд, масоили марбут ба нарвеҳ ва сурати иртисол ва Интернет ва соири механизмҳо ва хусусиётҳи иртиботи интернетӣ.
4. Ошноии кофӣ бо муҳити Интернет ва абзорҳои марбут ба мурури сафаҳот ва ҷустуҷӯи интернетӣ ва ошноӣ бо маҳваи гуфтугӯҳои интернетӣ ва таблоҳои эълонҳои электронийӣ ва ошноӣ бо эҷод ва идораи WEB блокҳо ва наҳваи узвият дар сайтҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра.
5. Тавоноии кор ва сойири нармафзорҳои муртабит бо риштаи таҳсили мавриди тадрис.

6. Ошноии нисбӣ ва шинохти абзорҳо ва лозими ҷониби компютер монанди чоп гар, сканер, дурбин ё камера, каламҳои нурӣ ва абзорҳои захира ва ҷо баҷо гузории иттилоот.

7. Истифода аз почтаи электрониӣ яке аз муҳимтарин абзорҳои иртибот ва таомул дар муҳити ёдгирии электрониӣ аст, ки корбар бояд битавонад дар сайти марбут сабти ном карда, Email дар сайт, дар ёфт ва иҷро намояд.

8. Бо таври куллӣ ошноӣ ва маҳоратҳои ҳафтгона дар ҳадди стандартҳои таъйиншуда тавассути бунёди ICDL.

- Доштани тавони ҳамкорӣ барои тарроҳӣ ва созмондиҳӣ ва арзёбии кайфияти як давраи омӯзишӣ.
- Тавоноии рафти ниёзҳои ёдгирандагон дар хусуси умури фаннӣ ва мушкилоти дарсӣ.
- Тавоноии тарроҳӣ ва беҳбуди равобит ва таомулот бо ёдгирандагон ва соири аҷзои системаи ёдгирии электрони.
- Шинохт ва маҳорати комил ва тасаллути кофӣ бар системаҳои омӯзишии электроникӣ доир ба LMS.
- Маҳорати сухан гуфтан, шунидан, хондану навиштан бо забони мавриди истифодаи ёдгирандагон дар муҳити электроникӣ.

Куин ва Кори дар таҳқиқи худ 11 нақшро барои аъзои ҳайати илмӣ, ки тадриси электронӣ мекунанд, қоил шудаанд, ки иборат аз: мударрис- тарроҳи омӯзиш, монандаи технология, иҷрокунанда, тасҳилкунанда, ҳимояткунанда, виростор, мутахассиси арзёбӣ ва тарроҳи графикӣ.

*Нигориш ва дидгоҳҳои муаллимон ба ёдгирии электронӣ*: Мутассифона, бар хилофи бовари умум шояд битавон гуфт, ки яке аз мавонеи тавсеаи ёдгирии электрони нигориш ва дидгоҳҳои бархе аз устодон ва аъзои ҳайати илмӣ бошад. Баҳроми Солеҳ Сидиқпур ва Шарори Мирзоӣ бар рӯи нигориши аъзои ҳайати илмӣ дар омӯзиши электронӣ кор бурдаанд. Онҳо аз таҳқиқоти худ натиҷа гирифтанд, ки афроде, ки дар заминаи омӯзиши электирони огоҳӣ доранд, тавсиаи маҳорат, омили гароиши онҳо ба омӯзишии электронӣ аст. Дар ҳоле ки афроди дар бораи омӯзиши электронӣ огоҳӣ надоранд, ба далели навъи таомул дар ин шева ва ҳамчунин адами огоҳӣ нисбат ба ин омӯзиш ба он гароиш нишон намедиҳанд.

Аввалин саволе, ки мудирони сатҳи болоии яке аз донишгоҳҳои давлати Эрон дар замони пиёдасози системаи омӯзиши электрони, аз сӯи аъзои ҳайати илмии донишгоҳ бо он мувоҷеҳ шуданд, ки «Оё мехоҳед технологиро чойгузори устод кунед?». Ба назар мерасад, онҳо нигарони иқтидори таххасусӣ ва илмии худ ҳастанд, бо ин тасавур, ки адами эҳтимоли онҳо дар тавлиди муҳтавои стандарт сабаби заиф шудани шуғлии онҳо ҳоҳад шуд, бинобар ин, ҳадди ақал дар донишгоҳи мавриди мутолиа, аъзои ҳайати илмӣ вуруди ин технологияи ҷадидро навъи таҳдид барои амнияти шуғли худ тассавур мекарданд.

Метавон исбот кард, ки ин навъи бардошҳо мумкин аст навъи вокуниш ба эҳсоси тарс аз технологияи ё эҳсоси нигаронӣ аз тағйир бошад. Ромбел (1994) ва Дониэл (1996) низ ба вуҷуди чунин нигарониҳо миёни аъзои ҳайати илмӣ ишора карданд.

Устодон бояд нигоришҳояшонро бо тадриси электрони созгор намоянд. Алорағми афзоиши пешниҳод ва пазириши омӯзиш аз роҳи дур бисёре аз устодон ҳанӯз нисбати тадриси электрони шак доранд. Дар ҳақиқат 50% аз устодон дар як таҳқиқи паймоиши анҷумани байналмилалӣ, эҳсосоти манфӣ ва номутаиниро нисбат ба ёдгирии электрони иброз карданд.

Яке аз муҳимтарин далоиле, ки устодон гароиши камтарини ба амри омӯзиши электрони доранд ин аст, ки шинохт ва огоҳии онҳо аз аҷзоъ ва система ва абзорҳои марбут кам аст ва ин камбуди шинохт сабаби адами гароиши онҳо ба омӯзишии электрони шудааст. Натиҷаи таҳқиқи Шарора Мирзоӣ низ собиткунандаи ин матлаб мебошад.

Рост ва Колай дар баррасии нигориши устодон нисбат ба омӯзиш аз роҳи дур дарёфтанд, ки устодоне, ки бо омӯзиш аз роҳи дур ошнотар ҳастанд, гароиши бештаре бо он доранд. Ба илова, натиҷаи пажӯҳиши Юдрим ва Мирзоӣ низ бо ин натоиҷ мушобаҳат дорад.

Таҷриботи мавҷуд дар кишвар нишон медиҳад, ки адами ошноӣ ва омодагии муаллимон барои омӯзиш дар фазои электроники аз асарбахши омӯзишҳо ба шаҳодат медиҳад. Дар мавриди аз давраҳои омӯзиши ироашуда дар донишгоҳи илм ва санъати Эрон низоми баҳраманди донишҷӯён аз муҳтавоӣ омӯзиши мутолеа шуда ва вобастагии он бо тавонмандӣ ва сатҳи ангезандаи асотид барои омӯзиш дар фазои электронӣ ба исбот расидааст. Устодоне, ки омодаги электрони лозим барои тадрис дар фазои электрониро доранд, илова бар афзоши асарбахшӣ ва интиқлоли матолиби омӯзишӣ, боиси коҳиши баҳрамандии ёдгирандагон ва нокорромодагии омӯзишҳо мешаванд.

## АДАБИЁТ

1. Ҷалолӣ Алиакбар. Баррасии моҳият ва вижагиҳои мадориси маҷозӣ ва тарроҳии низоми барномарезии дарсӣ мутаносиб бо он. //Гузориши аввали пажӯҳишкадаи электроникӣ Донишгоҳи илмӣ- санъатӣ.- Теҳрон.-2002.
2. stoke,p.j"how e-learning will transform education". Education Week,2000.www.edweek.org
3. Bayram, S. (1999);"Internet Learning Environment :How Do Turkish Virtual Classrooms Work?"; in the Journal of Technological Horizons in Education, vol.26, No.10,P.65
4. Sitze, A. (2000).Teacher at a Distance. Inside Technology Traiding 4,40-42,44-45.
5. Quinn L.O , Corry M , "Factors that deter faculty from participating in distance education" journal of distance learning administrators,Vol.4,No.5,2002
6. Ascough R.S.," Designinig for online distance education. Putting pedagogy before technology. Teaching theologian", Retrived from ebscohpst , Vol.5 , No.1,2002.
**7.** Баҳроми Солеҳӣ Сидқпур. Шарори Мирзоӣ. Чолишҳои нигориши аъзои ҳайати илмӣ дар омӯзиши электроникӣ.- Теҳрон, 2008.
8. Иброҳимзода Исо. Интиқол аз омӯзиши роҳи дури сунъатӣ ба донишгоҳи маҷозӣ.// Нававарӣ ва чолиш тағйир: мутолияи мавридӣ Донишкадаи улуми инсонии. Донишгоҳ паёми нур. -2006.

9. Daniel, S.J (1996); The Mega Universities and Knowledge Media; Milton Keynes , UK. Open University
10. Maguire L.L.," Literature review – Faculty participation in online distance education: Barriers and motivators", journal of distance learning administration,Vol.5,No1
11. Мирзоӣ Шарорӣ. Сохт ва эътиборёбии миқёсӣ барои санҷиши нигариши азои ҳайати илмӣ донишгоҳо нисбат ба омӯзиши маҷози// Поённома коршиносии аршад; Донишгоҳи Шаҳид Ҷамрон Аҳвоз.- 2007.
12. Ross J. G.,Klug M.G., "Attitudes of business college faculty and administrator toward distance education : A national survey" , distance education, Vol. 20,No.1.1999.

## МЕСТО СПЕЦИАЛИСТОВ В СИСТЕМЕ ЭЛЕКТОРОННОГО ОБУЧЕНИЯ

В современной системе обучения особое место занимает электорное обучение. В статье на основе богатого эмпирического материала сделана попытка раскрыть роль учителей и место электронного обучения в системе высшего образования Ирана.

**Ключевые слова:** учитель, электронное обучение, видение, обучение, мастерства, текст.

## EXPLORING THE ROLE OF AN E-TEACHER

In e-learning systems the ability of teachers to communicate via the Internet, accessing and publishing information is very diverse. There are some who are pre-e-literate and others who utilise the Internet for regular school and classroom activity. It is not unusual to find teachers storing information so that it is web-accessible but to actually make the move toward e-teaching is the next brave step.

**Key words:** e-teacher, e-learning, e-teaching, e-education, Roles of e-teacher, e-class, e-university

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Раззаки*** – соискатель НИИ развития образования АОТ

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ


**АВЗОИ СИЁСӢ ВА МАЗҲАБИИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР ОСТОНАИ ҚУДРАТЁБИИ СОМОНИЁН**
*Сайфуллоҳ Муллоҷонов*………………………………………………………………….. *3*

**ОЦЕНКИ ЗАПАДНЫХ ЭКСПЕРТОВ И ПОЛИТИКОВ ВЛИЯНИЯ АФГАНСКОГО КОНФЛИКТА НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ СРЕДНЕЙ АЗИИ И КАЗАХСТАНА**
*А.Д.Смагулов*…………………………………………………………………………….. *7*

**ИДЕОЛОГИЧЕСКАЯ И МАССОВО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ РАБОТА КУЛЬТУРНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945ГГ)**
*А.Назаров*……………………………………………………………………………….. *12*

**РОБИТАҲОИ ХОРИҶИИ ЭРОН ҚАБЛ АЗ ТАШКИЛИ ДАВЛАТИ САФАВӢ**
*Ҳусайни Баҳманӣ*………………………………………………………………………… *15*

**АЛИ-НАГИ ВАЗИРИ – ОТЕЦ НОВОЙ МУЗЫКИ ИРАНА**
*Мехди Гольджан*…………………………………………………………………………. *20*

**АВЗОИ ЭРОН ДАР ИБТИДОИ БА САРИ ҚУДРАТ ОМАДАНИ НОДИРШОҲ**
*Марями Ризоифар*………………………………………………………………………… *26*

**МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ОИД БА АСАРИ ИСКАНДАРБЕКИ МУНШӢ «ОЛАМОРОИ АББОСӢ»**
*Нусратбону Азизӣ*………………………………………………………………………… *31*

**АВЗОИ ТИҶОРАТИИ МОВАРОУННАҲР ДАР «САФАРНОМА»-И ҶУЗЕФО БАРБАРУ**
*Алии Рамазонии Почӣ*…………………………………………………………………… *35*

**ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ВОДИИ ВАХШ**
*(аз нигохи таърихнигорӣ)*
*Х. Абдуназаров, Н.Сайфуллоев, М.Абдуназарова*........................................................ *37*


### ҲУҚУҚ


**КОНСТИТУЦИОННО - ПРАВОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ГАРАНТИЙ И ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**
*Д. Х. Эльназаров*…………………………………………………………………………. *41*

**НЕКОТОРЫЕ СОВРЕМЕННЫЕ ЗАРУБЕЖНЫЕ БИОСОЦИАЛЬНЫЕ ТЕОРИИ В КРИМИНОЛОГИИ**
*С.Б.Мирзоев, А.Х.Авзалов, А.А.Бузмаков* ……………………………………………. *45*

**ФИРМЕННОЕ НАИМЕНОВАНИЕ В КОМПЛЕКСЕ ИСКЛЮЧИТЕЛЬНЫХ ПРАВ, ПЕРЕДАВАЕМЫХ ПО ДОГОВОРУ КОММЕРЧЕСКОЙ КОНЦЕССИИ**
*Н.А. Табаров* ……………………………………………………………………………… *49*

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРАВОВОГО СТАТУСА ЛИЧНОСТИ**
*А.М. Тошев*……………………………………………………………………………… *55*

**К ВОПРОСУ О СИСТЕМАХ ОПЛАТЫ ЮРИДИЧЕСКОЙ ПОМОЩИ И ЮРИДИЧЕСКИХ УСЛУГ**
*Н.Д.Исроилова*……………………………………………………………………………. *58*

**КОНСТИТУЦИОННЫЕ ГАРАНТИИ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА**
*К. Д.Саиданваров* ........ *62*

**ОИДИ БАЪЗЕ МАСОИЛИ НАФАҚАИ ҲАМСАР ДАР ҲУҚУҚИ ЭРОН**
*Баҳманӣ Носири* ........ *65*

**НИГОҲЕ БАР САМТҲОИ ҲУҚУҚИИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНИКӢ**
*Ғуломризо Гурзин*........ *68*

**ИЗДИВОҶ ВА БАРХУРДИ ҚОНУНИ МИЛЛИИ ЧАНД КИШВАР БО ТАЪКИД БАР ҲУҚУҚИ ЭРОН**
*Ғуломризо Мусо Қазвинӣ*........ *74*

**УГОЛОВНОЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО ИРАНА В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ ПЕХЛЕВИДОВ**
*Али Толизори*........ *80*

**ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ИНТЕГРАЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЕВРАЗЭС**
*О.М. Шаропов* ........ *88*

**ОРГАНИЗАЦИОННО - ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ТАМОЖЕННОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ ЛЕКАРСТВЕННЫХ СРЕДСТВ**
*С.М.Мусоев* ........ *94*

**ПОНЯТИЕ, ЦЕЛИ И ВИДЫ СИСТЕМАТИЗАЦИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА: ОПЫТ СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА**
*М.М. Миряхёев, Р.Х.Зойиров*........ *97*

**ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ В ПЕРЕСТРОЕЧНЫЙ И ПОСТСОВЕТСКИЙ ПЕРИОДЫ**
*Х. С.Тагойбеков* ........ *103*

## ҶОМЕАШИНОСӢ

**СОСТОЯНИЕ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ КАДРОВЫХ РЕСУРСОВ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ (СОЦИАЛЬНО – ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ)**
*Х.Зеваров* ........ *111*

**ЯДЕРНАЯ ПРОГРАММА ИРАНА И ПРОБЛЕМЫ**

**БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВ ЗАПАДНОЙ АЗИИ**
*Д.М.Убайдуллоев* ........ *115*

**ГРАЖДАНСКО-ГОСУДАРСТВЕННАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ ШКОЛЬНОЙ МОЛОДЕЖИ**
*М.Д. Комилова* ........ *120*

**СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПАЗИРУФТАНИ ЭРОН АЗ УЗВИ НОЗИР БА УНВОНИ УЗВИ ДОИМИИ ИН СОЗМОН**
*Фарибо Ҳабибӣ, С.А. Пардаев*........ *123*

**МАБОНИ ВА ПОЯҲОИ АСОСИИ ФАЛСАФАИ ЭКЗИСТЕНСИАЛИЗМ**
*Муҳаммадвалии Фараҷзода*........ *128*

**ОМИЛҲОИ ТАЪСИРГУЗОРИ МАВОДИ МУХАДДИР ДАР ҶАВОНОН**
*Аҳмадалӣ Боқирӣ*........ *134*

**ҲУЗУРИ НАТО ДАР АФҒОНИСТОН**
***(далоил, пайомадҳо ва задухӯрдҳо)***
*Алии Шуҷоифард* ........................................ *137*

**ФАРҲАНГ – ТАМАДДУН**
*Алиризо Шайхӣ*........................................ *143*

**АҲАМИЯТИ ГЕОПОЛИТИКИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАРОИ ИМА**
*Маҳдии Нурӣ*........................................ *147*

**МАСАЛАИ ИҶТИМОИИ ТАЛОҚ ДАР ЭРОН ВА РАВАНДИ ТАҒЙИРОТИ ОН**
*Саид Аббоси Обиди Мурсавӣ*........................................ *151*

**АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ АЗ НИГОҲИ ОЁТ ВА РИВОЁТ**
*Валии Аҳмади Бунакдор*........................................ *154*

**ОСОРИ АЛЛОМА САЛОҲУДДИНИ САЛЧУҚӢ**
*Обида Салчуқӣ*........................................ *158*

**СИНФИ МИЁНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
*Ф. Миров, М. Таваллоев* ........................................ *164*

**НАУЧНО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ**
*С.А. Гулов* ........................................ *168*

## ПЕДАГОГИКА

**ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛЬНОЙ СЕТИ ИНТЕРНЕТ НА СТАНОВЛЕНИЕ ЛИЧНОСТИ**
*Шарифзода Файзулло, Ф.Ф.Шарипов*........................................ *174*

**ВОСПИТАТЕЛЬНАЯ РОЛЬ СЕМЬИ В ФОРМИРОВАНИИ ЦЕННОСТНЫХ ОРИЕНТАЦИЙ ЛИЧНОСТИ**
*Н.М.Юнусова*........................................ *177*

**НАҚШИ БОЗИҲОИ СЕРҲАРАКАТИ МИЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА АЗ ХУД НАМУДАНИ ТАҶРИБАИ ИҶТИМОӢ**
*Асозода Б.* ........................................ *181*

**СОХТОРҲО ВА ФАРОЯНДҲОИ ОМӮЗИШИ ВЕРТУАЛӢ БАР ПОЯИ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВ**
*Ҳуҷҷатулло Моҳру Бахтиёрӣ*........................................ *185*

**О ВОСПИТАНИИ ТОЛЕРАНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ВУЗА**
*Аминова Гулбахор*........................................ *189*

**МОДЕЛИРОВАНИЕ КАК МЕТОД НАУЧНОГО ПОЗНАНИЯ И ЕГО КЛАССИФИКАЦИИ**
*Д.Т. Кодирова* ........................................ *193*

**ВАЗИФАҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБӢ ДАР ОЯНДАИ НАЗДИК**
*М.М.Ошимова*........................................ *198*

**МЕТОД ПРОЕКТОВ КАК СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ КРЕАТИВНОГО МЫШЛЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА**
*М.М.Кодирова*........................................ *202*

**ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ**
*Ш.Н. Давлатова* ........................................ *207*

**ТАРРОҲӢ ВА ТАДВИНИ УЛГУӢ ҶИҲАТИ ЗАМИНАСОЗИИ РУШДИ ХАЛЛОҚИЯТ ДАР РАВАНДИ ЁДГИРӢ ДАР СОХТОРИ БАРНОМАИ ДАРСИИ ОМӮЗИШИ ДАВРАИ ИБТИДОӢ ДАР ЭРОН**
*Сакина Шоҳмуҳаммадӣ*.................................................................................................... 209

**ФИШОРИ РАВОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИНСОН**
*Алии Алӣ Акбарӣ*.................................................................................................... 214

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОДЕРЖАНИЯ, СТРУКТУРЫ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ ДЕТЕЙ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА**
*Д.Я.Шарипова, З.Умурзакова* .................................................................................. 218

**СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ПРОГРАММИРОВАНИЯ УЧЕБНО - ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ**
*З. Самардинова*.................................................................................................... 222

**ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННЫЙ ПОДХОД К ФОРМИРОВАНИЮ РУССКОЙ МОНОЛОГИЧЕСКОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ- НЕФИЛОЛОГОВ**
*Ф.М. Файзуллоева*.................................................................................................... 227

**АВОМИЛИ УМДАИ ТАНАЗЗУЛИ ИЛМИИ ЭРОНИЁН**
*Козими Растагор*.................................................................................................... 230

**КАЛИДИ РАВНАҚИ ЗЕҲН**
*Бибинасрин Зоолишоева, Бурҳон Бурҳонов*................................................................ 235

**АСАРБАХШИ ОМӮЗИШИ МАҲОРАТҲОИ ЗИНДАГӢ БАР КӮДАКОН**
*Фотимаи Қосимзода*.................................................................................................... 239

**ШОДКОМӢ ВА ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛӢ**
*Аҳмад Ризо Додор*.................................................................................................... 245

**БАРРАСИИ ВАЗЪИЯТИ КОРОФАРИНИИ КАСБ, КОРҲОИ ХУРД ВА ХОНАГӢ**
*Носир Довуди Род*.................................................................................................... 249

**САХТРӮИӢ (ҚАВИИРОДАГӢ)**
*Сокина Қурбоналӣ Нажод*.................................................................................................... 252

**БАРРАСИИ РОБИТАИ БАЙНИ САБКҲОИ ДИЛБАСТАГӢ, ҲУВВИЯТ БО СОЗГОРИИ ИҶТИМОӢ ДАР НАВҶАВОНОНИ ДАБИРИСТОНИ ШАҲРИСТОНИ ИЙЗА**
*Юсуф Мумбинӣ Ниё*.................................................................................................... 255

**АСАРБАХШИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ОМУЗИШИ ВА ОМУЗИШИ ЭЛЕКТРОНИКӢ ДАР ЁДГИРӢ**
*Марями Зогӣ*.................................................................................................... 258

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ СЛОЖНОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В ПРОЦЕССЕ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ**
*Мужда Қурбони, Джахонгир Косимнаджод* ................................................................ 261

**ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШ ДАР ПАНҶ ҚИТЪАИ ҶАҲОН**
*Иброҳими Ализода*.................................................................................................... 263

**ИХТИЛОЛИ БЕШФАЪОЛӢ: КАМБУДИИ ТАВАҶҶУҲ**
*Марям Ҳуҷҷатӣ*.................................................................................................... 267

**БЕҲДОШТИ РАВОНӢ ВА РИЗОЯТИ МАДАНИИ ШУҒЛӢ**
*Алии Алӣ Акбар*............................................................................................................ *272*

**ТАЪСИРИ ТАРБИЯТИИ ВАРЗИШИ СУННАТИИ ЗӮРХОНАҲО ДАР ТАРБИЯТИ КӮДАКОН**
*Митро Рӯҳии Деҳкурдӣ*.................................................................................................. *276*

**АҲАМИЯТ ВА МЕТОДИКАИ ТАРБИЯ**
*Шодӣ Сафаров, Д.Каримова*.......................................................................................... *280*

**КОРБУРДИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ДАР ЁДГИРӢ ВА ТАДРИСИ LT ВА ТАҲАВВУЛОТ**
*Ғуломалии Фаххорӣ Ашрафӣ*......................................................................................... *286*

**ҶОЙГОҲИ УСТОДОН ДАР НИЗОМИ ЁДГИРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ**
*Алии Раззоқӣ*................................................................................................................... *291*

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см; ), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**
Муҳаррирон: **Ш.Абдуллоева, И. Ҳакимова, Е.Щербакова**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редакторы: **Ш.Абдуллоева, И. Хакимова, Е.Щербакова**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: **227-74-41. E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
**Сайт ТНУ:www.tnu.tj**